# АХТАРОНИ АДАБ

# 41

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА ВА ТАҲРИРИЯИ**
**50-ҶИЛДАИ ОСОРИ КЛАССИКОН ВА МУОСИРОН**
**АЗ СИЛСИЛАИ «АХТАРОНИ АДАБ»**

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

*Абдуҷаббор Раҳмонзода*
*Зулфия Давлатзода*
*Фарҳод Раҳимӣ*
*Низом Қосим*
*Гулназар*
*Носирҷон Салимӣ*
*Давлат Сафар*

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**

*Абдулҳамид Самад*
*Кароматулло Олимзода*
*Абдураҳмон Абдуманнон*
*Абдунабӣ Satторзода*
*Аламхон Кӯчарзода*
*Мирзо Муллоаҳмад*
*Алии Муҳаммадии Хуросонӣ*
*Муҳтарам Ҳотам*

**АБУЛҚОСИМ ЛОҲУТӢ**

# АШЪОРИ МУНТАХАБ

Душанбе
«Адиб»
2020

ББК 84 Тоҷик 7-5
А-14

Зери назари академик
*Абдуҷаббор Раҳмонзода*

Мураттиб *Муҳтарам Ҳотам*

Муҳаррир *Абдураҳмони Абдуманнон*

А-14 **Абулқосим Лоҳутӣ. Ашъори мунтахаб.**
– Душанбе, «Адиб», 2020, 480 саҳ.

Дар ҷилди 41-уми силсилаи “Ахтарони адаб” ашъори гуногунжанри устод Абулқосим Лоҳутӣ, ки дар солҳои мухталифи фаъолияти эҷодиаш иншо гардидаанд, интихобан ҷой дода шудаанд.

ISBN 978-9994725977

© Нашриёти «Адиб», 2020

# ЗИНДАГИНОМА

Ман дар соли 1887 милодӣ дар яке аз маҳаллаҳои косибнишини шаҳри Кирмоншоҳ (Ғарби Эрон) ба дунё омадам. Падарам - Аҳмад дар ҷавонӣ корандагӣ мекард, баъдҳо ба шаҳр кӯчид ва гевакаширо ёд гирифта, онро ба худ пеша намуд. Пеш аз он ки ман шогирди падарам гардам, дар нуҳсолагӣ шогирди челонгар, баъд шогирди дарзӣ ва шогирди оҳангар шудам. Ҳарчанде ки падарам косибе беш набуд, ба номи Ҳаким Илҳомӣ шуҳрат ёфт, яке аз беҳтарин шоирони шаҳр ба шумор мерафт.

Эрон, ки дар зери зулму ситами феодалӣ менолид ва даррандагони империалистӣ пайкари онро пора-пора мекарданд, дар он замон кам-кам аз хоби деринаи худ бедор мегардид. Аз нимаи асри нуздаҳум дар ҳар гӯшаву канори мамлакат деҳқонон ба шӯришҳо сар карданд, норизогии халқ аз зулму ситамҳо ва ҳаракатҳои миллии буржуазияи маҳалӣ гоҳ дар шаклҳои динии асримиёнагӣ ва гоҳе ба тарзи тақлиди Ғарб сурат мегирифтанд, мазҳабҳои бобӣ ва баҳоӣ пайдо шуданд, аз қабили ташкилоти «Одамият» ҷамъиятҳо пайи ҳам ба вуҷуд меомаданд. Ҳамаи ин мазҳаб ва ҷамъиятҳо ҷидду ҷаҳд мекарданд, ки ҷавонони қобил ва умедбахшро ҳарчи бештар ба сафи худ ҷалб намоянд. Ашъори аввалиам, ки зери таъсири падарам дар мавзӯъҳои тасаввуфӣ навишта будам, ҳанӯз он замон як дараҷа шуҳрат ёфта буданд. Дере нагузашта, назари диққати ташкилоти маҳаллии ҷамъияти «Одамият» ба ман афтод ва маро бо пули ин ҷамъият барои хондан ба Теҳрон фиристоданд.

Писари гевакаш ба муҳити мактаби хиёбони Лолазор, ки шогирдони он аксар фарзандони дороён буданд, муносиб наомад. Ман дар он ҷо бисёр натавонистам бимонам, аммо аз ин чандон дилгир ҳам нашудам.

Он замон дар гирду атроф ҳодисаҳои азими бемислу монанде ба вуқӯъ меомад. Садои раъдосои инқилоби русии соли 1905 ба Эрон ғулғула андохта буд.

– Ҳуҷум ба қуллаи истибдод! Барои ба даст овардани Қонуни асосӣ, барои интихоби намояндагони халқ, қиём, ҳаракат! – мегуфтанд шиорҳои он замон. Ҳаракати селобвори халқ

маро печонида бо худ бурд. Ман ба ҳавзаи инқилобӣ даромадам, хонае, ки ба деворҳои он алвон кашида буданд, байрақи сурх ва таппончаи маузер, ки дар рӯйи миз буд – ҳама бар лавҳи хотирам нақш бастааст: дар он ҷо савганд ёд намудам, ки сарбози босубот ва вафодори инқилоб гардам. Ман ба фармоиши ҳавзаи инқилобии худ бар зидди подшоҳ ва ашроф шабнома (хитобномаи махфӣ) ва ҳаҷвияҳо навишта дар шаҳр паҳн менамудам, дар митингҳо баромад мекардам, бо ҳар кирокашӣ карда, дар байни инқилобчиён хизмати робитаро баҷо меовардам. Тасаввуроти сӯфиёна аз фикр ва ашъорам парида рафт. Дар рӯзи шодии умумӣ ба муносибати нахустин ғалабаи халқ, рӯзе, ки ҳокимияти подшоҳ маҳдуд гардид, ашъори ман ҳам дар байни сурудҳои дигар шунида мешуд.

*Ҷавонмардони Эрон*
*Мардона кӯшиданд,*
*То ҷомаҳои фатҳ*
*Бар тан бипӯшиданд.*
*Гузаштанд аз сару тану ҷон*
*Ҳама дар роҳи Эрон*

*Иштироккунандагон:*

*Кашиданд ин ғами фаровон,*
*Ҳама дар раҳи Эрон.*
*Ҷавонмардӣ бингар,*
*Ҳиммат тамошо кун!...*
*Сарчашмаҳои адл*
*Якбора ҷӯшиданд.*

Рӯзҳои шодӣ, рӯзҳои пуртантана. Ман бовар доштам, ки акнун сухани халқ пеш меравад. Дигар кӣ роҳи ӯро метавонад бубандад? Рӯзномаи форсии «Ҳаблулматин», ки дар Калкаттаи Ҳиндустон мебаромад, нахустин бор ашъори маро чоп кард, ки дар он гуфта шуда буд:

*Баъд аз ин ҳар кӯдаке, чун ман ҳақиру мустаманд,*
*Мешавад аз партави миллат бузурге номдор.*

Лекин дар худи ҳамин ашъор, дар байни мадҳия ба Маҷлиси Шӯрои Миллӣ ва даъват ба маорифи халқ сатрҳое дида мешаванд, ки ташвишу изтироби маро дар бораи тақдири мамлакати худ, ҳавлу ҳарос аз таҷовузи империалистонро нишон медиҳанд.

*Ибрате гиред, эй эрониён, аз аҳли Ҳинд,*
*Ки чӣ сон теғи ҷалодатшон хазид андар ғилоф.*

Дар ин асно ашроф ва давламандон ҳам ба ғафлат намонданд. Панҷаҳои даррандаи онҳо ба сӯи Маҷлис, ба ҳуқуқи бо хуни худ ба даст овардаи халқ дароз гашт. Акнун ман медонистам, ки даъвати худро ба сӯи киҳо нигаронам:

*Эй ранҷбари сиёҳтолеъ,*
*Бечораи побараҳна зореъ,*
*Эй ранҷбари ситамкашида,*
*Ҷуз заҳр зи даҳр ночашида!*

Лекин ман он вақт як роҳи халосӣ медидам:

*Асбоби наҷоти ту вакил аст.*
*Гар он ки вакил аз шумо шуд,*
*Дарди ту, яқин бидон, даво шуд.*

Соли 1908. Иртиҷоъ сари худро баландтар бардошт. Тӯпҳо дар Теҳрон ба ғурриш даромаданд. Ин лашкари шоҳ буд, ки Маҷлисро ба тӯп баста, вайрон кард. Инқилобчиён, туфанг ба даст, ин охирин қалъаи озодиро мудофиа менамуданд. Рафиқон дар гирду пеши ман меафтоданд. Хуни аввалин мубориэони инқилоб ба замин рехт.

Тӯпҳо ғалаба карданд, аммо инқилоб кушта нашуд. Шуълаҳои он дар Табрез ва Рашт забона кашид: дар он ҷо ба ҷунбиши озодихоҳона Сатторхон роҳбарӣ менамуд. Хамроҳи як гурӯҳ рафиқон рӯ ба Рашт ниҳодам.

Дар байни роҳ лашкариёни шоҳпараст моро муҳосира карданд. Яке аз моён хост эътироз кунад, ӯро ҳамон дам куштанд. Боқимондаро дар зери назорати посбонони мусаллаҳ ба

наздиктарин қасабаи он ҷо – Караҷ бурданд. Моро дар саисхонаи торики бадбӯе ҳабс намуданд, ки қариб дусад нафар маҳбус дар рӯйи гили мартуб болои ҳам рехта буданд. Маҳбусон ба ин шароити сахт тоб наоварда мемурданд, вале мурдаи онҳоро ҳафта-ҳафта дар ҳамон ҷо мегузоштанд. Сарбозони шоҳ барои хуш кардани хотири худ бо мӯзаҳояшон аз болои мо мегузаштанд.

Рӯзе ба гӯшам як суруди курдӣ расид, ки сарбозе месуруд. Ман забони курдиро медонистам (модарам аз як қабилаи курд буд). Ман ҳам худи ҳамон сурудро замзама кардам. Сарбоз даромада бо ман сари суҳбат кушод.

– Ту аз кадом сарчашма об хӯрдаӣ? – пурсид ӯ.

Ман бо ибораи зерин, ки дар тариқати он курд ба ҷойи салому дуруд маъмул буд, ҷавоб додам:

– Аз сарчашмае, ки ҳаргиз гилолуд намешавад.

Ҳамон шаб бо ёрии сарбози курд гурехтам. Маҷбур будам бо пайраҳаҳои камрафтуой аз қуллаҳои пурбарфи кӯҳистон гузарам ва барои рафъи гуруснагӣ аз зери барф решаҳои алаф ёфта барорам. То ба ин тариқа пиёда ба Гелон расидам, қабати ғафсе аз рег ва хор бар рӯйи поҳоям нишаста буд.

Дар сафи инқилобчиёни Рашт аҳвол ба таври дилхоҳ набуд. Иғвогарон дар байни форс, озорбойҷонӣ ва дигар рафиқони гумроҳнашудаам адовати миллӣ бармеангехтанд. Ман ҳамроҳи дигар рафиқони гумраҳнашудаам дар нутқ, хитобнома ва сурудҳои худ халқи инқилобиро ба иттиҳод даъват менамудам. Тарғибот ва ибрати шахсии мо таъсир бахшид. Ягонагӣ ва ҳамдастии қувваҳои инқилобӣ ҳосил гашт. Моро он замон бо нишони инқилобӣ, ки сурати Сатторхон бар он нақш гардида буд, мукофотониданд. Ман баъдҳо воқеаҳои ин давраро дар манзумаи «Ду нишон» тавсиф кардам.

Мо, урдуи фидоиён, аз Гелон рӯ ба Теҳрон, ки қалъа ва такягоҳи қувваҳои зиддиинқилобӣ буд, ҳамлавар гаштем. Дастаҳои инқилобӣ сурудҳои ҷангии маро ҳам мехонданд. Нақароти яке аз ин сурудҳоро ҳанӯз дар ёд дорам (матни комили он суруд, монанди бисёр ашъори дигарам, дар солҳои оворагӣ гум гаштаанд):

*Ҳифзи ватан, эй ҳамватанон,*
*Бар уҳдаи мо -- мардон аст.*

*Чора кунед, ин шери жаён*
*Кай туъмаи рӯбоҳон аст!*
*Ин кишвари Эрон бошад,*
*Ин бешаи шерон бошад.*

Дар зери фишори урдуи фидоиён Теҳрон таслими қувваҳои инқилобӣ гардид ва аз дили хоку хокистар Маҷлиси дуюми мамлакат ташкил ёфт. Ин ғалабаҳо бо хуни муборизони инқилобӣ ба даст омаданд. Аммо ман ба ҷараёни ҳаёт, ки бо роҳи пештарааш мерафт, назар мекардам ва ба худ суол медодам: ин ҳама қурбониҳо барои кӣ буд?

Рӯзномаи «Чантаи побараҳна» ва чанд рӯзномаи тараққипарвари дигари Теҳрон шеъри «Ё ҳарду»-и маро чоп карданд. Ба ҷазои ин шеър ҳукумати вақт маро ҳабс карда, ба истинтоқ кашид. Рӯзномаро кушода ин мисраъҳоро ба ман нишон доданд:

*Вакил аз хидмати миллат тағофул мекунад амдан*
*Ва ё бошад вазир аз мамлакат безор, ё ҳарду ?*

Дар ҷавоб гуфтам:

– Охир, дар ин ҷо ман ба таври таъкид чизеро нагуфтаам, фақат изҳори шубҳа кардаам

Баъд аз он калимаҳои зеринро ба ман нишон доданд:

*«Ба маҷлис нисбати эронфурӯшӣ медиҳанд..»*

Аммо бубинед, дар мисари дуюм чӣ гуфтаам:

*«Намедонам кунам иқрор ё инкор ё ҳарду».*

Намояндаи ҳукумат девонавор фарёд зад:

– Пас ин чист? «Вакилону вазиронанд хоин, фош мегӯям!» Ё инро ҳам инкор мекунед?

– Не, – гуфтам, – аммо давомашро хонед… «Агар дар зери теғам ё ба рӯйи дор ё ҳарду!» Агар ман аз таҳдидҳои шумо метарсидам, ин мисраъҳоро намегуфтам.

Дар зери фишори афкори омма маҷбур шуданд, ки маро ба зудӣ озод кунанд. Ашъорам барои ман душманони бисёре ба вуҷуд овард. Маро на танҳо ходимони ришвахӯри давлат чашми дидан надоштанд, балки рӯҳониёни иртиҷоӣ низ бад медиданд. Онҳо ашъори маро, ки дар онҳо коргаронро ҷаҳонофарин меномидам, куфр эълон мекарданд.

Дар соли 1914 ҳукумати подшоҳии Русия ва Англия ба Эрон ултиматуме доданд, ки ҷамъияти инқилобии Эронро ба изтироб овард.

Яке аз моддаҳои ин ултиматум мегуфт: – «Эрон, ғайр аз қувваи жандармерӣ, набояд ҳеҷ як қувваи низомӣ дошта бошад». Агар ултиматумро Эрон рад мекард, ба истилои хоки Эрон аз тарафи қувваҳои аҷнабӣ роҳ кушода мешуд.

– Хуб, – гуфтанд инқилобчиён. – Ҳоло ки аслиҳа дар дасти жандармерӣ хоҳад буд, худи мо жандармерӣ мешавем, намегузорем, ки қувваҳои иртиҷоӣ бар зидди мо ташкил ва мусаллаҳ гарданд.

Гурӯҳи пешқадамони инқилоб пинҳонӣ ҷамъ гардид. Мо бори дигар дар зери байрақи сурх савганд ёд намудем, ки ба инқилоб вафодор бимонем ва қувваи мусаллаҳи асосии онро дар зери либоси жандармерӣ омода нигоҳ дорем. Маро ба Қум фиристоданд, ки дастаи жандарм ташкил намоям. Саъй кардам, ки ин дастаро паноҳгоҳи инқилобчиён гардонам. Оммаи халқ ба ин даста эътимод дошт.

Соли 1914. Ба қӯшуни Англия ва ҳукумати подшоҳии Русия, ки Эронро истило карда буданд, мавҷуд будани қувваи мусаллаҳе чун дастаи ман маъқул набуд, зеро дили ин дастаҳо нисбат ба ғосибони обу хоки ватанашон пур аз бухсу кина буд. Дастаамро парешон ва худамро ғоибан ба куштан ҳукм намуданд. Бо гурехта гузаштан аз ҳудуди Эрону Туркия ҷони худро халос кардам ва то вақте ки бо инқилобчиёни Эрон робита мумкин буд, дар қасабаи Сулаймонияи Туркия таваққуф намудам, аммо Туркия ҳам ба кашмакаши ҷанг даромад. Сарҳади давлатҳо баста ва алоқахо бурида шуданд. Баъд аз ин магар ба

хоки бегона мондан раво буд? Ман пиёда ба Бағдод рафтам ва аз он ҷо ба Кирмоншоҳ гузаштам. Дар он ҷо ба муқобили истилогарон ҷанги партизанӣ мерафт, ба ин ҷанг ҳамроҳ шудам. Бо ёрии рафиқон ба нашри рӯзномаи «Бесутун» оғоз намудам, ки таҳрираш дар уҳдаи ман буд.

Дар ин вақт гӯиё ногаҳон роҳи ҳаётам қатъ гардид: кӯҳи баланде пеши роҳам баромад. Гӯё ман мусофире будам ва касе дасташро сӯям дароз карда, барои баромадан ба фарози қулла ёрӣ дода бошад, якбора фазои васее дар пеши назарам пайдо гардид.

Қӯшуни рус баъд аз инқилоби феврал дар Кирмоншоҳ ба ду гурӯҳ тақсим гашт: гурӯҳе ба қароргоҳи инқилоб пайваст ва қисме ба қӯшуни Англия ҳамроҳ шуд.

Симои Иван Иосифович Коломийцев ва рафиқони ӯ ҳоло дар пеши назарам меистад. Инҳо болшевикони ниҳонкоре буданд дар қӯшуни рус, ки дар Кирмоншоҳ қарор гирифта буд. Номи Ленин, ибораҳои муборизаи синфӣ, роҳбарии пролетариат дар озод кардани истисморшавандагон, сулҳ барои халқҳо ва замин барои деҳқононро нахустин бор аз забони онҳо шунидаам. Ашъори онвақтаи ман оҳангу навои дигаре пайдо карданд:

*Ин тӯпи шаҳон, ки кӯҳ аз ҳам бидарад*
*В-ин типи қӯшун, ки садди оҳан бибурад,*
*Донӣ ба ҷаҳон баҳри чӣ оростаанд?*
*То коргар аз ҳосили худ нон нахӯрад.*

* * *

*Байни шаҳону давлати сармоядорҳо*
*Ҳар ҷанг бар зиёни раият шавад тамом.*
*Фатҳ ар кунанд – фоидаи шоҳу ағниёст,*
*Мағлуб агар шаванд – асиранд, вассалом!*

Ман бо болшевикон кор мекардам, ба митингҳое, ки онҳо барпо мекарданд, иштирок менамудам, ҳамроҳи онҳо ба Кумитаи инқилобӣ даромадам (ин кумита «Полиси Ғарб»-ро, ки англисҳо ташкил карда буданд, парешон сохт), дар таъсиси

нахустин ташкилоти коргарии Эрон иштирок намудам, аввалин даъватномаи онро тартиб дода, худам дар матбаа ҳуруфи онро чидам. Тақрибан барои ҳар шумораи рӯзномаи «Бесутун» ашъор ва мақолаҳо менавиштам. Мавзӯи асосии онҳо ин буд: инқилоб фақат ҳоло сар мешавад.

Пас аз он ки қӯшуни рус бо фармони Ҳукумати Советӣ аз Эрон фаро хонда шуд, сафедгвардиячиёни рус аз касрати (бисёрии) шумораи худ истифода карда, ба муқобили инқилобчиёни Эрон террори хунин шурӯъ намуданд. Дубора маҷбур гардидам ба хоки Туркия гузарам ва ба Истанбул равам.

Дар ин ҷо муддате гӯё тамоман аз лавҳи хотирам сутурда шудааст. Дар ҳавои гарми тобистон ятимбачагони бехонумоне маро дар кӯчаи Истанбул беҳуш ёфта, ба паноҳи худ гирифтанд. Дар сояи ҳиммату ғамхории онҳо ба худ омадам. Ба миннатдорӣ аз ин парасторий содиқона солҳо пас аз он шеъри «Ятимони ҷанг»-ро ба он бачаҳо бахшида навиштам.

Дар Истанбул муддате ҳаммолии бандар, пешхизматии ошхона ва муаллимӣ мекардам. Як журнали форсиро таҳрир менамудам, ки дере нагузашта ҳукумат онро баст. Якчанд маҷмӯаи хурде аз ашъори худро чоп кунонидам.

Ғазалиёте, ки дар Истанбул навиштаам, аз он ҷо ки шакли анъанавӣ бо мазмуни муҳимми рӯзмарра дар онҳо тавъам аст, дар байни баъзе доираҳои хонандагони Эрон шуҳрате пайдо карданд. Ин ашъор аксаран бо рамзу киноя гуфта шудаанд, сабаби ин ҳам возеҳ аст: агар матлабро ошкор мегуфтам, сензураи ҳарбии Туркия, ки дар зери назорати англисҳо буд, ашъори зиддиимпериалистии маро ҳаргиз ба матбуот роҳ намедод. Ин аст, ки худамро булбул, ватанро боғи вайрона, Англияро гоҳ зимистони манфур номидаам, ки гулҳои боғро хазон мекунад ва гоҳ сайёди бераҳме хондаам, ки булбули маҷрӯҳро ба доми худ асир кардааст. Амалдори кундфаҳми сензура, ки медид дар ашъорам монади ҳар як аз ашъори анъанавии форсӣ сухан аз гулу булбулу боғ меравад, беибо иҷозат медод, ки чоп ба Эрон фиристода шавад. Аммо дар Эрон касони хушфаросате, ки сухани ман ба онҳо нигаронида шуда буд, ба хубӣ дарк мекарданд, ки мақсади ман аз ин гулу булбул ва боғу сайёд чист. Онҳо даъватҳои маро ба мубориза бар зидди мустамликадорон

ва ҳамлаҳоямро ба сарвазири вақт Сайид Зиёуддин, ки дастнишондаи инглис буд, ба осонӣ мефаҳмиданд.

Дар ашъори онвақтаи ман ҳанӯз ҷаҳонбинии равшан ва ба шакли муайян даромадае вуҷуд надошт: мавзӯъҳои истиқлоли миллӣ, озод шудани зани эронӣ ва танвири афкори халқи Эрон тамоми фикру хаёли маро ба худ машғул медошт. Аммо тухми ғояҳое, ки дар натиҷаи воқеаҳои инқилобии соли 1917 ба мазраъи дилам кошта шуда буд, акнун сабзида, ин гуна рубоиёт бор меовард:

*Бе заҳмату кор нон намебояд хӯрд,*
*Як луқма ба ройгон намебояд хӯрд.*
*Ноне, ки бувад ҳосили ранҷи дигарон,*
*Гар ҷон биравад, аз он намебояд хӯрд.*

Соли 1921 хабари инқилоберо овард, ки оташи он дубора дар Гелон барафрӯхта буд. Ҳукуматдорони Туркия ба ман иҷозати рафтан надоданд. Дубора роҳи дарози гирдогирд, роҳи биёбони беобу беалафро пеш гирифам. Тафсилоти ин сафари пурмашаққатро дар шеъри «Агарчи рӯзгори ман сиёҳ аст…» қисман баён кардаам.

То расидани ман ба ҳудуди Озарбойҷони Эрон инқилоби Гелон дар зери мӯзаи сарбозони вазири ҳарбии Эрон – Ризохон, ки баъдҳо шоҳи мустабиди он ҷо гардид, пахшу нобуд шуда буд. Бо вуҷуди назорати шадиди ҷосусон, ба ман муяссар гардид, ки бо ҳамкорони пештараам алоқа пайдо карда, дар ӯрдуи Эрон тарғиботи зиддиҳукуматӣ ба роҳ андозам. Ба ин восита муваффақ гардидам, ки қувваҳои инқилобии наве ташкил намуда, дар охири январи соли 1922 бо онҳо ба Табрез дароям.

Баталионҳои хуб мусаллаҳ ва таъмингардидаи казакҳои шоҳ, ки дар шумора хеле аз мо зиёд буданд, аз як мушт мубориzони гуруснаи камлибосу камаслиҳаи мо шикаст хӯрданд, зеро ҷанговарони далери мо мубориzи инқилоб буданд. Аз якуми феврал дар Табрез ҳокимияти Кумитаи Инқилобӣ барпо шуд, ки ба аҳолии шаҳр озодӣ, нон, интизом ва тартиб овард.

Озодии ёздаҳрӯзаи Табрез ва бо зӯри қувваи муттаҳидаи

зиддиинқилобӣ фурӯ нишонда шудани ин шӯришро дар якчанд сатр баён кардан мумкин нест. Барои огоҳии баъзе рафиқони ҳамқалами ҷавонам, ки метарсанд кор ё муборизаи хориҷ аз адабиёти нависанда ва шоирро аз кори эҷодӣ дур кунанд, фақат ҳаминро мегӯям, ки маҳз дар чунин рӯзҳои сахт, рӯзҳое, ки кас борҳо чӣ будани хобу хӯрокро фаромӯш мекунад, ашъори ҳақиқие худ ба худ ба забони шоир меоянд, ки бе чунин рӯзҳо ба вуҷуд омаданашон муҳол аст.

Дастаҳои ҷазо бо бераҳмии тамом дар кӯчаҳои Табрез оташе барпо карданд. Қисме аз шӯришчиён ба кӯҳҳо пароканда гаштанд, мо - боқимондагон бо ҷанги гурез рӯ ба ҳудуди советӣ ақибнишинӣ намудем. Чун ҳукумати Эрон маро аз қонун берун эълон карда буд, бозгаши мо ба Эрон имкон надошт.

Ба назар чунин меомад, ки дар он ҷо роҳи ҳаёти ман бурида шуда, зиндагиам ба дарди бепоёни мағлубият сарнагун гаштааст. Аммо не, дар он шаби тӯфон, вақте ки аспи ман худро ба дарёи Арас зад, соҳили наҷот дар пеши рӯям барқ зад ва чун ба ин соҳил баромадам, дар пеши назарам роҳи нав, ягона роҳе, ки инсонро ба қуллаи ғалаба мерасонад, роҳи коммунизм кушода шуд. Ҳолати онвақтаи ман дар ин шеърам инъикос ёфтааст: «Солҳо дар ҷустуҷӯи ҳақ ба ҳар дар сар задам» .

Дар шароити мураккаби он замон, ки ҳанӯз нуфузи мусоватчиён да Қафқоз пурзӯр буд, ёрии гарми бародаронаро баман Сергей Миронович Киров дод: тамоми сифатҳои нағзи як марди рус, ҳамаи ахлоқу хислатҳои неки як коммунисти ҳақиқиро ман дар симои ӯ мушоҳида намудам.

Дар соли 1923 ба Маскав омадам ва дар чопхонаи Нашриёти Марказии Халқҳои Иттифоқи Советӣ ҳуруфчин шудам. Дере нагузашт, ки дар он ҷо китобчаи ашъори ман (ки ҳуруфашро худам чида будам) аз чоп баромад. Пас аз ин маро дар ҳамон нашриёт коркуни илмӣ таъйин намуданд. Ҳамон ҷо, дар як рӯзи фаромӯшнашудании соли 1924 ба сафи Партияи Коммунистии Иттифоқи Советӣ қабул гардидам.

Сахт аст ҳоли шоире, ки аз диёри худ, аз халқи ҳамзабони худ дур афтода бошад. Чун шунидам, кишваре бо номи Тоҷикистони советӣ ҳаст, ки дар онҳо осори Фирдавсӣ ва

Саъдиро халқ ҳамчун дар Эрони ман мехонад ва азиз медорад, аз партия хоҳиш нмудам, маро ба он ҷо фиристад.

Ҳангоме ки бо дили шод ба Душанбеи фараҳафзои имрӯза менигарам, беихтиёр деҳаи похсадевори Душанбеи қадим, Душанбее, ки сӣ сол пеш аз ин дидаам, ба ёд меояд. Ҳанӯз дастаҳои босмачиёни нобакор дар гирду атрофи он ором наёфта буданд ва шарорати онҳо дар ҷабҳаи идеологӣ низ намоён буд. Иштирок дар мубориза бар зидди ин нобакорон, иштирок дар ниҳодани нахустин хиштҳои бинои маданияти сотсиалистии республикаи ҷавон ба ман ҳам насиб шуд. Дар ин бора беҳтар аст бо ашъори худ сухан ронам:

*Фахр дорам, ки тӯдаи тоҷик*
*Мешуморад маро рафиқу шарик,*
*К-аз нахустин қадам, ки ӯ озод*
*Дар раҳи зиндагии нав бинҳод,*

Дар Тоҷикистон то соли 1930 корҳои гуногуни партиявӣ ва советиро ба ҷо овардам, баъдҳо, ҳарчанд ки асосан дар Москва зиндагонӣ мекардам, вале зуд-зуд ба республикаҳои Осиёи Миёна сафар мекардам. Чандин сол ба сифати яке аз котибони Иттифоқи нависандагони советӣ кор кардам.

Дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ дубора монанди замони ҷавониам ашъоре навиштам, ки ин дафъа ҷанговарони тоҷик аз онҳо ҳамчун хитобнома истифода менамуданд, шиор ва сурудҳои зиддифашистӣ сохтам, дар республика ба сафарҳои тарғиботӣ баромадам.

Пас аз чанд соли дурӣ аз зодгоҳам, ки дар ин муддат ашъорамро дар Эрон фақат пинҳонӣ тавонистанд бихонанд, дар он ҷо ҳаракати демократӣ ривоҷ ёфт ва ашъорам озодона ба халқ дастрас гардид. Аз ин ҷиҳат ман хушвақту хушбахт шудам, ки рӯйи суханам дубора бевосита ба сӯйи халқи азизам нигаронидам, ӯро ба мубориза зидди фашистон ва мустамликадорон, ба дӯстӣ бо мамлакати бузурги озодӣ – Иттифоқи Советӣ даъват намудам.

Яқин дорам, ҳамаи кӯшишҳои иртиҷоъ, ки ба арбобони амрикоӣ ва инглисии худ навкарӣ мекунад, барабас хоҳад

рафт: дари озодӣ ва осоишро ба рӯи Эрон бастан муҳол аст.

Солҳои охир дар Москва истиқомат мекунам ва илова бар танзими ашъор ва навиштани ёддоштҳои худ бо назму наср осори Пушкин, Горкий ва шоирони советии муосирро тарҷума мекунам. Чандин намоишнома, аз он ҷумла се асари Шекспир ва як асари Лопе де Вегаро барои театри драмавии тоҷик тарҷума кардам ва ҳоло ба тарҷумаи мазҳакаи безаволи Грибоедов – «Дод аз дасти ақл» шурӯъ намудаам.

Мушовири доимии ман дар ин тарҷумаҳо шоираи рус ва мутарҷими назми форсӣ Ситсилия Бонуст, ки ҳамсар ва рафиқаи корам мебошад. Ман дар навбати худ барои тарҷумаи шеърии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ки Бону аз нусхаи аслиаш бевосита тарҷума мекунад, маслиҳатҳо дода, онро таҳрир мекунам. Чаҳор фарзанди мо на ин ки ба кори мо халал намерасонанд, балки ҷиддан ёрӣ ҳам медиҳанд.

Дар хотима бо ташаккури бузурге бояд бигӯям, ман аз халқи ҷавонмард ва баландҳиммати рус бениҳоят миннатдорам, зеро дар ин кишвар на танҳо паноҳгоҳ, балки беҳтарин мактаби мубориза, ҳаёт ва эҷодкорӣ ёфтаам.

Ҳамчунин беандоза минатдорам аз адабиёти пурнаҷобат ва башардӯстонаи рус, ки ман аз он навигариҳои бешуморе ахз мекунам. Инҳо навигариҳое мебошанд, ки барои таҷаддуд ва тараққии адабиёт дар забони модарии ман мисли ҳаво заруранд.

Дар кӯшиши ман барои тавсеаи доираи мавзӯъ ва шаклҳои назми забони модариам шояд нуқсонҳои зиёде бошад. Боз ҳам агар асаре аз худ боқӣ гузорам, ки қувваҳои навраси далери соҳаи адабиёт тавонанд ба он такя намуда, кореро давом диҳанд, метавонам хотирҷамъ гардам, ки умре ба ҳадар надодаам. Аммо инро бояд гуфт, ки ман (гап байни худамон) дар синни шасту ҳафтсолагиам ҳанӯз он қадар пир нестам, ки натавонам остин барзада, ҳамроҳи ҷавонон кор кунам.

## СИТОИШ

Кунун бибояд май хӯрд дар каронаи рӯд
Зи дасти соқии гулчеҳра бо таронаи рӯд,
К-аз эътидоли рабеъӣ шикаст савлати дай,
Аз он сипас, ки тану ҷони халқро фарсуд.
Наузубиллоҳ, аз соли рафта, к-аз оғоз
Дари саломат басту раҳи балия кушуд.
Гаҳе зи оташи мурдод рахти умр бисӯхт,
Даме зи сардии дай гашт офият бадруд.
Чунон ситам, ки ба мо Рустами зимистон кард,
Накард ҳаргиз Тӯсу сипоҳи ӯ ба Фуруд.
Зи ранҷи сармо он, к-аз миҳан саломат монд,
Ба рашк буд бар он кас, ки зери хок ғунуд.
Сипос бод Худоро, ки аз татовули дай
Накард яксара бо ҷисми мо равон бадруд.
Ҳазор шукр, ки аз мо замона ҳар чи бихост,
Ба умри ҳазрати Эронхудой ҳақ афзуд.
Чу асл ҳаст, ба ҷо нест бок, гар рӯзе
Зи гашти чарх шавад фаръи бесамар нобуд.
Худой бархайи ҷони малак кунад моро,
Ки ӯст ҳофизи мо ҳамчу торҳоро пуд.
Ғами раияти худ мехурад, чунон ки падар,
Ба ҳар зиёдаву кам андуҳи гиромӣ руд.
Чунон ки ӯ ҳама аз баҳри мо хушӣ хоҳад,
Мабод хотираш аз даври чарх нохушнуд.
Ба боғи мулк бибояд зи юмни отифаташ
Ҳамора шохи барӯманд мусмиру пурсуд.
Худ ӯ бимонад бар тахти мулк, то бирасад,
Агарчи қофия дол аст, Маҳдии мавъуд.
Кадом неъмати ӯро сипос ёрам гуфт?
Куҷо ба мушт тавон оби баҳрро паймуд?
Кеҳин атояш озодии ҷароиди мост,
Ки занги ҷаҳл зи дилҳои мустаъид бизудуд.

Ба вежа тарбияти он номаи хирадомӯз,
Ки ҷони тираи моро ба нури илм омуд.
Закои мулк фурӯғе битофт аз паси абр,
Ҳаме фурӯғ ба дилҳои безиё бахшуд,
Агар зи дониши худ парда баркашад яксар,
Фитад зи хиҷлат хур аз фарози чарх фуруд.
Чӣ нек гуфт, ки май соф агар бувад, чӣ кунад,
Ки маст созад, бо он ки ҳаст дардолуд.
Шиори хомаи ӯ будӣ эзидӣ дафтар,
Агар расуле баъд аз Расул омӣ буд.
Зи юмни тарбияти ӯ бувад, ки Лоҳутӣ
Надида ранҷи муаллим мадеҳи ӯ бисуруд.
Ҷаҳон алил бувад, эй табиби исодам,
Худойро ба даме з-ин мараз баровар дуд.
Мар ин раҳе, ки зи ҳафту даҳаш фузун не сол,
Бувад, ки бинад, агар монд чеҳраи беҳбуд.
Агарчи мидҳати тифле чу ман сазояш нест,
Касе, ки пири хирад ҳазрати варо бисутуд.
Далели роҳам шуд Мирзо Ҳусайн, ки табъ
Дар ин чакомаи ғарро санои ӯ бисуруд.
Худои олам дар зилли шаҳ Музаффари дин
Бад-ӯ бубахшад онро, ки худ ирода намуд.

## НАВРӮЗИЯ

Баҳор омад, буто, бархезу саҳроро тамошо кун,
Ба дашту кӯҳ бингар, хуррамӣ бин, сайри дарё кун.
Бияфшон зулфро бар рух, гиреҳ аз кори мо во кун,
Бурун аз парда шав, хуршедро якбора расво кун,
Буто, идона аз мо ҳар чи мехоҳӣ, таманно кун,
Бикуш ушшоқро бо ғамзаву бо ханда эҳё кун,
Ба мижгон кори Чингизу ба лаб эъҷози Исо кун,
Чу туркон ҳар куҷо ҷону диле дидӣ ту, яғмо кун,

Бизан, ғорат намо моро в-агар пурсанд, ҳошо кун,
Вале ман сулҳи маҳзам бо ту вежа дар чунин рӯзе.

Чаман аз адли ҷумҳури баҳор ободу хандон шуд,
Ҷаҳони пир сарсабзу ҷавон бо лутфи Яздон шуд,
Зи фарри фарвадин домони саҳро боғи ризвон шуд,
Насими субҳдам бар сабзаву гул анбарафшон шуд,
Гулистон мустақил бо кӯрии чашми зимистон шуд,
Дубора булбули афсурда бар гул таҳниятхон шуд,
Тазарву фохта рақсон ба тарфи боғу бустон шуд,
Замони шодии ушшоқу озодии мастон шуд,
Ба коми мо висоли ёр бар рағми рақибон шуд,
Басе ибрат барӣ бар кори мо, гар дида бардӯзӣ.

Сипоҳи дай, ки чанде пайрави расми тазорӣ шуд,
Зи зулмаш дар чаман бас фитнаву ошӯб ҷорӣ шуд,
Ба хок аз ҷаври ӯ хуни ҳазорон сор сорӣ шуд,
Гулу сабза ҳама пажмурдаву булбул фирорӣ шуд,
Гулистон сарбасар вайрона аз ин зишткорӣ шуд,
Фазои гулшан аз бедод пурафсуну зорӣ шуд,
Кунун, шукри Худо, нобуд он ойини хорӣ шуд,
Замона хуррам аз таъсири боди навбаҳорӣ шуд,
Ҳарифи сустаҳди мо дучори шармсорӣ шуд,
Ҷаҳон обод шуд аз давлати ҷумҳури наврӯзӣ,

Чаман аз адли ҷумҳури баҳор обод шуд охир,
Чаковакро ватан аз зулми дай озод шуд охир,
Дили афсурдаи мурғони хушхон шод шуд охир,
Бисоти зулми туркони хазон барбод шуд охир,
Замони ҷавр тай шуд, рӯзгори дод шуд охир,
Фано кохи ситам аз беху аз бунёд шуд охир,
Ҳавои гулситон осуда аз бедод шуд охир,
Рақиби бадманиш шарманда аз ифсод шуд охир,
Тарафдори чаман буд ар яке, ҳафтод шуд охир,
Зиҳӣ ин адлу озодӣ, зиҳӣ ин фарру фирӯзӣ.

Набояд баъд аз ин ғафлат намояд боғбон дигар,
Диҳад кори чаман бояд ба марде кордон дигар,
Натозад то сипоҳи дай ба тарфи бӯстон дигар,
Насозад қатлу ғорат боғро ҷайши хазон дигар,
Нарезад хуни булбулро зимистон ройгон дигар,
Шавад эман зи осеби зимистон гулситон дигар,
Шавад осуда аз яғмои сармо займарон дигар,
Бихобад наварӯси ғунча дар маҳди амон дигар,
Бимонад бехатар номуси ин дӯшизагон дигар,
Нагардад боғро дигар чунин рӯзи баде рӯзӣ,

Ба ҳифзи боғ аз яғмои дуздон сангаре бояд,
Ба даври боғ аз пӯлод девору даре бояд,
Зи сарву коҷу беду норван як лашкаре бояд,
Або ҳамсоягон сулҳу сулуки дигаре бояд,
Ба тартиби чаман қонуну вазъи дигаре бояд,
Зи хайли мубадон ҷамъи адолатпарваре бояд,
Ба таълими гулистон мардуми санъатгаре бояд,
Ба ҳар ҷояш барои тарбият донишваре бояд,
Мусаллам аз барои ҳифзи ҳар тан ҳам саре бояд,
Сари Эрон шаҳаншоҳ аст бо иқболу пирӯзӣ.

Дар он асре, ки аз илму ҳунар бебаҳра буд дунё,
Набуд аз Ҳинду Руму Турку аз Тозӣ асар асло,
На Русу на Пурусу на Урупо буд, на Амрико,
Замона тира буд аз ҷаҳл монанди шаби ялдо,
Набуд исми тамаддун ҳеч дар дунёву мофиҳо,
Усули дину қонун ҳамчу анқо буд нопайдо,
Набуд дар дафтари эҷод ҳарфе аз алиф то ё,
Парешон буд зи беилмӣ ҷаҳон чун турраи тарсо,
Ту осори шарофат бин, ки дар он қарни ваҳшатзо
Зи нури доду дин мекард Эрон гетиафрӯзӣ.

Дар он давре, ки аз бедонишӣ торик буд даврон,
На аз адлу тамаддун буд осоре, на аз имон,
Зи ғафлат буд бутхона ситоишгоҳи ҳар инсон,
Дар он даврон адолатпарвару диндор буд Эрон,
Ба кеши ҳазрати Зардушт якто бандаи Яздон,
Бубин осори зардуштию адли давраи Сосон,
Ки чун Калдониёнро дод истиқлоли ҷовидон,
Ба сидқи даъвиям таърихи олам сарбасар бархон,
Набошад бесабаб, к-инсон ба нони ҳақнависитон
Кунад дар ҳаққи истиқлоли Эрон ҳикматандӯзӣ.

Буто, хуш он ки аз нав аҳли Эрон сарбасар бо ҳам,
Даромезанд чун ҷону тану шаҳду шакар бо ҳам,
Сухан бо порсӣ гӯянд дар ҳар хайру шар бо ҳам,
Раҳонанд олами исломро аз ҳар хатар бо ҳам,
Бикӯшанд аз пайи осоиши навъи башар бо ҳам,
Бирезем он замон мо ҳам май андар ҷоми зар бо ҳам,
Кунем ин умри бебунёдро мастона сар бо ҳам,
Чунон масте, ки бошем аз ду олам бехабар бо ҳам,
Ба шарти он ки дар хоки Ватан бори дигар бо ҳам,
Нишинему бубинем он бисоти иди Наврӯзӣ.

Ман инро хуб медонам, нигоро, ту зи ман беҳтар,
Ки пеши мард маргу зиндагонӣ дар Ватан беҳтар,
Гул ар хандон шавад, албатта, дар саҳни чаман беҳтар,
Ба ҳифзи мамлакат қурбон намудан ҷону тан беҳтар,
Ба роҳи дин қабо андар бари мардон кафан беҳтар,
Ҳар он раҳбар надорад ин сифат, з-ӯ роҳзан беҳтар,
Бале, сад бор дузд аз мардумони ҳақшикан беҳтар,
Агар пурсанд аз ман чист аз ҷону бадан беҳтар,
Ватан беҳтар, ватан беҳтар, ватан беҳтар, ватан беҳтар,
Ватан сармояи иззат, ватан асбоби беҳрӯзӣ.

Буто, рав шукре андар пешгоҳи шоҳи Эрон кун,
Ки шоҳо, хусраво, раҳме бар ин халқи парешон кун.
Чу Ҷамшеду Фаридун бош, кори Пури Дастон кун,
Бикаш шамшеру фармон деҳ, ки миллат, ҷон ба қурбон кун.
Ҳар он номардро, к-аз ҷон битарсад, тирборон кун,
Шаҳо, бедодро нобуд монанди ниёкон кун.
Ватанро сарбасар равшан зи нури илму имон кун,
Забону дину миллатро яке бинмову яксон кун.
Ба адлу дод биншин, оламеро чун гулистон кун,
Сазад, к-аз нури адлу дод, шоҳо, олам афрӯзӣ.

Шаҳо, то ҷон бувад, меҳри ту андар сина дорам ман,
Диле бо ёди шаҳ равшантар аз ойина дорам ман,
На сарпечӣ зи фармони ту, н-аз кобина дорам ман,
Вале чун дом мебинам, гурез аз чина дорам ман,
Дилам машкан, ки ҳаққи суҳбати дерина дорам ман,
Ҳазорон гавҳари дониш аз ин ганҷина дорам ман,
Чу аз ҳифзи ту бар тан ҷомаи рӯйина дорам ман,
Шаҳо, дигар чи бок аз душмани дерина дорам ман?!
Ба олам фахрҳо бо хирқаи пашмина дорам ман,
Ба ҳифзи пайкарам гар ҷомаи иззат ту медӯзӣ.

Буто, чун нест кас ғайр аз ту дар ин шаҳр ёри ман,
Ту шоҳид бош фардо дар ҳузури шаҳриёри ман,
Ки набвад рӯзу шаб ғайр аз дуои шоҳ кори ман,
Ту мебинӣ тани табдору чашми ашкбори ман,
Агар мурдам ман аз ҳиҷри ватан, эй гулъузори ман,
Ту ғуслам деҳ ба ҳар обе, ки ояд аз диёри ман,
Зи гесӯят кафан пӯшон бар ин ҷисми низори ман,
Мазорам дар сари роҳи Ватан кун, эй нигори ман,
Барои раҳравон бинвис бар санги мазори ман,
Ки ин ҷо оташ аст, ин сӯ маё, к-аз сӯз месӯзӣ.

Буто, ҳам меҳри тобонию ҳам моҳи мунирӣ ту,
Ба ном Эзид, барои бурдани дилҳо далерӣ ту.
Таолаллаҳ, ки ҳам ҷонпарварӣ, ҳам дилпазирӣ ту,
Миёни хубрӯён дар накӯйӣ беназирӣ ту,
Нигорино, агар маҳрам ба даргоҳи сафирӣ ту,
Бигӯ бо ӯ, ки бар эрониён, ҷоно, амирӣ ту,
Амири бошарофат, меҳтари равшанзамирӣ ту,
Чу Лоҳутӣ зипоафтодагонро дастгирӣ ту,
Ба ҳукми шоҳи Эрон чун ба ин миллат вазирӣ ту,
Ту мебояд, ки авлоди Ватанро дониш омӯзӣ.

## ҲАҚҚИ НАМАК

Орифи роҳи Худоро зи пайи оме чанд
Туҳмати кофирӣ, эй зоҳиди солус, мабанд.
Ҳар касеро пайи коре зи азал сохтаанд,
Хурда кам гир, дар ин роҳ на чун аст, на чанд.
Кас ба ҳикмат нашуд аз нуктаи мавҳум хабар,
Магар ӯ ҳалли муаммо кунад аз шаккарханд.
Боз аз баҳри табассум лаби ширин бикушуд,
Ки бишуд коста нархи шакару қимати қанд.
Чеҳра бинмо, ки дили аҳли назар тоза кунӣ,
К-ин ҳаловат набувад бар рухи туркони Хуҷанд.
Дили моро ба лабат ҳаққи намак буд, ки ӯ
Бигусаст аз ҳамаву кард ба дигар пайванд.
Дар зи бегона бибанданду зи душман, на зи дӯст,
Ошноям, дари лутфам ба рух, эй дӯст, мабанд.
Чун ба хун ғарқа намудӣ, чӣ ниҳӣ банд ба пой,
Сайди худро, санамо, кас нанидодаст ба банд.
Чашми бад то нарасад бар рухи ӯ, Лоҳутӣ,
Мардуми дида бинеҳ бар сари оташ, на сипанд.

## МОҲИ НАХШАБ

Рӯйи ту, ки рашки моҳи Нахшаб бошад,
Меҳрест, вале нуҳуфта дар шаб бошад.
Мӯйи ту агар равнақи кофур шикаст,
Чун анбари мушкбӯйи ашҳаб бошад.
Шаб то ба саҳар зи дурии моҳи рухат
Пайваста маро хурӯши «ё Раб» бошад.
Рӯзе, ки набинам офтоби рухи ту,
Он рӯз маро ба дида чун шаб бошад.
Ман кӯдаки роҳи ишқаму як ҳарфам
Аз абҷади ишқ дарси мактаб бошад.
Хоҳам, ки кунам номае, эй дӯст, гусел
Сӯят, ки аз ӯ васли ту матлаб бошад.
Мижгон қаламу лахти ҷигар коғази ман,
Хуни дили девона мураккаб бошад.
Роҳи сафарам бувад руху зулф намуд,
Яъне ки марав, қамар ба ақраб бошад.
Ғам бар дили нозанини дилбар марасод,
Лоҳутӣ, агар ба ҷисм пуртаб бошад.

## НАҚШИ МУҲАББАТ

Афканд то ба моҳ каманди чу ҳоларо,
Бикшуд бар рухи дили ман боби ноларо.
Эзид чу нақши лавҳи муҳаббат нигор кард,
Бо номи ман навишт барот ин ҳаволаро.
Аз ҳасрати ҷамоли ту деҳқони сунъи ҳақ
Доғе ниҳод бар дили пурдард лоларо.
Он кас, ки хост хотири ушшоқро малул,
Аз хони ишқ дод ба ман ин наволаро.
То доманам зи лавси худӣ шустушӯ диҳад,
Соқӣ, бикун зи бода лаболаб пиёларо.

Зулфат, ки дил зи мардуми ҳафтодсола бурд,
Маҷнуни хеш кард мани ҳафтсоларо.
Ёрам зи хатту хол бароям қаболае
Ҳуснаш навишту муҳр намуд он қаболаро.
Бо модараш бигӯй, ки маҳрам макун бад-ӯй
Машшотаи латофати ғанҷу далоларо.
Дар боғи ҳуснаш ар гузарад, филмасал, сурӯш,
Чун меваи расида хӯрад ин чақоларо.
Лоҳутияш навишт пайи ҳифзи чашми бад
Аз баҳри ҳирз ояти номи ҷалоларо.

## ҲИММАТИ ПИРИ МУҒОН

Мо шаҳи мулки фаноему бақо дарх(в)ари мост,
Боргаҳ сатҳи Замин, меҳри фалак афсари мост.
Ғам на аз мардуми яъҷуҷсифат дар раҳи ишқ,
Ҳиммати пири муғон чун сад(д)и Искандари мост.
Ман зи майхонаи тавҳиду қадаҳ каъси кином,
Мастии аҳли сафо аз маю аз соғари мост.
Бар сари хори муғелон ба раҳи Каъбаи ишқ,
По гузорем аз ин шӯр, ки андар сари мост.
Бари дунёталабон он чи бувад хайру салоҳ,
Тешаи решакани нахли муроду бари мост.
Мурғи боғи ҷабарутему ба ҳангоми уруҷ
Ҷазбаи ишқи ту симурғсифат шаҳпари мост.
Ҳар куҷо ошиқи дилсӯхтае менигарӣ,
Илтиҳоби дилаш аз гармии хокистари мост.
Ганҷи сарбастаи асрори Худо, Лоҳутӣ,
Гӯшаи хотиру кунҷи дили ғампарвари мост.

## ҒАМИ БУЛБУЛ

Булбул, ки ғам чу мардуми маъюс мехурад,
К-аз баҳри гул барои ту афсӯс мехурад.
Аз ҷунбиши насими ҳасад пеши қоматат
Сарви сиҳӣ ба саҳни чаман кӯс мехурад.
Пеши лабони нозуки ту ғунча ҳар баҳор
Хуни ҷигар зи ғайрати номус мехурад.
Дасташ намерасад, ки ба хоки ту сар ниҳад,
Хуршед ғам зи ҳасрати побӯс мехурад.
Масти шароби ишқ, маю ваҷди инбисот,
Бо косаи сари Ҷаму Ковус мехурад.
Рӯзе ҳазор таъна занад бар бисот, агар
Ринде, ки май ба бонги дафу кӯс мехурад.
Ориф агар ки хуни разон мехурад, чӣ бок,
Хуни фақир зоҳиди солус мехурад.
Подош бин, ки хуни фақир ар ба хок рехт,
Хок ин замон зи мағзи сари Тӯс мехурад.
Лоҳутӣ аз инояти Яздон шароби ишқ
Аз соғари валои шаҳи Тӯс мехурад.

## МИЖГОНИ АЁЗ

Эй Каъбаи дилҳо, ки бихонд Эзиди маъбуд
Меҳроби ду абрӯйи туро қиблаи мақсуд.
Кӯйи ту бувад саҷдагаҳи орифу омӣ,
Масҷуди ту ҳақ аст, туӣ бар ҳама масҳуд.
Бинмой қиёме, ки қиёмат зи қиёмат
Бар халқ ҳувайдо шавад, эй қоими мавъуд.
Ҷуз дӯст диламро набувад душмани ҷонӣ,
Он душмани ҷонист, ки дар дил шуда мафқуд.
Бинӣ, ки дусад рахна зи мижгони Аёз аст,
Баргирӣ агар парда зи рӯйи дили Маҳмуд.

Бо дӯст бихур, ончи хурад баъди ту душман,
Қорун зи ҷаҳон рафт ба он махзани мавҷуд.
Лоҳутӣ, агар Юсуфи Мисрӣ, бифурӯшанд
Рӯзе ахавонат ба ҳамон дирҳами маъдуд!

## АХТАРИ ХОБИДА

То ҷамоли ҳазратам ойинаи дидор шуд,
Боракаллаҳ, ахтари хобидаам бедор шуд.
Эй муборакпайки фаррухпай ба ном Эзид, ки боз
Тай шуд айёми фироқу мавсими дидор шуд.
Аз куҷо ин меҳри ҷонафрӯз сар зад, к-инчунин,
Машриқи дил аз фурӯғаш матлаъи анвор шуд.
Аллаҳ, аллаҳ, қатраи хуне, ки номи ӯ дил аст,
Чашмаҳо ҷӯшид аз ӯ, то қулзуме заххор шуд.
Хонаи дилро мутаҳҳар доштам аз ёди ғайр
Он қадар то ҷилвагоҳи довари додор шуд.
Қайд ман бишкастаму бигзаштам аз мову манӣ,
Мурғи ҷонам дар фарози ломакон тайёр шуд.
Пештар аз мурданам чандин ҳазорон бор мурд,
То ки Лоҳутӣ зи васли ёр бархурдор шуд.

## БО БОЛУ ПАРИ ИШҚ

Буд ҳамсари ман дӯст зи бахти масъуд
Аз шаҳри адам то дари иқлими вуҷуд.
Бо болу пари ишқ намудам парвоз,
Аз гулшани ғайб то ба саҳрои шуҳуд.
Сӯйи ватани хеш аз ин шаҳри ғариб
Бо қофилаи ишқ кунам боз суъуд.
Дар маҳкамаи қазо ҳар он чи ояд ба сарам,
Килки қадарам навишт бар лавҳи ҳудуд.

Бо фитрати ислом бизоданд нахуст
Аз модари даҳр кофару габру яҳуд.
Таҳлиди падар накарда таҳҳиқ шавад
Доми раҳи ин тоифаи номаъдуд.
Ҳикмат чӣ будаш ба амру наҳй аз оғоз,
Таклиф агар набуд дар дори хулуд.
Мехост халифаи заминаш созад,
Раҳ ёфт ба Булбашар аз он кайди ҳасуд.
Овард дар ин домгаҳи ҳодисааш,
То шоҳи қидам аз ӯ биёяд ба вуҷуд.
Кӯрона марав, чашми басират бикушо,
То дур намонӣ зи тариқи мақсуд.
Лоҳутӣ аз он сар асту дар гулшани қудс
Бо волиди хештан бувад ин мавлуд.

## ЗАВҚИ МАСТӢ

Ҳала ёр омада, гул баҳри гузораш бибаред,
Гул чӣ бошад, сару ҷон баҳри нисораш бибаред.
Сару ҷон нест, ки дар пой ба коре биравад,
Сару ҷонро ба сари роҳгузораш бибаред.
Худ фурӯшеду ҷунин гавҳари якто бихаред,
Нарди ишқаш бизанеду ба қимораш бибаред.
Бодаи ноб зи майхонаи ишқаш бизанед,
Завқи мастӣ магар аз чашми хумораш бибаред.
Ҳама ӯед, бишӯед зи дил ранги дуӣ,
То дар ин парда чӣ пуде суйи тораш бибаред.
Рӯзи равшан натавонед агар бурдани ӯ,
Ҷаҳд созед, магар дар шаби тораш бибаред.
Ӯ шикорафкану сайди дилу динҳо ба раҳаш,
То намояд магар он дӯст шикораш, бибаред.
Аз яминаш бадар ойеду бигиред инон,
Ҳамчу Лоҳутии бедил зи ясораш бибаред.

## ЭЙ ШАМЪИ БАЗМИ ДӮСТ

Чун дар азал ба лавҳи машийят қалам заданд,
Бар ҷони мо зи ишқи накӯён рақам заданд.
Ушшоқро на ишқи ту имрӯзӣ асту бас,
Моро ба лавҳи дил зи азал ин қалам заданд.
Аҳли вало зи шавқ ба қурбонгаҳи висол
Ҷон бохтанду бар сари гардун алам заданд.
Дар манзили нахуст супурданд ҷону сар
Онон, ки дар тариқи муҳаббат қадам заданд.
Эй шамъи базми ҳусн, ба ёди ту сӯхтанд
Парвонасон зи ишқи ту онон, ки дам заданд.
Ушшоқи дилфигор суйи водии шуҳуд
Бо меҳри ҳазрати ту қадам аз адам заданд.
Лоҳутиё, ба ҷуз хабаре з-ӯ наёфтанд
Аҳли талаб, ки дар пояш олам ба ҳам заданд.

## ДОМУ ДОНА

Ҳар зиндадил, ки пайрави аҳли вало бувад,
Дар роҳи ишқ толиби ранҷу бало бувад.
Ҳар кӯрдил вазифа надорад зи тавқи ишқ,
Ранҷу бало вазифаи аҳли вало бувад.
Он ошиқон, ки солики роҳи ҳақиқатанд,
Бар фарқашон зи нури ҳидоят ливо бувад.
Дар роҳи дӯст ҷону сар аввалқадам диҳад
Ринде, ки солики раҳи фақру фано бувад.
Гар дӯст ҷон зи ошиқи мискин талаб кунад,
Хандон ба пояш ар насупорад, хато бувад.
Дар кӯйи ёр ҳар ки фано шуд ба ёди дӯст,
Дар мулку ҷоҳ хусрави мулки бақо бувад.
Нозам ба ошиқе, ки ба уммеди васли дӯст
Мансурвор бар сари дори фано бувад.

Дарвешро зи сабҳаву саҷҷода фахр нест,
Ин дому дона дархури шайхи риё бувад.
Лоҳутӣ аст пайрави Аливу Оли Муҳаммад.
Чанде дар ин хароба ба ҳукми қазо бувад.

## БЕҲАМТО

Эй ёри беқарина, ки дар кишвари вуҷуд
Мисли ту нест шоҳиде аз ғайб то шуҳуд.
Ушшоқро нузул зи иқлими сармадӣ
Додӣ туву кунанд ба он ҷо зи нав суъуд.
Онон, ки дар ҳадиқаи боқӣ мухалладанд,
Гар бо ту тавъаманд, дар он ҷо зиҳӣ хулуд.
Он кас, ки бе ҳузури ту дар ҷаннат аст, кош
Аз водии адам насупурдӣ раҳи вуҷуд.
Эй ҷони ман, ба дидаи ман кун гузар, на хок
Хоке, ки бигзарӣ ту бад-ӯ, нест ҷуз худуд.
Манмой поймоли қулуди саманбарон
К-андар дили туроб ниҳонанд он қулуд.
Эй сустаҳд, сахт ҳасад мебарӣ ба ман,
Бас кун дигар, ки хайр надид аз ҳасад ҳасуд.
Муслим ба ғайри дори саломаш мақом нест,
Аммо кунад макон ба гили арманӣ яҳуд.
Ҳар ҷинсро ба ҷинс бувад майл, пас, ту ҳам,
Лоҳутиё, ба олами лоҳут кун суъуд.

## САНГИ ТАВАККУЛ

Лоларӯйи ман чу бар гул чини сунбул бишканад,
З-он гулу сунбул наво дар пойи булбул бишканад.
Кай хирадманде ниҳад ғул ҳамчу ман девонаро,
З-он ки савдои ҷунунам оҳани ғул бишканад.

Сар зи зонуи таваккул ҳамчу мардон во магир,
Пушти ҳирсу озро санги таваккул бишканад.
Гул агар бинад ҷамоли нозукандоми туро,
Лутфи ӯ хори ҳасад бар хотири гул бишканад.
Ҷамъи дилҳоро зи ишқи худ парешон мекунад,
Чунки бар тарфи кулаҳ он зулфу кокул бишканад.
Баски дил бар тори зулфаш баста рӯзи растахез,
Бар сирот ар по гузорад, пояи пул бишканад.
Гар шикастазулфро чанбар кунад бар гирди хол,
Равнақи анбар барад, нархи қаранфул бишканад.
Ғам махӯр, эй дил, ки пушти як ҷаҳон кӯҳи гуноҳ
Раҳмати бемунтаҳояш аз тафаззул бишканад.
Мастии Лоҳутӣ аз минои султони дил аст,
Гӯ ба соқӣ, соғари давру тасалсул бишканад.

## ХИЛВАТИ ДИЛ

Созам ба ҳаҷру ғайрати ишқам кунам малул,
К-аз ман ба кӯйи дӯст паёме барад расул.
Хиргоҳ аз ҷаҳони тафаккур бурун задӣ,
З-он рӯ намерасад ба ту андешаи уқул.
Ҷуз аҳли дил ба пардаи номус кас наёфт
Раҳ бар висоли дӯст ба хилватгаҳи вусул.
Эй шамъи базми ҷон, ба хаёли висоли ту
Парвонавор ман ба ҳалоки танам аҷул.
Қурби Худо агар талабӣ, рав, канора ҷӯй
З-ин мардуми залуми ҷафопешаи ҷаҳул
Ҳар ҷо маҳалли раҳмати ӯ нест, лоҷарам,
Созад ба кунҷи хотири дилхастае нузул.
Умре ба пойи сабр сипардам раҳи талаб,
Ҷуз ҳасратам зи кӯшиши беҷо нашуд ҳусул.

Аз рӯйи чун биҳишт кашад гар ҳиҷоби шарм,
Хуршеду моҳро набувад чора ҷуз уфул.
Бегонаро ба хилвати дил ошно макун,
Рӯзи азал надошт дар ин хона раҳ фузул.
Лоҳутиё, биноз ба олам аз ин ғазал,
Ӯро агар Атобаки Аъзам кунад қабул.
Аввалгули ҳадиқаи иззат, ки ҳар чи ҳаст,
Фаръи ваянду зоти шарифаш бувад усул.
Ҳаргиз гумон мабар, ки назираш бувад ба даҳр
Ман гӯши истимоъ надорам лиман яқул.

**ХИЗРИ РОҲ**

Эй муназзаҳматлаъи анворвачҳи лоязол,
Маҳбити ваҳйи Сурӯшу манбити набти висол.
Эй муҳити ишқи лорайбу басити нури ғайб,
Ҳар чи мебинӣ, муҳоти туст, з-он ҳашмат бибол.
Қатраи хуне набудӣ беш, ҳол аз мавҷи ишқ
Қулзуми паҳноварӣ в-аз дурри маънӣ мол-мол.
То зудудӣ зулмат, эй миръоти нури сармадӣ,
Равшанӣ аз шуълаи шамъи ҷамоли Зулҷалол.
Даст бар зайли далеле зан, ки Хизри роҳи туст,
В-арна дармонӣ дар ин пайдои пурсангу ҷибол.
Хизри роҳи туст қутбулорифину восилин,
Сайийиди Солеҳшиору орифи некӯхисол.
Дар тилисмоти фано аз ҳафтхони роҳи фақр
Сӯйи шаҳри ҷон шудан бе авни ӯ бошад муҳол.
Эй ҷаноби мустатоби қиблаи аҳли яқин,
Офтоби аҳли дил, дар торами иззу ҷалол.
Сахт афтодаст аз по дар биёбони талаб,
Дасти Лоҳутӣ бигиру вораҳон з-ин қилу қол.

## ДАР ШАҲРИ ҶУНУН

Ман на ҷуғзам, к-ошён бинӣ дар ин вайронаам,
Шоҳбози ломакон паррад зи қудсӣ лонаам.
Дурри баҳри лоязолам, ту мапиндорам хазаф,
Махзани асрори айбам, к-андар ин вайронаам.
Дар фазои гулшани лоҳут манзил доштам,
Тарки авлои падар ҷо дод дар ин хонаам.[1]
Соқии сармасти майхорони боғи ваҳдатам,
Бодае нӯшидаам, к-аз хештан бегонаам.
Ҳолиё з-олоиши тан дурам аз иқлими ҷон,
Маслиҳатро чанд гоҳе бо ту ҳамкошонаам.
Мешудӣ дар ин қафас кай тоири ҷонам асир,
Гар намешуд зулфу холи дӯст дому донаам?
То накарда гул ҷунунам, сирри ваҳдат бозпурс,
Лаҳзае дигар набинӣ оқилу фарзонаам.
Чун замонам бурд аз каф ҷазбаи ишқи азал,
Дам мазан аз ақлу дониш бо дили девонаам.
Ту макун таҳдид, Лоҳутӣ, ба шайдоӣ маро,
З-он ки дар шаҳри ҷунун машҳур шуд афсонаам.

## ТАРКИ САР

На бехуд синаро дар пеши пайконаш сипар кардам,
Руфӯ чоки дили худро бад-он тири сепар кардам.
Канору доманам то рӯзи маҳшар лолагун бошад,
Шаби ҳиҷрон зи бас хуноба ҷорӣ аз басар кардам.
Замони ҳаҷр охир шуд зи юмни давлати васлаш,
Чу ман аввалқадам дар роҳи ишқаш тарки сар кардам.

---

1. Ишора ба гуноҳи Одам, ки ба дунболи он аз биҳишт ронда шуд.

Қадам дар водии ҳайрат ниҳодам бо чунин тифлӣ,
Раҳи садсола тай аз ҳиммати аҳли назар кардам.
Мақомам дар шабистони бақо доданд аҳли дил,
Зи худ фонӣ шудам, з-он пас бақоро баргу бар кардам.
Шавам то гумраҳонро раҳнамои манзили аслӣ,
Буридам аз ватан дил, сӯйи ин водӣ сафар кардам.
Дари майхонаро мебаст зоҳид, то нанӯшам май,
Надонист ӯ, ки ман дар кори худ фикри дигар кардам.
Хаёли ҳарду оламро шабе дар хилвати узлат
Ба ҷуз ёду висоли дӯст аз хотир бадар кардам.
Занам то нағма бо мурғони боғи васли лорайбӣ,
Чу Лоҳутӣ зи ишқи гулузорон болу пар кардам.

## РОҲИ ЯҚИН

Манам он тойири мушкиннафаси боғи фалак,
Пар кушодам ду-се рӯзе зи само сӯйи самак.
Зари беғашшаму парвардаи кони ҷабарут,
Гавҳари ганҷи дилам бим надорад зи маҳак.
З-ин қафас чун бипарам, ишқ ба сарҳадди фано
Гӯяд, эй тоири қудсӣ, бирав, Аллоҳу маъак.[1]
Чун ба иқлими азал бори дигар ҷой кунам,
Шавам овезаи гӯши фалаку ҳуши малак.
Чанд кӯшӣ ба ҳалоки дилам, эй қути равон,
Ёд ор, он ки маро бо ту будӣ ҳаққи намак.
Ориф аз роҳи яқин рафту ба мақсуд расид,
Зоҳид аз васвасаи ақл фурӯ монд ба шак.
Хуш ба зуннори муғон баст миён Лоҳутӣ,
Раст аз васвасаи мадрасаву таҳтиҳанак.

1. Худо ёрат бод.

## ОФТОБИ ДИЛҲО

Ишқи туро харидор ҳар кас ки шуд зи сонеъ,
Бояд фурӯшад аввал худро ба байъи қотеъ.
Чун набвадам бизоат, андар бақои васлат
Ночор аз ту бошам бо як нигоҳ қонеъ.
Байни ману ту набвад монеъ ба ҷуз ман, эй ҷон,
Кун ҷилваеву бардор зуд аз миёна монеъ.
Боз о, ки зулмати ҷурм торик карда ҷонам,
Эй офтоби дилҳо, кай мешавӣ ту толеъ?
Эй пардадори ҷонон, аз пеши худ маронам,
Ҳолӣ, ки омадастам бар даргаҳи ту хошеъ.
Аз ғафлати гузашта бигзар зи рӯйи раҳмат,
Минбаъд абд ҳастам бар даргаҳи ту толеъ.
Ин ҷони тира набвад шоёни дидани дӯст,
Ҳубби Алӣ магар худ гардад зи лутф шофеъ.

## СИНО

Эй он ки ба номи ту кашад ғайри ту, шо бош,
Шобошу ба иқлими вафо бар ҳама шо бош.
Дар синаи Синои ҳақиқат ту Калимӣ,
Хуш нури таҷаллӣ шуда аз Тури дилат фош.
Ман дар аҷабам, то ту кадомию чӣ номӣ,
Оре, набувад нақш хабардор зи наққош.
Рӯйи ту бувад ойинаи ҳусни Худоӣ,
Ҳаргиз набарад роҳ дар ӯ дидаи ҷаммош.
Нақс аз ту набошад, ки ту хуршеди мунирӣ,
Гар фош набинад ба рухат дидаи хаффош.
Ту сарви чӣ боғӣ ба чунин қомати зебо?
Бихром ба таннозию дилҳо ҳама бихрош.

Тарсам, ки бимонад ба рухат ҷойи назора,
Манмой чунин рӯй ту бар мардуми авбош.
Иқлими муҳаббат чӣ ҷаҳонест, ки он ҷо
Албурз билarзад чу яке донаи хашхош.
Дӯшам зи муҳаббат назаре кард ба шӯхӣ,
Гуфто: Ба кӣ моил бувад ин ошиқи қаллош?
Лоҳутӣ, агар марди раҳӣ, шав мутавозеъ,
Аз ҷоталабӣ бигзару андар ҳама ҷо бош.

## ЛАВҲИ МУҲАББАТ

Кадом аст ин шикорафкан, ки аз мушкинкулаҳ таркаш
Фуруд овехта дилҳо чу сайди баста аз таркаш.
Ба шоми ҳаҷр дилдорам агар дар нор бигзорад,
Тавонам сабр кард, аммо набитвонам кунам таркаш.
Ту симурғи фазои Қофи қурби Эзадӣ, эй дил,
Дар ин вайронсаро зоғу зағанро бор камтар каш.
Ту хуршеди сипеҳри ваҳдатӣ, як лаҳза бо худ о,
На кайду кини гардуну на ҷаври моҳу ахтар каш.
Ҷаҳонеро талаб, к-андар фазояш ҷону дил рақсад,
Даро дар авҷи қурбу хайма аз нуҳ чарх бартар каш.
Бизан дасти иродат аз сафо бар домани мардӣ,
Ки то бино шавӣ, хоки раҳаш бар дидаи тар каш.
Ба ғайр аз Ҳақ мабину ҷуз Худо дигар маҷӯ чизе,
Баровар дасти ҳиммат, по ҳаме аз хушку аз тар каш.
Бибар худро зи ёду дарсе аз лавҳи муҳаббат хон,
Чу хондӣ нуктаи мавҳум, қалам бар чор дафтар каш.
Надорӣ дидаи ҳақбин агар монанди Лоҳутӣ,
Зи биноӣ мазан лофу бирав, бар дида ништар каш.

## ДИЛИ ДАРВЕШ

Дил, ки аз роҳи назар бурд зи ман он моҳаш,
Дидам андар хами он зулфи сияҳ ногоҳаш.
Ғам надорам, дили савдозада гар шуд зи барам,
Ҳалқаи зулфи ту чун гашт ҳаволатгоҳаш.
Чашми ҷодуи ту зад роҳи дили дарбадарам,
Дар тилисмоти фано бод Худо ҳамроҳаш!
Раҳзани Юсуфи дил навсафар андар раҳи ишқ,
Монда бе зоди талаб, то чӣ расад з-ин роҳаш.
Дида дар зулмати раҳ оби бақо кай дидӣ,
Хизри раҳ гар нашудӣ ҳиммати Ҳайроншоҳаш.
Дар ҳарамхонаи асрор шудам маҳрами дӯст,
З-он ки донист, манам бандаи давлатхоҳаш.
Масканат дод раҳам бар дари он шоҳ, ки ҳаст
Ба фазои ҷабарут аз азамат хиргоҳаш.
Ҳар киро хайма ба саҳрои қаноат задаанд,
Бошад аз салтанати кавну макон икроҳаш.
Дили дарвеш маёзор, ки гар оҳ кашад,
Рахна дар пардаи афлок намояд оҳаш.
Гашт гар маҳрами асрор дили Лоҳутӣ,
Карами пири харобот намуд огоҳаш.

## ЗИНДОНИ ИШҚ

Дил ойина аст, гар ки бишкастемаш,
Бо силсилаи зулфи ту пайвастемаш.
Шустем аз ӯ дасту ба зиндони фано
Бо турраи тарори ту по бастемаш.
Деве, ки дилам бихост дар нимашабе,
Бо тири дуо хуб ҷигар хастемаш.

Аз боди Худо парем, агарчанд зи фақр
Як мушт гадоёни тиҳидастемаш.
Ин қатраи хун ҷилвагаҳи рӯйи ту шуд,
Аз хешу зи бегона чу ворастемаш.
Дидӣ, ки ба сиҷни ишқ маҳбус шудем,
Бо он ки зи дом борҳо ҷастемаш.
Он нахли баландем, ки чун соя ба хок
Аз пой дарафтода, чунин пастемаш.
Мо майкадаи ишқ тиҳӣ кардастем,
Бе хештанему ошиқи мастемаш.
Лоҳутии мо чу аҳли носут набвад,
Бурдему ба асли хеш пайвастемаш.

## СИМУРҒ

Тифлам, валек хусрави анҷум зи чоплус
Сояд ҷабин ба пешгаҳам баҳри хокбӯс.
Ин давлатам зи туст, ки каррубиён ба Арш
Ҳар субҳу шом салтанатамро зананд кӯс.
Кайхусрави ҷаҳонаму Ковуси вақти хеш,
Ишқам нигоҳдори сипоҳ аст ҳамчу Тӯс.
Камтар гадои даргаҳи шоҳи вилоятам,
Дар курсии мамолики ишқам бувад ҷулус.
Гар бишнаванд бӯйи риёзи риёзатам,
Дар мағзи аҳли сайр зи рашк уфтад утус.
Обе бизан бар оташи шаҳват, агар найӣ
Оташпараст аз нафаси нафс чун маҷус.
Нафс аз тариқи ақл туро мебарад бурун,
Бишнав нусуси ишқу махур ҳилаи нуфус.
Хуш неъмате Худой маро дода, к-аз хулус
Маъруфи хидматам ба дари шаҳрёри Тӯс.

Хоҳад шаҳиди хеш маро чун ризои дӯст,
Хандон диҳем ҷон ба кафи душмани абус.
Бахшам равон ба Эзаду пас зиндагӣ кунам
Бо қудсиёни олами ҷовид бе фусӯс.
Товуси боғи ҷонаму симурғи Қофи қурб
Гулбонги ишқ бишнавам аз Арш чун хурӯс.
Пайкони нолаам зи дили чарх бигзарад
Чун новаки таҳамтанӣ аз диръи Ашкбӯс.
Дар бурҷи ишқу фарқ дурахшанда шамсҳост,
Лоҳутӣ аст партави нуре аз он шумус.

## ХОЛИ ҲИНДУ

Эй дили савдоӣ, он пурҳалқа гесӯро нигар
В-он хаданги мижжа в-он қавси ду абрӯро нигар.
Бо яке имо тавонад оламеро бод дод,
Он нигоҳи гоҳ-гоҳу чашми ҷодуро нигар.
Мешавад хуршед пеши оразаш оташпараст,
Он ҷамоли дилфиребу холи ҳиндуро нигар.
Як ҷаҳон девона дар ҳар тори ӯ бошад асир,
Донаҳои халқаи занҷири он мӯро нигар.
Шер аз найзори мижгонаш агар орад гузар,
Мехурад дар хуни худ, нахчири оҳуро нигар.
То камар сарви саҳӣ дар гил нишинад пеши ӯ,
Он қиёматқомату болои дилҷӯро нигар.
Соиди симин ба хуни оламе рангин кунад,
Қуввати сарпанҷаву нерӯи бозуро нигар.
Кам биноз, эй офтоби ховарӣ, аз ҳусни хеш,
Он ҷамоли дилкашу ойинаи рӯро нигар.
Ҳеҷ сар набвад, ки аз анвори ӯ бошад тиҳӣ,
Рав, муваҳҳид бош, Лоҳутию ҳар сӯро нигар.

## МАСТ

Ёди Худоро ҳаме бар рухи дил парда дор,
Чун паси ин парда аст ҷилвагари пардадор.
Гар кашадат тан ба дор, ишқ суботат диҳад,
Бош дар ин пойи дор, то ки шавӣ пойдор.
Гар ту писандӣ маро куштаи роҳи вафо,
Ин ману ин ҷону сар, ин туву ин чӯби дор.
Лофи хирад чун занам ман, ки зи савдои ишқ
Карда зи худ бехудам ҷилваи дидори ёр?!
Нестият медиҳад раҳ ба ҳарими бақо,
Тешаи ҳиммат бигир, решаи ҳастӣ барор.
Пок зи бегона кун Каъбаи дилро, ки ӯ,
Нест магар хонаи ваҳдати Парвардгор.
Дӯш зи ҷазби висол волаву шайдо шудам,
Бурд ба майхонаам ишқи майи хушгувор.
Соқии сармаст дод ратле аз он бодаам,
К-аз худиям вораҳонд то гаҳи рӯзи шумор.
Бо кӣ тавон гуфт боз, к-аз қадаҳе майфурӯш
Бурд зи дастам бурун дину дилу ихтиёр.
Кард чунон волаам нашъаи он ҷоми май,
К-аз ҳама аъзои ман нест раге ҳушёр.
Гашт чу Лоҳутӣ аз соғари ишқи ту маст,
То ба қиёмат дигар чашми хирад з-ӯ мадор.

## КИШВАРИ ТАҲҚИҚ

Эй шоҳи Мисри ҷон, на манам кӯдаке низор,
Ихвон зи пешу пас ҳама гургони лошахор.
Коре бузург нохираду роҳ пурхатар,
Бори шутур ҷавоҳиру тифле маҳордор.
Туздон гирифта маъбару ман тифли навсафар,
Роҳе дароз дар бару девона сарқатор.

Кай корвон ба манзили мақсуд мерасад,
Бар дасти қотеъони тариқ ар фитад маҳор.
Шери Худост қофиласолор, ғам махур,
Бадро ба бад супору адӯро ба зулфиқор.
Бикшо дукони маърифату судҳо бубин,
Эй корвони ишқ, ба манзил расад чу бор.
Ҳолӣ бимон, ситораи субҳат кунад тулӯъ
В-он гаҳ бубин чу меҳри мунирам ту нурбор.
Роҳи ватан бигир, ки ин манзили ғариб
Обу ҳавои он набувад бар ту созгор.
Соқӣ, биёр соғаре аз бодаи висол,
То вораҳам зи дарди сару заҳмати хумор.
Ман масти нози ишқаму маҳви ҷамоли дӯст,
Бо муҳтасиб бигӯй ҳадиси мани фигор.
Лоҳутӣ, аз замона чӣ ҷӯйӣ, бинӯш май,
Мастона шав ба кишвари таҳқиқ раҳсипор!

## ХОКИ РОҲ

Ҳар гаҳ хаёли рӯйи туам ҷилвагар шавад,
Гӯӣ ба дида ҳар мижаам нештар шавад.
Бо тӯли ӯст рӯзи қиёмат дақиқае,
Шоме, ки бе ҳузури ту бар ман саҳар шавад.
Дар хоб гар хаёл кунам бӯса аз лабат,
Ҳар банди ман зи шаҳд пур аз найшакар шавад.
Нахват зи сар барор, ки ин фарқи тоҷдор
Рӯзе расад, ки хоки сари раҳгузар шавад.
Ҷуз хидмати муғон накунад ҳадде ихтиёр,
Зоҳид агар зи сирри ҳақиқат хабар шавад.
Ҷабрили ақл сар ба фазояш намезанад,
Он ҷо, ки ишқ бе мадади болу пар шавад.
Чандин ҳазор реша канад тешаи қазо,
То нахли орзуи яке борвар шавад.

Яксар ба ошёни ту парвоз мекунад,
Чун мурғи ҷонам аз қафаси тан бадар шавад.
Азбас ба хонаи дили ман рахна карда ғам,
Тарсам, ки рози дӯст ба олам самар шавад.

## ИКСИР

Ман пойи ӯ бӯсам, агар дасти ҷаҳонгирам занад,
Аз дил қабулаш мекунам, бар дида гар тирам занад.
Маҳзун наям аз хашми ӯ, қурбони дасту чашми ӯ,
Дилтангиям аз ин бувад, к-он шаҳ чаро дерам занад.
Фарзанд Асадуллаҳ бувад, беҳтар зи меҳру маҳ бувад,
Нанге намебошад маро, гар баччаи шерам занад.
Гӯё дили дилдори ман хӯ карда бо озори ман,
Гоҳе ба занҷирам кашад, гоҳе ба шамшерам занад.
Ман шер меандохтам, бар каркадан метохтам,
Ин ҷо сипар андохтам, тифле чу нахчирам занад.
Ман худ алиюллоҳиям, Ҳақ дода ин огоҳиям,
Беҷо бувад, зоҳид агар бо тири такфирам занад.
Лоҳутӣ, аз занги хато хотир нагардад босафо,
Илло, ки ӯ бар мисси дил аз лутф иксирам занад.

## САРЧАШМАИ ИРФОН

Мабъаси шоҳи қидам рояти иҷлол кушуд,
Ё ки товуси гулистони ҷинон бол кушуд.
Ҳол вақти тарабу мавсими шаҳрошӯбест,
Ки ба мо шоҳиди ғайбӣ назари ҳол кушуд.
Гавҳари кони ҳудо аз садафи ламязалӣ
Ҷилвае кард в-аз он уқдаи омол кушуд.
Тоири гулшани лоҳут зи боғи ҷабарут
Бол бар фарқи ҳарифони ҳумофол кушуд.

Суръату маънии тавҳид зи хилватгаҳи ишқ
Бурқаи ҳусн зи ойинаи тимсол кушуд.
Чордаҳсола нигоре зи паси пардаи ғайб
Дари тавҳид ба халқ аз паси чил сол кушуд.
Шоҳи қудсисалабон бо сифати субҳонӣ
Чашмаи ишқу сафо аз дили салсол кушуд.
Ба сари неши муҳаббат шаҳи иқлими сафо
Ошиқони аҳадиро раги қифол кушуд.
Кафзанон соғари шукрона бизан, Лоҳутӣ,
Ки сари аҳли карам суфраи ифзол кушуд.
Боз Ҳайроншаҳи мо аз ҳарами ҳайронӣ
Омаду бар сари мо рояти иқбол кушуд.
Сари автод, ки сарчашмаи ирфон зи карам
Бадали бебадали маҷмаъи абдол кушуд.

## ОЙИНАИ ХУРШЕД

Бо xаданги мижа то рахна ба имонам кард,
Дар биёбони ҷунун бесарусомонам кард.
Бар дари пири муғон бандаи ночиз будам,
Офарин бар карамаш бод, ки султонам кард.
Дидаам дар шаби ҳаҷри ту чу хушид зи нам,
Пораи дил ивази ашк ба домонам кард.
Нақши бегонагӣ аз лавҳи дилам шуст чу ашк,
Дар ҳарамхонаи ҷон маҳрами ҷононам кард.
Реша зад то шаҷари Тури таҷаллӣ ба дилам,
Ба сафо ҳамқадами Мӯсии Имронам кард.
Занг бизудуд зи миръоти дилам ҷилваи дӯст,
Ки чу ойинаи хуршед дурахшонам кард.
Заррае беш наям, ҷилваи хуршеди азал
Шасти мову манӣ аз васваса урёнам кард.
Тифламу воқифам аз печу хами ҳафт тилисм,
То ҳидоят ба туруқ ҳазрати Ҳайронам кард.

Зулмати водии ҳафтум на ба худ паймудам,
Ӯ далолат ба сари чашмаи ҳайвонам кард.
Ҳамчу ҷаммозаи мастам ба каф овард маҳор,
Ки масун аз хатари кӯҳу биёбонам кард.
Наниҳодам сафари Карх ҳақиқат аз каф,
То ки маъруф бари шоҳи Хуросонам кард.
Боракаллоҳ, ба раҳи Каъбаи дил, Лоҳутӣ,
Лутфи ӯ бехабар аз хори муғелонам кард.

## СУЛТОНИ ИШҚ

Парда аз рух баркашид, эй ҳамраҳон, султони ишқ,
Вақти ҷонбозист, ёрон, дар раҳи ёрони ишқ.
Гӯшаи абрӯ намуд он қиблаи рӯҳониён,
Даври мо зад, то аён гардид аз даврони ишқ.
Гар ту огоҳӣ зи рамзи явманунулғайб, бош,
Арза бинмо дар ҳузураш нуктаи имони ишқ.
Офтоби чархи дилҳои назарбозон дамид,
Оламоро шуд ҷамоли он маҳи тобони ишқ.
Мерабояд аз нигоҳе ҷону дини халқро,
Алҳазар аз он савори арсаи майдони ишқ.
Гавҳаре арзандатар набвад ба дарёи қидам
З-ин самин дурре, ки бар мо рух намуд аз кони ишқ.
Хонаобод он Худованде, ки аз рӯйи карам
Дода Лоҳутии худро ӯ навол аз хони ишқ.

## ФАРИШТА

Ман, ки бинӣ, ниҳоли навсамарам,
Ишқ бех асту сидқ баргу барам.
Интизомулвузора медонад,
Ки ман аз аҳли олами дигарам.
Кӯдаке беш нестам, аммо
Раҳбари сад ҳазорҳо нафарам.

Гар кушоям паре, ниҳон бинӣ
Байзаи чархро ба зери парам.
Баҳри таблиғи сирри ваҳдати ҳақ
Андар ин хокдон бувад сафарам.
Чанд дигар ба Мӯсии маънӣ
Ҷилва созад Худой аз шаҷарам.
Бифурӯшам равон ба Эзади пок,
Хуни аҳбоби хешро бихарам.
Ман назарбози шоҳиди азалам,
Дода ҷонофарин чунин назарам.
Канзи таҳқиқу дурҷи маъниро
Риштаҳои лаолию гуҳарам.
Дафтари ишқро зи ман омӯз,
Ки ман аз рози аҳли дил хабарам.
Дода Лоҳутиям Худой лақаб,
Малаке бин ба сурати башарам.

## ОБИ ЛОЛАРАНГ

Азбас фазои хотирам аз ғусса гашта танг,
Соид, масоз ранҷа, надорад раҳи ҳаданг.
Хунам бирезу панҷаи симин хизоб кун,
Таъхир то ба кай, ки набошад раво диранг!
Ин нукта бо хурӯш чӣ хуш месуруд дӯш,
Нойӣ ба нағмаи наю мутриб ба бонги чанг.
Аз баҳри ин дурӯза, ки дар вай субот нест,
Моро тариқи сулҳ накӯтар бувад зи ҷанг.
Ранҷи хумор тоқатам имрӯз тоқ кард,
Соқӣ, биёр ҷоме аз он оби лоларанг.
Дар пойи ӯ фитодаму бар ман назар накард,
Дил нест дар бараш, ки зи сахтӣ бувад чу санг.
Лоҳутиё, ҳар он ки гирифтори ишқ шуд,
Кай бошадаш ба дил ҳаваси ному бими нанг.

## ДАР МАКТАБИ ИШҚ

Ман, ки дар олами лоҳут бувад бунёдам,
Ҳубби ёрони ватан кай биравад аз ёдам?
Буд омад-шуданам бо малакуту ҷабарут,
То чӣ кардам, ки дар ин доми бало афтодам.
Домани поки худ олудаи зиштӣ накунам,
Ман, ки бо ишқи ту аз модари исмат зодам.
Эй хуш он рӯз, ки бинам ба ҳарамхонаи ҷон
Қайд бишкаставу аз доми ҷаҳон озодам.
Ман, ки дар партави васли ту фурӯғе дорам,
Дидае, к-он битавон дид туро, бикшодам.
Оразу қомати ту навгулу шамшоди ман аст,
Ҳеҷ ҳоҷат набувад бо гулу бо шамшодам.
Бо мусулмониям афтод ҳамон рӯзи фироқ,
Ки ба куфри сари зулфи ту дилу дин додам.
То намоӣ ту нисори қадами хунинаш,
Дар табақ накди равон рӯзи азал бинҳодам.
На ба худ дафтари асрори муҳаббат хондам,
Дод дар мактаби ишқи ту зи бар устодам.
Ман, ки аз кӯдакӣ ояд зи лабам бӯйи лабан,
Шудам аз дасту ба кӯйи ту зи по афтодам.
То шудам тоири гулзори ту чун Лоҳутӣ,
Ҷониби гулшани тавҳид паре бикшодам.

## НАКИСО

Хусраво, ман, ки з-аҳли лоҳутам,
Ходими ту ба мулки носутам.
Барқу борути риндиям ба сухан,
Рӯҳи покам, на барқу борутам.
Кони ишқам, вале бувад аз ғам
Ҳамчу ёқут хуни дил қутам.

Суханамро ҳаловате набувад,
Баски ғам карда моту мабҳутам.
Ғам бувад Даҷлае, ки ман дар вай
Ба шино рӯзу шом чун ҳутам.
Кард пиру шикаставу оҷиз
Дар ҷавонӣ сипеҳри фартутам.
Ту ба авранги дониши Хусрав,
Ман Накисосифат саногӯтам.
Ба танам ҷомаи камол зи туст,
На зи дониш бараҳнаву лутам.
Хидмататро агар қусуре рафт,
Ҳиҷилу шармсор аз рӯтам.
Кай ба дониш шавам чу ту, гарчи
Ба сухан соҳире чу Ҳорутам[1].
Пеши ту, эй ҷаҳони илму адаб,
Хазафосо ба пеши ёқутам.
Туӣ он яккатози арсаи назм,
Ман забун пеши зӯри бозутам.
То намонам чу қофия маҷҳул,
Диҳӣ аз хони фазл ту қутам.
Гарчи Лоҳутиям, вале акнун
Дастфарсои ранҷи носутам.

## НАРГИСИ МАСТОНА

Чу дил додам ба ишқат, аз хирад девона гардидам,
Шудам то ошнои ӯ, зи худ бегона гардидам.
Зи қайди куфру дин ворастаму билмарра озодам,
Ба шайдоӣ чу дар шаҳри ҷунун афсона гардидам.
Зи мастӣ дар сари кӯйи фано даст аз худӣ шустам,
Равон дар шаҳрбанди нестӣ мардона гардидам.

1. Бинобар ривояти мазҳабӣ Ҳоруту Морут ду фаришта буданд, ки ба гунаи одамиён даромаданд, вале ба гуноҳ олуда ва дар чоҳи Бобул сарнагун овехта шуданд.

Ба шаҳри хештан гумному нопайдову ночизам,
Ниҳон чун ганҷе аз гавҳар дар ин вайрона гардидам.
Забонро маҳрами рози дили девона нанмудам,
Ки з-ин сон маҳрами асрори соҳибхона гардидам.
Гусастам аз ҳама пайванду дар шаҳри ҷунун ғарқам,
Барои ҷустуҷӯйи он дур(р)и якдона гардидам.
Задам бар шуълаи шамъи ғамаш осудадил боле,
Чу андар шоми ғам ҳамсуҳбати парвона гардидам.
Нагаштам гар ба бозори ҷунун расво, аз он бошад,
Ки аз риндӣ дар ин бозор устодона гардидам.
Зи хатти сабзи ӯ аз баҳри қатли худ рақам додам,
Ба шаҳри ошиқӣ ворид на бе парвона гардидам.
Майи шукрона деҳ, соқӣ, ки дар ин раҳ чу Лоҳутӣ
Шаҳиди ғамзаи он наргиси мастона гардидам.

## БАРОИ ТУ

Манам, ки боқии кавнайн аз бақои туам,
Бигӯ ба ишқу вафо, волаи вафои туам.
Фано намешаваму боқиям ба ҳарду ҷаҳон,
Бақои ман ҳама з-он шуд, ки ман фанои туам.
Чаро ба мулки бақо кӯси салтанат назанам,
Ки шоҳи арсаи лоҳутиям, гадои туам.
Туӣ, на ман, ки маниро зи худ бурун кардам,
Агар манам, ба ҳақиқат, ҳам аз барои туам.
Зи халқи ҳарду ҷаҳонам тамом бегона,
Гусастаам зи ду олам, ки ошнои туам.
Бало тариқаи аҳли вало бувад, з-он рӯ
Ғариқи баҳри бало гашта аз валои туам.
Буто, ба ҷони ту рӯзе, ки дар ҷаҳон зинда
Барои дидани дидори ҳақнамои туам.
На халқи олами носут, аҳли Лоҳутам,
Дар ин сароча ба ҳукми туву ризои туам.

## ШАРАНГ

Ҳамчу шаранги қотил аст аз кафи ғайр шаккарам,
Хубтар аз шакар бувад заҳр зи ҷоми дилбарам.
Нест раҳо зи банди ғам хотири хастаам, ки ман
Бастаи тори турраи он бути некманзарам.
Ман, ки ҳумои гулшани олами қудсу ваҳдатам,
Эй дами дӯст, ҳиммате, к-аз сари чарх бигзарам.
Гашт ба сайри ломакон раҳбари ишқ маркабам,
В-арна таҷаллии қидам шуъла зада ба шаҳпарам.
То зи худӣ барӣ шудам, маҳрами он парӣ шудам,
Матлаъи Муштарӣ шудам, Зуҳра шудаст чокарам.
Ман, ки сафири сармадӣ мешунавам ба гӯши дил,
Бонги пари магас бувад нағмаи санҷи санҷарам.
То ки ба мактаби ғамат дафтари ишқ хондаам,
Нақш гирифта дар дарун матлаби чор дафтарам.
Дар туруқи муҷаррадӣ аз дами файзи сармадӣ
В-аз мадади муҳаммадӣ бандаи оли Ҳайдарам.
Шукр, ки абди муқбилам, не зи натиҷаи гилам,
Хусрави кишвари дилам, ишқи ту гашта афсарам.

## МАЙХОНА

Миръоти ғайбу матлаи анвор шуд дилам,
Лоҳутиям, сиришта зи оби бақо гилам.
Тифлам, вале зи ҳиммати пирони зиндадил
Доданд дар арикаи ишқи ту манзилам.
Бе миннати фироқ ба хилватгаҳи висол
Рухсораи мунири ту шуд шамъи маҳфилам.
Набвад ниҳон зи дида рухи ёр, з-он ки ман
Ҳар ҷо ки бингарам, бувад ӯ дар муқобилам.
Ҷуз ман миёнаи ману ту нест ҳоиле,
Як бор ҷилвае куну бардор ҳоилам.

Қатлам ба дасти дӯст ҳавас, лек аз сарам
Тарсам, надода ҷон, бикашад пой қотилам.
Дар вақти марг гар ту ниҳӣ по ба дидаам,
Биллаҳ, ки ман ба қатли худ, эй дӯст, моилам.
Аз ҳам ҷудо кунанд агар банд-банди ман,
Хезад навои ишқ ба най аз мафосилам.
Лоҳутӣ, он чи дил зи ҳарам кард орзу,
Шуд аз гадоии дари майхона ҳосилам.

## ГАВҲАРИ АШК

Ҷой аз савмаа бояд, ки ба майхона кунам,
Тарки дину дилу ҷон дар сари паймона кунам.
Шояд ин дарди равонсӯз, ки дармонаш нест,
Чора аз басту кушоди дари майхона кунам.
Танг дар мадраса шуд хотирам аз зуҳду риё,
Рӯйи ихлос аз ин хона бад-он хона кунам.
Ман, ки девонаи он шоҳиди шаҳрошӯбам,
Гӯш кай бар сухани зоҳиди фарзона кунам.
То ҷунунам набарад сӯйи дигар аз дари дӯст,
Ҳалқаву тавқи ҷунун зулфи ту, ҷонона, кунам.
Ашки ман бе сабабе нест, ки қарзи ғами дӯст
Фарзи айн аст, адо з-ин дури якдона кунам.
Зулфу холи ту сабаб гашт, ки ман дар ҳама умр,
Талаби дом намоям, ҳаваси дона кунам.
Бо ғами дӯст шикебо набувад Лоҳутӣ,
Ту бар он бош, ки ман хештан афсона кунам.

## ҲАЛЛОҶ

Ку бахт, ки ӯ бо ман биншинаду бархезам,
Сар пешкашаш созам, ҷон дар қадамаш резам?

То бар сару бар чашмам аз лутф ниҳад пое,
Умрест ба даргоҳаш чун хок ба даҳлезам.
Дар дори валои ӯ бо нағмаи Мансурӣ
Гулбонги «аналҳақ»-ро чун мурғи шабовезам.
Ҳоҷат ба табибам не, хоҳӣ чу ту, беморам,
Дармон чӣ кунам, чун ман аз дард напарҳезам.
Ширин чу шакар бошад дар пеши ту ҷон додан,
Гар чарх дарад паҳлӯ чун Хусрави Парвезам[1].
Ҷуз сояи зинҳорӣ набвад чу маро малҷо,
Хуштар, ки зи ҷаври ту ҳам сӯйи ту бигрезам.
Ҷойи қадами мӯре набвад ба дилу ҷонам,
З-ин гуна, ки сар то по аз лутфи ту лабрезам.
Гар сабр наяфшонад бар оташи дил обам,
Аз хоки сари кӯят сад Даҷла барангезам[2].
Ҳар дона, ки худ киштам, ночор дарав кардам,
Бо бахт зи нодонӣ аз баҳри чӣ бистезам?
Зебосанамо, бигзар аз зиштии Лоҳутӣ,
Ту пайки Худованду ман бандаи ночизам.

## БЕСУТУН

Чун ёди қомату рухат, эй симтан, кунам,
Дигар куҷо ҳикояти сарву суман кунам?
Хунин канору домани худро зи ашки чашм
Дар фурқати ту, Юсуфи гулпираҳан, кунам.
Зиндон ҳазор мартаба хуштар бувад аз он,
Гар ҷой бе ҳузури ту дар анҷуман кунам.
Эй подшоҳи Мисри малоҳат, зи дурият
То кай макон ба гӯшаи байтулҳазан кунам?

---

1. Ишора ба кушта шудани Хусрави дуюм (Хусрави Парвиз) – шоҳаншоҳи Сосонӣ (589 – 682 милодӣ).
2. Ишора ба рӯзи марги Мансури Ҳаллоҷ, ки гуфтаанд, чун хокистари часадашро ба оби Даҷла рехтанд, рӯдхона туғён кард ва оби он боло рафт ва чун хирқаашро ба об афканданд, Даҷла аз туғён бозистод ва ба ночор хокистари ӯро аз об гирифтанд ва ба бод доданд.

Бо меҳри ӯ дамид чу ҷонам ба тан, магар
Бо ҷон бурун муҳаббати ӯро зи тан кунам.
Ширинлабо, фидои лабат накди ҷони хеш
Дар Бесутуни ишқи ту чун Кӯҳкан кунам.
Лоҳутиё, хуш он ки ба қурбонгаҳи висол
Ҷонро фидои хоки қудуми Ҳасан кунам.

## АҚРАБИ ЗУЛФ

Нишон ба олами ҳастӣ зи ёри хеш надидам,
Агар ки дидам, ҷуз дар дили пареш надидам.
Бад-он сарам, чу кунад ҷилва, хештан диҳам ӯро,
Чу ҷилва кард ҷамолаш, асар зи хеш надидам.
Ба ҷилвае бираҳонам зи доми хешпарастӣ,
Ки ҳамчу хеш ҷамоле дигар ба пеш надидам.
Мудом хуни ҷигар мехурам зи ҷоми муҳаббат,
Чаро ки аҳли дилеро ба ҳеҷ кеш надидам.
Ҳазор мартаба бе парда ҷилва кард ҷамолаш,
Вале манаш ба ҷуз аз як нигоҳ беш надидам.
Будам умед, ки шаҳд аз висоли ёр бинӯшам,
Вале зи ақраби зулфаш ба ғайри неш надидам.
Чаро насозам, Лоҳутиё, ба олами ҳастӣ,
Аз он, ки ғайри накӯйӣ зи банди кеш надидам.

## ПИНҲОНУ ОШКОР

Гар ту пинҳонӣ, ба чашми ман намоёнӣ чаро?
Гар намоёнӣ, ба зери абр пинҳонӣ чаро?
Эй дили девона, дар айни висол ин нола чист,
Дар ҳузури ҳазративу гарми афғонӣ чаро?
Хотири маҷмӯъ будат бе ғаму ошуфтагӣ,
Ҳамчу зулфи он балоболо парешонӣ чаро?

Эй ғами ҳиҷрони ҷонон, аз миёни ҷони ман
Лаҳзае берун биё, пайваста дар ҷонӣ чаро?
Рӯнамои хеш, гуфтӣ, ҷони худ қурбон кунам,
Ман бар он аҳдам, ки кардам, ту пушаймонӣ чаро?
Куфр дар шаръи ҳақиқат з-ин мусалмонӣ беҳ аст,
Кофирӣ бигзин, дило, охир, мусулмонӣ чаро?
Гар надорӣ улфате бо ман, ба пеши дидаам
Ҳар замон бо ҷилваи дигар хиромонӣ чаро?
Гар на аз хуршеди рӯйи ёр кардӣ касби нур,
Ҳамчу субҳи васли ҷонон нурборонӣ чаро?
Гар нахоҳӣ куштаи хешаш ба роҳи ишқи пок,
Сӯйи қурбонгоҳи Лоҳутӣ шитобонӣ чаро?

## БЕСАРУ СОМОН

Чунон ворастаам аз худ, ки ҷисму ҷон намехоҳам,
Ба дарди ӯ хушам, беҳбудӣ аз дармон намехоҳам.
Чу Маҷнун хоҳад он Лайливашам, аз ақл безорам,
Чу ӯ дину дилам бирбуд, низ имон намехоҳам.
Гар ӯ дар ташнакомиҳо диҳад ҷом аз майи васлаш,
Зи дасти Хизр об аз чашмаи ҳайвон намехоҳам.
Хурам ҳамчун ҷанин хун аз дилу аз суфраи дунон,
Диҳанд аз қурси хуршеду маҳам гар нон, намехоҳам.
Агар бо ёр биншастам ба гоҳи нестӣ, шоҳам,
Ба мулки ҳастӣ, ар бе ӯ шавам султон, намехоҳам.
Ҳам акнун чунки хоҳӣ по кашидан аз сари ҷонам,
Бикуш в-он гаҳ бирав, ман ҷони бе ҷонон намехоҳам.
Туро, зоҳид, биҳишту ҳуру ғилмон бод арзонӣ,
Ки ман бе дӯст ҳаргиз равзаи ризвон намехоҳам.
Чу хоҳӣ бесару сомонам, эй маҳ, ҳамчу Лоҳутӣ,
Сарам бодо фидоят, ман сару сомон намехоҳам.

## ҲАЛҚАИ БАЛО

Агар зи ҳалқаи ҳаҷри ту, сангдил, бираҳам,
Ба турраи ту қасам, дину дил ба кас надиҳам.
Чунон намуд ба гесӯи хеш побастам,
Ки то қиёмат аз ин ҳалқаи бало нараҳам,
Гадои даргаҳи он шоҳи кишвари ҳуснам,
Ки дода нур ба хуршед сояи кулаҳам.
Амири ишқаму шоҳу сарири истиғно,
Задаст хайма ба иқлими сармадӣ сипаҳам.
Чу лаҳви хотири ман дафтари муҳаббати ӯст,
Саҳифаи ҳасанот аст номаи гунаҳам.
Румузи масъалаи ишқро зи ман омӯз,
Ки мири мастабаи ишқу пири хонақаҳам.
Зи интизор ду чашмам сапед гашт, буто,
Ки аз вубол барорӣ ту ахтари сияҳам.
Бинои рифъати ман бар сари сипеҳр бувад,
Ки ходиме ба дари он бузург боргаҳам.
Агар ки ҷон талабад он санам зи Лоҳутӣ,
Дақиқае, ба Худо, сад ҳазор ҷон бидиҳам.

## СУЛАЙМОНИ ЗАМОН

Эй падар, ман чанд дигар навбати давлат занам,
Медавам зӣ ҳақ ба ботил, даргаҳи дав лат занам.
Осмони давлатам бошад ба Чини ишқ пок,
Месазад, гар ҳамчу Хоқон сиккаи давлат занам.
Ман гадои даргаҳи Ҳаққам, бимон то бар фалак
Давлати Ҳақро ба шоҳӣ панҷ гаҳ навбат занам.
Ҳон, матарс аз чашми бадбинон, ки Ҳаққам ҳофиз аст,
Сояи лутфи Худоро рояти шавкат занам.
Ман чу худ айни камолам, бим аз айнулкамол
Кай кунам? Дар чашми бадбинон ман роят занам.

Оятуллоҳам, чу созам ояти худ ошкор,
Рояти насрун миналлоҳе[1] аз ин оят занам.
Ту маро гӯйӣ: – магӯ, Ҳаққам ба дил гӯяд: – бигӯ,
Пас бигӯям в-аз ту бар рух латмаи хиҷлат занам.
Тӯтии Ҳинди висоли ишқи Яздонам, на зоғ,
Булбули гулзори Ҳаққам, нағмаи ваҳдат занам.
Ман Сулаймони замони хешаму бар пушти бод
Бар бисоти девхӯён пой аз ин ҳишмат занам.
Дар ҳамин тифлӣ зи оёти бузурги доварам,
Бар сари Арши ҳақиқат курсии сарват занам.
Шоҳи вақти хешаму дарвеши султони азал,
Бо гадоӣ бар Сурайё байрақи ҳиммат занам.
Омадам сад бору рафтам ин сафар Мансурвор,
Наъраи «инно аналҳақ» дар ҳама миллат занам.
Ғарқаи дарёи Ҳаққам, ман наҳанги қудратам,
Хешро бар оламе танҳо аз ин ваҳдат занам.
Ман шаҳоби чархи ҷонам, то ба заръи шаръи пок
Жола борам, хешро бар қулзуми раҳмат занам.
Оташамро Ҳақ кунад бардансаломан[2] чун Халил,
Дар бари Намрудхӯён чун дам аз ҳолат занам.
Хоҷатам набвад ба ёвар, Ҳақ маро ёвар бувад.
Дар диёри сарварӣ чун санҷақи нусрат занам.
Ҷабраили ваҳйро чун Даҳяи Калбӣ ба чашм
Бингарам, то дам зи меҳри Аҳмаду итрат занам.
Вақт бегоҳ аст, Лоҳутӣ, зи гуфтан шав хамӯш,
Фурсате, то нусрататро бар фалак роят занам.

## БАҲОИ ХУН

Ман бад-ин нестӣ аз ишқи ту ҳастӣ талабам,
Хизри вақти худу Искандари зарринсалабам.

1. Ишора бар ояи 13, сураи Саф.
2. Ишора ба ояи 69, сураи Анбиё.

Тоири гулшани қудсам, ки дар ин дори фано
Дил пур аз замзама мебошаду хомӯш лабам,
Манам он нахл, ки деҳқону суманзори вуҷуд
Ком ширин кунад аз шаккару шаҳди рутабам.
Наям аз анҷумани деву дадон, гар бинӣ,
Айни инсонаму аз мардуми волонасабам.
Хуни ман ғозаи рухсори шаҳидон гардад,
Чун бидонанд, ки аз аҳли балову карабам.
Хуни ман резиву гӯйӣ, ки баҳори ту манам,
Аҷаб ин аст, ки аз кори ту бас дар аҷабам.
Ошиқи хаставу аз хайли назарбозонам,
Исмати ишқ гувоҳ аст, ки некӯҳасабам.
Тифламу бо қадаме роҳи абад паймоям,
Воқиф аз марҳалаи ишқ ваҷаб дар ваҷабам.
Раҳрави кишвари тавҳидаму чун Лоҳутӣ
Масти лабрези Худо ҷумлаи ирқу насабам.

## ИСМИ АЪЗАМ

Баъд аз ин бар сари гардун алами ишқ занам,
Хайма дар сатҳи замин бо ҳашами ишқ занам.
Бош, то он ки ба фарқи фалаку тоҷи малак
Бо кулаҳгӯшаи пашмин қадами ишқ занам.
Тифли ин роҳаму бо ҳашмати осафҷоҳӣ,
Пой бар курсии Ҷам аз карами ишқ занам.
Фахрам аз давлати фақр асту ба авранги ҷалол
Сиккаи подшаҳӣ дар дирами ишқ занам.
Тифлам, аммо зи бузургони ҷаҳони шарафам,
Дар тариқи алавӣ худ ба ями ишқ занам.
Соқии чашмаи тавҳидаму аз каъси кором
Ба лаби ташнаи аҳбоб нами ишқ занам.

Ба сари хони бало аҳли валоро пас аз ин
Ман салои азамат бар ниами ишқ занам.
Болафшон зи ҳарамхонаи қудс омадаам,
То паре хуш ба фазои ҳарами ишқ занам.
Ман на онам, ки бинолам зи ҷафои ту чу най,
Ба ҷигар тири ҷафову ситами ишқ занам.
Исми аъзам чу нигори дили хунини ман аст,
З-он ҳаме бар вараќи ҷон рақами ишқ занам.
Худ ба носутаму Лоҳутиям аз ӯст лақаб,
Бесабаб нест, ки пайваста дами ишқ занам.

## ХУНИ СИЁВУШ

Ман, ки чун дег дар оташ ҳама дар ҷӯши туам,
Аз майи ҷоми фано волаву мадҳуши туам.
Раҳбари роҳравони ҳарами лоҳутам,
Бонги тавҳид баровардаву човуши туам.
Дӯш дар базми ту хӯрдам май, то субҳ омад,
Масти лояъқилу шайдо зи майи дӯши туам.
Баъд аз ин ҳеҷ парешон накунам хотири ҷамъ,
Ман, ки чун зулфи ту пайваста дар оғӯши туам.
Гар хамӯшам ба ҳузури ту, аз ин рӯй бувад,
Ки асири нигаҳи наргиси хомӯши туам.
Нафси Ҷолути манаш нест ҳарифам гаҳи разм,
Марди майдонаму Довуди зиреҳпӯши туам.
Рустамосо бигузар бар сари хокам паси марг,
Ҷӯшиши хуни маро бин, ки Сиёвуши туам.
Наситонам майи Кавсар зи кафи ҳури қусур,
То ки масти лаби майгуни қадаҳнӯши туам.
Дили Лоҳутӣ агар дегсифат ҷӯш занад,
Кам мабод аз тафи ишқи ту, ки дар ҷӯши туам.

## БЕУМЕД

Ишқ омаду кард ҷо ба ҷонам,
Зад шуъла ба мағзи устухонам.
Бас кун ба дилам ситам, ки дигар
Ман зинда зи ҷаври ту намонам.
Он фитна, ки буд, к-аз нигоҳе
Кард аз кафи дил бурун инонам.
Сӯзонд ба оташи муҳаббат
Ҳушу дилу тоқату тавонам.
Ку дил, ки ба ҳаҷри ӯ кунад сабр,
Маъзур бидор, ман на онам.
Вайронанишин чӣ ҳол дорад?
Аз фурқати дӯст ман чунонам,
Чашмаш ба карашма бурд динам,
Ҳолист ба фикри ҷисму ҷонам.
Кай ҳаст ба зиндагӣ умедам,
Дардат чу намедиҳад амонам.
Ҳар фитна, ки ҳаст дар замона,
Лоҳутӣ, аз ӯ бувад ба ҷонам.

## САНГУ САБӮ

Дили шикастаи ман дар шиканҷи турраи ӯст,
Амонатест, ки биспурдаам ба ҳазрати дӯст.
Шабе ба хоки дараш бӯса мезадам дар хоб,
Гузашт умру ҳанӯзам машом ғолиябӯст.
Зи чоки пираҳани хуш гирифт дастам бӯ,
Магар, ки меваи сарви қади ту дастанбӯст.
Ба мухлисони худ, эй дӯст, кас ҷафо накунад,
Туро ба ёри вафопеша ҷавр одату хӯст.

Машав зи арбадаҷӯиш тангдил ҳаргиз,
Ки масти бодаи ҳусну ғурур арбадаҷӯст.
Асири ишқ ба маъшуқ хурда кай гирад?
Бикун, ҳар он чи тавонӣ, ба мо бади ту накӯст.
Ман он наям, ки зи ҷаври ту рӯ бигардонам,
Ҳазор бор чу мағзам агар кашӣ аз пӯст.
Магӯй нуктаи ирфон ба зоҳиди худбин,
Ту аз аҳолии турк, ӯ зи мардуми ҳиндуст.
Сабур мондани бе рӯйи дӯст, Лоҳутӣ,
Ба назди ошиқи содиқ ҳадиси сангу сабӯст.

## ИЛОҶИ ИШҚ

Зи васли ёр даме комёб мебинам,
Хаёл мекунам ин, ё ба хоб мебинам.
Ту хок бинию ман хоки пок менигарам,
Ту зарра биниву ман офтоб мебинам.
Ҳубобро ту ба рӯйи муҳит биниву ман
Муҳитро ба миёни ҳубоб мебинам.
Даруни пардаи ғайбӣ агарчи маҳҷуб аст,
Манам ба дидаи дил беҳиҷоб мебинам.
Ҳузури қалб надорӣ, ки бо ту арза диҳам,
Ки ман муойинааш дар ғиёб мебинам.
Чу моҳиям, ки бувад зиндагониям дар об,
На хештан ба сифат айни об мебинам.
Ҳадиси қидмати ӯро ба чашми ибрат бин,
Зи шеру мӯру зи пилу зубоб мебинам.
Маризи ишқ нахоҳад табиб, бода биёр,
Давои дарди чунинро шароб мебинам.
Ба дидаи малакутӣ ба сони Лоҳутӣ,
Ҳақиқати башарӣ дар туроб мебинам.

## ШУЪЛАИ МУҲАББАТ

Мо ҷо ба кӯйи ишқи нигоре гирифтаем
В-аз хуни дил ба панҷа нигоре гирифтаем.
Дар манҷаниқи сабр нишастем солҳо,
Ҳолӣ зи лавми ишқ ҳисоре гирифтаем.
Бо шуълаи муҳаббати ӯ кардаем хӯ,
Манзил самандарона ба норе гирифтаем.
Бо ишқи шерпанҷа дучорему хушдилем,
Ҷон шуъла кардаему шикоре гирифтаем.
Нақди равон супурдаву аз хоки пойи дӯст
Баҳри зиёи дида ғуборе гирифтаем.
Мо аз ҷаҳону ҳар чи дар ӯ, по кашидаем,
Дасти талаб ба домани ёре гирифтаем.
Аз ҷон канора ҷӯставу андар канори хеш
Шамшоди қадди моҳузоре гирифтаем.
Тай карда раҳ пиёдаву дар кӯйи иштиёқ
Биншаставу камини саворе гирифтаем.
Лоҳутӣ, аз замона маяндеш, з-он ки мо
Дар зинҳори ишқ қароре гирифтаем.

## ОФТОБ ДАР ШАБ

Хаёл мекунам ин, ё ки хоб мебинам,
Ки дар сиёҳии шаб офтоб мебинам.
Магар ки рух бинамуд он нигори шаҳрошӯб,
Ки шӯру ғулғула дар шайху шоб мебинам.
Чаро ниҳам ба ҷаҳон дил дар ин сипанҷӣ сарой,
Ки дар бинои ҷаҳон инқилоб мебинам.
Ба ҷурми хуни Сиёвуш мушти хокеро
Ба косаи сари Афросиёб мебинам.
Зи нори ишқу зи сели сиришк худро ман
Гаҳе дар оташу гоҳе дар об мебинам.

Дилам, ки маҳбити ваҳйу сурӯш мебошад,
Зи неши тешаи меҳнат хароб мебинам.
Бирез хуни маро аз гуноҳу бим макун,
Ки ман гуноҳи чунинро савоб мебинам.
Таборакаллаҳ, к-аз хуни поки Лоҳутӣ
Туро ду дасти булӯрин хизоб мебинам.

## БА СӮЙИ ТУ

Манам, ки бастаи гесӯйи мушкбӯйи ту бошам,
Асири ғамзаи ҷодуйи ҷангҷӯйи ту бошам.
Дар он нафас, ки равонам видои ҷисм намояд,
Дар орзуи нигоҳе ба моҳи рӯйи ту бошам.
Раҳиқи чашмаи Кавсар зи дасти ҳур нахоҳам,
Манам, ки ташналаби бодаи сабӯйи ту бошам!
Ба сокинони саропардаи ҷалол нанозам,
Агар надими саги посбони кӯйи ту бошам.
Ба зери ҳар буни мӯ хоҳам аз Худой забоне,
Ки бо тамомии аъзо ба гуфтугӯйи ту бошам.
Агар ки халқи ду олам шаванд Юсуфи мисрӣ,
Назар зи ҷумла бипӯшам, ба ҷустуҷӯйи ту бошам.
Зи қайду банди ҷаҳоне канор ҷустаму растам,
Аз он замон, ки асири шиканҷи мӯйи ту бошам.
Гирифтам аз ҳама дурӣ, хабар зи хеш надорам,
Ки маҳви гардиши чашму рухи накӯйи ту бошам.
Агар ту пӯст чу Лоҳутиям зи ҷисм барорӣ,
Ба ҳеҷ сӯ накунам рӯ, ки ман ба сӯйи ту бошам.

## ХАТИ ОЗОДАГӢ

То ки шӯре ба сар аз он лаби ширин дорам,
Кофирам, гар хабар аз ҷону дилу дин дорам.

Хати озодагиям дод зи девони азал,
Ман, ки дил бастаи он турраи пурчин дорам.
Ҳама шаб то саҳар, эй моҳ, ман аз гавҳари ашк,
Осмоне ба ҷабин пурмаҳу парвин дорам.
То дилам шефтаи силсилаи мӯйи ту шуд,
Кай дигар майли тамошои раёҳин дорам.
Ҷон кунам пешкаши дарду нахоҳам дармон,
То табибе чу ту биншаста ба болин дорам,
Накашам даст чаро аз дилу по аз сару ҷон,
Ман, ки сарпанҷа бад-он панҷаи симин дорам.
Тойири боғи туам, бим зи сайёдам нест,
З-он ки маскан ба нишемангаҳи шоҳин дорам.
Чӣ кунам кашфи каромат, ки ман аз сари сидқ
Ҳирзи бозуи дил аз муъҷизи Ёсин дорам,
Ҳамчу Лоҳутии шайдо задаам соғари ишқ,
Ки бари пири муғон ин ҳама тамкин дорам.

## ҲАЁТИ АБАДӢ

Куҷо таматтуъе аз он ҳаёт мебинам,
Ки ман ҳаёти абад дар мамот мебинам.
Зи ишқи дӯст бароте зи лаҳви дил дорам,
Наҷоти ҳарду ҷаҳон з-он барот мебинам,
Ба чашми дил чу назар мекунам, ҷамоли туро
Аён зи ойинаи коинот мебинам.
Ниҳон наяст, ки ман ошкор аз шаш сӯ
Фурӯғи ҷилваи он покзот мебинам.
Гирифта шаш ҷиҳату чор рукни оламро
Барӣ агарчи, манаш аз ҷиҳот мебинам.
Ту дар Фурот набинӣ ҷуз обу ман доим
Фуроти дигаре андар Фурот мебинам.
Ту айни зулматӣ, аз хеш кай хабар дорӣ,
Ки ман ба зулмат айнулҳаёт мебинам.

Чу оби ҳайавон дорам сифоти зиндадилӣ,
Аз он ки зоти туро аз сифот мебинам.
Туро ба дидаи ҳақбину чашми Лоҳутӣ
Падид аз ҳараму Суманот мебинам.

## ЮСУФ

Шабе гар зулфи он моҳи шакарлабро ба даст орам,
Ба пойи ӯ равон бахшам, на сар монад, на дасторам.
Парастори туам, к-ин сон ба нори ишқ месӯзам,
Тафаққуд кун, бигӯ, охир, чӣ омад бар парасторам?
Сақокаллаҳ, бидеҳ, соқӣ, лаболаб аз майам ҷоме,
Ки аз рози ҳувийят бе муҳобо парда бардорам.
На чуғзам ман, ҳумои парфишони гулшани қудсам,
Ду оламро ба сони байзае дар зери пар дорам.
Фурӯшандам агар Юсуфсифат ихвон ба маъдуде,
Ба Мисри ҷон ба нақди васл Ҳақ бошад харидорам.
Ҳазоровои дастонсози боғи васли лорайбам,
Бубинӣ з-ин қафас охир дар он фархунда гулзорам.
Туро бошад биҳишту ҷӯйи шир, эй зоҳиди худбин,
Ки ман аз бодаи васлаш дар он ҷо маҳви дидорам.
Ҳаромам бод ноби ишқ аз дасти булӯринаш,
Зи ҳасту нест ҷуз васлаш, ба чизе гар назар дорам.
Чаро ҳар дам нанозам з-ин шараф бар олами ҳастӣ,
Ки чун Лоҳутӣ охир ҷон ба пойи дӯст биспорам.

## ДОМАНИ ПОК

Нест дар даҳр чу ту ёри саҳиболое,
Дар ҳама шаҳр набошад чу ту маҳсимое.
То асири ту шудам, дар ду ҷаҳон озодам,
Бандаи ишқ надорад ба ҷуз ин савдое.

Нест чун хадди ту дар гулшани айём суман,
Нест чун қадди ту бар боғи ҷаҳон тӯбое.
Додаам ҷон ба баҳои ғами ишқу хиҷилам,
З-он ки ҷон нест сазовори чунин зебое.
Сокини кӯйи ту ҳаргиз накунад майли биҳишт,
Хуштар аз кӯйи ту дигар набувад маъвое.
Чун задӣ теғ, бикаш по зи сари куштаи ман,
Домани пок мабодо, ки ба хун олоӣ.
То ки ишқи ту, санам, дод бар ӯ машйи ҷунун,
Хамчу Лоҳутии бедил набувад шайдое.

## ДАР КИШВАРИ ОЗОДӢ

Ҳар кас ба касе ошиқ, ман моили ҷононам,
Меҳраш наравад аз дил, гар он ки равад ҷонам.
Боз о зи дарам рӯзе, то нақди равону дил
Дар айни тиҳидастӣ дар пойи ту афшонам.
Эй ёри камонабрӯ, чашм аз ту намепӯшам,
Дар дида шавад пайкон, гар ҳар сари мижгонам.
Саҳл аст гирифтан дил аз ҷону ҷаҳон, аммо
Мумкин набувад, як дам рӯй аз ту бигардонам.
Дарюзагиятро ман ҳаргиз надиҳам аз каф,
Бахшанд ба султонӣ гар мулки ду кайҳонам.
Аз чанбари фармонат ҳаргиз накашам гардан,
Чун гӯй занӣ сад раҳ гар бо хами чавгонам.
Созам ба қазои ту, розӣ ба ризои ту,
Онро ки талабгорӣ, ман дар талаби онам.
Ҷавру ситамат, ҷоно, лутф аст ба ҷони ман,
Ошиқ наям, ар хезад аз ҷаври ту афғонам.
Эй суствафо, моро сахт аз назар афкандӣ,
Гар аҳд шикастӣ ту, ман бар сари паймонам.

З-он дам, ки шудам Маҷнун, некӯ сифате гӯянд
З-он Лайлии хиргоҳӣ дар реги биёбонам.
Ҳар кас ба раҳе пӯяд, дидори маҳе ҷӯяд,
Дар кишвари озодӣ ман бандаи Ҳайронам.
Ҳайроншаҳи соҳибдил, к-андар чамани маънӣ
Ӯро ба санохонӣ чун мурғи хушилҳонам.
Пири хирадам хонад устоди сухан, лекин
Дар мастабаи ишқам чун тифли дабистонам,
Ин бас шарафам бошад, к-андар бари аҳли дил
Машҳури ду кайҳонам, Лоҳутии ҷононам.

## ТОҶИ ХУРШЕД

Гар занад рӯзе дусад раҳ он камонабрӯ ба тирам,
Розиям, к-аз нӯги тираш ишқ ҷӯшад аз замирам.
То ки дар бандаш асирам, дар муҳаббат сарфарозам,
То ба домаш пойбандам, оламеро дастгирам.
Дар ҷаҳони маънӣ аз хосони даргоҳи Илоҳам,
Гар ба чашми аҳли сурат бепарастору ҳақирам.
То сиришт аз чашмаи иффат гиламро дасти қудрат,
Сад ҳазорон Мӯсии маънӣ баровард аз замирам.
Дар муҳаббат дида бастам ҳамчу бод аз ҳарду олам,
Не абас, дар кашфи маънӣ инчунин бинӣ басирам.
Гуфтамаш, эй шоҳи хубон, раҳмате бинмо ба ҳолам,
Пеш аз он, к-аз дурии он моҳи рухсорат бимирам.
Гуфт: – Раҳмат чист? Аз ҷойи дил он кам офарида,
Оҳани ҳиндӣ ниҳода дар бари ҳамчун ҳарирам,
Сар фуруд аз давлати ишқат наёрам бар ду олам,
По занам бар тоҷи хуршед, ар ту бошӣ дастгирам.
Дар либоси масканат аз тоҷи шоҳӣ ор дорам,
То чу Лоҳутӣ ба силки ҳирқапӯшони ҳақирам.

## РАҲОВАРД

Суроғи ёри чу моҳи дуҳафта мегардам,
Надидамаш, ки ду ҳафтаст, хаста мегардам.
Зи накди ҷон ба ту овардаам раҳоварде,
Агар қабули ҳузурат шавад раҳовардам.
Бад-ин умед диҳам ҷон, ки баъди хок шудан
Магар ки бод нишонад ба доманат гардам.
Ба домани ту нишонад ғубори ман гар бод,
Зи бӯйи нофаи ҷаъди ту наҳйи ҷон кардам.
Агар қабул кунам бе ҳузури дӯст биҳишт,
Махон ба маҳзари ушшоқ ҷуз ки номардам.
Маризи ишқаму пайдост ҳоли ранҷурам,
Зи ашки дидаи сурху зи чеҳраи зардам.
Зи по даромадаам сахт ҳамчу Лоҳутӣ,
Чу шуд фироқи ту, симинбадан, ҳамовардам.

## ҶОМИ БАЛО

То дар хароботи муғон мо лофи бадмастӣ задем,
Хуш пушти пойи нестӣ бар олами ҳастӣ задем.
Шайтонамон аз раҳ набурд, Иблисамон гумраҳ накард,
По дар раҳи девонагӣ дониставу дасте задем.
Моро макон дар Арш буд, боли малакмон фарш буд,
Аз тарки авлои падар хиргаҳ дар ин пастӣ задем.
Ҷоми бало рӯзи азал бар ҳар касе таклиф шуд,
Ин косаи лабрезро мо аз забардастӣ задем.
Аз фитнаи чашми ту дил то шуд ба зулфат мултаҷӣ,
Сад ҳалқа пеш аз мӯйи ту бар пойи ин бастӣ задем.
Ҳастӣ, ки аз шаҳват бувад, шоистаи лаънат бувад,
Лоҳутиё, беҳтар, ки мо оташ бар ин ҳастӣ задем.

## ҲАМЗАБОН

Аз китоби кухнаву нав ман намегӯям сухан,
Ҳақ кунад талқину Рӯҳулқудс мегӯяд ба ман.
Фаҳми гуфтори маро он орифи султон кунад,
К-аз Худо нуре бувад дар қалби ӯ партавфикан,
Ту найӣ аҳли басират, чашми ҳақбин боз кун,
То бубинӣ ошиқу маъшуқ дар як пираҳан.
Маҳрами асрори Аҳмад кас нашуд, илло Увайс,
Чун набуд соҳибдиле номӣ чу ӯ андар Қаран.
Хотири ман махзани асрори раббонӣ бувад,
Гавҳари ганҷу ҳидоят ҳаст дар вай мухтаран.
Ҳар дур(р)и розе, ки ман суфтам, агар соҳибдилӣ,
Дар миёни дурҷи хотир кун ниҳону дам мазан.
Ҳай, чӣ мегӯям? Ман он мурғам, ки дар гулзори қудс
Андалебони ҷинон буданд бо ман нағмазан.
Ман ҳумои парфишони ошёни ваҳдатам,
То чӣ шуд, к-уфтод сайрам ҳол бо зоғу заған?
Ҳамзабоне нест, Лоҳутӣ, бигӯ шарҳи фироқ,
Рӯбарӯ бо шоҳиди ишқ ар шудӣ дар анҷуман.

## СИНАИ СИНО

Кай зи мо пӯшида бошад рӯйи он ҷони ҷаҳон,
Ман ҳамебинам ҷамоли дилбарашро хону хон.
Гар надорӣ чашми ҳақбин, дам зи биноӣ мазан,
Кӯрчашмӣ то ба кай? Пайдост он ҷони ҷаҳон.
Ростӣ бишнав зи ман, чун кӯдаку девонаам,
Чашми дил бикшову бингар рӯйи он ороми ҷон.

Чун сароҳанги тариқи ишқи яздонӣ манам,
Бо ман о, гар сӯйи шаҳри ишқ хоҳӣ шуд равон.
Аз бузургонам раво набвад, ки хонӣ кӯдакам,
Сӯйи дорулмарзи ишқам раҳбари пиру ҷавон.
Заррае набвад, ки хуршеде набошад андар ӯ,
Гар накӯ бинӣ ҳамоно дар макону ломакон.
Ман наям Мӯсо, вале Мӯсосифат дар Тури дил
Ҷилваи нури таҷаллиро басе дидам аён.
«Рабби арнӣ» гуфтам андар синаи Сино, бигуфт:
«Лан таронӣ»[1] баски мебошад шафиқу меҳрубон.
Рав, қадам мардона зан дар водии сайру сулук,
Ҳар чи Лоҳутӣ сарояд, фаҳм кун асрори он.

## ПАЙКИ ОҲ

Гар чунин дар ҳаҷри рӯят бигзарад айёми ман,
Дар ҷаҳон, тарсам, дигар боқӣ намонад номи ман.
Хун шуду тире нахӯрд аз мижжаи дилдӯзи ту,
То чӣ бад кард ин дили беҳосили нокоми ман.
Гаштам аз қайди ҷаҳон озод он рӯзе, ки шуд
Ҳалқаи зулфи ту дар роҳи муҳаббат доми ман.
Бурд аз оғози ишқ аз панҷаи сабрам зимом,
Менадонам, чун шавад з-он моҷаро анҷоми ман.
Наргиси масти ту ин сеҳр аз куҷо омӯхтаст,
К-аз нигоҳе бурд аз ман тоқату ороми ман.
Солҳо гаштам ба саҳрои ҷунун сайёдвор,
То ки он раъноғизоли боғи ҷон шуд роми ман.
Ҷон кунам монанди Лоҳутӣ нисори пайки оҳ,
Гар расонад сӯйи он зебосанам пайғоми ман.

1. Ишора аст ба ояи 14, сураи Аъроф: – Валмо ҷоҳи Мӯсо – ламиқотано.

## ФОНУСИ ТАН

Ман фурӯғи шамъи ҷонам андар ин фонуси тан,
Дар қафас чун тӯтии шаккаршикан дорам ватан.
Ҷони покам, то сароҳанги сипоҳи дил шавам,
Оқибат бар ин тани хокӣ бидаррам пираҳан.
Омадам, то корвонҳо сӯйи шаҳри ҷон барам,
Аз Худоям, бори дигар зӣ Худо хоҳам шудан.
Бо падар чун омадам аз манзили аслӣ бурун,
Оқам, ар роҷеъ нагардам сӯйи асли хештан.
Нури Яздонам, бад-ин деву дадонам нест рӯ,
Нури Яздон кай шавад сокин ба қалби Аҳриман?
Бош, то бинӣ, ки оламро кунам пуршӯри ишқ,
Пардаи маънию сурат чун кашам дар анҷуман.
Мекунад теғи забонам мункиронро қалъу қаъм,
Рост чун қамқому самсому шаҳи дин Булҳасан[1].
Мешавад баъд аз шаҳодат ғозаи рухсори ҳур,
Бигзарад чун ғайну сину шин[2] зи ҳиҷрат хуни ман.
Дар саропойи вуҷудам нест чизе ғайри ишқ,
Не зи носутам, ки Лоҳутӣ бихонад зулманан.

## КАБК ВА ШОҲИН

Ман шаҳиди роҳи ишқам, ин бувад ойини ман,
Ҷон нисори дӯст кун, ҳастӣ ту гар ҳамдини ман.
Сер дар ҷоми ҷаҳон бин, гар туро бошад ҳавас,
Кун назар бо чашми ҳақбин бар дили мискини ман.
Розиям, дар ҳар даме бахшам агар сад бор ҷон,
Вақти мурдан чун ту бошӣ бар сари болини ман.

1 Булҳасан – кунияи Имом Алӣ ибни Абӯтолиб.
2 Ғ, С, Ш – ба ҳисоби абҷад соли 1360 ҳиҷрии қамарӣ мешавад ва гӯё шоир марги худашро дар соли 1360 (1940 мелодї пешбинӣ кардааст).

Ту махонам мурда дар ҳангоми ғайну сину шин,
Оламеро зинда созад ғайну сину шини ман.
Меравам ман сурхрӯ аз хуни худ дар базми дӯст,
Мефиристад ғозае ин гуна бар Ширини ман.
Чангалу минқор рангин мекунад аз хуни хеш,
Эй шикорафкан, манам кабку туӣ шоҳини ман.
Хун шавад лаъли Бадахшону равон гардад ба хок,
Гар ҳадисе бишнавад аз чеҳраи рангини ман.
Ҳар ки бо ман меҳрубон шуд, Ҳақ шавад хушнуд аз ӯ,
Кина ҷӯяд аз Худо он кас, ки ҷӯяд кини ман.
Андалеби нағмасанҷи гулшани Лоҳутиям,
Ҳақ чунин алҳони некӯро кунад талқини ман.

## ДОМИ ГЕСӮ

Ба роҳам чидаӣ доме зи гесӯ,
Ки бошад холи мушкин донаи ӯ.
Чу дидам офтоби оразатро,
Гузидам роҳу расми дини ҳинду.
Нигоҳе кардиву бурдӣ зи дастам,
Дилу дину хирад бо чашми ҷоду.
Яқин кардам ба қатли худ, чу дидам,
Ба дасти турки мастат теғи абрӯ.
Задан кай метавонам панҷа бо ишқ,
Шикаста соиду ин зӯри бозу.
Гумони зиндагӣ бар худ надорад,
Чу дар чангол гунҷишк аст теҳу.
Дилам дар сина кай ором гирад,
Дарида ханҷари ишқам чу паҳлӯ.
Набинад дидаам ҷуз рӯйи хубат
Ба чор аркону ҳафт иқлиму шаш сӯ.

Ту аз ойинаи офоқ ҷуз дӯст,
Агар дидӣ, бигӯ бо ман куҷо, ку?
Ба ҷуз Яздон набинад чашми ҳақбин,
Худо пинҳон набошад аз Худоҷӯ.
Хуш аз рӯзе, ки чун Лоҳутӣ аз хеш
Бурун оям, ниҳам сӯйи Худо рӯ.

## МУРҒИ ҲАҚ

Ман мурғи ҳақам, нотиқаи ҳаққаму ҳақгӯ,
Ҳуҳу Ҳақу ҳуҳу Ҳақу ҳуҳу Ҳақу Ҳақ ҳу.
Ҷуз Ҳақ ба ҳама кавну макон ҳеҷ надидем,
Ту дидӣ агар, боз ба мо гӯй, ки ку, ку?
Дар ҳар чи бидидем, ба ғайр аз ту надидем,
Мо ҳарду ҷаҳонро нигаристем ба шаш сӯ.
Додем фаро гӯш чу дар олами маънӣ,
Ҷуз Ҳақ мутакаллим нашунидем ба ҳар сӯ.
Аз «Ҳақ-Ҳақу» «ҳу-ҳу», ки бувад зикр мудомам,
Ҳар лаҳза ба Аршам бирасад бонги ҳаёҳу.
Ҳақ бо ману ман бо Ҳақу дар кишвари ваҳдат
Раҳпӯяму ҳақгӯяму ҳақбинаму ҳақҷӯ.
Накди табақи ҳаққаму сarrофи ҳақиқат,
Зарри дағали халқ насанҷам ба тарозу.
Султони сафи ишқаму солори сипоҳам,
Чавгони кафи ҳаққаму дар паҳна занам гӯ.
Фахрам ба накуён бувад аз ҳусни худодод,
Не ҳусни ту дорам, ки бувад банд ба як мӯ.
Зинҳор макун панҷаи худ ранҷа ба размам,
К-аз қудрати Ҳаққам бувад ин қуввати бозу.
Лоҳутии ҳаққам, ки ба бустони худойӣ
Афрохтаам қомати раъно ба лаби ҷӯ.

## ДИЛИ БЕИШҚ

Ҳар касе, ишқу муҳаббат набувад дар дили ӯ,
Нест аз умр ба ҷуз меҳнату ғам ҳосили ӯ.
Ҳар ки шуд раҳбари пайдои ҳақиқат зи азал,
Бисириштанд зи саҳбои муҳаббат гили ӯ.
Воқиф аз сирри ҳақиқат нашуд он роҳраве,
Ки нашуд марҳамати пири муғон шомили ӯ.
Бувад аз сирри муҳаббат касе огоҳ, ки ҳаст
Гавҳари ганҷи ҳидоят ба дили қобили ӯ.
Аз дами ҳазрати Ҳайрон ба сарои азамат
Шамъи тавҳид шуд афрохта дар маҳфили ӯ.
Ҳар к аз дашти таҳайюр ба саломат бигузашт,
Ҳамчу Ҳайрон набувад ғайри Худо дар дили ӯ.
Ин Ҳасанисму Ҳасанрасм чу дар киштии ишқ
Ҷой бигзида, бувад баҳри фано соҳили ӯ.
Саййиди солеҳаш омӯхта чун зикри салоҳ,
Сари тавҳид кунад Рӯҳқудус нозили ӯ.
Чун дар ин боби каромат сари худро бисупурд,
Дар раҳи фикр шуд осон ҳамаи мушкили ӯ.
Саййидаш бурд ба меъроҷи фанофиллоҳӣ,
Чунки он восили Ҳақ бошаду ин восили ӯ.
Гарчи Лоҳутии мо тифли раҳи факр бувад,
Ҳамчу пирони тариқ аст, ки шуд муқбили ӯ.

## НӮШХАНД

Бепарда ҳар ки дид рухи дилписанди ӯ,
Аз ҷон ниҳод гардани тоат ба банди ӯ.
Мушкил, ки дасти кӯтаҳи мо дар ниёзи васл
Осон расад ба меваи сарви баланди ӯ.
Гулгун шавад зи хуни баданҳои чок-чок
Дар гоҳи пӯ ба сумми таковар саманди ӯ.

То чашми бад бад-ӯ нашавад коргар, бувад
Холи сиях ба чеҳраи ораз сипанди ӯ.
Созам нисори мақдами ӯ гавҳари равон,
Ин нақди камиёр шавад гар писанди ӯ.
Аз оби зиндагӣ накунад коми хушк тар,
Ҳар кас чашид шаҳди лаби нӯшханди ӯ.
Як шаҳри дил асири муҳаббат намудааст,
Ҳар тор-тори турраи мушкинкаманди ӯ.
Носеҳ ба тарки бода гарам панд медиҳад,
Ман гӯши истимоъ надорам ба панди ӯ.
Лоҳутиё, ба тири мижа хотират бихаст
Турке, ки дар мамолики дилҳо Хуҷанди ӯ.

## ДИЛБАРИ ЯГОНА

Нойӣ, бизан навое бо лаҳҷаи муғона,
Мутриб, бисоз ҷашне бо нағмаи чағона.
Роҳе бизан, ки шояд лахте муъоф дорам
Худро ба шодкомӣ аз печиши замона.
Бурдаст ҳушам имрӯз ранҷи хумор аз сар,
Соқӣ, биёр ҷоме з-он бодаи шабона.
Касро вуқуф набвад аз рози пардаи ғайб,
К-ӯро ба ком гардад даври замона ё на.
Мутриб, ба нағмаи чанг сар кун ҳадиси ишқе,
Бахшам магар тасаллӣ дилро бад-ин баҳона.
Қавлу ғазал биёро аз ҳусни нозанинон,
З-он рӯ, ки мастӣ орад гулбонги ин тарона.
Шарҳе зи ҳусни хубон баргӯ, ки пеши ошиқ
Ҷуз ин ҳадис бошад ҳар қиссае фасона.
Дар ошёнаи тан ҷуз холу зулфи он маҳ
Мурғи дили маро нест парво зи доми дона.
Лоҳутӣ, аз сару ҷон бигзар ба водии ишқ,
Ҷуз қатли ту нахоҳад он дилбари ягона

## ҶАМОНА

Хуни дили мискини маро ҳеҷ баҳо на,
Таъхир ба қатлам чӣ кунӣ, чист баҳона?
Аз хеш талаб матлаби худро, ки бидонӣ,
Эй хонахароб, аз чӣ давӣ хона ба хона?!
Тире, ки занӣ бар дили мо зан, на ба ағёр,
Ҳайф аст ба тири ту дили ғайр нишона.
Аз ҷиргаи ушшоқи ҷигархаста наёмад
Ошиқ чу мани сӯхта дар ҳеҷ замона.
Маҷнун зи мани сӯхта омӯхт муҳаббат,
К-ин сон ба чунин гашта ба айём фасона.
Аз ширку дуӣ хонаи дил дор мутаҳҳар,
Якбин шаву бин ҷилваи он ёри ягона.
Гар занги дуӣ з-ойинаи дил бизудоӣ,
Якто гуҳаре беш набинӣ ба хазона.
Оҳи дили мазлум шикофад сипари чарх,
Пайкони дуо рост нишонад ба нишона.
Дил Каъбаи тавҳиди Худованди ҷаҳон аст,
Бешойиба пайдост дар ӯ соҳиби хона.
Дил гулшани ишқ аст, дар он тоири вахдат
Бо нағмаи тавҳид бувад гарми тарона.
Лоҳутӣ, агар масти майи соғари ишқ аст,
З-он аст, ки хӯрд аз кафи дилдор ҷамона.

## ХУШТАР ЗИ ЗИНДАГОНӢ

Акнун ки боз дидам дидори ёри ҷонӣ,
Ғам нест, гар бигӯям падруд, зиндагонӣ!
Девонаи ту будан беҳтар зи ҳушёрӣ,
Пеши ту ҷон супурдан хуштар зи зиндагонӣ.
Дар ин дурӯза дунё бо дӯстон вафо кун,
Касро фалак надодаст чун умри ҷовидонӣ.

Моро чӣ ғам, ки фардо пешомади ҷаҳон чист,
Касро вуқуф набвад з-асрори осмонӣ.
Нафси данӣ раҳо кун, рӯ дар раҳи Худо кун
В-он гоҳ дар ду олам бинмой комронӣ.
Нозам ба кишвари ишқ, к-он ҷо ба пойи хидмат
Пайғамбарӣ бибахшанд дар аҷрати шубонӣ.
Лоҳутӣ аз сари шавқ ояд ба пойбӯсат,
Рӯзе, ки рахт бандад аз ин ҷаҳони фонӣ.

## БАРОИ ХИДМАТИ ЁР

Сар андар каф барои хидмати ёр омадам ин ҷо,
Кунам то шиква аз бедоди ағёр, омадам ин ҷо.
Гусастам аз ҷаҳон дилрову бо меҳри ту пайвастам,
Навозиш кун маро, чун ман ба зинҳор омадам ин ҷо.
Ситам кардаст бо ман чархи дун, эй додгар довар,
Диҳӣ то кайфари чархи ситамкор, омадам ин ҷо.
Фалак бишкаста пову канда болу баста минқорам,
Кунӣ то чораи ин дарди бисёр, омадам ин ҷо.
Шунидам азми хунхоҳӣ зи бадхоҳи ватан дорӣ,
Кунам то хуни худ дар роҳат исор, омадам ин ҷо.
Зи қайди душманон дар бораи Эрон хабар гаштам,
Кунам то бандагонатро хабардор, омадам ин ҷо.
Дар ин хидмат хатарҳо буд дар роҳам, валекин ман
Натарсидам зи банду маҳбасу дор, омадам ин ҷо.
Маро дар сина гавҳарҳост аз ганҷинаи дониш,
Туро дидам ба ганҷи худ харидор, омадам ин ҷо.
Барои хидматат паймони муҳкам бо Худо бастам,
Бигир, эй номвар, дастам, ки подор омадам ин ҷо.
Маро аз зоти ту ҷуз зоти ту набвад таманноe,
На аз баҳри ҷалолу мансабу кор омадам ин ҷо.
Ба Лоҳутӣ муҳаққақ шуд, ки аввалмарди эронӣ,
На аз рӯйи ҳаво беҳушу бедор омадам ин ҷо.

## ДАСТИ МАНУ ДОМОНИ ТУ

Эй азизи Мустафо, дасти ману домони ту,
Нури чашми Муртазо, дасти ману домони ту,
Шамъи базми анбиё, дасти ману домони ту,
Зинати Арши Худо, дасти ману домони ту,
Хомиси Оли або, дасти ману домони ту.

Эй меҳин оёти Ҳақ, эй ҳуҷҷати Раббулмаҷид,
Бар гунаҳкорон зи шафқат шофеъи явмулваҳид,
Ноумедам, эй Ҳусайну аз ту ман дорам умед,
Сайидӣ кун, деҳ наҷотам, риштаи тоқат бурид,
Киштии баҳри сахо, дасти ману домони ту.

Он ғубори даргаҳат бар дидаи дил тӯтиёст,
Турбати покат маризонро ба ҳар дарде шифост,
Оре, оре, Карбалоят чашмаи файзи Худост,
Салтанат дорад фақире, к-ӯ ба даргоҳат гадост,
Ҳам фақирам, ҳам гадо, дасти ману домони ту.

Шавқи дидори ту дар руъё маро девона кард,
Ончунон девонае, к-аз худ маро бегона кард,
Ошноям, эй аҷаб, бо ҷилваи ҷонона кард,
Партави меҳри рухат дар хонаи дил хона кард,
Шоҳидам ин муддаъо, дасти ману домони ту.

Дар замони кӯдакӣ хобу хаёле доштам,
Шӯри ишқат бар сару дар дил малоле доштам,
Парзанон, парвонасон бишкаста боле доштам,
Орзуи турбатат ҳар моҳу соле доштам,
Хостам аз ҷон туро, дасти ману домони ту.

Аз ҷавонӣ то ба пирӣ ғайри ту нашнохтам,
Ҳар ҳавои норавоиро зи сар андохтам,

Дар қимори ишқи ту он чи маро буд, бохтам,
Носазоҳо бас шунидам, сӯхтам, ҳам сохтам,
Худ, ки медонӣ чаро дасти ману домони ту.

Бо хаёли шамъи рӯят маҳфили ман равшан аст,
Ин дили вайронаам доим зи бӯят гулшан аст,
Ошиқонат он чиро бар дил бувад, бар доман аст,
Ин ҳама овозҳо аз ту бувад, кай аз ман аст?
Ҳамчу най дорам наво, дасти ману домони ту.

Ошиқам, девонаам, девонаи расво манам,
Шамъро парвонаам, парво на, бепарво манам,
З-ошёни дигарам в-аз ғайр ғамфарсо манам,
Сӯхтам, омӯхтам, бегона аз дунё манам,
Баҳри амвоҷи ато, дасти ману домони ту.

Ман ба ту дил бастаам, дасти Худо, дастам бигир,
Хаставу бишкастаам, дасти Худо, дастам бигир,
Бо ғамат пайвастаам, дасти Худо, дастам бигир,
Мунҷият донистаам, дасти Худо, дастам бигир,
Ғарқам андар ибтило, дасти ману домони ту.

Ошиқи вомондаам, баҳри Худоям вониҳед,
Шеваи ошиқкушӣ бечорагӣ орад падид,
Ҳар мунофиқ кай саиду ҳар мувофиқ кай палид,
Ин тааққул бас аҷибу ин таҳаввул бас баъид,
Канзи асрори Худо, дасти ману домони ту.

Банда, Лоҳутӣ, дуогӯву саногӯ ҷоннисор,
Бар азодорони ту бошам зи ҷон хидматгузор,
Ҳамди беҳад бар Худои қодири лайлу наҳор,
Солҳо бошад, ки бахшида ба ман ин ифтихор,
Бошамат навҳасаро, дасти ману домони ту.

## САБРИ ДОВАРӢ

Биё, дар Карбало маҳшар бубин, кингустарӣ бингар,
Назар кун дар ҳарими кибриё, ғайратгарӣ бингар.
Фурӯшанда Ҳусайну ҷинс ҳастӣ, муштарӣ Яздон,
Биё, коло бубин, бойеъ нигаҳ кун, муштарӣ бингар!
Ба фикри хайри уммат буд вақти марги фарзандаш,
Сипаҳсолории лашкар бубину раҳбарӣ бингар.
Зи беобӣ ба вақти марг ҳам Аббоси номовар
Хиҷил буд аз Сакина, ёдгори Ҳайдарӣ бингар.
Ба ҷойи об хун пошида шуд дар роҳ аз ғайрат,
Ба дасти ишқ фармондеҳ бубин, фармонбарӣ бингар.
Пайи ангуштарӣ бубрид ангушти шаҳи динро,
Ҷафои сорбон бину усули чокарӣ бингар.
Ба ҷойи шоҳи дин фармондеҳи хайли асирон шуд,
Мақоми зайнабӣ бину вафои хоҳарӣ бингар.
Барои гиря ҳам рухсат надоданд Оли Аҳмадро,
Мусалмонӣ нигаҳ кун, расми меҳмонпарварӣ бингар.
Худоро кушта буду[1] хунбаҳо медод мушти зар,
Бубин кори Язиди беҳаё, зиштахгарӣ бингар.
Худо маҳбуби худро ғарқа дар хун дид, Лоҳутӣ,
Накард ин даҳрро нобуд, сабри доварӣ бингар!

## СИТОИШИ ПИР

Ба ҳаққи сӯфии софизамири дурдошом,
Ки субҳи равшанам аз ғам сияҳтар аст зи шом.
Ба окифони муҳаббатшиори базми хавос,
Ки поймоли ҳалокам зи дастбурди авом.
Ба сирри синаи Ҳайрон, ки исми аъзами Ҳақ,
Вадиъа дода диламро барои зикр мудом.
Ба нуктае, ки зи килки банони ҳазрати ӯст,
Шудаст нақши замири мунирам аз айём,

[1] "Худоро кушта буду..." ишора ба ин гуфта аз зиёратномаҳо: "Ё соралloҳ ва ибн сора" – яъне, эй хуни Худо ва фарзанди хуни Худо.

Ки менихӣ зи шараф дар савомеъи малакут
Зи дастгирии ӯ пой бар сари аҷром.
Манам, ки солеҳи аъмоли саййиди хешам,
Ниҳам ба водии ҳайронӣ аз басират гом.
Чу тифли ноқаи Солеҳ[1] ба хунфишонии ман
Бародарони тариқам кашидаанд ҳусом.
Шараф надорам аз ин шеъру шоирӣ ҷуз нанг,
Маро, ки илми ладун мешавад зи Ҳақ илҳом.
Барои файзи ҳузури хавос мебошад,
Ки ранҷ мебарам аз ин авоми кал-анъом,
Бародарони тариқам раги ватин ҳастанд,
Каломашон ба дилам неш мезанад чу саҳом.
Яке сарояд Лоҳутиву чунин суханон,
Ки пай набурда ба дарки саноеъаш афҳом.
Яке бигӯяд: – ин ҳилакор Илҳомист,
Ки мерасад зи Сурӯшаш гаҳи сухан пайғом.
В-агарна тифле нопухтаву чунин гуфтор?
Раво набошад инсон зи навбулуғе хом!
Яке бигӯяд: – биллаҳ, агар, ки Илҳомист,
Сарояд ин суханон дар ҳазор соли тамом .
Падар, ки уммиву фарзанди ӯст уммитар,
На аз падар буваду аз писар чунин икром.
Зи бостон сухане куҳна нав ба нав хонанд,
Ба номи хешу зи шаҳдаш кунанд ширин ком.
Чунин сухан, ки бувад ҳамчу ваҳйи субҳонӣ,
Касе нагӯяд бе авни довари аллом.

Зи орифони қавим асту дар замони қадим,
Гирифтааст зи табъи салимашон анҷом.

---

1. Ноқаи Солеҳ – Солеҳ паёмбари Худо буд, ки аз миёни мардуми Самуд бархост ва шутури модае дошт, ки муъҷизаи паёмбарии ӯ буд ва бадкорон онро куштанд ва бачаи уштур сар ба кӯҳ ниҳоду нопадид гардид. Барои ин ҷиноят Худованди мутаъол қавми Самудро несту нобуд кард.

Шунидам он, ки дар он базми ҳазрати Ҳайрон,
Ки дар дилаш зи самоъи машийят аст қавом.
Ҷавоб дод, ки ғайр аз баёни Лоҳутӣ
Касе ба силки сухан инчунин надода низом.
Ба сидқи қавл ҷаноби вай аз сари тасдиқ
Суруд он, ки лақаб хозинаш бувад ба низом.
Ки ин сухан набувад ҷуз баёни Лоҳутӣ,
Ҷуз ӯ ҳар он, ки бувад, бозгӯ, чӣ дорад ном?
Дилам гирифта зи гуфтори ҳосидони ҷаҳул,
Бад-он сифат, ки дили тифл дар машимаи шом.
Агар ту аҳли дилӣ, ёд гиру дар амал ор,
Туро чӣ кор, ки аз кист ин хуҷаста калом?
Зи ҷаҳл нисбати кизбу ҷунун ба Ҳақ доданд,
На ман фузунам дар манзилат зи хайри аном.
Чу ғунча тангдилам, ҳамчу гул шукуфта шавам,
Агар ки соқии майхонаам бубахшад ҷом.
Биёр, соқии боқӣ ба тоқи абруйи дӯст,
Ки рӯзи базми ҳузур асту гоҳи шурби мудом.
Куҷост соқии маҷлис, ки укда бикшояд
Зи хотирам ба майи иштиёқу каъси кином?!
Ба ҷони дӯст, ки бе ёди дӯст наншинам,
Агарки пӯст зи мағзам кананд чун бодом.
Зи боғи аҳли басират касе шикор накард,
Ки сайди ваҳшии мардон ба кас нагардад ром.
Чаро набошам пайваста ҳамчу мурғи асир,
Ки холу зулфи туам гаштааст донаву дом.
Ба ашки мижжаи пири тариқи Ҳайронӣ,
Ки тар насозам бе дӯст зӣ оби ҳайвон ком.
Бигӯ ба маҳзари саййид, ки тифли содадиле
Зи ишқи пире афканда ташти худ аз бом.
Туӣ, ки ишқи ту аз хештан бурунам кард,
Тиҳӣ зи хешаму пур аз туам уруқу изом.
Худой донад аз ишқи саййидам он сон,
Ки хешро нашиносам зи ғайр дар айём.

Аё, ҷанобат шоҳи сарири кишвари дил,
Ҳазор олами ҷон ғайр аз ин ҷаҳонат ром.

Нагӯям он ки худоӣ, маро худовандӣ,
Ба ҷуз ту кас накунад хотири маро пидром.
Супурдаам ба ту худрову бознастонам,
Агар ки пӯст зи мағзам кананд чун бодом.
Ба хонақоҳи ту, к-он бартар аст дар маънӣ,
Зи базми хоси сурӯшони чархи минофом.
Чу дар ҳузури туам ҳамчу мурғи сидранишин,
Бувад мақомам дар арши довари аллом.
Равони ман, дили ман, дини ман, ду дидаи ман,
Зи туст равшан, эй саййиди накӯфарҷом.
Зи оби чашмаи айнулҳаёти сирри сулук
Ба чоҳи ташна басе додиям зи раъфат ҷом.
Тариқи кеши ту дорам, дигар чӣ арза диҳам,
Зудудиям зи дил ойини куфр з-ин ислом.
Пиёла аз ту гирифтам ба маҷлиси ваҳдат,
Зи хирқабозии ман чарх мегазад ибҳом.
Лабат чу аз лабани факр шаҳдзо гардид,
Ба айни тифлӣ пири тариқатам шуд ном.
Падар ба домани меҳри ту парвариш додам,
Чу зодаам ба валои ҷаноби ту аз мом.
Мунаввар аст дилам аз чароғи Ҳайронӣ,
Зи боди васваса ҳифзам кунад даҳу ду имом.
Агар ки бурқаи сайр аз ҷамоли дил бикашам,
Кунад ба дорам мансурвор ҷӯшиши ом.
Зи авни дӯст зи ҳар сӯ расад ба гӯши дилам
Ҳазор нуктаи маънӣ чу Орифи Бастом.
Ба зикри қалбӣ ман Шиблии замони худам,
Зи ҷоми ҳуббӣ ту мастам, на аз хавоси мудом.
Зи нори ишқи ту шуд сӯхта саропоям,
Зи пухтагӣ ба мани сӯхта кӣ гӯяд хом.

Зи шеъру шоириям мадҳи ту бувад мақсуд,
Дар ин тариқ бад-ин қасд мегузорам гом.
Чӣ фахр дорам аз шеър, ман, ки дар гаҳи сайр
Ба рӯҳи қудс қаринам гаҳи адои калом.
Руҷӯи хидмат бар окифони Арш кунам,
Агар туам бишуморӣ зи ҷумлаи худдом.
Ҳасад барад ба ман арчанд сифлаи кавдан,
Аҷаб набошад, ин аст расми шуғли лиом.
Ҳамеша то ки бувад фақр фахри аҳли сулук,
Туро ба курсии ирфон мақом бод мудом.
Расад зи файзи ту доим ба қалби Лоҳутӣ
Зи Ҷабраили ҳақиқат ба дини Ҳақ илҳом.

## ҲАСУД

Дилам, ки махзани асрори ҳубби бечун аст,
Зи тири таънаи инкори мункирон хун аст.
Куҷо ҷаҳули фузул ин сухан қабул кунад,
Ки дурҷи синаи ман ҷойи дурри макнун аст.
Китоби куҳна, к-аз ӯ нав ба нав сухан гӯям,
Маро саҳифаи авроқи қалб маҳзун аст.
Зи қудрати маликуларш ғофил аст ҳасуд,
Ки хотираш зи ғубори ҳасад дигаргун аст.
Дилам, ки рамзи муҳаббат нигори саҳфаи ӯст,
Тиҳӣ зи кинаву аз меҳри дӯст машҳун аст.
Нуҳуфта ганҷи ҳикам дар дилам машийяти Ҳақ,
Ки фаҳми он накунад, гар ҳама Фалотун аст.
Гудохт ҳастии ман аз азал зи шуълаи ишқ,
Ки аз шарори муҳаббат дилам чу конун аст.
Магир хурда ба хурдае, ки аз бузургонаш
Ба сина гавҳари асрори ишқ маҳзун аст.
Муайядам ба сухан карда лутфи Бор Худой,
Атийяи аҳадиро чӣ ҷойи мазмун аст?!

Ба ҷони дӯст, ки бо дӯсти туам, оре,
Равоқи манзили Лайлӣ равони Маҷнун аст.
Агарчи хурдам, аммо бузургманзалатам,
Мақоми пастам болои ҳафт гардун аст.
Биҷӯй дидаи ҳақбин, ки нек бишносӣ
Маро, ки бар суханам рӯзгор мафтун аст.
Суханшинос найӣ, в-арна шеъри Лоҳутӣ
Латифаест, ки бо шаҳди ишқ маъҷун аст.
Ба тарзи ман сухане кас нагуфта аз ин пеш
В-агар ки гуфта, ба хоки қиёс мадфун аст.
На ман зи гавҳари Илҳомиям, ки Рӯҳи қудс
Муаллимаш ба суханҳои нағз мавзун аст.
Падар, ки мулҳими ғайбаш ба дастёрии Ҳақ
Мадад кунад, бинигар, ҳоли пури он чун аст!
Куҷост бода, ки ғам хотирам фигор намуд,
Чу ғам фаро бирасад, ҷоми бода маймун аст.
Кунун, ки боғ бувад ҳамчу маҷлиси Парвиз,
Бисоти сабза беҳ аз маснади Фаридун аст.
Ба ёди бода, ки бунёди ғам барандозам,
Ки май давои ғами дарду ранҷи афзун аст.
Дилам зи лаъли лаби ёр бӯса металабад,
Ки ошиқ аз лаби дилбар ба бӯса маъзун аст.
Бигӯ ба маҳзари ҷонон, ки аз ҳимояти ту
Ба назди Мӯсии ишқам мақоми Ҳорун аст.
Ба дафъи мункари Лоҳутӣ аз мамолики ишқ
Бикаш сипоҳи зафар, навбати шабехун аст.
Китоби куҳнаи маро зи лутф нав фармо,
Ки аз инояти ту бандаи ту мамнун аст.
Худ ин муояна бинам, ки хоки кӯйи вафо
Зи хуни ноҳақи ман сурх чун табархун аст.
Ба меҳри дӯст халад хори марг дар ҷигарам,
Шаҳиди ишқаму чеҳрам ба ҳашр гулгун аст.
Ба даври хеш алифқадди гулшани ишқам,
Ки хам барам қади аҳли сулук чун нун аст.

Дилам, ки чашмаи тавҳиду манбаи файз аст,
Наме зи рашҳаи ӯ сад ҳазор Ҷайҳун аст.
Ба кӯдакӣ агарам масканат иҳота намуд,
На аз ситораи наҳс асту бахт ворун аст.
Қазо ба хурдиям он ҳиммати бузург бидод,
Ки тангнои бисоташ басити ҳомун аст.
Ба шаҳду шир сириштаст шаккарин ғазалам,
Вале ба коми ҳасудам ба таъми афюн аст.

## ДАР БАРИ ҶОНОН

Ҳар диле, к-аз партави Ҳақ мунҷалист,
Лоиқи манзилгаҳи Абдулалист.
Дар дили ошиқ дили дигар бувад,
Он дили дил ҷойи он дилбар бувад.
Ҳафт дарё дар дили ин дил гум аст,
Қулзум андар қулзум андар қулзум аст.
Дар дили дил бас аҷоибҳо бувад,
Пур зи асрору матолибҳо бувад.
Шаҳрҳо дорад бурун аз ҷазру мад,
Ки шумори он нагунҷад дар адад.
Худ ба ҳар шаҳре яке пиру валист,
Ҳукмрони ҷумлашон Абдулалист.
Эй ту шоҳи ҷону эй султони дил,
Эй зи ту ҳам дарду ҳам дармони дил.
Чун дилам бурдӣ, нигаҳдораш ту бош,
Чун бурид аз дигарон, ёраш ту бош!
Худ ту медонӣ, дилам аз ту пур аст,
Ин садаф оромгоҳи он дур(р) аст.
Ман зи по афтодаам, дастам бигир,
Нодимам аз кардаҳо узрам пазир.
Дар дили дил чун ту соҳибқудратӣ,
Бигзар аз раҳмат, бирафт ар ғафлате.

Дил ҳамехоҳад, ки васф афзун кунад,
Оҷиз аст аз шарҳи матлаб, чун кунад.
Сад ҳазорон роҳ дар мулки дил аст,
Таййи он бе илтифотат мушкил аст.
Роҳҳо пурваҳшату ман нобалад,
Гум кунам раҳ, гар ту нанмоӣ мадад.
Рафтани ин роҳ бас мушкил бувад,
Гар ту раҳмат оварӣ, осон шавад.
Дарди дил бисёр, эй Шоҳи Валист,
Лек дар пеши ту гуфтан ҷоҳилист.
Гарчи дил аз гуфтанаш шуд молмол,
Ман чӣ гӯям, чун ту донӣ шарҳи ҳол?!
Чун туро аз сирри дилҳо огаҳист,
Гуфтани ман дар ҳузурат аблаҳист.
Ин ману мо ҳам ба пешат з-аҳвалист,
Лек танг аст истилоҳу чора нест.
Дар бари ҷонон саропо гӯш беҳ,
Дил пур аз гуфтору лаб хомӯш беҳ.

## МАЗҲАБИ УШШОҚ

Гузашт аз сари нуҳ чарх бонги ё Рабби мо,
Дили чу санги ту воқиф нашуд зи матлаби мо.
Ҳадиси ишқи туро бар забон наёвардам,
Ки сирри ишқи туро нашнаванд аз лаби мо.
Тариқи ишқу муҳаббат шиори хосон аст,
Бурун зи машраби ом аст расму машраби мо.
Сипеҳр маҷлиси унс асту рӯйи дӯст қамар,
Сиришки дида зи шавқи ҳузур кавкаби мо.
Ба гарди мо нарасад Ҷабраили ақл, ки ҳаст
Буроқи ишқ ба меъроҷи сайр маркаби мо.
Муқими ҷаннати ишқам диҳад талеъаи меҳр,
Намуд касби зиё рӯзи қадр аз шаби мо.

Маризи ишқи ту ҳаргиз даво намехоҳад,
Табиби хастадилон аст, чашми пуртаби мо.
Сабақ зи лавҳи муҳаббат гирифтаем ба ишқ,
Ту гар зи аҳли сулукӣ, даро ба мактаби мо.
Ба хуни хеш бизан дасту по чу Лоҳутӣ,
Ки ҳаст куштани ушшоқ айни мазҳаби мо.

## ҶОМАИ ТАКФИР

Гардани таслим неҳ риштаи тақдирро,
Ҳосили бедонишист куштаи тадбирро.
Дасти ризо деҳ ба банд пеши каманди қазо,
Чора чу бечорагист бастаи тақдирро.
Фарри ҷавонӣ зи ишқ роҳ намояд ба дӯст,
Қувваи рафтор нест чун хиради пирро.
Боз нахоҳӣ агар монд зи раҳ, эй рафиқ,
Хоб зи ғафлат макун мавсими шабгирро.
Синаи бегонагон аз чӣ ҳадаф мекунӣ?
Сахткамоно, бизан бар дили мо тирро.
Баст ба зиндони ишқ то сари зулфи туам,
Бӯса занам ҳар замон ҳалқаи занҷирро.
Дар ҳарами ишқ, агар сайд ҳаром аст, чун
Тири ту шӯяд ба хун чеҳраи нахҷирро?
Хотири дилгир шуд хонаи тавҳиди Ҳақ,
Аз чӣ ту хун мекунӣ хотири дилгирро.
Ишқи ту гар кофирист, бандаи Лоҳутиям,
К-ӯ ба тан ороста ҷомаи такфирро.

## ГАНДУМИ ХОЛИ ТУ

Бикушо баҳри такаллум лаби чун марҷонро,
То намоем нисори қадамат мар ҷонро.

Кай тиҳидаст шавам з-он, ки ман аз гавҳари ашк
Ганҷҳо дораму лабрез кунам домонро.
Бо чунин нозукии табъ надонам, зи чӣ рӯ
Додаӣ ҷо ба ҳарири бари худ сандонро!
Ду ҷаҳон маҳви ҷамоли туву аз пайдоӣ
Карда пурҷилва ҷамоли ту ҳама кайҳонро.
Адли маҳз асту дар ӯ як сари мӯ нест ситам,
Гар бисӯзӣ зи ғазаб мустаҳақи ғуфронро.
Гандуми холи ту овард дар ин домгаҳаш,
Худ кунӣ кору ниҳӣ бар дигаре товонро?!
Кори худкарда пушаймонияш аз пай набувад,
Пок аз домани мо соз ту ин буҳтонро.
Морро ҳамсари товус чунон гардонӣ,
Дуздро тӯша диҳӣ, то ки барад имонро.
Кори ҳақро чӣ кунӣ чуну чаро, Лоҳутӣ?
Ту набинӣ ба чунин чашм магар нуқсонро?!

## ДУШМАНИ ҶОНӢ ЧАРО?!

Эй ғами ҷонона, пинҳон дар дилу ҷонӣ чаро?
Бо чунин давлат, дило, доим дар афғонӣ чаро?
Соҳиби ҷоми ҷаҳонбиниву миръоти яқин,
Пас, бад-ин ҷамъияти хотирпарешонӣ чаро?
Бо вуҷуди он ки дидӣ ҷилваи дидори дӯст,
Ашкбориро зи ғам чун абри найсонӣ чаро?
Бо баҳои ҷон харидам васлат, эй ороми ҷон,
Рӯй бинмо, аз чунин савдо пушаймонӣ чаро?
Офтобосо гирифта партави ҳуснат ҷаҳон,
Ошкоротар зи пайдоиву пинҳонӣ чаро?
Ҷумлагӣ ҷонӣ зи по то фарқу аз сар то қадам,
Эй саропо ҷон, надонам, душмани ҷонӣ чаро?
Гар на ганҷи сирри Ҳаққӣ дар харобободи тан,
Эй дили Лоҳутӣ, андар кунҷи вайронӣ чаро?

## ҶОМИ ЛАБРЕЗ

Соқиё, манмо дареғ аз мо майи гулфомро,
Май мусаффо мекунад риндони дурдошомро.
Сӯфии софидилам дар гӯши ҷон оё чӣ гуфт,
К-аз сарам бирбуд ақл, аз хотирам оломро.
Бандаи пири харроботам, ки хуш вораста кард
Аз ду олам хотири ҳамчун мане гумномро.
То чӣ шуд хосони ҳазратро, ки барпо кардаанд
Дар хароботи муғон ин растахези омро?!
То ба куллӣ аз худӣ холӣ шавам, соқӣ, зи меҳр,
Давр чун афтад ба ман, лабрез бинмо ҷомро.
Даври Маҷнун тай шуду ҳангоми Лайлӣ шуд куҳан,
Навбати шайдоӣ омад навраси нокомро.
Дам ғанимат дор, эй дил, чун зимоми ихтиёр
Бар кафи мо нест доим гардиши айёмро.
Оташи ҳайрониям афрӯхт Ҳайрон дар ҷигар,
Боракаллаҳ, пухта кард аз шуълае ин хомро.
Ҳамчу Лоҳутӣ маранҷ, ар носазое бишнавӣ,
Нӯш кун чун шаҳду шаккар шарбати дашномро.

## ОЙИНАИ ҒАЙБНАМО

Парда як сӯй биандоз аз он рӯй, Худоро,
Парда ҷоиз набувад ойинаи ғайбнаморо.
Паси сад парда ниҳониву аёнтар зи аёнӣ,
Кӯр он дида, ки бепарда надидаст шуморо.
Хонаи дил кунӣ ар пок зи олоиши ҳастӣ,
Фош бинанд дар ӯ ҷилваи рухсори Худоро.
Баски дил дар шикани турраи пурчини ту бошад,
Раҳ набошад ба хаму ҳалқаи ӯ боди сaборо.
Ҳар ки бемори ту бошад, накашад миннати дармон,
Дардманди ту ба олам набарад номи даворо.

Ту шаҳи кишвари ҳусниву мани хаста гадоям,
Чӣ шавад, гар бинавозӣ зи раҳи лутф гадоро?
Оби гул то бариву ҷилваи сарв аз сари мастӣ,
Рух барафрӯзу хиромон бикун он қадди расоро.
Маҳу хуршеди фалак дар назараш ҷилва надорад,
Ҳар ки як бор бидид он рухи ангуштнаморо.
Ҳамчу Лоҳутии мискин худӣ аз хеш бурун кун,
Гар ки ҷонон талабӣ, дур кун аз худ ману моро.

## ХИДМАТИ МАЙХОНА

Ашк бас меравад аз дидаи бехоб маро,
Бими он аст, ки имшаб бибарад об маро.
Хоб бо ёди висоли ту хаёлест муҳол,
Ёди рӯят нагузорад, ки барад хоб маро.
Накашам дар шаби дайҷур зи маҳ миннати нур,
Дида пурнур зи меҳрест ҷаҳонтоб маро.
Ба фалак ноз намоям, ки бувад бар дилу ҷон,
Махзани ишқи ту, эй гавҳари ноёб маро.
Шуд чу меҳроби ибодат хами абрӯйи туам,
Нест ҳоҷат пас аз ин ҳеч ба меҳроб маро.
Ҳам магар хоки маро бод зи кӯйи ту барад,
В-арна мумкин набувад дурӣ аз он боб маро.
Мекунам хидмати майхона, ки чун Лоҳутӣ
Майкашон ёд диҳанд аз карам одоб маро.

## ДАР РАҲИ СЕЛИ ФАНО

Фош гӯям, то супурдам дил ғами ҷононаро,
Дил зи каф додам ба ишқ он дилбари фарзонаро.
Рӯйи дил дорад ба сӯе, ҳар ки бинӣ дар ҷаҳон,
Сӯйи он бесӯст рӯйи дил мани девонаро.

З-он сабаб гардам ба гирди кӯйи ӯ ҳар субҳу шом,
То магар бар дида резам хоки он кошонаро.
Он қадар мастам зи ҷоми ишқу тоби бехудӣ,
Ки наёрам фарқ кард аз хештан бегонаро.
Нест уммеди ҳаётам, чун ба кӯйи нестӣ
Дар раҳи сели фано бунёд кардам хонаро.
Ҳимматаш, Лоҳутӣ, андар риштаи ҷон шуъла зад,
Шамъ зад оташ агар болу пари парвонаро.

## РОҲИ ХОНАИ РАҚИБ

Кӣ мебарад ба суйи ёри ман китеби маро,
Кӣ медиҳад хабар аз марги ман табиби маро?
Инони сабр зи дастам рабуд, то ишқаш
Гирифт хуни дилу дидагон рикеби маро.
Чаро наборам хуноби дил зи фурқати ӯ,
Ки рафту бурд ба ҳамроҳи худ шикеби маро.
Нишони тири маломат шавад ба муддати умр,
Ҳар он ки хӯрд хаданги ғами ҳабиби маро.
Ба пойбӯси сабо накди ҷон барафшонам,
Гар оварад хабари ёри дилфиребн маро.
Барои он ки кашад дарди ғайратам, аз ман
Кунад суол раҳи хонаи рақиби маро.
Гумонам ин ки шавад дилфусурда Лоҳутӣ,
Бубинад ар мижагони ба хун хизеби маро.

## САҶДА БА ХУРШЕД

Ошуфта макун турраи пурҳалқаву чинро,
Аз халқ нахоҳӣ бибарӣ гар дилу динро.
Аз рашк фитодӣ қалам аз панҷаи Монӣ,
З-он пеш бидидӣ агар он фарқу ҷабинро.

Лабташнаи ишқи ту диҳад ҷону зи ғайрат
Аз чашмаи ҳайвон начашад моъи маъинро.
Бо рӯйи ту ман гулшани фирдавс нахоҳам,
К-ин нузҳату хубӣ набувад хулди баринро.
Қомат бинамо, то ки қиёмат бинамоӣ,
Аз он қаду боло ҳамаи халқи заминро.
Кас менабарад роҳ ба ганҷинаи ҳуснат,
То турки камондори ту бигрифта каминро.
Ҳинду дигараш саҷда ба хуршед набошад,
Гар бингарад он моҳрухи зуҳраҷабинро.
Дурборӣ аз он лаъли лаб омӯхта дар ишқ,
Лоҳутӣ агар суфт чунин дурри саминро.

## ДАР КӮЙИ ХАРОБОТ

Майхона чӣ ҷоест, ки шуд бехабар он ҷо,
Афтод агар Рӯҳи аминро гузар он ҷо.
Сарманзили мақсуд, ки кас боз надонад,
Девона диламрост хаёли сафар он ҷо.
Аз кӯйи ту кас бознаёяд ба саломат,
Ҷон дод басе ошиқи хунинҷигар он ҷо.
То он ки бидонанд, манам ошиқи рӯят,
Бар рӯйи ту з-он рӯй накардам назар он ҷо.
Симурғ наёяд ба сари кӯйи муҳаббат,
Аз ҳам бикушояд магасе гар ду пар он ҷо.
Дардо, ки пас аз мурдани ман боди саборо
Раҳ нест, ки то ояду гӯяд хабар он ҷо.
Нозам ба харобот, ки камтар хидами ӯ
Аз фахр ниҳад пой ба тоҷи камар он ҷо.
Лоҳутӣ, агар аҳли дилӣ, рав, сафаре кун
Дар кӯйи харобот, ки набвад хатар он ҷо.

## ШИКОЯТ

Гар боядам бимонд зи ҷонони худ ҷудо,
Эй дил, ба сина хун шаву эй ҷон, зи тан дар о.
Он зулмҳо, ки бар ман аз ин чарх мерасад,
Биллоҳ, кӯҳ уфтад аз ҳайбаташ зи по.
Ҳар кас қарини ҳамдамею ёри дилбарест,
Танҳо манам асири дусад гуна ибтило.
Ёрон ҳама ба болиши нозанд муттакӣ,
Ман хишт зери сар ниҳам аз ҷойи муттако.
Ёрону ақрабо, ки намудандӣ ифтихор
Бар дигарон, ки бо ман ҳастанд ошно.
Фарсангҳо гурехта аз гуфтугӯйи ман
Монанди деви бехирад аз раҳмати Худо.
Душман накӯтар аст аз ин гуна дӯстон,
Ақраб ҳазор беҳтар аз ин гуна ақрабо.
Ё лилаҷаб! Чӣ шӯриши олист дар ҷаҳон,
Халқе тамом гумраҳу пайдо на раҳнамо.
Он як ба хуни дил лаби ноне кунад падид
В-ин як зи хуни ноҳақи мардум кунад ғизо.
Гар он муқаддас аст, дучори ситам чарост
В-ар ин муқассир аст, муҷозоти ин куҷо?
Инсон, ки бастааст ғараз чашму гӯши мо,
Лутфи Худо магар кунад ин дардро даво.
Душман ба хоки мамлакату мо ба хоби хуш,
Куффор гарми ҳамлаву мо рӯ ба қаҳқаро.
Ислом бемуину ватан дар хатар, вале
Мо, ғофилон, чу ҳайавон машғул дар чаро.
Хобему ғофилему харобему ҷоҳилем
В-ин дард бадтар, он ки накӯшем дар шифо.
Ё Мустафо, зи қабр баровар сару бубин
Исломро ба малҷаи куффор мубтало.
Дар маҳви муслимин шуда куффор муттаҳид,
Исломиён зи ғафлате аз якдигар ҷудо.

Ҷамъе ба хуфя коргари душманон шуданд,
Ҷамъе дигар зи дайн бикӯшанд бармало.
Як мушти миллати ту пайи ҳифзи ному нанг
Аз ҷон гузашта гарми ҷиҳоданд доимо.
Эрониёни бехирад аз ғафлати ғурур
На дар хаёли чора, на андешаи даво.
Ҳукми ҷиҳод фарз ба ҳар марди муъмин аст,
Кай муъмин аст, он ки бувад ёри ашқиё?

## ЗИНДОНӢ[1]

Худовандо, диламро равшан аз сидқу сафо бинмо,
Маро бегона кун аз халқу бо худ ошно бинмо.
Ғубори ҷурм миръоти диламро кард зулмонӣ,
Ба оби раҳмати худ пок ин занги хато бинмо.
Ҳидоят гар ту нанмоӣ, ба ҷаҳлу зиллатем андар,
Раҳи мардону поконро ба мо, эй раҳнамо, бинмо.
Қатили шаҳвати нафсему ғарқи маъсият, ё Раб,
Ба мо раҳме ба фарзанди шаҳиди Карбало бинмо.
Агар хоҳӣ ба Ҳақ мулҳақ шавӣ аз рӯйи сидқ, эй дил,
Бирав, домони Ҳайдар гиру оламро раҳо бинмо.
Ризои Ҳақ агар хоҳӣ, зи ёди ӯ машав ғофил,
Итоат бар имоми ҳаштумин, шоҳи Ризо бинмо.
Машав хориҷ зи дини Мустафову мазҳаби Ҷаъфар
В-аз ин ойину мазҳаб дар ду олам фахрҳо бинмо.
Ба дунё ҳар касеро дӯсте бошад, ту, Лоҳутӣ,
Ба ҳубби Қоими Олӣ – Муҳаммад иктифо бинмо.
Аё шоҳаншаҳи асру замон, эй ҳуҷҷати Яздон,
Бас аст, аз парда берун ою дарди мо даво бинмо.

1. Ин қитъаро Лоҳутӣ дар зиндони шаҳри Кирмоншоҳи Эрон сурудааст.

Бубин исломро танҳову бар мо куфр муставлӣ,
Ту аз домони дин дасти аҷонибро ҷудо бинмо.
Ғараз бастаст чашму гӯши моро, эй шаҳи даврон,
Илоҷи ин мараз аз мо ту, эй мушкилкушо, бинмо.
Ватан дар дасти куффор асту мо саргарми осоиш,
Ту худ ин дарди бедармони Эронро даво бинмо.
Ливои дин чу дар дасти низомуссалтанат додӣ,
Ту худ мансур бо куффораш, эй соҳибливо, бинмо.
В-агар бар ман наёрад раҳму дар ҳабсам нигаҳ дорад,
Бигӯ, Лоҳутии моро ба ҷони мо раҳо бинмо.

## АРМУҒОН

Эй сабо, баргӯ ба ойини адаб Мазлумро,
Он ҳақиқатпешаи донодили маъсумро,
К-эй дили пурнури ту ганҷинаву сирри қидам,
К-андар ӯ Ҳақ карда пинҳон гавҳари мактумро.
Ходими махдум Ҷибрили Амин, к-аз Ҳақ расид,
Файзҳои сармадӣ он ходими махдумро.
Каъбаи иқон зиёрат кардиву некӯ бидор
Поси ҳурмат тавфи даргоҳи шаҳи Мазлумро.
Чун шудӣ меҳмон ба хони неъмати тавфиқи Ҳақ,
Орифона шукр гӯ ин рӯзии мақсумро.
Файзи мутлақ аз каломуллоҳи нотиқ ёфт ӯ,
Дарки маънӣ кард ҷонаш нуктаи мавҳумро.
Нест Лоҳутӣ сазовори мадеҳи ҳазратат,
Домани мидҳат ба каф н-ояд чунин маҳрумро.
Ҳар касе орад баробар туҳфае дархурди хеш,
Ман нисор овардаам ин гавҳари манзумро.
Эй ҷанобат шуҳраи офоқу анфус дар улум,
Шуҳра кун з-ин манқабат ин абди номаълумро.

## ТАФОХУР

Маро, ки ҷазбаи хуршеди ғайб шуд ҷозиб,
Чӣ ғам, ки мункири ишқи ту хонадам козиб?!
Дукони маърифатамро матои сидқ бувад,
Ҳабиби Ҳаққаму дар савқи ростӣ косиб.
Зи чашми халқ гар ин кори мункирон набудӣ,
Имоми муфтаризу тоъа кай шудӣ ғоиб!
Ниҳон зи дида набошад, туаш намебинӣ,
В-агарна шамси ҳақиқат куҷо шавад ғориб.
Маро нахоста мағлуби Ҳақ, ту ҷаҳд макун,
Худост дар ҳама аҳвол бар ҳама ғолиб.
Расул соҳиру козиб набуд, хондандаш,
Ки неши ақраби ҷаррора нест ҷуз зориб.
Маро, ки чордаҳ нури муҷарраданд далел,
Ба гарди ман нарасад ҳеҷ маркаби рокиб.
Дилам, ки сирри Худоро чу лавҳи маҳфуз аст,
Хаташ зи хомаи сунъ асту Эзадаш котиб.
Вилояти Асадуллоҳ[1] дар сиришти ман аст,
Ки ин вазифа зи Ҳақ дораму наям ғосиб.
Итоати мани мазлумро ба кишвари ишқ
Худой хоста бар аҳли дил кунад воҷиб.
Ба рутба бартар аз Илҳомияст Лоҳутӣ,
Чунонки буд Алӣ бартар аз Абӯтолиб.

## ХУРӮШИ Ё РАБ!

Ман ҳеҷ надидаам ҷуз он лаб,
К-ин гуна кунад адои матлаб.
Дар сайри сарои лилмаъаллоҳ,
Мороcт буроқи ишқ маркаб.

1. Асадуллоҳ – Шери Худо, лақаби Алӣ ибни Абӯтолиб.

Лаббайк аз Арши дил нию̄шад,
Ориф чу кашад хурӯши ё Раб!
Шарманда касе, ки дар сафи ишқ
Ораз накунад зи хун мухаззаб.
Миръоти ҷамоли Ҳақ шавад дил,
Аз лавҳи хато чу шуд муҳаззаб.
Ҷуз ишқи ҷамоли бемисолаш
Ошиқ накунад қабули мазҳаб.
Набвад хабарам зи куфру имон,
То ишқи туам шудаст машраб.
Бо нақди равон туро харидам,
То рӯзи фироқро кунам шаб.
Сарсураи ишқро Худо хост,
Аз хуни гулӯи ман музаҳҳаб.
Лоҳутии мо ба даргаҳи ишқ
Аз бандагии ту шуд муқарраб.

## ШАҲРОШӮБ

Агар ду ёри шафиқанд толибу матлуб,
Чаро ба хуни ҳабибанд ташна он маҳбуб?
Биёрамад зи кӯшиш толиб ар ба сайри сулук,
Кашад ба ҷазбаи ишқаш ба хештан маслуб.
Якест зарраву хуршед, рав, муваҳҳид бош,
Дуӣ набошад дар байни ҷозибу маҷзуб.
Бигӯ башорате бо Юсуфи Азиз ба Миср,
Ки шуд сафед ба роҳи ту дидаи Яъқуб.
Шудам чу нури замингир ман бад-ин тифлӣ
Зи иштиёқи ту, эй дилрабои шаҳрошӯб.
Зи ҳар чи ҳаст, ту донӣ, ки чизи дигар нест,
Ба ғайри ишқи туам дар ҳиҷоби дил маҳҷуб.
Бузург ояти Ҳаққам, агарчи тифли раҳам,
Кӣ дида тифлу сухан гуфтане бад-ин услуб?

Зи лавҳи сода бикун фаҳм нуктаи мавҳум,
Ки нест ганҷи ниҳон ҷуз ба хонаи махруб.
Бад-ин хушам, ки ту аз хуни пок, Лоҳутӣ,
Ба роҳи хеш кунӣ дасти имтиҳон махзуб.

## ОҲУИ ШЕРШИКАН

Шамшер ба хунрезии абрӯйи шумо нест,
Занҷир ба дилбандии гесӯйи шумо нест.
Бо чашми ҳақиқат чу бидидем ба олам
Кас нест, ки доми дили ӯ мӯйи шумо нест.
Ҳар кас ба раҳе меравад аз баҳри наҷоте,
Сарманзили мақсуд ба ҷуз кӯйи шумо нест.
Дар бешаи ишқи азалӣ ҳеҷ надидем
Он шер, ки афтодаи оҳуи шумо нест.
Хуршед, ки машҳур ба ҳусн асту латофат,
Мақбултар аз талъати некӯйи шумо нест.
Моро набувад ҳеҷ ба шамшод ниёзе,
Шамшод ба ҷуз қомати дилҷӯйи шумо нест.
Шаҳрест барошуфтаву халқест пурошӯб,
Ин фитна ҷуз аз наргиси ҷодуйи шумо нест.
Он накҳати боди саҳару бӯйи раёҳин,
Албатта, фараҳхезтар аз бӯйи шумо нест.
Лоҳутии мискин набарад ҷон ба саломат,
Кас нест, ки ҷонбохтаи рӯйи шумо нест.

## МАНСУР

Дидаро дидори он ороми ҷон дастур нест
В-арна он рӯйи накӯ ҳеҷ аз назар мастур нест.
Гар ҳарими Каъба, гар дайри насоро, ғайри дӯст
Орифонро дар ду олам мақсуду манзур нест.

Боз кун гӯши ҳақиқат, то шиносӣ бонги ишқ,
Ҳар касе лофи «аналҳақ» мезанад, Мансур нест.
Ҷаҳд кун, то нури Ҳақ тобад ба Синои дилат,
Хонаи дил ҷойи Яздон аст, кам аз Тур нест.
Ҳар куҷо бинӣ, таҷҷаллигоҳи анвори Худост,
Дидае, к-ӯро набинад, фош дар вай нур нест.
Кай зи сирри ваҳдату рамзи муҳаббат огаҳ аст,
Ҳар ки аз саҳбои ишқи он санам махмур нест.
Моҳи ман гар парда бардорад зи рӯйи чун биҳишт,
Бо ҷамоли ӯ ҷаҳонро эҳтиёҷи нур нест.
Мебарад аз дил ғаму андӯҳ бо хулқи ҳасан,
Хотири ҳар кас, ки ӯ андар ҷаҳон масрур нест.
Маҳрами асрор гардад, ҳар ки шуд манзури дӯст,
Ту найӣ манзури ӯ, рав, рав, ки кори зӯр нест.
Он ки чун зеби баён созад қалам, дар пеши ӯ
Тири гардун ҷуз ғуломи хаставу маҳҷур нест.
Баски ишқи зотиву завқи ҷибиллӣ андар ӯст,
Хотираш як лаҳза бе ваҷду сараш бе шӯр нест,
Ҳар ки чун Лоҳутӣ аз ихлос ӯро банда шуд,
Дигар аз ранҷи замона хотираш ранҷур нест.

## БАР САРИ БОЗОРИ ДӮСТ

Эй дили пурхуни ман, эй маҳрами асрори дӯст,
Машриқи шамси ҳақиқат, матлаи анвори дӯст.
Эй китоби офариниш сатре аз авроқи ту,
Эй мунаққаш аз мидоди хомаи дарбори дӯст.
Эй муқаддас хонаи тавҳид, эй миръоти зот,
Эй падидор аз дару девори ту дидори дӯст.
Вом кардам дидаи ҳақбин ман аз хосони Ҳақ,
К-аз ту мебинам ҷамоли ҳазрату осори дӯст.

Ҳам ба чашми дил дар ин ойинаи тавҳид бин,
То бубинӣ фош дар вай ҷилваи рухсори дӯст.
Таъми шаҳди ишқ он донад, ки бо самъи ризо
Аз каломуллоҳи нотиқ бишнавад гуфтори дӯст.
Нақди ҷон бифрӯш, агар хоҳӣ матои ошиқӣ,
Пас пайи байъу широ шав бар сари бозори дӯст.
Аз лаби Мансур Ҳақ гӯяд «аналҳақ» в-арна кист
Ғайри Ҳақ, к-ин нағма созад бар фарози дори дӯст.
Дар раҳи фақру фано чанде қадам мардона зан,
То зи Лоҳутӣ бубинӣ шеваи рафтори дӯст.

## ҶОЙИ ЯЗДОН

Дилам, ки дар хами он зулфи анбарафшон аст,
Ба айни васл, надонам, чаро парешон аст?
Чаро, набошад ошуфта ҳоли он мискин,
Ки дар замона мақомаш ба коми суъбон аст.
Дили ғариби ман омад ба чини зулфи каҷат,
Азиз дор-ш, к-ин наврасида меҳмон аст.
Диле, ки дар сари зулфат гирифт гӯша зи халқ,
Шикастаҳол махонаш, ки ҷойи Яздон аст.
Ҳумоми равзаи қудс асту ошёнаи ишқ,
Ки шохи сунбули зулфи туро санохон аст.
Биёр май, ки зи ранҷи хумор беморам,
Бисоз руд, ки умри ҷаҳон на чандон аст.
Ҳарифаке ду-се ҳамдам, мусоҳибу сархуш,
Агар ки даст диҳад, беҳ зи ганҷи Қоъон аст.
Суроҳиву маю маҳбубу гӯшаи чамане,
Ҷамоли ҳуру шароби таҳуру ризвон аст.
Мабош ғарра ба моли замона, Лоҳутӣ,
Ки молро талаф асту замона вайрон аст.

## АРШИ ҲАҚИҚАТ

Қасам ба Арши ҳақиқат, ки қалби ҷонон аст,
Ки аз малоҳати ҳусни ту ақл ҳайрон аст.
Ба таййи Мисри ҳақиқат бузургтар хатаре
Ба роҳи Юсуфи дил он чаҳи занахдон аст.
Чӣ водӣ аст ҳақиқат, ки баҳри ҳифзи гала
Шуъайбро зи шарофат Калим чӯпон аст.
Ба шаҳри дил ману мо нест, чун накӯ бинӣ,
Дар ӯ шаҳаншаҳу дарвеш ҳар ду яксон аст.
Касе, ки тарки адаб карда дар тариқати мо,
Зи одамияти ӯ дил бишӯ, ки ҳайвон аст.
Худӣ зи ёд бибар, то ки хештан бинӣ,
Ҷамоли шоҳиди мақсуд аз ту пинҳон аст.
Ҳиҷоби хештанӣ хеш в-арна шоҳиди ғайб
Фиканда парда зи рухсораву намоён аст.
Агарчи тифлам, валекин зи юмни пири муғон,
Дилам ба мактаби ваҳдат муаллими ҷон аст.
Дарозии раҳи ҳиҷрон ба хеш кӯтаҳ соз,
Ба базми васл қадам неҳ, ки раҳ начандон аст.
Ҳадиси нуктаи мавҳумро зи ман бишнав,
Наояд он чи ба ваҳми хаёли кас, он аст.
Хушо даме, ки бигӯйӣ ба гӯши Лоҳутӣ,
Биё ба мақтали ушшоқ, вақти қурбон аст.

## НУРИ ДИЛ

Қатрае дидам, ки дар вай ҳафт дарё мудғам аст,
Ҳамчу ин олам ба ҳар кӯяш ҳазорон олам аст.
Ҷоми ҷам кардам қиёсаш, лек чун дидам дар ӯ
Ҷоми Ҷам аксе дар он бошад, на ӯ ҷоми Ҷам аст.
Дил набошад ғайри миръоти фурӯғи сармадӣ,
Боракаллаҳ, гар аз ин афзунтараш хонам, кам аст.

Ё санавбарқомати бустони сайри аҳли зикр,
Ҷӯйбораш дидаи сукკони Арши акрам аст.
Гоҳ мебошад санавбар, гоҳ гул, гаҳ лола аст,
Гоҳ бустоне, ки аз файзи Худояш шабнам аст.
Ҳар ки мақсуди худ аз худ дид, вораст аз худӣ,
Пеши ин шевосухан ҳарфи ду олам мубҳам аст.
Машъали роҳи ҳидоят нест ғайр аз нури дил,
Раҳравонро нури дил мишкоти лайли музлам аст.
Баски дар хурдӣ гирифтам домани марди бузург,
Балхи ваҳдатро сарам дорои тоҷи Адҳам аст.
Кӯдакам, аммо надими хилвати аҳли дилам,
Хурдаму ҷонам ба асрори бузургон маҳрам аст.
Нуктаи сарбастаро аз ман шунав, н-аз дигарон,
Хотирам чун аз сурӯши Аршу ваҳдат мулҳам аст.
Он чи аз килки баён Ҳайроншаҳам дар дил навишт,
Мулки ҷонам з-ӯ мусаххар шуд, ки Исми Аъзам аст.
Бо равони одамӣ, Лоҳутӣ, одам зинда аст,
Ҳар ки бо ин ҷон набошад, кай зи навъи Одам аст.

## ДАР ЗАНҶИРИ ДӮСТ

Сар ниҳодам ҳамчу сайди баста дар занҷири дӯст,
Роми дигар кас нагардам, чун шудам нахҷири дӯст.
Роҳ бахшандам агар рӯзе ба қурбонгоҳи ишқ,
Мардумакосо ниҳам дар дида ҷойи тири дӯст.
Дил бувад хилватсарои ҳазрати ғайбулғуюб,
Чашми ҳақбин ҷӯ, ки дар вай бингарад тасвири дӯст.
Чизи дигар ғайри ҷону дил басе бошад маро,
Хуш ниҳодам он дуро дар панҷаи тақдири дӯст.
Соиду сарпанҷа, гуфт, аз хуни ту рангин кунам,
То чӣ шуд дар куштани ман боиси таъхири дӯст.
Парда гар як дам барандозад зи рӯйи чун биҳишт,
Шуҳраи офоқ гардад ҳусни оламгири дӯст.

Гар насозӣ дур аз дил ёди он маҳбубро,
Менахоҳӣ рафт, Лоҳутӣ, даме аз вири дӯст.

## НУҚТА

Эй, ки меҳрат дар замири покбозон музмар аст,
Қомати гарданфарозон пеши ҳукмат чанбар аст.
Илм набвад ғайри илми ишқи оламсӯзи ту,
Махзани илми ладунро сирри ишқат гавҳар аст.
Илм бошад нуқтаву он нуқта бои бисмил аст,
Бисмили асли каломи нуқтаи бо масдар аст.
Ҳар чи ҳаст аз нуқта зоид, масдари кул бас Алист,
Фаҳм кун, ин илми ишқ асту баёни дигар аст.
Воқиф аз як нуктаи ин нуқта шуд Аҳмад ба Арш,
Ҳосили меъроҷи ӯ сайри мақоми Ҳайдар аст.
Ҳар набиро ӯ валии барҳақи мутлақ бувад,
То надонӣ ин вилоят аз нубувват бартар аст.
Эй фурӯғи шамси ҷон, к-андар либоси бандагӣ
Ҳар куҷо ҳастӣ ту, он ҷо ҷилвагоҳи довар аст.
Муддате шуд, к-аз ҷамолат дидаам шуд бенасиб,
То чӣ бад кардам, Худовандо, ки инам кайфар аст.
Гарчи Лоҳутӣ саре дар олами носут бурд,
Ин сарӣ машмор ӯро, чун зи аҳли он сар аст.

## АШКИ ФАРҲОД

Он, ки аз хуни дилам домани ӯ рангин аст,
Пас, чаро соиду сарпанҷаи ӯ симин аст?
Ҳар куҷо пойи диле бастаи занҷири ҷафост,
Кори он зулфи шикан дар шикани пурчин аст.
Куфр беҳтар зи мусалмонии бозуҳду риё,
Кофирӣ пеша кунам, гар раҳи ислом ин аст.

Охир, эй кабки хироманда, нишеман чӣ кунӣ?
Ба фазое, ки дар ӯ раҳгузари шоҳин аст?
Бе маҳи рӯйи ту шаб то саҳар аз гавҳари ашк
Хирмане дораму як хӯша аз ӯ Парвин аст.
Дил агар хонаи Ҳақ аст, дилором чаро
Бештар дар пайи озори дили мискин аст?
Мурданаш зиндагиву марг ҳаёт аст, ки дӯст
Мавсими додани ҷонаш ба сари болин аст.
Бесутунро бинигар, к-аз камари кӯҳ ҳанӯз
Ашки Фарҳод равон аз ситами Ширин аст.
Зод аз табъи ту ҳар бикри сухан, Лоҳутӣ,
Наварӯсест, ки ӯро ду ҷаҳон кобин аст.

## ЯКТО

Шамшодқадам ба боғ пӯёст,
Эй сарв, ситодани ту беҷост.
Он кист, ки аҳли оламеро
Чашмаш ба карашма дузди колост.
Аз фарти сабоҳату малоҳат
Бо ғӯраи наврасида ҳалвост.
Дил дар хами турраи баландаш
Чун мурғи асири риштабарпост.
Хубон ҳама чун Суҳову он маҳ
Дар торуми ҳусн беҳ зи байзост.
Он дил, ки асири ӯст имрӯз,
Биллоҳ, агар ба фикри фардост.
По то ба сар аз камоли хубӣ
З-олоиши ҳар бадӣ мубаррост.
Ман волаи он бутам, ки ҳуснаш
Ғоратгари сабри пиру барност.
Мислеш набаста ҳеҷ сурат,
Аз шубҳа муназзаҳ асту яктост.

Аз шоҳу гадой ӯст ҷуз ӯ
Аз меҳру тамоми халқ ҳарбост,
Лоҳутиву сабр дар ғами дӯст,
Бедил ба фироқ кай шикебост?

## ШАБИ ЯЛДО

Он орази чу моҳи ту ё меҳри анвар аст,
Ҷонам, ки ҳаст мулки хаёлат, мунаввар аст.
Он орази чу моҳи ту ё субҳи рӯзи қадр,
Он зулфи туст, ё шаби ялдои дигар аст?
Он шаб, ки бе ту бар мани маҳҷур бигзарад,
Як лаҳзааш баробари сад рӯзи маҳшар аст.
Қаҳр ар кунӣ, бикун, ки чи матбӯъу дилбарӣ,
Заҳр ар диҳӣ, бидеҳ, ки зи дасти ту шаккар аст.
Абрӯ туруш намекунад аз талху шӯри даҳр
Онро, ки айшу нӯши басе моҳпайкар аст.
Ғоиб найӣ ту, то ки суроғат кунам зи кас,
Пайваста рӯйи хуби туам дар баробар аст.
Ғайр аз ту кист, то ки кунад даъвии вуҷуд,
Ҳарзи вуҷуд пеши ту чун хоки маъбар аст.
Ҷуз дарди сар зи савмаъа ҳосил намешавад,
Моро ҳавои хонаи хаммор дар сар аст.
Ҳар ҷо вилоятест, дар он дастгоҳи ӯ,
Ҳар ҷо ҳикоятест, аз он хубманзар аст.
Обе ба хонақоҳи муғон аст, к-аз шараф
Оби ҳаёт дар бараш аз хок камтар аст.
Султони тахтгоҳи равониву шаҳри дил
Онӣ, ки кишвари дилу динат мусаххар аст,
Онро, ки ройи туст, киро дастрас бувад,
Он ҷо, ки ҷойи туст, на маъвои дигар аст.
То бар сари замона бизан, к-ат ба мулки ҳусн
Сарҳои сарварон ҳама чун хок бар дар аст.

Бо муддаъои хеш бикун кор, чун туро
Ҳар ч-он, ки дар замир бигунҷад, муяссар аст.
Лоҳутӣ аз ту ҳеҷ нахоҳад ба ғайри ту,
Инаш зи сарнавишти худоӣ муқаррар аст.

## ОРЗУ

Соқиё, иди Ғадир омад, шаробам орзуст,
Ишқ оташ дар дилам афканда, обам орзуст.
То шавад шавқи ҷунунам дар тариқи ишқи дӯст,
Торе аз он турраи пурпечутобам орзуст.
То наёзорам, набинӣ нози он нақди равон,
З-он парипайкар санам нозу итобам орзуст.
Хаймаи хотир тиҳӣ аз хешу пур аз меҳри дӯст,
Дар ями ишқу муҳаббат чун ҳубобам орзуст.
Навбаҳору иду тарфи боғу дилбар дар канор,
Майгусорӣ бо дафу чангу рубобам орзуст.
Соқии мо, май бидеҳ, ҷоме, ки аз лавси худӣ,
То ба куллӣ вораҳам, харқи ҳиҷобам орзуст.
Эй камонабрӯ, ба нӯги мижжа хунамро бирез,
Гӯ, диранг аз чист? Дар куштан шитобам орзуст.
Эй нигори мӯмиён, бингар ту бар ҳоли дилам,
Чеҳраву доман зи хуни худ хизобам орзуст.
То кунам ширин мазоқ аз шаҳди меҳри Муртазо,
Эй шакарлаб, бӯсае з-он лаъли нобам орзуст.
То миси қалби гуноҳамро кунад зарри савоб,
Заррае аз хоки пойи Бӯтуробам орзуст.
З-он арақ, к-андар гулат биншаста аз шарми ҳузур,
То кунам хушбӯ машоми ҷон, хизобам орзуст.
Он, ки гӯяд осмон то хоки роҳи ӯ шавам,
Нағмаи «ё лайтанӣ кунтутуробам»[1] орзуст.

---

1. Яъне "Эй кош, хок мебудам".

Чун Алӣ боби мадина -- илми пайғамбар бувад,
Аз чунин боби муборак фатҳи бобам орзуст.
Дар сафи маҳшар, ки ҷонҳо сӯзад аз бори азоб,
Раҳмате з-он шофеъи явмалҳисобам орзуст.
Он, ки гӯяд Мустафо баҳри ривоҷи шаръи хеш,
Нерую сарпанҷаи он шери ғобам орзуст.
То бубандам гардани таслим нафси хешро,
Аз валои урватулвусқо танобам орзуст.
Баҳри озодӣ зи доми ҳилаву макри замон
Аз лаби он шаҳ хитоби мустатобам орзуст.
Эй Алии олӣ, эй ҳамхобаи духти Расул,
Дурфишон табъе ба мадҳат чун саҳобам орзуст.
Бо валои ту, ки беҳтар мояи озодӣ аст,
Эй валии ҳай, раҳоӣ аз азобам орзуст.

## БУТИ ХУНРЕЗ

Касе, ки дилшудаи ишқи он ҷамоли накӯст,
Зи тоби оташи дил беқарортар аз мӯст.
Иродае накунад кушта дар тариқи наҷот,
Ки ҳар чи дӯст писандад, барои ӯ некӯст.
Аз он замон, ки бидидам бар офтоби рухат,
Маро ба кеши муҳаббат тариқаи ҳиндуст.
Зи худ мабин, агарат ғам в-агар нишот расад,
Ки ранҷу роҳат бинвиштаи машийяти ӯст.
Намози зоҳид бар Каъбаву шаман ба васан,
Намози ориф он сӯ бувад, ки он бесӯст.
Маро чу хонаи занбӯр рахнаҳо бар дил
Зи тири ғамзаи он луъбати камонабрӯст.
Бутест моили хунрезиям, ки аз сухане
Даруни дебаи чинӣ дилаш аз оҳану рӯст.
Зи тоқи поки гулистони ишқи ламязалӣ
Майе кашем, ки не дар хум асту не ба сабӯст.

Ба пеши қомати мавзуни ӯ намоз баранд,
Зи бас малоҳати он сарвҳо, ки дар лаби ҷӯст.
Бигӯ ба ҳазрати Ҳайрон, ки ҳайратам афзуд
Зи гиряе, ки туро субҳу шом одату хӯст.
Барои он ки зи мо қатъи файзи Ҳақ накунад,
Равон зи ҳар буни мижгону чашми ту Омуст.
Агар на чашмаи чашми ту манбаи файз аст,
Чу ҷӯйи раҳмат ба рӯйи ту равон зи чӣ рӯст?
Туро бидидам дар маҳфиле ба олами сайр,
Ки зикри қалбишон ло илоҳа иллоҳуст.
Бад-он сифат, ки туӣ, эй фурӯғи шамси азал,
Туро набинад чашме, ки андар он оҳуст.
Ту ҷурми роҳравонро зи лавҳи дил ҳама рӯз
Ба оби дида бишӯйӣ, ки чашмаи худрӯст.
Ба васфи хадди ту гӯяд сухан чу Лоҳутӣ,
Шамими дилкаши назмаш чу нофаи оҳуст.

## НАҒМАИ ИШҚ

Наврӯзи Аҷам омаду ҳангоми баҳор аст,
Имрӯз ба маҷлис майу маъшуқ ба кор аст.
Ман бе майу маъшуқ ҷаҳон ҳеч нахоҳам,
Моро ба ҷаҳон бе майу маъшуқ чӣ кор аст?
Мақсуди ман аз май набувад ҷуз карами пир,
Дарвеш куҷо дар талаби ҷоми уқор аст,
Бар сар ниҳам аз хоки раҳи ҳазрати Ҳайрон,
З-онам ба кулаҳгӯшаи хуршед фахор аст,
Куҳли басари аҳли назар гарди раҳи туст,
Иксири миси қалби ман он мушти ғубор аст.
Бар тоҷи маҳу меҳр гузорам зи шараф пой,
Дастам чу ба фитроки чунин шоҳсавор аст.
Ид асту пайи касбу шараф мо - фуқароро
Бо шоҳиди меҳрат ҳаваси бӯсу канор аст.

Гар шуд дилам ойинаи тавҳид, аҷаб нест,
Ин рутбатам аз марҳамати ойинадор аст.
Эй аҳли сафо, накди равон пешкаш оред,
Ид асту ба хоки дари ӯ вақти нисор аст.
Ман бар раҳи қурбоният, эй пок Халилам,
Сайди туам, эй дӯст, бикуш, вақти шикор аст.
Дар кӯйи муҳаббат ба раҳи ишқи ту, эй дӯст,
Хуррамдил аз онам, ки маро чеҳра нигор аст.
Рӯйи ту, ки афрӯхта чун Тури таҷаллӣ,
Он нури Калим аст, мапиндор, ки нор аст.
Дар боғи санои ту аз он баркашам оҳанг,
К-ин нағмаи ишқ аст, на гулбонги ҳазор аст.
Наврӯзи баҳори ту муборак шавад аз Ҳақ,
Хуш бош, ки ҳар рӯзи ту Наврӯзу баҳор аст.
Лоҳутии шайдо, ки чунин хуб ғазал гуфт,
Дар боғи санои ту беҳ аз сулсулу сор аст.

* * *

Рӯйи ту, ки рашки моҳи Нахшаб бошад,
Меҳрест, вале нуҳуфта дар шаб бошад.
Хоҳам, ки кунам номае, эй дӯст, гусел
Сӯят, ки аз он васли ту матлаб бошад.
Мижгон қаламу лахти ҷигар коғази ман
Хуни дили девона мураккаб бошад.

*1899*

* * *

Афканд то ба моҳ каманди чу ҳоларо,
Бикшуд бар рухи дили ман боби ноларо.
Зулфаш, ки дил зи мардуми ҳафтодсола бурд,
Маҷнуни хеш кард мани ҳафтсоларо.

*1899*

* * *

Эй падар, ҳол бувад вақти алакбозии ман,
Чанд рӯзе манамо манъи дулакбозии ман.
Ман, ки ҳамбози малак будам дар боғи ҷинон,
Чун ба ҳам хӯрд зи бедоди фалак бозии ман?

Оқибат ҷон дар ин манзили вайрон кардам,
Ин бувад ҳосили айёми малакбозии ман.
Ин ки бинӣ, на манам, ман каси дигар будам,
Гар шуморӣ, бувад афзун зи ду лак бозии ман.
Зарри беғашшаму аз маъдани ҷон меоям,
Боварат нест агар, бин ту маҳакбозии ман.
Ба само боз кушоям чу малак болу паре,
То нагӯйӣ, ки абас буд самакбозии ман.
Ҳамчу Исо задаам ҷом ба нилӣ хуми чарх,
Ранги берангии ишқ аст қадакбозии ман.

*1902*

* * *

Ганҷи таҳқиқ чу имрӯз ба вайронаи мост,
Рашки фирдавси барин соҳати кошонаи мост.
Илми сурӣ чӣ кунӣ, шав пайи маънӣ, мазлум,
Ишқ омӯз, ки ин фатвии ҷононаи мост.
Гарчи ганҷе ба дил аз гавҳари дониш дорӣ,
Он ҳам аз марҳамати дилбари фарзонаи мост.
Манигар бар ману тифлим, ки аз ҳиммати ишқ
Маҳбити ваҳйи Сурӯш ар талабӣ, хонаи мост.
Ҳар ки аз шуълаи шамъи рухи мо ёфт зиё,
Ӯ насӯзад, ки дилаш сӯхта парвонаи мост.
Нухбаи илми ладун моҳасали кавну макон,
Як ҳадисе фараҳангез зи афсонаи мост.
Домани шоҳиди мақсуд, ки пок аст зи айб,
Зинаташ гавҳари ашкест, ки дурдонаи мост.
Мавҷи дарёи қидам в-он ҳама ашколи ғариб
Ҷӯши як қатраи хуни дили девонаи мост.
Софи майхонаи тавҳид на дурди дили дан,
Рашҳаи соғари ишқест, ки паймонаи мост.
Тоири доми туву сайди гирифтори туам,
Зулфу холи ту яке дому яке донаи мост.
Дили Лоҳутӣ агар з-оташи савдост кабоб,
Ошиқи сӯхтаи наргиси мастонаи мост.

* * *

Он, к-ӯ ба роҳи ақлу хирад меравад, манам,
Парвардаи риёзи камолу адаб танам.
Дар осмони фазл саҳобам, чу рӯзу шаб
Резад гуҳар зи табъи равонам ба доманам.
Будам макон ба авҷи фалак, баҳри маслиҳат
Дар ин ҳазизи хок бидоданд масканам.
Бошам бузург ҳамчу малак дар мақоми қурб,
Кӯчак чу чоҳи хеш бихондаст душманам.
Нармам чу мум пеши фақирони нотавон,
Лекин ба фарқи аҳли ситам ҳамчу оҳанам.
Дар мавриди заифу фақирон сабукдилам,
Дар рафъи зулму ҷавру ситам тан чу Қоранам.
Ҳастам ба рӯҳи пок тарафдори ҳар заиф,
Хидматгузори мардуме аз мард ё занам.
Ин гӯю чавгон, бикушо чашм, эй данӣ,
Камтар бигӯй жож, ки ман лоф мезанам.
Лоҳутиям, ки баҳри фидокории заиф
Бинҳодаам ба каф дилу ҷону сару танам.

*1902*

* * *

Эй ранҷбари сиёҳтолеъ,
Бечораи побараҳна зореъ,
Эй ранҷбари ситамкашида,
Ҷуз захр зи даҳр ночашида,
Эй он, ки ҷаҳони зиндагонӣ
Бе ту ҳама сурату ту ҷонӣ,
Донӣ, ки туро дар одамият
Бар ҷумла халоиқ аст миннат.
Гар он ки ту рӯзу шаб набошӣ
Дар заҳмати шухму тухмпошӣ,
Анбори баку фалонидавла
Пур мешавад аз куҷо зи ғалла?

Як умр ту дар азобу заҳмат,
Аз ранҷи ту дигарон ба роҳат.
Бар суфраи ту миёни мардум
На нони ҷаву на нони гандум.
Пур матбахи шоҳзодаву хон
Аз ҷӯҷаву қимаву фасинҷон.
Бечора ту ҳар дувоздаҳ моҳ
Ҳамроҳи ғамию ҳамдами оҳ.
Лекин «зи ту беҳтарон» ҳамеша
Доранд ба айшу нӯш пеша.
Дар фасли баҳору мавсими гул
Аъён ҳама масти соғари мул.
Ту дар пайи кишту заръу корӣ,
Дар заҳмати шухмию шиёрӣ.
Ашроф даруни боғу бустон
Дар сайру саёҳати гулистон.
Аммо ту ба дашт хору зорӣ,
Ҳамвора ба пой хор дорӣ.

Дар тобситон ба он ҳарорат
Пайваста ба ранҷию марорат.
Машғули дарав зи субҳ то шом,
Бедор зи ҷӯъ шом то бом.
Аъён ҳамагӣ миёни сардоб
Дар осоиш ба ҷомаи хоб.
Ашроф ба фикри худпарастӣ,
Машғули қимору айшу мастӣ.
Поиз чу шуд, зи кору заҳмат
Як лаҳза намекунӣ ту роҳат.
Ту боз асири киштукорӣ,
Ночор ба шухмию шиёрӣ.

Арбоб ба фикри ҷамъи ғалла
Чун гургу шумо ба мисли галла.

Бечора, ту чиллаи зимистон
Бо он ҳама барфу боду борон
Маҳрум зи курсию бухорӣ,
Андар бари худ қабо надорӣ.
Аъён ҳама бо бисоти некӯ,
Дар зери лиҳоф аз пари қу.
Эй ранҷбари фақири маъсум,
То чанд зи ҳаққи хеш маҳрум.
Бедор бишав, бас аст ғафлат!
То кай ба марорату мазаллат
Аз аввали сол то ба охар
Ту кор кунӣ ба ҳоли музтар.
Бо ин ҳама ранҷу дарди хорӣ
Як пираҳани иваз надорӣ.
Аъён ҳамагӣ ба иди Наврӯз
Хурсанду хушанду шоду фирӯз.
По то сари баччаи баку хон
Ғарқ аст ба ҷомаҳои алвон.
Бо ҳамқадҳо ба дилнавозӣ
Машғул ба айшу нӯшу бозӣ.
Он духтари фаълаву раият,
Он ҳайкали қудсу асли исмат.
Набвад ба танаш миёни омма
На пираҳану на зерҷома.
Хонумкучулуи «шозда ҷир-ҷир»
Машғули дуруст кардани қир.
Фарзанди ту бекасу балокаш,
Саргаштаву музтару мушавваш.

Аз шиддати ранҷу кор кардан
В-аз гурсунагӣ ба ҳоли мурдан.
Оқозода музахрафулмулк
Ғарқ аст ба баҳри ноз чун фулк.
Бо он ҳама неъмату хурокӣ,
Аз зиндагияш ҳамеша шокӣ.
Эй ранҷбари баданбараҳна,
Эй коргари шикамгурусна,
Ту бо ҳама арзише, ки дорӣ,
Донӣ, ки чаро ҳамеша хорӣ?
Заҳмат зи ту, неъмат аз ту набвад,
Зеро ки ҳукумат аз ту набвад.
Ту мунтазири кумак зи ғайрӣ,
Ҳаргиз нарасад зи ғайр хайре.
«Лутф-и» дигарон кушандаи туст,
Дасти ту раҳокунандаи туст.
В-ин даст беҳ, ар зиёд гардад,
Вобаста ба иттиҳод гардад.
Ҳар вақт ҳукумат аз шумо шуд,
Дарди ту, яқин бидон, даво шуд.
То он ки ҳукумат аст з-аъён,
Ту фотеҳа баҳри хеш бархон.

*Теҳрон, ноябри 1909*

## ФАРЁДИ МИЛЛАТ

Эй модари ватан, писаронат намурдаанд,
Осуда бош, гӯли аҷониб нахӯрдаанд.

Албатта, ҳаққи модариятро адо кунем,
Яъне ки ҷону мол ба роҳат фидо кунем.
Дар сояи ту кохи адолат бино кунем,
Дасти туро зи банди аҷониб раҳо кунем.

Эй модари ватан, писаронат намурдаанд,
Осуда бош, гӯли аҷониб нахӯрдаанд.

Ҳар гӯшаи ту бешаи шерон бувад ҳанӯз,
Ҳар кӯчаи ту ҷойи далерон бувад ҳанӯз,
Ҳар кӯдакат муаллими пирон бувад ҳанӯз,
Уммеди мо ба Каъбаи Эрон бувад ҳанӯз.

Эй модари ватан, писаронат намурдаанд,
Осуда бош, гӯли аҷониб нахӯрдаанд.

Номуси мо туӣ, пайи ҳифзи ту ҷон диҳем,
Аз ҷон накӯтар аст ватан, ҷон ба он диҳем.
Мо иттиҳоди хеш ба олам нишон диҳем,
Баҳри субути даъвии худ имтиҳон диҳем.

Эй модари ватан, писаронат намурдаанд,
Осуда бош, гӯли аҷониб нахӯрдаанд.

Бингар ба ҳолати писарони наҷиби хеш,
К-аз даст додаанд қарору шикеби хеш.
Бо иттиҳоду бо ҳаяҷони аҷиби хеш
Доранд қасди ҳифзи ҳуқуқи ҳабиби хеш.

Эй модари ватан, писаронат намурдаанд,
Осуда бош, гӯли аҷониб нахӯрдаанд.

Моро басе ба домани худ парварондаӣ,
Пӯшондаию неъмати некӯ хӯрондаӣ,
Аз ширхорагӣ ба ҷавонӣ расондаӣ,
Ин қадр ҳам ту бекасу танҳо намондаӣ!

Эй модари ватан, писаронат намурдаанд,
Осуда бош, гӯли аҷониб нахӯрдаанд.

*Теҳрон, декабри 1909*

## ХИТОБ БА МИЛЛАТИ ЭРОН

Ватанхоҳон, ватан вайрона гардид,
Ватан манзилгаҳи бегона гардид.
Ба хоки мо таҷовузҳои ағёр
Бари аҳли ҷаҳон афсона гардид.

Аё эрониён, то кай дучори ғафлатед, охир?
Аё эрониён, то чанд асири зиллатед, охир?
Тараққиҳои ҳар миллат самар аз ҳиссашон бошад,
Талоше, ғайрате, ҳиссе! Шумо ҳам миллатед, охир!
Ниёгони шумо мадфун дар ин хоканд, эй мардум,
Ватанро вораҳонед аз хатар, боғайратед, охир!
Суми асби аҷониб бар сари обоятон то кай?
Биронедаш аз ин кишвар, агар боҳимматед, охир!
Азизон, Юсуфи Эрон ба бозори фано бошад,
Харедаш зуд, то дорои вақту фурсатед, охир!

*Теҳрон, 1909*

## ВАТАНИ ВАЙРОНА

Ватан вайрона аз ёр аст, ё ағёр, ё ҳар ду?
Мусибат аз мусулмонҳост, ё куффор, ё ҳар ду?
Ҳама доди ватанхоҳӣ зананд, аммо намедонам
Ватанхоҳӣ ба гуфтор аст, ё кирдор, ё ҳар ду?
Ватанро аз хатар фикри вакилон мекунад эмин
Ва ё сарнайзаи як лашкари ҷаррор, ё ҳар ду?

Ватанро фитнаи маснаднишинон дод бар душман
Ва ё ин мардуми бедониши бозор, ё ҳар ду?
Каманди бандагӣ бар гардани бечорагон муҳкам
Зи банди сабҳа шуд, ё риштаи зуннор, ё ҳар ду?
Ба қатлу ғорати деҳқону истисмори заҳматкаш
Фақат масҷид бувад бонӣ ва ё дарбор, ё ҳар ду?
Бинои зулму истибдоди синфи муфтхӯр вайрон
Зи чаккуш мешавад, ё доси ҷавҳардор, ё ҳар ду?
Вакил аз хидмати миллат тағофул мекунад амдан
Ва ё бошад вазир аз мамлакат безор, ё ҳар ду.
Ба маҷлис нисбати эронфурӯшӣ медиҳанд, аммо
Намедонам, кунам иқрор, ё инкор, ё ҳар ду.
Вакилону вазиронанд хоин, фош мегӯям,
Агар дар зери теғам, ё ба рӯйи дор, ё ҳар ду.
Туро рӯзе ба куштан медиҳад ночор, Лоҳутӣ,
Забони ростгӯ, ё табъи оташбор, ё ҳар ду.

*Теҳрон, декабри 1909*

## ВАФО БА АҲД

Урдуи ситам хаставу оҷиз шуду баргашт,
Баргашт на бо майли худ, аз ҳамлаи аҳрор.
Раҳ боз шуду гандуми харбор ба хирвор
Ҳай вориди Табрез шуд аз ҳар дару ҳар дашт.

Аз хӯрдани асбу алафу барги дарахтон
Форигʻ чу шуд он миллати боазму ирода.
Озода зане бар сари як қабрситода,
Бо дидае аз ашк пуру домане аз нон.

Лахте сари по, дӯхта бар қабр ҳаме чашм,
Бе ҷунбишу бе ҳарф, чу як ҳайкали пӯлод.

Бинҳод пас аз домани худ он зани озод
Нонро ба сари қабр, чу шере шуда дар хашм.

«Дар сангари худ шуд чу ба хун ҷисми ту ғалтон,
– Мегуфт, – мапиндор вафодор набудам.
Фарзанд, ба ҷони ту, басе саъй намудам,
Рӯҳи ту гувоҳ аст, ки бӯе набуд аз нон.

Маҷрӯҳу гурусна зи ҷаҳон дида бубастӣ,
Ман аҳд намудам, ки агар нон ба каф орам,
Аввал ба сари қабри азизи ту биёрам.
Бархез, ки нон бахшамату ҷон бисупорам.

Ташвиш макун, фатҳ намудем, писарҷон!
Инак, ба ту ҳам муждаи озодиву ҳам нон
В-он шир ҳалолат, ки бихӯрдим зи пистон –
Музди ту, ки ҷон додиву паймон нашикастӣ!»

*Теҳрон, декабри 1909*

* * *

Шод бимон, эй ҳунарӣ ранҷбар,
Эй шарафи дудаи навъи башар!
Эй зи ту обод ҷаҳони вуҷуд,
Ҳеҷ набуд, ар ки вуҷудат набуд.
Давлати шоҳон асари ганҷи туст,
Роҳати аъён самари ранҷи туст.
Гар ту ду рӯзе надиҳӣ тан ба кор,
Яксара нобуд шавад рӯзгор.
Боиси ободии олам туӣ,
Ранҷбаро, маънии одам туӣ!

*Теҳрон, 1910*

* * *

Эй хуш он рӯзе, ки дунёро даруни хун бубинам,
Ин фазоро хуну гардунро дар он ворун бубинам.
Ман, ки то имрӯз андар дил ба ғайр аз хун надидам,
Баъд аз ин ҳам беҳ, ки андар дида танҳо хун бубинам.
Ин ҷаҳон бустони зиштон аст, ин ҷо чун бимонам?
Ин замин зиндони некон аст, инро чун бубинам?
Чанд ҳайвонсиратонро суратан инсон бихонам?
Чанд дунёро ба дасти мардумони дун бубинам?
Даҳр - нокас, чарх - хоин, халқ - нодон, дӯст - душман,
Чун бимонам, чун бихоҳам, чун бисозам, чун бубинам?
Инқилоб, албатта, рӯзе мешавад дар Шарқ барпо,
Орзу дорам вале он рӯзро акнун бубинам.
Кошкӣ, Лоҳутӣ, андар ин ду рӯзи зиндагонӣ
Ё набинам ин ҷаҳонро, ё зи хун гулгун бубинам!

*Теҳрон, апрели 1912*

* * *

Доро, ки шавад хаста зи осеби саворӣ,
Даҳ духтари гулчеҳра бимоланд танашро.
Муздур, ки неъматдеҳи дорост, чу мирад,
Даҳ рӯз касе нест, ки дӯзад кафанашро.
Не кас, ки диҳад луқмаи ноне ба ятимаш,
Не ҷо, ки ба хидмат бигуморанд занашро.
Бо ин ҳама ҳар банда бигӯяд, ки Худо ҳаст,
Боист, ки бо мушт бикӯбӣ даҳанашро.

*Қасри Ширин, июни 1914*

## ШАМЪУ ПАРВОНА

Шабе парвонае бо шамъ мегуфт,
Ки: «Эй гардида дардат бо дилам ҷуфт!
То бо ин нури кам ошиқгудозӣ,
Ҳамеша дӯсткуш, душманнавозӣ.

Дар атрофи ту ҳар парвона пар зад,
Ба ҷонаш оташи рӯят шарар зад.
Чароғи барқи Мағриб бӯ надорад,
Ту гоҳе дуд дорӣ, ӯ надорад.
Дар оғӯши ту ғайр аз сӯхтан нест,
Вале оғӯши ӯ Тури таҷаллист.
Дар оғӯши ту сӯз асту гудоз аст,
Дар он оғӯш лутфу меҳру ноз аст.
Ту гар дар бар бигирӣ пайкари ман,
Намемонад ба ҷуз хокистари ман.
Ту норӣ – сӯзӣ, ӯ нур аст – созад,
Ту бигдозӣ маро, ӯ менавозад».

Ҷавобаш дод шамъи нуктапардоз,
Ки: «Эй нопухта ошиқ, ғофил аз роз!
Ту гӯйӣ, шамъи Мағриб ҳамчу меҳр аст,
Вафодор асту бо ошиқ бамеҳр аст.
Аз ин ғофил, ки ӯ сад фитна орад,
Ба тан пироҳане аз ҳила дорад.
Гар он пироҳане, к-ӯро ҳубоб аст,
Ба рӯйи ҳилаҳои ӯ ниқоб аст,
Бидаррад ишқ бар вай чун Зулайхо,
Ҷаҳонеро бисӯзонад саропо.
Бихандад ӯ, чу ошиқ ҷон бубахшад,
Ба дандонаш, бубин, чун медурахшад.
Вале ман пайкарам сӯзон зи ишқ аст,
Дилам, ҷонам, сарам сӯзон зи ишқ аст.
Зи доғи марги ёрони азиз аст,
Ки доим дидаи ман ашкрез аст.
Чу мирад ошиқи ман дар бари ман,
Зи ғайрат дуд хезад аз сари ман.
Бувад ин бӯйи мағзи устухонам,
Ки месӯзад ба марги ошиқонам.

Ту то дур аз манӣ, аз ишқ сардӣ,
Дар ин оташ чу сӯзӣ, пухта гардӣ.
Аз ин бигзашт, ин бегонагӣ чист?
Гурез аз сӯхтан парвонагӣ нест.
Ту бояд аз шикоят лаб бидӯзӣ,
Агар парвонаӣ, бояд бисӯзӣ.
В-агар тоқат надорӣ бо чунин сӯз,
Бирав, онро зи Лоҳутӣ биёмӯз».

Зи нав парвона парҳо боз бинмуд,
Ба гирди шамъи худ парвоз бинмуд.
Бигуфт: – «Эй сӯзишат коми дили ман,
Шарори рӯят ороми дили ман!
Касе, к-андар сараш бошад забонаш,
Бувад чун шамъ оташ дар баёнаш.
Суханҳоят чу рӯят шуълахез аст,
Ба ман, парвона, ҷаврат ҳам азиз аст.
Вале ман ошиқи дилдодаи ту,
Ғуломи қомати озодаи ту.
Дилам хоҳад, ки бо ин шӯри шарқӣ
Чу Мағриб дар ту бинам нури барқӣ.
Ту бо ин сидқ агар он зӯр ёбӣ,
Ту бо ин шӯр агар он нур ёбӣ –
Ба олам ҳусни ту афсона гардад,
Фалак пеши рухат парвона гардад».

*Бағдод, сентябри 1914*

* * *

Қурбони рӯшноию нуру сафои Шарқ
В-он боғи дилкашу чамани дилкушои Шарқ.
Дар ин чӣ нуктаест, ки чун меравам ба хоб,
Рӯҳам чу мурғ мепарад андар фазои Шарқ.

Он боғу булбулу гулу ҳомуну кӯҳсор
Дар ҳеҷ кишваре набувад, эй фидои Шарқ!
Дунё якест маслакан, аммо мувофиқат
Бо ҳоли ман намекунад илло ҳавои Шарқ.
Хуршеди Шарқ модари хубест, лек дод
Аз кӯдакони нохалафи бевафои Шарқ!
Эй он ки Шарқро ба Урупо фурӯхтӣ,
Эй бешараф, бигӯ, чӣ харидӣ ба ҷои Шарқ?
Кай мешавад, ки тӯда ба нерӯи иттиҳод
Гирад зи Ингилиси данӣ хунбаҳои Шарқ?
Бояд ки бигзарад зи сари қасри шоҳ хун,
Барпо ба инқилоб шавад чун ливои Шарқ.
Лоҳутиё, чу аз ҳама ҷо ранҷбартар аст,
Бояд ки зудтар бидиҳӣ ҷон барои Шарқ.

*Бағдод, 1914*

* * *

Яке Руму яке Юнон парастад,
Яке куфру яке имон парастад.
Яке Акко, яке Макка, яке Балх,
Яке дарбори Вотикон парастад.
Яке аз ҳар чи дин дар ин ҷаҳон ҳаст,
Фузунтар лираву тумон парастад.
Барои фаъла истисмор кардан
Яке қонун, яке Қуръон парастад.
Яке аз дастранҷи коргарҳо
Фурӯши ҷинс дар дукон парастад.
Барои ҳифзи ҷони кӯдаконаш
Яке дар музди заҳмат нон парастад.
Яке симинтанони норпистон,
Лаби лаълу дури дандон парастад.
Яке баҳри шикори мурғи Машриқ
Камону новаки пайкон парастад.

Яке аз дасти зулми Ингилистон
Халоси мулки Ҳиндустон парастад.
Яке озодии Ирлонд хоҳад,
Яке ободии Афғон парастад.
Яке бо подшоҳу шайху хонаш
Фақат аз рӯйи ҳис Эрон парастад.
Миёни ин ҳама махлуқи олам,
Ки ин як ину он як он парастад,
Агар аз кеши Лоҳутӣ бипурсӣ,
Наҷоти фаълаву деҳқон парастад.

*Кирмоншоҳ, 1914*

## БОЗГАШТ БА ВАТАН

Дар ғами ошёна пир шудам,
Боқӣ аз ҳастиям ҳамон номест.
Мурдам аз ғусса, ин чӣ айёмест!
Ман, ки аз ин ҳаёт сер шудам.

Гуфтам, арчанд нест болу парам,
Натавонам суйи чаман бипарам, –
Чангу минқору сина ҳасту сарам.
Хаз-хазон то ба боғ мегузарам…

Чаман омад зи дур дар назарам,
Қувват омад ба зонуву камарам,
Лонае дид чашмҳои тарам,
Чун расидам, кабоб шуд ҷигарам.
Дидам, ин нест ошён, домест.
Оҳ…Ман боз ҳам асир шудам!

*Хонақин, апрели 1915*

* * *

Бо он ки дар шариати хубон ҳиҷоб нест,
Ёри маро барои чӣ шарм аз ниқоб нест?
Дар байни шайху шаҳна ҷуз аз баҳри ноҳисоб,
Деҳқон ба ҳеҷ чиз дар Эрон ҳисоб нест?
Шаҳ масту шаҳна роҳзану шайх ришвахор,
Дигар кӣ муддаист, ки Эрон хароб нест?
Таблиғи кас ба харҷи тавонгар намеравад,
Мо дидаем, чора ба ҷуз инқилоб нест.
Деҳқон зи ғусса ҷон диҳаду хон зи пули ӯ
Ҷуз дар хаёли айшу қимору шароб нест.
Лоҳутӣ, ар ҷаҳон ҳама хасмат шавад, чӣ ғам?
Виҷдони покро қалақу изтироб нест.

*Кирмоншоҳ, 1917*

* * *

Қасри доро, ки чунин поку мунаққаш бошад,
Хишташ аз хоки тани халқи ситамкаш бошад.
Хон ба сардобу дами кӯраи кор оҳангар,
Синааш сӯхта аз шуълаи оташ бошад.
Чӣ ғамаш, фаъла агар дар чаҳи маъдан ҷон дод,
Он ки ҳамбистари хубони париваш бошад.
Дар сиёсат хари Исо ҳама ҷо раҳбари ӯст,
Ҳар ки дар дасти мударрис бузи ахфаш бошад.
Коргар ин ҳама асбоби тараб ҷамъ кунад
Баҳри дорову худ аз фоқа мушавваш бошад.
Ришҳо баҳри Худо зоҳиду роҳиб канданд,
Эй аҷаб, дар сари ҳеҷ ин чӣ кашокаш бошад?
Бо ман ар шайху шаҳу шаҳнаву хон муддаиянд,
Гӯ, биёянд ба майдони ҷадал, х(в)аш бошад!
Шод бодо дили Лоҳутии мо, чун фикраш
Дар раҳи ранҷбарон софию беғаш бошад.

*Кирмоншоҳ, декабри 1917*

## БА ДУХТАРИ ЭРОН

Ман аз имрӯз зи ҳусни ту буридам сару кор,
Гӯ, ба девонагиям халқ намоянд иқрор.
Эй маҳи мулки Аҷам, эй санами олами Шарқ,
Ҳуш гирд овару бар гуфтаи ман дил бигумор!
То кунун пеши ту чун банда ба даргоҳи Худо
Лобаҳо кардаму бар хок бисудам рухсор.
Лекин имрӯз муҷиддонаву расмона туро
Ошкоро сухане чанд бигӯям, ҳуш дор!
Баъд аз ин аз хату холат наҳаросад дили ман,
З-он ки бо ҳусни ту корам набувад дигар бор.
То кай аз зулфи ту занҷир ниҳам бар гардан,
То кай аз мижжаи ту тир занам бар дили зор?
То ба кай бе лаби лаъли ту дилам гардад хун,
Чанд бе мори сари зулфи ту бошам бемор?
Ба сарангушти ту то чанд занам туҳмати қатл,
Ё ба мижгони ту то чанд диҳам нисбати хор?
Чанд гӯям, ки рухат моҳ бувад дар хубӣ,
Чанд гӯям, ки қадат сарв бувад дар рафтор?
Моҳрӯйӣ туву лозим набувад бар гуфтан,
Сарвқаддӣ туву ҳоҷат набувад бо изҳор.
Мадҳи ту бештар аз ҳар ки тавонам гуфтан,
Лек инҳо ҳама ҳарф асту надорад миқдор.
З-ин чи ҳосил, ки зи мижгони ту ханҷар созанд,
Ё ба абрӯйи ту гӯянд: ҳилолест низор?
Ман ба зебоии беилм харидор наям,
Ҳусн мафрӯш дигар бо ману кирдор биёр!
Андар ин даври тамаддун, санамо, лоиқ нест
Дилбаре чун ту зи ороиши дониш ба канор.
Нанг бошад, ки ту дар пардаву халқе озод,
Айб бошад, ки ту дар хобу ҷаҳоне бедор.
Ҳайф набвад, қамаре мисли ту маҳрум аз нур?
Айб набвад, шаҷаре чун ту тиҳидаст аз бор?

Тарки чодар куну мактаб бираву дарс бихон,
Шохаи ҷаҳл надорад самаре ҷуз идбор.
Дониш омӯзу аз аҳволи ҷаҳон огаҳ шав
В-ин ниқоби сияҳ аз рӯйи муборак бардор!
Илм агар нест, зи ҳайвон чӣ бувад фарқи башар?
Бӯй агар нест, тафовут чӣ кунад гул аз хор?
Хирад омӯзу пайи тарбияти миллати хеш
Ҷидду ҷаҳде бинамо чун дигарон модарвор!
Ту гузорӣ ба даҳони ҳама кас аввалҳарф,
Ҳар касе аз ту сухан мешунавад аввалбор.
Пас, аз аввал ту ба гӯши ҳама ин нукта бигӯ,
Ки натарсанд зи заҳмат, нагурезанд аз кор.
Писару духтари худро шарафи кор омӯз,
То бидонанд, бувад муфтхурӣ зиллату ор.
Сухан аз донишу озодии заҳмат мегӯй,
То ки фарзанди ту бо ин суханон ояд бор.
Гӯ, бидонад, ки набояд бихурад луқмаи муфт
В-ар бимирад, дигареро накунад истисмор.
Гӯ бидонад, ки ба ҷуз бозуи зӯровар нест
Ранҷбарро ба ҷаҳон ҳеҷ касе ёвару ёр.
Фарқ ҳаргиз нагузорад ба миёни зану мард
В-ин суханҳоро собит бикунад бо кирдор.
Ба яқин, гар ту чунин модари хубе бошӣ,
Миси иқболи ватан аз ту шавад зарри иёр.
Ватан аз ранҷбару коргарон обод аст,
На зи ашхоси тавонгар, на зи ашрофу кибор.
Ғаллаву ҷинс чу аз зореъу аз коргар аст,
Ба чӣ ҳақ молику арбоб намоянд анбор?
Он касоне, ки зи ранҷи дигарон нон бихуранд,
На касонанду на мардум, ки даду мардумхор.
В-ар ту гӯӣ, ки диҳад хоҷа ба муздурон музд,
Ин бувад мағлатаи муфтхурони ғаддор.
Хоҷа он музд на аз оби равон пайдо кард,
Музд ҳам ҳосили заҳмат бувад у меваи кор.

Пул аз ҷинс ба даст ояду ҷинс аз муздур,
Хоҷа ғоратгари муздуру адӯи аҳрор.
Заҳмати зореъу муздур наояд ба ҳисоб,
Роҳати молику ашроф наояд ба шумор.
Чораи ранҷбарон ваҳдату ташкилот аст,
То ки аз рӯзи ситамкор баророанд димор.
Ин бувад маслаки Лоҳутию ҳамфикронаш,
Гӯ, ҳама халқ бидонанд, намудем ихтор.

*Истанбул, январи 1918*

## ГУНОҲИ ЧАШМ

Чашми ту шоҳи хубию мижгон сипоҳи чашм,
Ман камтарин раияти ин подшоҳи чашм.
Боз аз барои кашфи дили мо ҳаво гирифт
Тайёраи нигоҳи ту аз истгоҳи чашм.
Мот аст чашми ман, ки туӣ ё ки офтоб
Ҷоно, сухан бигӯю бибар иштибоҳи чашм.
Чашмам ҳамеша ҳаст ба роҳи вафои ту
З-он дам, ки уфтода ба рӯйи ту роҳи чашм.
Чашм аз фироқи рӯйи ту хун гиря мекунад,
Инак, канори домани рангин гувоҳи чашм.
Лоҳутӣ, ар ки ҷон ба лаб омад зи дарди ишқ,
Бо дил макун ситеза, ки бошад гуноҳи чашм.

*Истанбул, феврали 1918*

## МУНОЗИРА БО ДИЛДОР

Дил мебариву ваъдаи дидор мекунӣ,
Чун вақти ваъда мерасад, инкор мекунӣ.
Гаҳ меравӣ ба хилвату бандӣ зи халқ дар,
Бе парда гоҳ ҷилва ба бозор мекунӣ.

Шодам, ба ҳар чи бо дили ман мекунӣ, вале
Ҳайф аст, агар ба гуфтаи ағёр мекунӣ.
Эй гул, зи булбулони гирифтор ёд кун,
Ҳар субҳдам, ки ҷилва ба гулзор мекунӣ.
Эй шайх, оқибат ту зи суъи сулуки хеш
Моро муқими хонаи хаммор мекунӣ.
Ҳошо, ки ман муриди хурофот нестам,
Эй воиз, аз чӣ ин ҳама исрор мекунӣ?
Додорро ба хидмати мо эҳтиёҷ нест,
Хидмат ба халқ кун, ки ба Додор мекунӣ.
Эй ҷаҳл, чистӣ, ки ба ҳар қавм рӯ кунӣ,
Он қавмро дучор ба идбор мекунӣ.
Лоҳутӣ, ар ки дил бибарӣ аз хаёли ғайр,
Худро маҳалли ҷилваи дилдор мекунӣ.

*Истанбул, марти 1918*

* * *

З-ин беш ин ниқоби сияҳро ба рӯ макун,
Моро миёни ҷомеа беобрӯ макун.
Шармовар ин бувад, ки ту дар пардаӣ ҳанӯз,
Ҷоно, зи боз кардани рӯ ҳеҷ рӯ макун.
Маҳбуби мардумон туӣ, эй маҳ, туро кӣ гуфт,
Дар байни мардумон мараву гуфтугӯ макун?
Ту содаию шайхи бадахлоқ ҳилагар,
Ҳеҷ эътино ба гуфтаи ин зиштхӯ макун.
Худ фикри худ бикун, ба умеди Худо мабош,
Беҳуда ҳеҷро ҳама ҷо ҷустуҷӯ макун.

*Истанбул, апрели 1918*

* * *

Зи дастат гарчи шуд хунин дили ман,
Вафо дорад, нашуд ғамгин дили ман.
Зи роҳи ишқ ҳаргиз барнагардад,
Намехоҳад шавад нангин дили ман.

Чу рӯят равшан асту софу сода,
Чу хулқат муслиҳу бекин дили ман.
Зи масҷид ронда, аз майхона монда,
На дунё дораду на дин дили ман.
Диламро ин қадар мафшор, охир,
На сурбин асту не рӯйин дили ман.
Рухатро диду худро зад ба оташ,
Аҷаб девонае буд ин дили ман!
Ҷаҳонеро бисӯзонад ба оҳе,
Ту пиндорӣ, бувад мискин дили ман!
Шаби ҳаҷри ту дар бедор мондан
Рақобат дошт бо Парвин дили ман.
Ману парвона дар ҳаққи туву шамъ
Дуо гуфтему гуфт омин дили ман.

*Истанбул, апрели 1918*

* * *

Ба роҳи ишқ ҷону дину дилро ҳамсафар бурдам,
Дилу дин қатлу ғорат шуд, фақат ҷоне бадар бурдам.
Ба майдоне, ки аз як тир Рустам боз мегардад,
Мани девона он ҷо чашму дилро бесипар бурдам.
Зи бечизӣ миёни ишқбозон мурдам аз хиҷлат,
Ки ҷонон рӯнамо мехост, ном аз ҷону сар бурдам.
Маро ронда ба шӯхӣ гуфт, к-аз ҳастии худ чизе
Ба ҳамраҳ бурдӣ охир? Гуфтамаш: оре, хабар бурдам.
Гувоҳ аз баҳри сидқи ишқи ман мехост чашми ӯ,
Ба пешаш зуд як доман пур аз лахти ҷигар бурдам.
Ба теғам мезаду ман, то нагардад ранҷа бозуяш,
Ба ҳар зарбат, ки мезад, синаву сар пештар бурдам.
Ба пеши ғамзааш дилтангӣ аз кори қазо кардам,
Зи ғафлат назди модар шиква аз кори писар бурдам.
Дилам умрест бо чашмони ӯ хӯ карда, Лоҳутӣ,
Таҳаммулро бубин, ман бо аҷал умре ба сар бурдам.

*Истанбул-Ғозикӯй, апрели 1918*

* * *

Озод шуд ҷаҳону ту дар пардаӣ ҳанӯз,
Бигзашт сад баҳору ту пажмурдаӣ ҳанӯз,
Мардум зи хони илму ҳунар серу пур шуданд,
Як луқма з-ин хӯрок ту нохӯрдаӣ ҳанӯз.
Дорулфунун тамом намуданд дигарон,
О, Б, Т-ро шурӯъ ту нокардаӣ ҳанӯз.
Занҳои Ғарб дар сари кори ҳукуматанд,
Дар дасти марди Шарқ ту чун бардаӣ ҳанӯз.
Албатта, ҳам асирию ҳам бардаӣ аз он-к
Имон ба инқилоб наёвардаӣ ҳанӯз.

*Истанбул, апрели 1918*

* * *

Нашуд як лаҳза аз ёдат ҷудо дил,
Зиҳӣ дил, офарин дил, марҳабо дил!
Зи дасташ як дам осоиш надорам,
Намедонам, чӣ бояд кард бо дил?
Ҳазорон бор манъаш кардам аз ишқ,
Магар баргашт аз роҳи хато дил!...
Ба чашмонат маро дил мубтало кард,
Фалокат дил, мусибат дил, бало дил!
Аз ин дил доди ман бистон, Худоё,
Зи дасташ то ба кай гӯям: – Худо, дил!
Даруни сина оҳе ҳам надорад,
Ситамкаш дил, парешон дил, гадо дил!
Ба торе гарданашро баста зулфат,
Фақиру оҷизу бедасту по дил!
Бишуд хоку зи кӯят барнахезад,
Зиҳӣ собитқадам дил, бовафо дил!
Зи ақлу дил дигар аз ман мапурсед,
Чу ишқ омад, куҷо ақлу куҷо дил?
Ту, Лоҳутӣ, зи дил нолӣ, дил аз ту,
Ҳаё кун, ё ту сокит бош, ё дил!

*Истанбул, августи 1918*

* * *

Аё сайёд, шарме кун, маранҷон нимҷонамро,
Пару болам бикан, аммо масӯзон ошёнамро.
Ба гардан бастаӣ чун риштаву бар пой занҷирам,
Мурувват кун, иҷозат деҳ, ки бикшоям даҳонамро.
Ба перомуни гул азбас халида хор бар поям,
Бувад хунин, ба ҳар ҷойи чаман бинӣ нишонамро.
Дар ин кунҷи қафас, дур аз гулистон сӯхтам, мурдам,
Хабар кун, эй сабо, аз ҳоли зорам боғбонамро.
Зи танҳоӣ дилам хун шуд, надорам маҳрами розе,
Ки бинвисад барои дӯстдорон достонамро.
Мани бечора он рӯзе ба қатли худ яқин кардам,
Ки дидам, тоза бо гург улфате бошад шубонамро.
Чу Лоҳутӣ ба ҷон миннатпазирам то абад онро,
Ки бо ман меҳрубон созад бути номеҳрубонамро.

*Истанбул, сентябри 1918*

* * *

Фақат сӯзи диламро дар ҷаҳон парвона медонад,
Ғамамро булбуле, к-овора шуд аз лона медонад.
Нагирям чун зи ғайрат, ғайр месӯзад ба ҳоли ман,
Нанолам чун зи ғам, ёрам маро бегона медонад.
Ба уммеде нишастам, шикваи худро ба дил гуфтам,
Ҳамехандад ба ман, ин ҳам маро девона медонад.
Ба ҷони ӯ, ки дардашро ҳам аз ҷон дӯсттар дорам,
Вале мемирам аз ин ғам, ки донад ё намедонад.
Намедонад касе, к-андар сари зулфаш чӣ хунҳо шуд,
Валекин мӯ ба мӯ ин достонро шона медонад.
Насиҳатгар, чӣ мепурсӣ илоҷи ҷони беморам?
Усули ин табобатро фақат ҷонона медонад.

*Истанбул, сентябри 1918*

* * *

Эй ки гуфтӣ, ба фақирону заифон ёрам,
Заъфам аз ҳад бигузашт, аз чӣ кунӣ озорам?
Баски айёми асорат ба қафас тӯл кашид,
Дар назар хобу хаёлест гулу гулзорам.
Хотирам нест кунун турраи сунбул чун буд,
Фақат ошуфтагие сахт ба хотир дорам.
На зи раҳм аст, маро гар нафурӯшад сайёд,
Натавонад барад аз заъф суйи бозорам.
Ҷони нолоиқи худро ба нисори раҳи дӯст
Бар лаб овардаам, аммо хиҷил аз изҳорам.
Мардумон то саҳар аз нолаи ман бедоранд,
Ваҳ, чӣ сиррест, ки огаҳ нашавад дилдорам?
Гар дусад раҳ ба сари дор равам, Лоҳутӣ,
Боз дар маслаки худ якдилаву подорам.

*Истанбул, сентябри 1918*

* * *

Буто, тароватн рӯйи ту офтоб надорад,
Валек ҳайф, ту мастурӣ, ӯ ниқоб надорад.
Зи хиҷлат об шудам, чун рақиб айби ҷаҳолат
Гирифт бар туву ман дидам, ин ҷавоб надорад.
Ҷавоби ӯ чӣ диҳам, муддаӣ агар ки бипурсад,
Ки ёрат аз чӣ сари донишу китоб надорад?
Туро ба ҷаҳл сару кору ман ҳалок зи ғайрат,
Ки чун зи суҳбати номаҳрам иҷтиноб надорад!
Нахонда нақшаву ҷуғрофӣ, эй санам, дили сахтат
Хабар зи мулки дилам, гар шавад хароб, надорад.
Муаллими ту наёмӯхтат ҳисоб, чӣ донӣ,
Ки ҳасрати дили пурдарди ман ҳисоб надорад.
Биё, ба дидаи Лоҳутиву бубин, ба чӣ сахтӣ
Ба ёди рӯйи ту шаб то ба субҳ хоб надорад!

*Истанбул, декабри 1918*

* * *

Ҷоне наю саре, ки ба поят ниҳода нест,
Алҳақ, усули дилбарӣ аз ин зиёда нест.
Ишқи туро ба ҳастии олам намедиҳам,
Ин кор кори мардуми соҳибирода нест.
Бар ҳоли ман ба чашми ҳақорат макун нигоҳ,
К-ин мастӣ аз нигоҳи ту бошад, зи бода нест.
Нозам ба дилнавозии зулфат, ки ғайр аз ӯ
Кас дастгири мардуми азпофитода нест.
Гардида кишвари дилам аз фитнаи рақиб
Вайрон чунон, ки қобили ҳеҷ истифода нест.
Бад бо асири худ накунанд аслзодагон,
Сайёди ман, ки мекунад, ӯ аслзода нест.
Гар эҳтироми хонаи моро надошт хасм,
Маъзур буд аз он, ки худаш хонавода нест.
Бояд зи ному нангу дилу дину ҷон гузашт,
Таъқиби ишқи содарухон саҳлу сода нест.
Лоҳутӣ аз балои ту миннат кашад ба ҷон,
Бар рӯйи ҳар кас ин дари давлат кушода нест.

*Истанбул, декабри 1918*

* * *

Дар маҳзари ҷумҳур баҳоре рада бастанд,
Ин дод занад: аз чӣ тани ғунча бихастанд,
Гӯяд дигаре: шохи суман аз чӣ шикастанд,
Ёрони зимистон, ки ҳақиқат напарастанд,
Бар ҷойи гул оё ба чӣ қонун бинишастанд,
Эй адли аҷал, кайфар аз ин тоифа бистон.

Булбул на абас нолаи ғамнок баровард,
Ҳар дарду ғаме дошт ба дил, пок баровард,
Ҳақ дорад, агар бонг бар афлок баровард
В-аз кори хазон сад бадию ок баровард,

Гул бин, ки ба тасдиқ сар аз хок баровард,
Яъне ки хазон ин ҳама хун рехт ба бустон.

Қумрӣ ба фиғон бар сари сарви сумани хеш,
Дар нола чаковак ба ғами ёсумани хеш,
Булбул ба наво бар гули нозукбадани хеш,
Мурғон ҳама, алқисса, ба фикри чамани хеш,
Ман низ бинолам ба ҳавои ватани хеш,
Ман кам наям аз булбулу Эрон зи гулистон.

*1918*

## ШОМИ ОШИҚОН

Шуд дароз ин матлаб, эй нигори ҷонона,
Рӯз рафту шом омад, вақти истироҳат шуд.
Нури нимранги меҳр тофта ба ҳар хона,
Дар рухи уфуқ ин ранг мояи малоҳат шуд.
Пеши ҷуфти худ ҳар мурғ медавад суйи лона,
Булбули навопардоз хомуш аз фасоҳат шуд.
Сӯйи ман чаро ишқат пас гузар намеорад?
Ӯ ҳам охир андар дил ошёнае дорад!

*То соли 1919*

## БОЗГАШТИ ҶОНИ АҲЛИ ДИЛ

Дар чаман кунун мурғон ҷастухез бас карданд,
Рӯ ба манзил оварданд кӯдакон зи мактабҳо.
Мӯрҳо ба сад таъҷил сӯйи лона баргарданд,
Баҳри обу дон хезад шиҳаҳо зи маркабҳо.
Зореъон танобу дос сӯйи хона оварданд,
Амри бозгашт омад аз талояи шабҳо.
Бозгаштҳо бошанд мухталиф ба ҳар маскан,
Ҷуз ба сӯйи ишқат нест бозгашти ҷони ман.

*То соли 1919*

## РОМАМ НАМУДӢ

Осмоно, аз чӣ рӯ ин гуна нокомам намудӣ?
Роҳи озодӣ гирифтӣ, бастаи домам намудӣ.
Ҳар куҷо санги ҷафое буд, бар фарқам фикандӣ,
Ҳар куҷо заҳри ҳалоке буд, бар комам намудӣ.
Пеш аз ин шери фалак оҷиз буд аз сарпанҷаи ман,
Оҳуи чашми ту нозам, к-инчунин ромам намудӣ.
Борҳо гуфтӣ, ки бар ҳолат дилам месӯзад, охир,
Пухтагӣ бингар, ки бо ин ваъдаҳо хомам намудӣ.
Ман амире будам андар шаҳри худ, кардӣ асирам,
Дину дил аз ман рабудӣ, бесаранҷомам намудӣ.
Ман ба риндӣ инчунин машҳур дар олам набудам,
Ғамзае кардӣ, дилам бурдиву бадномам намудӣ.
Бандаи он лаъли нӯшинам, ки ҷонам зинда дорад
В-арна тири мижжаат сад бор эъдомам намудӣ.
Дар бари султони ишқи чун ту соҳибҷамъи дилҳо
Сархати озодиям додиву бад ромам намудӣ.
Ман ба худ шоистаи ин лутфи бепоён набудам,
Хонаободон, вафо кардиву икромам намудӣ.
Ҳамчу Лоҳутӣ маро то рӯзи маҳшар маст дорад,
Ҷон ба қурбонат, чӣ май буд, ин ки дар ҷомам намудӣ.

*Истанбул-Буюкота (то соли 1919)*

## АГАР НАМЕШУД

Холи мушкини ту нозам, ки гар он дона намешуд,
Зулфи пурчини ту доми дили девона намешуд.
Гар ки дар зулфи ту оҷизкушии шона намешуд,
Тоири ҷони ман овора аз он лона намешуд.
Ин харобӣ ба дилам аз чӣ кунад ишқи ту, чун ӯ
Бувад овoратар аз ман, агар ин хона намешуд.
Қадри ушшоқ бидон, чун набуд ар қиссаи Маҷнун,
Ҳусни Лайлӣ ба ҷаҳон ин ҳама афсона намешуд.

Чашми гирёне агар дошт чу ман дар бари ҷонон,
Шуълаи шамъ балои тани парвона намешуд.
Дар сари ишқат агар даст зи олам накашидӣ,
Ҷоми мо бе сабабе маҳрами ҷонона намешуд.
Назадӣ гар раҳи ҳушаш лаби майгуни ту, ҳаргиз
Дили мо сокини хоки дари майхона намешуд.
Аз гадоёни сари кӯйи ту маҳсуб набудам,
Шомили ман агар он рафъати шоҳона намешуд.
Нашудӣ лоиқи манзилгаҳи ганҷинаи ишқат,
Дили Лоҳутӣ агар яксара вайрона намешуд.

*Истанбул – Буюкота (то соли 1919)*

## МЕТАРСАМ

Ҳама аз ғайр метарсанду ман аз хеш метарсам,
Гар аз бегона бими ғайр, ман аз хеш метарсам.
Маро наздик шуд маҳрум аз завқи ҷунун созад,
Ба ҷони ишқ, аз ин ақли дурандеш метарсам.
Аз ин пашминапӯшони риёӣ сахт безорам,
Ман аз ин гургҳои дар либоси меш метарсам.
Макун аз талху шӯри ин ҷаҳон абрӯ туруш ҳаргиз,
Ки ман аз нӯши дунё бештар аз неш метарсам.
Дили аз хеш ғофил, ёри аз дин бехабар дорам,
Ба имони худ, аз ин турки кофаркеш метарсам.
Маро дар ҳар нафас сад сол дур аз қурби Ҳақ созад,
Ба ҳаққи пир, аз ин нафси нодарвеш метарсам.
Ҳазор осоиш андар зилли беосоишӣ бошад,
Ман аз ин хотири маҷмӯи беташвиш метарсам.
Хушам бо дарду аз нози табибон бениёз астам,
Ки ман аз миннати марҳам фузун аз реш метарсам.
Матоъам ширку аз ман сидқ мехоҳанд, Лоҳутӣ,
Ба дорулмулки ишқ аз пурсишу тафтиш метарсам.

*Истанбул – Ғозикӯй, апрели 1919*

* * *

Булбул аз кунҷи қафас чун назар афтад ба манаш,
Дарди ман донаду нолад ба фироқи ватанаш.
Ҷон ба қурбони шаҳиде, ки пас аз кушта шудан
Ғуслаш аз хун буваду гарди ғарибӣ кафанаш.
Рӯзи маргаш сазад, ар ҷашни валодат гиранд,
Ҳар ки ҷонон ба сар ояд дами ҷон бохтанаш.
Талхӣ аз дасти ту, эй Хусрави шириндаҳанон,
Ҳамчу шаккар бичашад зоиқаи Кӯҳканаш.
Дилам аз дасти ту афтода ба ҳоле, ки аҷал
Натавонад зи сари кӯйи ту бардоштанаш.
Нолаву зории булбул на зи беболупарист,
Дардаш ин аст, ки гардида ҷудо аз чаманаш.
Ё Раб, ин сангдилиро зи кӣ омӯхтааст
Нозанине, ки мукаддар шавад аз гул баданаш?!
Дили Лоҳутиву дурӣ зи хаёлат? – Ҳайҳот!
Ин хаёлест, ки мудғам шуда бо ҷону танаш.

*Истанбул-Ғозикӯй, апрели 1919*

* * *

Акси рӯйи ёр дар ҷоми мудом афтодааст,
Ё ба дарё сурати моҳи тамом афтодааст?
Оқибат бархезад аз ҷо, ҳар куҷо афтодаест,
Ҷуз дилам, к-андар хами зулфаш мудом афтодааст.
Доғи ҳиҷрони гулу бераҳмии сайёдро
Донад он мурғе, ки ҳамчун ман ба дом афтодааст.
Зоҳидо, моро зи расвоӣ матарсон беш аз ин,
Ташти мо аз аввали дунё зи бом афтодааст.
Аз алоиқ дам мазан дар пеши Лоҳутӣ, ки ӯ
Аз хаёли нангу аз савдои ном афтодааст.

*Истанбул, майи 1919*

* * *

Фалак ба ҷурми дурустӣ дили маро бишкаст,
Магар шикастани дил буда музди марди дуруст?
Намуд ному нишонаш зи лавҳи ҳастӣ гум,
Фалак ба ҳар ҷой марди дурусткоре ҷуст.
Маро умеди дурустӣ зи нодурустон нест,
Аз он ки «сунбул ҳаргиз зи шӯразор наруст».
Зи нодурустӣ чу таҳқир мекунад душман
Маро, ки ғайри дурустӣ накардаам зи нахуст.
Дурустӣ аст маро диду аз иродаи худ
Ба сахтгирии дунёи дун нагардам суст.

*Истанбул, майи 1919*

## ГИРИФТОРАМ НАМУДӢ

Дилбаро, з-он ғамза, к-аввал рӯз дар корам намудӣ,
Ҷону дину дил зи ман бурдӣ, гирифторам намудӣ.
Солҳо бигрехтам аз зери бори ишқ, охир
Ҷодуе кардӣ, ба дом овардиву борам намудӣ.
Ваъдаҳо додӣ, ки бо ман меҳрубон бошӣ, валекин
Чун асирам кардӣ, аввал қасди озорам намудӣ.
Хостам, то дар сари кӯйи ту умре бигзаронам,
Ин қадар кардӣ ҷафо, к-аз умр безорам намудӣ.
Буд уммедам, ки аз шохи вафоят гул бичинам,
Ҳайф кардӣ, к-аз назар афкандиву хорам намудӣ.
То кунун аз фитнаи чашми ту ғофил будам, эй маҳ,
Он қадар бедод кардӣ, то хабардорам намудӣ.
Соқиё, лутфи туро нозам, ки аз се соғари май
Мастии ҷаҳл аз сарам бурдиву ҳушёрам намудӣ.
Марҳабо, эй пири фаррухпай, ки ман нокарда хидмат
Дар харобoти муғон маҳрам ба асрорам намудӣ.
Боракаллаҳ, фориғ аз нози табибонам ба олам,
То давои дарди дил з-он чашми беморам намудӣ.

Гар равад ҷонам, чу Лоҳутӣ сар аз ишқат напечам,
Худ ту андар ошиқӣ ин гуна подорам намудӣ.

*Истанбул-Ғозикӯй, маи 1919*

## ҶОНОН ТАЛАБ КУНАМ

Васли туро ба базми сару ҷон талаб кунам,
Ҷинсест пурбаҳову ман арзон талаб кунам.
Хоҳам каманди зулфи туро оварам ба даст,
Ин мушкилест сахту ман осон талаб кунам.
Раҳм аз дили ту хостаму ин чунин бувад,
К-аз кофире вазифаи имон талаб кунам.
Дил гум шудаст аз ману ночор боядаш
Дар чини он каманди парешон талаб кунам.
Бо дил чӣ ҳоҷатам, ки ҳавохоҳи дилбарам,
Бо ҷон маро чӣ кор, ки ҷонон талаб кунам?
Он ҷо, ки рӯйи дӯст ба мо ҷилва мекунад,
Аблаҳ наям, ки ҷаннати ризвон талаб кунам?
Дар ишқ ранҷу роҳату шодиву ғам якест,
Ҳар ч-он писанди дӯст бувад, он талаб кунам.
Дар таййи роҳи ишқ бимирам агар зи ғам,
Номардам, ар зи ғайри ту дармон талаб кунам.
Лоҳутӣ аз барои раҳоӣ зи доми нафс
Ҳиммат зи подшоҳи Хуросон талаб кунам.

*Истанбул, июни 1919*

## ОР НАДОРАД

Аз ёр хабар гар дили ағёр надорад,
Ин нанг басаш, к-ӯ хабар аз ёр надорад.
Онро, ки бувад бо сари зулфи ту сару кор,
Бо халқи ҷаҳон як сари мӯ кор надорад.

Чашмат чӣ балоест, ки бо новаки мижгон
Хуни ҳама мерезаду инкор надорад.
Сад бор зи худ рондияму боз биёяд,
Аслан дили девонаи мо ор надорад.
Ҳар кас, ки ба ишқи ту ризо гашт, чу Мансур
Андеша зи ҷон, воҳима аз дор надорад.
Кофар бувад андар бари ҳафтоду ду миллат,
Ҳар кас ба таваллои ту иқрор надорад.
Дар мастабаи ишқ хирадро набувад роҳ,
Ин майкада як одами ҳушёр надорад.
Хуш бош ба неку бади дунё, ки дар ин боғ
Деҳқони қазо як гули бехор надорад.
Аз нахли ҷаҳолат маталаб ком, ки ин шох
Боре ба ҷуз аз зиллати идбор надорад.
Мо аҳли биҳиштем, бувад дӯзахӣ, он к-ӯ
Чун Ҳайдари каррор ҳаводор надорад.
Ишқи ту бувад мазҳаби Лоҳутию дигар
Дар дори ҷаҳон кор ба дайёр надорад.

*Истанбул-Ғозикӯй, майи 1919*

* * *

Китобу дафтари дарсу саҳифаи устод
Ба раҳни бода ниҳодам, ҳар он чи бодо бод!
Маро чу соири озодагон зи дунё буд
Ду пора-пора китобеву як шикаста мидод.
Агарчи буд китобам пур аз лаъолии илм,
Вале касаш зи пашизе намехарид зиёд.
Ба майфурӯш бидодам, ба ҳоли ман пай бурд,
Ду шиша бода ба ман дод, хонааш obод!
Баҳои дору надори ман ин ду шиша май аст,
Ман ин ду шиша ба мулки ҷаҳон нахоҳам дод.
Бинӯш бода, ки ҳаргиз саодати абадӣ
Надодаанд ба кас андар ин харобобод.

Фалак нишемани булбул аз он хароб кунад,
Ки ошёнаи сад бумро кунад обод.
Ба рағми шайх амал кун ба панди Лоҳутӣ,
Ба май бидеҳ ҳама ҳастӣ, ҳар он чи бодо бод!

*Истанбул-Бекӯглу, майи 1919*

* * *

Барои рӯйи ту, эй маҳ, ниқоб лозим нест,
Агар ту ҷилва кунӣ, офтоб лозим нест.
Нуфузи ишқ нигаҳ кун, ки шайхи куҳнапараст
Навишта тоза, ки шаръан ҳиҷоб лозим нест.
Иёлати дили ушшоқ дар ҳимояти туст,
Ба мулки хеш дигар инқилоб лозим нест.
Зи ман гузаштани аз ҷон магар намехоҳӣ?
Ба чашм! Ин ҳама дигар итоб лозим нест.
Агар ба мулки дилам додаӣ ту истиқлол,
Пас ин мушовира бо шайху шоб лозим нест.
Ман аз ситезаи чашми ту ҷон нахоҳам бурд,
Барои куштанам, эй ҷон, шитоб лозим нест.

*Истанбул-Бекӯглу, майи 1919*

* * *

Гар ки шӯрои хату холи ту имдод кунад,
Як ҷаҳон ҷону дил аз бандагӣ озод кунад.
Дасти бедод харобаш накунад то ба абад,
Адли ҳусни ту дар он хона, ки бунёд кунад.
Кишвари дил, ки шуд аз зулми накӯён вайрон,
Дасти инсофи ту бозаш магар обод кунад.
Сулҳу инсофу тамаддун зи ҷаҳон маҳв шудаст,
Магар ин қоидаро ҳусни ту эҷод кунад.
Кори ҳар кас набувад кӯҳ ба нохун кандан,
Ин ҳунар боз магар тешаи Фарҳод кунад.
Дилбари ман, ки ба озодии дилҳо кӯшад,
Чӣ шавад, гар зи мани дилшуда ҳам ёд кунад.

Мутамоил ба ту дар бетарафӣ буд дили ман,
З-он рақиби ту ба ӯ ин ҳама бедод кунад.
Раҳнамое ду-се аз кишвари ҳуснат бифирист,
Дили вайронаи моро магар обод кунад.
Хоҳад ар дил, ки тараққӣ бикунад, Лоҳутӣ,
Боядаш бо сару ҷон хидмати устод кунад.

*Истанбул – Ускудор, июни 1919*

* * *

Шунидастам ғамамро мехурӣ, ин ҳам ғами дигар,
Дилат бар мотамам месӯзад, ин ҳам мотами дигар.
Ба дил ҳар роз гуфтам, бар лаб овардаш дами дигар,
Чӣ созам, то ба даст орам ҷуз ин дил маҳрами дигар?
Накуштӣ оташи хашмат тамому зуд хушкидӣ,
Каме мондаст аз ӯ, эй дида қурбонат, нами дигар!
Маро гуфтӣ дами охир бубинӣ, дер шуд, боз о,
Ки тарсам ҳасрати ин дам барам бар олами дигар.
Зи бераҳмӣ намояд тири худро ҳам дареғ аз дил,
Ки донад захми ӯро нест ҷуз ин марҳами дигар.
Ҷаҳонеро парешон кард аз ошуфтани як мӯ,
Маозаллаҳ, агар бикшояд аз гесӯ хами дигар!
Ба ҷони дӯст, ғайр аз дарди дурӣ аз диёри худ
Дар ин дунё надорад ҷони Лоҳутӣ ғами дигар.

*Истанбул – Бекӯғлу, июни 1919*

* * *

Ҳар он, ки дар ба дарам кард аз ошёнаи хеш,
Худо кунад, ки шавад дар ба дар зи хонаи хеш!
Дилам зи суҳбати бегонагон ба ҷон омад,
Равам, ба дида кашам хоки остонаи хеш.
Ман он кабӯтари сахтам, ки дар ватанхоҳӣ
Биҳиштро наситонам ба ҷойи лонаи хеш.
Маро зи доми ту огоҳӣ аст, эй сайёд,
Ту аблаҳона фиребам мадеҳ ба донаи хеш.

Зиҳӣ сиёсати ҳуснат, ки дар гирифтани дил
Барои ҷанг кунад сулҳро баҳонаи хеш.
Зи шасти нози ту ҳар новаке раҳо гардид,
Надид ҷуз дили ман қобили нишонаи хеш.
Маро ба кори сиёсат чӣ кор, эй лидер,
Ки дилхушам ба хаёлоти ошиқонаи хеш.
Ба раҳм оварӣ охир дилаш ту, Лоҳутӣ,
Зи оҳи субҳдаму гиряи шабонаи хеш.

*Истанбул, сентябри 1919*

* * *

Зи шаб то бомдодон мекунам фарёду менолам,
Зи дасти бахти бадфарҷом дорам доду менолам.
Чу бинам дар қафас ҳам бемурувват баста поямро,
Кунам андеша дар бераҳмии сайёду менолам.
Ба ҳар ҷо дасти ёре бингарам дар гардани ёре,
Зи ёри бевафои худ намоям ёду менолам.
Чу бинам сурати хубони ҳафтоду ду миллатро,
Ба ёд орам, ки ёри ман нашуд озоду менолам.
Зи банди сабҳа мефаҳмам, ки аз ин ришта дилдорам
Ба ҳабси чодару доми ниқоб афтоду менолам.
Чу мехонам ҳадиси мутъаву як марду чандин зан,
Аз ин дини «муқаддас» мекунам фарёду менолам.
Зи фақри зореъу дилсахтии молик бувад равшан,
Ки Эрон мешавад вайрон зи истибдоду менолам.
Хиёнатҳои шоҳу ҷаҳли миллатро чу мебинам,
Аз он тарсам, ки ин кишвар равад барбоду менолам.
Раийятро фурӯшад бо замин маллоку мебинам,
Ки миллат оҷиз аст аз рафъи ин бедоду менолам.
Ҷаҳонро фаъла, Лоҳутӣ, бапо кардасту мебинам,
Ки худ ҳаргиз набуд дар хонае ободу менолам.

*Истанбул, октябри 1919*

* * *

Эй нигори порсӣ, аз мо нигаҳдорӣ бикун,
Мо, зипоафтодагонро баъд аз ин ёрӣ бикун!
Дилбарон ҳар ҷо парасторони ушшоқи худанд,
Хастаем, охир, ту ҳам моро парасторӣ бикун!
Ҳамчу гул берун биё аз ҷилди нангини ниқоб,
Печаву чодар бисӯзон, тарки ин хорӣ бикун!
Гуфтам: «Эй дил, ошиқӣ сахт аст!» - хандидӣ ба ман,
Ман кунун хандам бар аҳволи ту, ту зорӣ бикун!

*Истанбул, ноябри 1919*

* * *

Зи меҳр бар рухи бемори худ нигоҳе кун,
Ба як нигоҳ мудовои бепаноҳе кун!
Нигоҳи меҳри ту гар иштибоҳ ҳам бошад,
Барои роҳатии ҷоне иштибоҳе кун!
Чунин қарор набуд байни мо, ки бо дили ман
Ситам ҳамеша куну лутф гоҳ-гоҳе кун.
Чи хуб захмии мижгони ӯ шудӣ, эй дил,
Туро кӣ гуфт, бирав, ҷанг бо сипоҳе кун?

*Истанбул, ноябри 1919*

* * *

Дар конфаронси сулҳи умумӣ ба номи дил,
Эй пайки оҳ, нолакунон бар паёми дил.
Он ҷо ба ҳомиёни дилу ҷон бигӯ, ки ҳаст
Озодӣ аз асорати хубон мароми дил.
Фарёд кун, ки фитнаи ин духтарони турк
Аз ҳам гусехт силсилаи интизоми дил.
Эй туркзода, чашми ту бо ин нуфуси ҳусн
Ҷо дорад, ар шикаст диҳад бар низоми дил.
Як шаҳр дил ба дасти ту буд, қатли ом шуд,
Вой, ар сипоҳи нози ту гирад тамоми дил.

Бечора гаштааст дил, эй ишқи додгар,
Аз дилбарони турк бигир интиқоми дил!
Дар ҷанги ғамзаи туву ғавғои ошиқон
Шуд сарфи гӯшмоли рақиб эҳтимоми дил.
Шӯрои ишқу ҳусни туро ман раийятам,
Пас, ҳар чи бод, бод, бигир ин зимоми дил.
Лоҳутиё, ҳимояти дил кори мушкилест,
Осуда он касе, ки раҳо шуд зи доми дил.

*Истанбул, ноябри 1919*

* * *

Ошиқ шудаам, гуноҳам ин аст,
Дарди дили бепаноҳам ин аст.
Саф баста ҳамеша гирди ман ғам,
Ман шоҳи ғамам, сипоҳам ин аст.
Ҷуз дард нарӯяд аз гили ман,
Ман боғи ғамам, гиёҳам ин аст.
Санг аз нафасам чу ях шавад об,
Дар синаи тафта оҳам ин аст.
Ҷӯшад сару хун ба дил занад мавҷ,
Ман баҳри ғамам, рафоҳам ин аст.
Шуд мӯйи сарам ба ранги кофур,
Поёни шаби сиёҳам ин аст.
Бо марг ҳамеша меситезам,
Дар зиндадилӣ гувоҳам ин аст.
Борад зи раҳи вафо агар тир,
Вопас наравам, ки роҳам ин аст.

* * *

Хотирошуфта, ҷигарсӯхта, дилхун шудаам.
Бингар, аз дасти рафиқони дурӯ чун шудаам.
Бехигӯшӣ чӣ занӣ ҳарф, табибо, айб аст,
Ба худам низ аён аст, ки маҷнун шудаам.

Баъд аз ин номи маро пок зи дафтар бикунед,
З-он ки ман дигар аз ин «ҷомеа» берун шудаам.
Шер аз дасти ман овора буду акнун шайх
Ҳукми куфрам бидиҳад, сухраи маймун шудаам.
Бирав, эй шайх, маро панд мадеҳ, ман умрест
Мункири сеҳру тилисму даму афсун шудаам.
Шукри ин рӯз, ки дурам зи муҳити «уқало»,
Ман зи «девонагӣ»-и худ хушу мамнун шудаам.

* * *

Оташе дар дилам аз меҳри ватан ҳаст, к-аз ӯ
Ҷон чу симоб ба тан дар ҳаяҷон меояд.
Бар забон чун гузарад номи ватан, баҳри тавоф
Ҷон ба лаб мерасаду дил ба даҳон меояд.
Ақл бандад камари хидмату таъзим кунад,
Сухан аз ишқи ватан чун ба миён меояд.
Баҳри табъам чу пайи мадҳи ватан мавҷ занад,
Шеъри ман софтар аз оби равон меояд.
Он гуҳарҳо, ки зи ганҷинаи табъам хезад,
Ҳамсари ӯ на зи дарё, на зи кон меояд.

*феврали 1919*

* * *

Диламро бе сабаб озурдаву хастанд чашмонат,
Чӣ бояд кард? Ҳам турканду ҳам мастанд чашмонат.
Ту ҳам, эй ёри шерозӣ, чунин бар ман чаро тозӣ?
Магар бо лашкари Чингиз ҳамдастанд чашмонат?
Чӣ сирр аст ин, ки дар меҳру вафо бо ошиқони худ
Ҳар он паймон, ки барбастанд, бишкастанд чашмонат?
Чӣ ҷоду буд ин, к-аз як назар, эй сарви симинбар,
Зи рӯйи гулрухон чашми маро бастанд чашмонат.
Ҳазорон фитна барпо хост дар атрофи ҳусни ту,
Ба зери абрувон з-он дам, ки биншастанд чашмонат.

Диламро аз назар якбора афканданд бо тухмат,
Бале, бечораро беҳуда бишкастанд чашмонат.
Ба тират гарчи мурдам, лек чашм аз он нагардондам,
Ба ин даъво шуҳуди зиндае ҳастанд чашмонат.
Шавад рӯзе, ки рӯйи ёрро бинанду ман бинам,
Ки, Лоҳутӣ, зи дарди ҳиҷр ворастанд чашмонат.

*Истанбул, январи 1920*

* * *

Бардор парда, эй санами моҳрӯйи ман,
То рӯйи ту зиёд кунад обрӯйи ман.
Ҳар ҷо, ки гуфтугӯ зи ниқоби ту мешавад,
Хандад рақибу гиря бигирад гулӯи ман.
Хоҳам миёни ҷомеа озод бинамат,
Ҷуз ин, ба ҷони ту, набувад орзӯи ман.
Бахти сияҳ маро зи ту он қадр дур кард,
То он ки шуд сафед, чу рӯйи ту, мӯйи ман.
Мегуфтам, он чи пушти сарат таъна зад рақиб,
Мебуд агар ки рӯйи ту дар рӯбарӯйи ман.
Лоҳутиё, чӣ шуд, ки ба ёрам асар накард,
Бо он ки шуд замона пур аз ҳою ҳуйи ман.

*Истанбул, январи 1920*

* * *

Ва ё ба ҳастии худ чора мекунам, эй дил,
Ва ё илоҷи ту патёра мекунам, эй дил.
Ва ё ба рӯйи ту роҳи ҳавас фурӯ бандам,
Ва ё гирифта туро пора мекунам, эй дил.
Гумон мабар, ки зи макри ту мутмаин шудаам,
Ҳамеша фикр дар ин бора мекунам, эй дил.
Фурӯ ба сина барам панҷаву туро з-он ҷо
Бурун фикандаву овора мекунам, эй дил.
Ман аз балои ту ҳар шомгоҳ то ба саҳар
Назар ба сабъаи сайёра мекунам, эй дил.

Фалак ба ҳамлае аз ман забун шуду умрест
Ҷадал ба зидди ту, маккора, мекунам, эй дил.
Қасам ба зӯри ҷавонӣ, ки ман ба ин мардӣ
Ҳазар зи кайди ту лаҷҷора мекунам, эй дил.
Агар илоҷи ту, беному нангро, накунам,
Яқин, ба ҳастии худ чора мекунам, эй дил.

*Истанбул, феврали 1920*

* * *

Ишқ як дунё шарар дорад, намедонӣ магар?
Ин шарар, эй дил, хатар дорад, намедонӣ магар?
Эй санам, бо ин ҳаловат ғамза кардан бо рақиб
Дар дили ошиқ асар дорад, намедонӣ магар?
Дар дили ман ҳар нигоҳи нози ту бо дигарон
Рахнаҳо чун нештар дорад, намедонӣ магар?
Рост гӯям, каҷравиҳои туро фаҳмидаам,
Ростӣ бӯйи дигар дорад, намедонӣ магар?
Зулфи ту пайванди улфат баста бо дасти рақиб,
Дил аз ин дастон хабар дорад, намедонӣ магар?
Ошнои хешро мафрӯш бар бегонагон,
Зулм бар ошиқ зарар дорад, намедонӣ магар?
Ҳар ҳунар, к-ин осмон дар ҳаққи худ даъвӣ кунад,
Ошиқат з-он бештар дорад, намедонӣ магар?
Дар раҳи ишқи ту Лоҳутӣ чунин бечора нест,
Синаву дил, ҷону сар дорад, намедонӣ магар?
Эй дил, аз торикии айёми ҳиҷрон ғам махӯр,
Ҳар шабе охир саҳар дорад, намедонӣ магар?

*Истанбул, апрели 1920*

* * *

Тоб аз оташ касе ар дур тавонад кардан,
Дурам аз ишқи ту, эй ҳур, тавонад кардан.
Ту мапиндор, ки рӯзе хатари кушта шудан
Сари мо холӣ аз ин шӯр тавонад кардан.

Кас тавонад ба ҳам омезад агар оташу об,
Бо рақиби ту маро ҷӯр тавонад кардан.
Чеҳра бе парда барафрӯз, ки ин зинда чароғ
Шарқро яксара пурнур тавонад кардан.
Аз чӣ чашмат накунад раҳм, чу бо ними нигоҳ
Доруи ин дили ранҷур тавонад кардан?
Бокам аз ҳеҷ касе нест ба ҷуз панҷаи ишқ,
Фақат ин қувва ба ман зӯр тавонад кардан.
Эй дил, ин сон ки ту шайдо шудаӣ, Лоҳутӣ
Роҳат аз дасти ту дар гӯр тавонад кардан.

*Истанбул, апрели 1920*

* * *

Дил агар кӯҳ бувад, ҳиҷри ту обаш бикунад,
Ишқ агар куфр бувад, ҳусни ту бобаш бикунад.
Хонаи сабр агар аз санг бисозад ошиқ,
Нигаҳи нози ту, эй моҳ, харобаш бикунад.
Дил агарчанд ба хуноби ҷигар ғарқ бувад,
Оқибат шуълаи рӯйи ту кабобаш бикунад.
Пеши болои ту ҳар кас, ки ба даъвӣ хезад,
Гар ҳама фитна бувад, чашми ту хобаш бикунад.
Зоҳид ар баҳс кунад фасли гул аз ҳурмати май,
То даҳон боз кунад, лола муҷобаш бикунад.
Пайрави мазҳаби ишқи ту бувад Лоҳутӣ,
Магузор, ин ҳама ҳиҷри ту азобаш бикунад.

*Истанбул, апрели 1920*

* * *

Ба ӯ ҷон додаам, ҷонони ман дигар чӣ мехоҳад?
Зад оташ бар тани сӯзони ман, дигар чӣ мехоҳад?
Ҳамепурсад: – «Чӣ дорӣ дар вафодорӣ»? Намедонам,
Ба ғайр аз покии домони ман дигар чӣ мехоҳад?
Таҳаккум мекунад бар ман, ки дигар ишқро вел кун,
Худоё, ин бут аз имони ман дигар чӣ мехоҳад?

Ба ман чашмак занад чашмаш, ки ҳамдасти рақибон шав!
Амон, ин ҷоду аз виҷдони ман дигар чӣ мехоҳад?
Зи бас пушти сарам бад гуфт, ҷонро бурид аз ман,
Рақиби бешараф аз ҷони ман дигар чӣ мехоҳад?
Асирам карду болам канду поям басту роҳат шуд,
Фиғон, сайёд аз бустони ман дигар чӣ мехоҳад?
Тамоман обрӯям рехт аз дасти ҳавасҳояш,
Намедонам, дили нодони ман дигар чӣ мехоҳад?
Маро дар гил нишонд аз дурии сарви қади дилбар,
Зи ҳолам дидаи гирёни ман дигар чӣ мехоҳад?
Фалак умре тақалло карду таслимаш нагардидам,
Надонам, ин саг аз майдони ман дигар чӣ мехоҳад?
Сарам барбод дод охир забони сурхашу мотам,
Ки ин Лоҳутӣ аз сомони ман дигар чӣ мехоҳад?

*Истанбул, майи 1920*

* * *

Бастанд ҳамраҳон сӯйи ёру диёр бор,
Ҷуз ман, ки дур мондаам аз ёру аз диёр.
Дар оташам зи фурқати ёрон, ки гуфтаанд:
Аз корвон ба ҷой намонад ба ғайри нор.
Эй корвон, ки бори дилу ҷон гирифтаӣ,
Хуш меравӣ, бирав, ки Худоят нигоҳдор!
Роҳи ватан бигир, ки ин манзили ғариб
Обу ҳавои он набувад бар ту созгор.
Эй булбулони ошиқу эй тӯтиёни маст,
Он ҷо, ки ёфтед ба Ҳинди висол бор,
Ёде кунед аз мани гумкардаошён,
Номе баред аз мани дилхуни доғдор.
Умрест, к-аз ҷафои ту, эй чархи зишткеш,
Дар ҳасрати гуле шудаам ҳамнишини хор.
Донам, чаро ситеза кунӣ бо ман, эй фалак,
Хоҳӣ ба зинҳори ту оям ба изтирор.
Эй осмон, бирав, ки ту оҷизтарӣ зи ман,
Эй чарх, дур шав, ки ту беш аз манӣ фигор.

Теғи малол, ҳар чи тавонӣ, ба ман бизан!
Тири ҳалок, ҳар чи бихоҳӣ, ба ман бибор!
Ман сухраи ту нестам, эй чархи дунпараст,
Ман туъмаи ту нестам, эй гурги лошахор!
Шамшерам, ар бараҳна бимонам, маро чӣ айб,
Шерам, агар ба силсила бошам, чӣ эҳтиқор?
Бечора нестам, ба тиҳидастиям мабин,
Табъам хазинаест пур аз дурри шоҳвор.
Рӯ мениҳам ба даргаҳи ёр, инам обрӯ,
Тан мезанам зи миннати ғайр, инам ифтихор.
Ҳаргиз ниёзманд нагардад ба ҳеҷ кас,
Он ҷо ки марди бихраде тан медиҳад ба кор.

*Истанбул, июни 1920*

* * *

Гул ар ки нест, чӣ ғам, бистаре зи хор ки дорам,
Чу лола як дили пурхуни доғдор ки дорам.
Набошад ар ба канорам нигори ман, зи фироқаш
Канору домане аз хуни дил фигор ки дорам.
Маро зи домани ӯ марг ҳам ҷудо нанамояд,
Гирифтам он ки шавам хоки раҳ, ғубор ки дорам.
Ҳазор шишаи май вомдори майкада ҳастам,
Чӣ ғам, ки симу зарам нест, эътибор ки дорам.
Ба разми муфтхурон ҳамрадифи ранҷбаронам,
Дигар чӣ воҳима з-ағёр ҳаст? Ёр ки дорам,
Ба ёрии дигаронам дар ин замона чӣ ҳоҷат?
Ду дасти кору ду бозуи номдор ки дорам.
Чӣ бок, агар набувад дурри шоҳвор ба дастам,
Гаронбаҳотар аз он, шеъри обдор ки дорам.
Барои дарди сар, эй шайх, агар ки ваъз намоӣ,
Бас аст, беҳуда дигар магӯ, хумор ки дорам.
Ба масҷид ар ки чу Лоҳутиям кунанд ҳақорат,
Равам ба майкада, з-он ҷо раҳи фирор ки дорам.

*Истанбул, июли 1920*

* * *

Хабар дорӣ, ки аз ғам оташе афрӯхтам бе ту,
Дар он оташ сар андар пой худро сӯхтам бе ту?
Ба ҳар шаҳре ҳазорон моҳрӯ дидам, вале з-онҳо
Ба он чашмат қасам, чашмони худро дӯхтам бе ту.
Бутон созанд ҳилатҳо, ки гарданд ошно бо ман,
Вале ман, гап миёни мо бимонад, сӯхтам бе ту.
Пур аст аз ашку аз лахти ҷигар пайваста домонам,
Чӣ қадр, эй маҳ, бубин, лаълу гуҳар андӯхтам бе ту.
Харидорон фаровонанду пурсармоя, аммо ман
Ба чизе ҷуз хаёлат хешро нафрӯхтам бе ту.
Маро куштанду аз меҳри ту рӯгардон нагардидам,
Азизам, бин чӣ сон дарси вафо омӯхтам бе ту.
Ба Лоҳутӣ сухан аз меҳрубониҳои ту гуфтам,
Бад-ин сон порагиҳои дилашро дӯхтам бе ту.

*Истанбул, августи 1920*

* * *

Ошиқам, ошиқ ба рӯят, гар намедонӣ, бидон!
Сӯхтам дар орзӯят, гар намедонӣ, бидон.
Бо ҳама занҷиру банду ҳилаву макри рақиб
Хоҳам омад ман ба кӯят, гар намедонӣ, бидон.
Машнав аз бадгӯ сухан, ман сустпаймон нестам,
Ҳастам андар ҷустуҷӯят, гар намедонӣ, бидон.
Гар пас аз мурдан биёӣ бар сари болини ман,
Зинда мегардам ба бӯят, гар намедонӣ, бидон.
Ин ки дил ҷойи дигар ғайр аз сари кӯят нарафт,
Баста онро тори мӯят, гар намедонӣ, бидон.
Гар рақиб аз ғам бимирад, ё ҳасад кӯраш кунад,
Бӯса хоҳам зад ба рӯят, гар намедонӣ, бидон.
Ҳеҷ медонӣ, ки ин Лоҳутии овора кист?
Ошиқи рӯйи накӯят, гар намедонӣ, бидон!

*Истанбул, августи 1920*

* * *

Ба ғайр аз ин ки дар ин рӯзгор ёр надорам,
Шикояти дигаре ман зи рӯзгор надорам.
Қарордоди ту бо ғайрро ба қатли муҳиббон
Аз он даме ки шунидам, зи ғам қарор надорам.
Ба марги дӯст, ки бо хандаҳои таънаи душман
Ба зиндагонии худ ҳеҷ ифтихор надорам.
Маро адӯи ҷаҳонгир аз чӣ бим диҳад? Чун
Дар ин фарох ҷаҳон ҷойи як мазор надорам.
Намеравам ба дари шоҳу шайху шаҳнаву муршид,
Умеди отифат аз синфи муфтхор надорам.
Ту обрӯйи маро пеши синфи фаъла нигаҳ кун,
Чӣ ғам, ки дар бари ашроф эътибор надорам!
Ба зӯри хома канам бехи зулми муфтхуронро,
Магӯ, чу нест ба каф теғам, иқтидор надорам,
Аҷаб мадор, ки сар доду сир надод ба душман,
Ҷуз ин сифот зи Лоҳутӣ интизор надорам.

*Истанбул, январи 1921*

* * *

Гуфтугӯ аз ошён сайёд пешам мекунад,
Ҳам асирам карда, ҳам мамнун зи хешам мекунад.
Таслиятҳои рақиби ман на аз дилсӯзӣ аст,
Ӯ намакпошӣ ба қалби реш-решам мекунад.
Фаъла мемирад зи ҷӯъу шайху муршид меҳмон –
Ин ба оби Кавсару он бо ҳашишам мекунад.
Сурати сурхи амиру пинаи дасти фақир,
Ростӣ, безор аз ойину кешам мекунад.
Ҷамъ чун бинам бисоти айши синфи муфтхӯр,
Фикри ҳоли ранҷбар хотирпарешам мекунад.
Ашки чашмони ятими коргар, Лоҳутиё,
Даъват аз баҳри наҷоти синфи хешам мекунад.

*Истанбул, январи 1921*

* * *

Ниёзи кас напазирад ҳамешанозкуне,
Ҷудо зи домани ӯ дасти ҳарниёзкуне.
Пайи асорати дил бандубасткун бо ғайр,
Барои ғорати ҷон макруҳиласозкуне.
Ба дастёрии бегона ошносӯзе,
Суханзимонашунав, бораҷиброзкуне.
Ба қатлу ғорати дилҳои мо барои рақиб
Бидуни дарди сар имзои ҳарҷавозкуне.
Баҳечроммашав, азҳамагурезоне,
Рафиқдушману аздӯстэҳтирозкуне.
Ба рӯйи аҳли вафо дарбибанду дилбишкан,
Ба хуни ошиқи худ дастиғайрбозкуне.
Надидаед бутамро, чӣ хотирозорест,
Чӣ ошнокушу бегонасарфарозкуне.
Надида чашми фалак чун рақиби шуъбадабоз,
Зи фитна дастбахуниҷаҳондарозкуне.
Ба коинот тамасхур кунад чу Лоҳутӣ,
Бафақрсохтае, таркиҳирсуозкуне.

*Истанбул, январи 1921*

## БА ДОМ АФТОДАМ

Тарсам озод насозад зи қафас сайёдам
Он қадар, то ки раҳи боғ равад аз ёдам.
Баски мондам ба қафас, ранги гул аз ёдам рафт,
Гарчи бо ишқи вай аз модари гетӣ зодам.
Рӯзи хубе ҳам агар доштаам, ёдам нест,
Гӯиё яксара аз лона ба дом афтодам.
Оташ аз оҳ ба кошонаи сайёд занам,
Гар аз ин банди асорат накунад озодам.
Шӯри Ширину шакархандаи дилдоре нест,
В-арна ман дар ҳунар устодтар аз Фарҳодам.

Борҳо дасти аҷал гашт гиребонгирам,
Боз ҳам домани ишқи ту зи каф нанҳодам.
З-аввалин нукта, ки тафсир намудам аз ишқ,
Кард тасдиқ ба устодии ман устодам.
Дигар ин шиква зи ман пеши рақибон зулм аст,
Ман, ки бе чуну чаро, ҳар чи ту гуфтӣ, додам.
Гарчи бошад ғами олам ба дилам, Лоҳутӣ,
Ҳеҷ кас дар ғами ман нест, аз ин дилшодам.

*Истанбул, январи 1921*

* * *

Баъди як умр дар ин хона касе пайдо шуд,
Баҳри танҳоии ман ҳамнафасе пайдо шуд.
Солҳо буд, ки дуздида фиғон мекардам,
Боз аз баҳри ҳаёҳу ҳавасе пайдо шуд.
Синаам танг буд он сон, ки раҳи оҳ надошт,
Ҳамдаме омаду дар ман нафасе пайдо шуд.
То ки аз лона паридам ба гулистони ҷаҳон,
Ҳар қадам дар раҳи ман хору хасе пайдо шуд.
Равшанӣ ҳеҷ надидам, магар он дам, ки дилам
Он қадар сӯхт, ки дар он қабасе пайдо шуд.
Беш аз ин нолаву фарёд макун, Лоҳутӣ,
Ки ба фарёди ту фарёдрасе пайдо шуд.

*Истанбул, апрели 1921*

* * *

Зоҳид, ин даъвии ту лоиқи изҳор ки нест:
Ту яке хубу ҳама зишт? Сазовор ки нест.
Ҷанги ислому насоро зи пайи манфиат аст,
Ин харобӣ ба сари сабҳаву зуннор ки нест.
Шайхуно, маснади заҳмат на мақоми ту бувад,
Бирав, эй муфтхур, ин масҷиду дарбор ки нест.
Ба ҷуз аз фаълаву деҳқон дигарон муфтхуранд,
Дигар ин даъвии мо қобили инкор ки нест.

Коргар холиқу раззоқи ҷаҳон барзгар аст,
Андар ин гуфта раҳи шубҳаву пиндор ки нест.
Фош шуд фитнаи дин дар ҳама дунёву ҳанӯз
Роҳибу шайх нарафтанд зи рӯ, ор ки нест!
Халқи Эрон зи асорат чӣ шикоят доранд?
Меваи ҷаҳл ба ҷуз зиллату идбор ки нест.
Кор мебояду оҳангу дисиплину давом,
Ҷанг бо зулм фақат баста ба гуфтор ки нест.
Шеъри Лоҳутӣ агар мушти туро во накунад,
Эй ғанӣ, пас, зи чӣ метарсӣ аз он? Мор ки нест.

*Истанбул, апрели 1921*

* * *

Дилам бисёр мехоҳад бубинам дилбари худро,
Бубинам дилбари худро, ба ӯ бахшам сари худро.
Ҳазорон фарсах аз ман зоҳиран дур асту ман ҳар шаб
Ба ёдаш то саҳар хушбӯ намоям бистари худро.
Дар ин оташ, ки худ афрӯхтам аз ишқ гирди худ,
Диҳам охир ба боди нестӣ хокистари худро.
Аз ин тарсам, ки дигар рӯйи гулшанро набинам ман,
Дар ин кунҷи қафас чун рехтам болу пари худро.
Даруни мактаби гетӣ ба ғайр аз ишқу озодӣ
Зи ҳар илмеву ҳар баҳсе бишустам дафтари худро.
Матарс аз ҷон, агар инро писандад ёр, Лоҳутӣ,
Бикаш бар сар в-агар заҳр аст, то таҳ соғари худро.

*Истанбул, апрели 1921*

## БА ОН ТУРКИ ТУНДХӮ…

Эй карда оламе ба нигоҳе шикори хеш,
Боре бипурс ҳоли ғариби диёри хеш.
Аз як назар ки дидамат, эй турки тундхӯ,
Додам зи даст тобу тавону қарори хеш.

Хун гашту ҷойи ашк равон шуд зи дидаам,
Охир ғами ту бо дили ман кард кори хеш!
Аз ҷон канора карданам осон бувад, агар
Биншонамат ба коми дил андар канори хеш.
Аз ман салоҳи кор маҷӯ, чун ба дасти ишқ
Таслим кардаам зи азал ихтиёри хеш.
Парвонасон ба рақс дароям ба хок, агар
Шамъи қади туро нигарам бар мазори хеш.
Ҳаққо, ки зиндагонӣ бе дӯст зиллат аст,
Умр он бувад, ки сарф кунӣ бо нигори хеш.
Зоҳид зи бас ки қиссаи ҳуру қусур гуфт,
Бар бод дод обрӯю эътибори хеш.
Мардум ба ҷоҳу мансабу давлат кунанд фахр,
Лоҳутӣ аз ғуломии даргоҳи ёри хеш.

*Истанбул, 19 майи 1921*

* * *

Агарчи рӯзгори ман сиёҳ аст,
На мегирям, на шеван мекунам ман.
Саҳарҳо хоки Саҳрои Арабро
Ба нохун канда, маъман мекунам ман.
Чу шаб дар чоҳи мағриб меравад хур,
Бурун сарро зи мадфан мекунам ман.
Ба пеши худ чу бинам Каҳкашонро,
Хаёл аз роҳи оҳан мекунам ман.
Бухор аз дам, мутор аз сина созам,
Чу мошин рӯ ба рафтан мекунам ман.
Зи гармо чун танам бетоб гардад,
Зи бӯрон бодбезан мекунам ман.
В-агар хоҳам бубинам рӯйи саҳро,
Чароғ аз барқ равшан мекунам ман.
Саҳар чун хур зи машриқ ҳамла орад,
Дубора фикри мурдан мекунам ман.
Дубора нохунон чун теша ҳозир
Барои гӯр кандан мекунам ман.

Хулоса, он чиро дар ишқи Ширин
Накарда Кӯҳкан, ман мекунам, ман.

*Саҳрои Арабистон, августи 1921*

* * *

Бо ин ҳама бемеҳрии ҷонон чӣ тавон кард?
Ҷон асту мукаддар шуда, бо ҷон чӣ тавон кард?
Он ҷо, ки бувад саҳни чаман хонаи сайёд,
Ҷуз гиря ба мурғони гулистон чӣ тавон кард?
Аз гандуми холаш ба ҷуз аз фитна надидем,
Шайтони ҷинон аст, ба шайтон чӣ тавон кард?
Чашмаш, ки бувад дузди дилу раҳзани имон,
Бо дузди дилу раҳзани имон чӣ тавон кард?
Бо ҳиҷру тиҳидастиву бемориву ғурбат
Ҷуз рехтани ашк ба домон чӣ тавон кард?
Гирам, ки аҷал раҳм ба ранҷурии ман кард,
Бо сахтии он новаки мижгон чӣ тавон кард?
Зуд аст, ки бунёди маро барканад аз бех,
Бо ҷӯшиши ин дидаи гирён чӣ тавон кард?
Вайронтар аз Эрон бувад имрӯз дили ман,
Эй вой, ба ин хонаи вайрон чӣ тавон кард?
Донам, ки хиёнат ба ватан роҳи тараққист,
Аммо ба ҷилавгирии виҷдон чӣ тавон кард?
Бар кишвари дил ғамзааш имрӯз амир аст,
Дузд аст дар ин хона нигаҳбон, чӣ тавон кард?
Гуфтӣ: Ба чӣ рӯ шайхи дағал мункири ишқ аст?
– Қурбони ту, бо одами нодон чӣ тавон кард?
Номуси Зулайхои ватан ҳар ки нигаҳ дошт,
Юсуфсифат афтод ба зиндон, чӣ тавон кард?
Лоҳутии мо раҳ ба дари ёр надорад,
Чун нест ҳаводори рақибон, чӣ тавон кард?
Чун рехтани ашк ба домон надиҳад суд,
Ҷуз охтани теғ ба майдон чӣ тавон кард?

*Истанбул, августи 1921*

* * *

Дило, бархезу истиқбол кун, дилдор меояд,
Дигар андеша аз ағёр манмо, ёр меояд.
Касе к-андар сари минбар кунад такфири муздурон,
Ба ҳукми инқилоб охир ба рӯйи дор меояд.
Бидуни шубҳа маҳсули қувои коргар бошад,
Зи ҳар ҷойи ҷаҳон ҷинсе ба ҳар бозор меояд.
Ҳар он кас кор нанмояд, чӣ ҳаққи зиндагӣ дорад?
Чу як сар лозимоти зиндагӣ аз кор меояд.
Бинои зулму истибдодро зеру забар кардан
Зи дасти мардумони пурдилу подор меояд.
Ба ҳилат халқро хар кардану афсор бинмудан
Фақат аз хирқаву аммомаву зуннор меояд!
Зи хуни халқ хӯрдан нону худро бошараф хондан
Ҳамин аз дасти аҳли масҷиду дарбор меояд.
Дар Эрон духтари нуҳсоларо шавҳар фиристодан
Фақат аз уҳдаи охунди бадкирдор меояд.
Ба дасти шайху шаҳ Қуръону қонун дидаму гуфтам:
Қувои муҷрию аҳкоми истисмор меояд.
Сарат бар бод хоҳад рафт аз ин гуфтор, Лоҳутӣ,
Ҳазар кун, бӯйи хун з-ин табъи оташбор меояд!

*Табрез, октябри 1921*

* * *

Гар нест ду дасти номвар моро,
Кас менараҳонад аз хатар моро.
То чанд барои нафъи худ ашроф
Овора кунанду дарбадар моро?
То кай чу кулоҳу кафш бифрӯшанд
Ин бешарафон ба симу зар моро?
На нур ба дида монда аз заҳмат,
На зӯр ба зонуву камар моро.
Боист мутеъ шуд ба ташкилот,
То васл кунад ба якдигар моро.

Вақт аст, ки фаҳми мо намояд ҷамъ
Дар зери ливои коргар моро.
Чун ҷамъ шавем, ҳеҷ бозуе
Аз ҳам накунад ҷудо дигар моро.
Подорию иттиҳод биншонад
Бар домани шоҳиди зафар моро.
Аз мақсади хеш барнамегардем,
Аз тан бибуранд агар ки сар моро.
В-аз ҳеҷ касе мадад намехоҳем,
Кофист ду дасти коргар моро!

*Табрез, ноябри 1921*

* * *

Дос ар кашад, ки гардани султон ҳамезанам,
Аввалкасе, ки дар пайи деҳқон фитад, манам.
Ман даст аз ҳимояти деҳқон чӣ сон кашам,
Чун парвариш ба неъмати ӯ ёфта танам?
Чун ҷон ба коргар надиҳам, чун зи ранҷи ӯст,
Ҳар чиз баҳри роҳати худ сарф мекунам?
Бояд зи баъди марг рафиқон ба дасти хеш
Дар зери пойи фаъла бисозанд мадфанам.
Эрон хуш аст, лек чу дар ҳаққи ранҷбар
Бинам ҷафои хоҷа, таҳаммул намекунам.
Чун ёди фаъла уфтаму он бӯйи чоҳи нафт,
Уфтад зи дида рӯйи гулу бӯйи лоданам.
Аз шоҳу шайх ном мабар пеши ман, ки ман
Бо душманони барзгару фаъла душманам.
Ку путку доси сурху майдони инқилоб,
То кохи дину бехи ситамро барафканам.

*Табрез, Шарафхона, январи 1922*

## АССАЛО!

Чӣ хуш он, ки байрақи хун бапо
Пайи қатъи решаи ағниё
Шаваду занад ба ҷаҳон нидо,
Ки гурӯҳи коргар, ассало!

Ҳама шаҳр ғарқаи хун шавад,
Ҳама кохи зулм нагун шавад,
Ҳама муфтхора забун шавад,
Ҳама коргар раҳад аз бало.

Набуд ар ки бозуи коргар,
Набуд ар ки заҳмати ранҷбар,
Набуд ин ҷаҳон, набуд ин башар,
Набуд ин тамаввули ағниё.

Ту бапокунандаи оламӣ,
Ту тамом маънии одамӣ,
Ту муаззазӣ, ту мукаррамӣ,
Ҳама чиз бе ту бувад фано.

Ҳала, хезу сози набард кун!
Ту ҳар он чи Худой накард, кун:
Бикушу зи ҷомеа тард кун
Ҳама муфтхори дарандаро.

Ба ду дасти обиладори ту,
Ки ба ҷуз ду бозуи кори ту
Набувад муовину ёри ту
На Худо, на шайху на подшо.

Чӣ кунӣ диранг! Шитоб кун,
Ба наҷоти худ инқилоб кун!
Ту асоси зулм хароб кун,
Ту бисоти адл бапо намо!

Ману он замон, ки кашон-кашон
Ба ятимҳои ситамкашон
Шаҳу шайхро бидиҳам нишон,
Ки муқассирини шумо, ҳало!

*Табрез, Шарафхона, январи 1922*

* * *

Деҳқон хӯроку фаъла ҷаҳонро бапо кунад,
Беҷо гумон мабар ту, ки инро Худо кунад.
Бе шакку шубҳа нест худое, агар ки ҳаст,
Мазлумро мусаххари золим чаро кунад?
Аллоҳу шоҳ олати синфи тавонгаранд,
Зоҳид рибо парастаду кори риё кунад.
Сармоя гар фано шавад, аввал имоми шаҳр
Дасти Худову домани динро раҳо кунад.
Доро ба базми бодаву саргарми сода аст,
Фурсат куҷо, ки фикр ба ҳоли гадо кунад.
Бояд ки доси ранҷбару путки коргар
Мазлумро зи панҷаи золим раҳо кунад.
Ку инқилоби сурх, ки дорои бешараф
Боло ба пеши тӯдаи заҳмат дуто кунад.
Нусрат зи иттиҳоду зи илм асту инқилоб,
Бо коргар бигӯй, ки тарки дуо кунад.

*Табрез, Шарафхона, январи 1922*

* * *

Синаи деҳқон зи ғусса оҳ надорад,
Кисаи доро зи лира роҳ надорад.
Неъмати ашроф дар ҳисоб наёяд,
Заҳмати муздур солу моҳ надорад.
Фаъла, ки додаст тахту тоҷ ба шоҳон,
Кафш ба пову ба сар кулоҳ надорад.
Бешарафӣ бин, ки сери нони деҳотист
Хоҷаву ҳаққи намак нигоҳ надорад.

Боғи ҷаҳон бе вуҷуди фаълаву деҳқон
Мева, ки саҳл аст, як гиёҳ надорад.
Ғайри ду дасту ду бозувони тавоно
Ҳеҷ куҷо фаъла додхоҳ надорад.
Бода бинӯш, эй муқими кишвари Шӯро,
Шодии мулке, ки шайху шоҳ надорад.
Шеъри ту, Лоҳутиё, кушандаи зулм аст,
Ин асар, албатта, як сипоҳ надорад.

*Нахҷувон, феврали 1922*

* * *

Ғайр бо ман душман асту ёр ҳам бо ман бад аст,
Вой бар ҳоли дилам, дилдор ҳам бо ман бад аст.
Хун шуду домони он хунхорро аз каф надод,
Дӯстӣ бин, ин дили беор ҳам бо ман бад аст.
Сӯхт бо як шуъла, ҳар ҷо ошёне сохтам,
Ростӣ, ин табъи оташбор ҳам бо ман бад аст.
Худ ба пеши ман, нигоҳаш ҳаст дар ҷойи дигар,
Эй аҷаб, он наргиси бемор ҳам бо ман бад аст.
Пиру шайху поп, гуфтам, ходими сармояанд,
Хирқа бад, тасбеҳ бад, зуннор ҳам бо ман бад аст.
Тоза бар куфрам имоми шаҳр фатво додааст,
Бахти бад бингар, ки ин мурдор ҳам бо ман бад аст.
Гуфтаам: – Аз ранҷи мардум ризқ хӯрдан муздӣ аст,
Тоҷиру маллоку махзандор ҳам бо ман бад аст.
Гуфтам, эй нодон, ба сози ин мударрисҳо нарақс!
Косиби дилсодаи бозор ҳам бо ман бад аст.
Коргар хуб аст чун бо ман, дигар, Лоҳутиё,
Нест ғам, гар гунбади даввор ҳам бо ман бад аст.

*Нахҷувон, феврали 1922*

* * *

Гар он ки дар басити замин коргар набуд,
Дунё набуду илм набуду ҳунар набуд.

Дар саҳфаи замона агар номи зар набуд,
Ҳаргиз фасоду фитнаву шар дар башар набуд.
Як қатра хун ба хок намерехт аз башар,
Гар он ки зар мудири умури башар набуд.
Шамшер лозим аст ба қалби тавонгарон,
Чун тири оҳи коргарон коргар набуд.
Виҷдон бубин, ки хуни раийят чӣ сон хурад,
Бо он ки хон набуд, агар коргар набуд.
Бо ҳар тавонгаре ба ҷаҳон рӯ ба рӯ шудам,
Дидам, зи роҳи мардумӣ асло хабар набуд.
Майхонаро ба хулди хаёлӣ намефурӯхт
Шайхи «бузургвор», агар он ки хар набуд.
Рақсидам аз сурур, чу дидам имоми шаҳр
Қавлаш ба пеши пири муғон муътабар набуд.
Лоҳутӣ аз ҷафои «рафиқон» залил шуд,
Дар дафъи хасм в-арна чунин беҳунар набуд!

*Тифлис, марти 1922*

* * *

Молдор аз ранҷи муздурон хабар дорад? Надорад.
Оҳи мискин бар дили мунъим асар дорад? Надорад.
Гар ки дар дунё набошад заҳмати муздуру деҳқон,
Ганҷи шоҳу ҷайби доро симу зар дорад? Надорад.
Қувваи кор ар набошад аз пайи тавлиди сарват,
Коргоҳу олату мошин самар дорад? Надорад.
Эй деҳотӣ, кӯдаки худро ба мактаб неҳ, бихонад,
Бесаводӣ ҳосиле ғайр аз зарар дорад? Надорад.
Шайхи хоин гар набошад, хоҷа аз баҳри саворӣ
Доим аз ҷинси дупо як галла хар дорад? Надорад.
Боиси ҷаҳли занону зулми мардон шайх бошад,
Хайре ин уммулхабоис ғайри шар дорад? Надорад.
Ҷон диҳад деҳқону хон аз ранҷи ӯ саргарми роҳат,
Раҳм мехоҳӣ аз ин нокас, магар дорад? Надорад.

Коргарро ҳам яке з-олоти истеҳсол донад,
Хоҷа з-ӯ ҷуз манфиат чашми дигар дорад? Надорад.
Зан бувад дар хоки Шӯро бо ҳама мардон баробар,
Духтари Эрон аз ин неъмат хабар дорад? Надорад.
Дарди деҳқону наҷоти фаъла аз сармоядорон
Чорае ҷуз инқилоби коргар дорад? Надорад.
Мурд Лоҳутӣ ба роҳи фаълаву нанмуд шиква,
Ҳеҷ шоҳе банда аз ин хубтар дорад? Надорад.

*Тифлис, марти 1922*

* * *

Хун шуд аз дастат ҷигар ҳам, боз розӣ нестӣ,
Рафт дар роҳи ту сар ҳам, боз розӣ нестӣ.
Эй тавонгар, аз пайи нафъи ту заҳмат мекашанд
Кӯдакони коргар ҳам, боз розӣ нестӣ.
Коргар кӯшад бароят чордаҳ соат тамом,
Бад чаро гӯйӣ, магар ҳам боз розӣ нестӣ?
Ҷисмам, эй сайёд, пӯсид андар ин кунҷи қафас,
Рехт аз тан болу пар ҳам, боз розӣ нестӣ.
Эй ғанӣ, аз фаъла гар аз зулми ту монад ба ҷой
Ним ҷоне мухтасар ҳам, боз розӣ нестӣ.
Гаштӣ аз роҳи хиёнат садри маҷлис, шайхуно,
Молдору муътабар ҳам, боз розӣ нестӣ.
То шавад нафъи ту, эй сармоядор, аз пеш беш,
Мирад ар навъи башар ҳам, боз розӣ нестӣ.
Гашт пур анборат аз маҳсули деҳқон, эй амир,
Кисаат пурсимузар ҳам, боз розӣ нестӣ.
Аз ғанӣ, Лоҳутиё, биншонад ар бар чашми худ
Байрақи досу табар ҳам, боз розӣ нестӣ.

*Боку, апрели 1922*

* * *

Бас бувад хоби гарон, бедор бош, эй коргар.
Масти ғафлат то ба кай? Ҳушёр бош, эй коргар.

Муттаҳид ҳастанд бар зидди ту хунхорон, ту ҳам
Муттаҳид бар зидди ҳар хунхор бош, эй коргар.
Баҳри имҳоъи ту синфи ағниё саф бастаанд,
Дер шуд, омодаи пайкор бош, эй коргар.
Байни истисмору заҳмат дода шуд эълони ҷанг,
Ҳозири майдони истисмор бош, эй коргар.
Аввал аз бун бехи синфи муфтхоронро бикан,
Пас зи ранҷи хеш бархурдор бош, эй коргар.
То кунун бо заҳри дин зоҳид туро масмум кард,
Баъд аз ин озод аз ин мурдор бош, эй коргар.
Аз сари худ то кунӣ кӯтоҳ дасти зулмро,
Дар дифои синфи худ подор бош, эй коргар.
Мегудозандат чу мис дар кӯраи қонуну дин,
Бохабар аз тоҷу аз дастор бош, эй коргар.
Ҳар ду ҳамдастанд баҳри ғорати заҳматкашон,
Барҳазар аз масҷиду дарбор бош, эй коргар.
Бовафотар нест дар роҳат зи Лоҳутӣ касе,
Огаҳ аз ин абди бемиқдор бош, эй коргар.

*Боку, апрели 1922*

* * *

Ин қадр заифам, ки гар оҳе бидамидам,
Бинед, зи ҷо чун пари коҳе бипаридам.
Ҷон пешкашаш кардаму гуфт: – «Ин зи ту набвад,
К-аввалқадам онро ба нигоҳе бихаридам».
Дар мазраъаи умри худ аз киштаи уммед
Кай шуд, ки ба ҷуз хор гиёҳе даравидам?
Қонеъ зи даҳони ту ба ҳарфе шудам, он ҳам
Гоҳе бишунидам зи ту, гоҳе нашунидам.
Бисёр зи бедоди ту оҷиз шудам, аммо
Ҷуз сӯйи ту дигар ба паноҳе надавидам.
Кай шуд, ки зи фармондиҳии чашми сиёҳат
Амр омаду ман роҳи сипоҳе набуридам?

Тасдиқи вафодориям ин бас, ки зи дастат
Сад гуна ҷафо дидаму оҳе накашидам.

*Боку, апрели 1922*

* * *

Бо мо рақиб дар сари кин асту ёр ҳам,
Душман ситеза мекунаду дӯстдор ҳам.
Ин сон ки ёр бар сари мо тозад аспи ноз,
Аз ҷисми мо ба ҷо нагузорад ғубор ҳам.
Гӯянд: – «Ғам махур, ки шавад рӯзгор хуш».
Бовар макун, ки бар падари рӯзгор ҳам.
Мо собитем дар сари фикру мароми хеш,
Парво намекунем зи шамшеру дор ҳам.
Эй коргар, наҷоти ту дар бозувони туст,
Маъюс бош аз шаҳу аз кирдгор ҳам.
Меҳри ту дар замини дилам реша кардааст
Он сон, к-аз он ҷудо нашавад дар мазор ҳам.
Доро зи ранҷи коргарон ризқ мехурад,
Дорад зи нони муфтхурӣ «ифтихор» ҳам
Камтар касе ба сидқ чу Лоҳутӣ ин замон
Қурбон кунад бародару хешу табор ҳам.

*Боку, апрели 1922*

* * *

Бо ёр кас набуда чунин меҳрубон, ки ман
В-аз ёр кас надида ҷафо ончунон, ки ман.
Ҳам ҷаври душманон кашаму ҳам ҷафои дӯст,
Кӣ бурдааст ин ҳама бори гарон, ки ман?
Бо ишқ панҷа мезанаму боз зиндаам,
Ҳаргиз фалак набуда чунин паҳлавон, ки ман.
Куштӣ маро, зи меҳри рақиб ин қадар магӯ,
Гирам, ки дӯст дорадат, аммо чунон, ки ман?
Мемирам аз ҷафову шикоят намекунам,
Кас дар вафо надода чунин имтиҳон, ки ман.

Бо накди ҷон муҳаббати ҷонон харидаам,
Кӣ ҷинси худ фурӯхта ин сон гарон, ки ман?
Гуфтам миёни халқ, ки халлоқи даҳр кист?
Гардан кашид коргаре з-он миён, ки ман!
Гуфтам: – хуроки халқи ҷаҳонро кӣ медиҳад?
Деҳқон кашид аз ҷигари худ фиғон, ки ман!
Берун фиканд, ҳар чи зи дил бар забон гузашт,
Кӣ доштаст хасм чунин беамон, ки ман?

*Боку, апрели 1922*

* * *

Нӯшам ба шодмонии он дам шароби сурх,
К-аз шарқи инқилоб дамад офтоби сурх.
Қурбони он даме, ки зи хуни тавонгарон
Дарёи инқилоб шавад пурҳубоби сурх.
Нозам ба он замон, ки ба нерӯи путку дос
Деҳқон ниҳад ба гардани султон таноби сурх!
Эй хоҷа, хуни ранҷбар имрӯз кам бирез,
Фардо ҳисоб аз ту кашад инқилоби сурх.
Зоҳид ба ман зи отияи худ суол дод,
Теғе ба вай намудам, к-инак ҷавоби сурх.
Хонро шароби сурх ба ҷому зи гушнагӣ
Резад зи дида духтари деҳқоне оби сурх.
Дар хуни шайху шаҳнаву шаҳ воҷиб аст ғусл
Дар шаръи инқилоб ба ҳукми китоби сурх.

*Боку, апрели 1922*

* * *

Онон, ки марзу буми ҷаҳонро бино кунанд,
Кай хешро зи банди асорат раҳо кунанд?
Дунё чу халқкардаи онҳост, холиқанд,
Доранд ҳақ, агар ки чунин иддио кунанд.
Акнун асири тафриқаанду дучори ҷаҳл,
Чун муттафиқ шаванд, нигаҳ кун, чиҳо кунанд!

Ин беҳтарин аломати сармоядорҳост,
К-аз баҳри пул мамлакатеро гадо кунанд.
То як қадам манофеи онҳо равад зи пеш,
Ҷорӣ ба хок хуни дусад бенаво кунанд.
Исрори ағниё ҳама имрӯза ин бувад,
То фаъларо зи тӯдаи деҳқон ҷудо кунанд.
Бедор бош, фаълаву магзор, к-ин гурӯҳ
Худро миёни тӯдаи мо ҷо ба ҷо кунанд.
Лоҳутиё, бигӯй ба ман, духтарони порс
Кай ин ниқоби нанг зи рухсора во кунанд?

*Боку, майи 1922*

* * *

Бо ҳама дилмурдагӣ гар ёр ёри мо бувад,
Беҳтарини рӯзгорон рӯзгори мо бувад.
Мо ба зидди синфи истисморкун дорем ҷанг,
Фаълаем, озодии заҳмат шиори мо бувад.
Мунтазир аз ҳеҷ кас баҳри раҳоӣ нестем,
Ноҷии мо бозувони бурдбори мо бувад.
Шоҳу шайху муршиду пиру Худоро мункирем,
Эътиқоди мо ба дасти номдори мо бувад.
Дурру гавҳар зинати занҳои истисморчист,
Гарди заҳмат ғозаи рӯйи нигори мо бувад.
Мо санад дорем, к-ин дунё саросар мулки мост,
Ин санад доим ба дасти пинадори мо бувад.
Тӯдаи ранҷем, Лоҳутӣ, ба дафтар қайд кун,
Неъмати рӯйи замин маҳсули кори мо бувад.

*Боку, майи 1922*

* * *

Ҳар кас ба ҷаҳон соҳиби корест, ба ҷуз ман,
Дасти ҳама дар гардани ёрест, ба ҷуз ман.
Ҳар кас, нигарӣ, муътақиди мазҳабу динест,
Ё дар сари ӯ меҳри диёрест, ба ҷуз ман.

Аз мунъиму мискин ҳама шаб ҳар ки дар ин шаҳр
То субҳ дар оғӯши нигорест, ба ҷуз ман.
Ҷуз дӯстии ранҷбарон чист гуноҳам?
К-ин ҷо ҳамаро хешу таборест, ба ҷуз ман.
Кардам ба раҳи фаъла фидо ҳар каси худро,
Акнун ҳама касро касу корест, ба ҷуз ман.
Дилмурдагиям бин, ки кунун дар сари ҳар кас
Меҳри санами лолаузорест, ба ҷуз ман.
Бехона басе ҳаст, вале шод, ки ӯро
Лобуд зи паси марг мазорест, ба ҷуз ман.

*Боку, июни 1922*

* * *

Солҳо дар ҷустуҷӯйи ҳақ ба ҳар дар сар задам,
Кас надидам, ҳар қадар ин дар задам, он дар задам.
Дар ҳама дунё на ном аз ростӣ буд, не нишон,
Ҳай шудам навмед аз ин дар, ҳай дари дигар задам.
Душмане буд, ҳар касеро ман гирифтам ҷойи дӯст,
Раҳзане буд, даст бар домони ҳар раҳбар задам.
Ҳар киро дидам, барои нафъи шахсӣ медавид,
Пушти по, ҷуз фаълаву деҳқон, ба хушку тар задам.
Бар дили синфи тавонгар захмҳои пай ба пай
Гаҳ ба нӯги хома, гоҳе бо дами ханҷар задам.
Ҳар замон эълони куштӣ кард бо ман осмон,
Зуд барҷастам ба майдон, остинро барзадам.
Ҷастам аз ҳар банду кардам пора ҳар занҷирро,
Байрақи озодии мутлақ ба баҳру бар задам.

*Боку, июни 1922*

## КОРГАР ВА КОРФАРМО

Шунидам, коргар бо корфармо
Бигуфто: – Бас кун ин уҷбу батарро!
Чӣ зулм аст ин ба ҷони коргарҳо,
Ки аз он шарм ояд ҷонаварро.

Агар бозуи муздурон набошад,
Ту кай дорӣ чунин ҷоҳу хатарро?
В-агар гӯйӣ: «Зар аз ман, зӯр аз ту»,
Фиреб аст ину доме коргарро.
Чу зӯр аз ман бувад, зар ҳам зи ман шуд,
Чаро к-ин зӯр пайдо карда зарро.
Ту он музд аз куҷо додӣ, ба ҷуз он,
Ки истимор кардӣ ранҷбарро?
Баҳои он матоъеро, ки муздур
Ба эҷодаш хурад хуни ҷигарро.
Ту даҳ по мебарӣ, муздур як по,
Бубин андозаи зулми башарро!
На коре кардию не ранҷ бурдӣ,
Чӣ ҳақ дорӣ ту саҳми бештарро?
Чу кор аз мо бувад, ҳосил ҳам аз мост,
Ту duzdӣ ҳосили шахси дигарро.
Зи ранҷи коргар доранд шоҳон
Ҳамон тахти зару тоҷу камарро.
Хуш он рӯзе, ки ҷойи шеру хуршед
Бубинам байрақи досу табарро!

*Боку, июни 1922*

* * *

Нози бутон дили фуқароро кабоб кард,
Бояд ба зидди лоларухон инқилоб кард.
Ҳеҷ аз нуфузи ҳусни бутон аз миён набурд,
Дос арчи қасри подшаҳонро хароб кард.
Муздури бенаво бари ҳар дилбаре, ки рафт,
То дид дасти холияш, ӯро ҷавоб кард.
Як ранҷбар зи васли бутон комёб нест,
Ин ноҳисобро ба чӣ бояд ҳисоб кард?
З-ин пеш ман ба сина диле доштам чу санг,
Онро ҷафои лоларухон охир об кард.
Аз нанги дин зи давлати соқӣ шудам халос,
Рӯяш сафед бод, бародар, савоб кард.

Эй шоҳиди камун, ту амири дили манӣ,
Қурбони он касе, ки туро интихоб кард.

*Боку, июли 1922*

* * *

Ҳар он, ки номи Худо мебарад, бидеҳ ба манаш,
Ки доди худ биситонам ба муште аз даҳанаш.
Ду дасти фаъла Худои вай асту заҳмат дин,
Бисоти хоку басити замин бувад ватанаш.
Зи бас арақ ба тани фаъла хушк гардидаст,
Ҷудо намешавад асло зи пӯст пераҳанаш.
Бубин, чӣ сон зани доро ба ноз парвардаст,
Ки ранҷа мешавад, ар барги гул халад ба танаш.
Тамоми моҳасали умри фаъла пераҳанест,
Ки он ҳам аз паси ҷон бохтан бувад кафанаш.
Ба коми хоҷа бувад заҳр шеъри Лоҳутӣ,
Ба чашми фаъла бубин, шаҳд резад аз суханаш.

*Боку, июли 1922*

* * *

Ҷонам фидои ранҷбари инқилобкун,
Бо путку дос кохи ситамро харобкун.
Бояд ба зидди синфи тавонгар қиём кард,
Ман андар ин муборизаам фатҳибобкун.
Донӣ, ки чист ҷинси ғанӣ? Сад ятимро
Ҳар дам зи ҳасрати лаби ноне кабобкун!
Ман кистам? Муборизи синфи ситамкашон,
Аз шобу шайху хону Худо иҷтинобкун.
Донӣ, ки кори умдаи шайху кашиш чист?
Даллолии тавонгари мардумазобкун.
Оҳанги иттиҳоду давоми матонат аст
Асбоби фатҳи коргари эътисобкун.
Дин чист? Корчоққуни синфи ағниё,
Занро залили марду асириниқобкун.

Ҳар ранҷбар, ки дохили дар фирқа нест, кист?
Бар ранҷи хешу роҳати доро шитобкун.
Дар базми ом рақсаду дар май шино кунад,
Пул ар диҳӣ ба зоҳиди парҳез аз обкун.

*Боку, июли 1922*

* * *

Ноз аст фақат кори ту бо мову дигар ҳеҷ,
Хун дида зи дастат дили донову дигар ҳеҷ.
Чун мум шавад об зи таъсири нигоҳат,
Дорад дилам аз чашми ту парвову дигар ҳеҷ.
Дар рӯйи замин дарди маро нест давое
В-ар ҳаст, бувад васли ту танҳову дигар ҳеҷ.
Аз мардумию раҳму шараф баҳра надорад,
Пул аст фақат мазҳаби дорову дигар ҳеҷ.
Моро дигар аз дӯзахат, эй шайх, матарсон,
Дорӣ ту ҳамин оруқи беҷову дигар ҳеҷ.
Озодию роҳат шудани ранҷбарон аст
Мақсуди ман андар ҳама дунёву дигар ҳеҷ.
Бешак бувад озодкуни фаълаву деҳқон
Дасти вайу бозуи тавонову дигар ҳеҷ.
Кӯтоҳ кунад дасти ситамро зи сари халқ
Ташкили ҳамин фаълаи бепову дигар ҳеҷ.
Гар во бигузорӣ ба худаш уҷрати муздур,
Аз хоҷа бувад ваъдаи «фардо»-ву дигар ҳеҷ.
Асбоби наҷоту зафари коргарон аст
Подорию тавҳиду тақаллову дигар ҳеҷ.

*Боку, августи 1922*

* * *

Ҳеҷ чизе дар ҷаҳон беҳтар зи ишқи пок нест,
Сад ҳазорон ҳайф, к-он ҳам дар басити хок нест.
Сидқу кизби ҳар ки бо як ҷуръа май ифшо шавад,
Нутфаи поке ба олам ҷуз ба пушти ток нест.

Бодаро вил карда, дар дунболи оби Кавсар аст,
Дар ҷаҳон гумроҳтар аз шайхи беидрок нест.
Хотири маҳзун басе бошад дар ин гетӣ, вале
Ҳеҷ дил ҳамчун дили пурдарди ман ғамнок нест.
То ба кай, эй бемурувват, бар дилам оташ занӣ?!
Сӯхтам, охир, тани бадбахти ман хошок нест.
Бо қувои фаъла мори рӯдаро созанд сер,
Ҳеҷ доро дар шақоват камтар аз Заҳҳок нест.
Ҳар чӣ баҳри рафъи ҳоҷат мехарӣ, бошад мубоҳ,
Тоҷирӣ, гар ин харид аз баҳри истеҳлок нест.
Эътиқоди ағниё ин аст, к-андар рӯзгор
Фаъла муҳтоҷи хуроку лоиқи пӯшок нест.
Ҷанг бо ашрофро бар уҳдаи ӯ вогузор,
Андар ин майдон чу Лоҳутӣ касе чолок нест.

*Боку, августи 1922*

* * *

Зулмҳоеро, ки аз синфи тавонгар дидаам,
Бадтар аз шоҳам, зи ҷинси ҷонвар гар дидаам.
Гар нависам шарҳи он, аз сад китоб афзун шавад,
Он хиёнатҳо, ки аз дастору афсар дидаам.
Аз барои манфиат бо фатвии шайху кашиш
Дастҳо оғушта дар хуни бародар дидаам.
Дар муҳити буржуозӣ заҳмати озод нест,
Эй басо сарҳо, ки ғалтон аз пайи зар дидаам.
Духтари шашсоларо дар коргаҳ аз баҳри нон
Чордаҳ соат ба заҳмат, бал фузунтар дидаам.
Коргарҳоро даруни кону андар чоҳи нафт,
Хоҷаро бо ёри симинбар ба бистар дидаам.
Ҳеҷ хайре дар наҷоти тӯдаи заҳматкашон
Не зи ноқусу на аз «Аллоҳу акбар!» дидаам.
Муддаиро гӯ: – бирав, фикре ба ҳоли худ бикун,
Ман аз ин сон рӯзҳои бад мукаррар дидаам.

Фикри Эрон бош, Лоҳутӣ, ки ман дар он диёр
Гургро чӯпону раҳзанро калонтар дидаам.

*Боку, августи 1922*

* * *

Эй рафиқон, мужда, дигар ҷон зи банди ғам раҳо шуд,
Бо дилам он дилбари бегонапарвар ошно шуд!
Инқилоб охир ба васли ӯ муваффақ кард дилро,
Ин зафар қисмат на аз таъсири нафрин ё дуо шуд.
Масҷиду дайру калисо маркази тадлис бошад,
Мушти зоҳид, то ки по бинҳод дар майхона, во шуд.
То ки шуд мавзӯи синфу баҳси истимор пайдо,
Фитнаи дину ватан дар пеши олам бармало шуд.
Ҳам қазову ҳам қадар дар бозувони мард бошад,
Хун надорад, ҳис надорад, ҳар ки розӣ бар ризо шуд.
Гуфт: – «Лоҳутӣ, чӣ овардӣ ба қурбонгоҳи фаъла?»
Гуфтам: – «Ин ҷо ним ҷоне доштам, он ҳам фидо шуд».
Гуфт: – «Нодарвеш, як ҷон додию сад бор гуфтӣ!»
Гуфтамаш: – «Бигзар аз ин тақсир! Эй валлоҳ, хато шуд!»

*Боку, августи 1922*

* * *

Гар чарх ба коми мо нагардад,
Коре бикунем, то нагардад.
Гӯем ба ӯ: «Мутеъи мо гард!»
Ё мегардад ва ё нагардад.
Гар гашт, хуш аст, в-арна мо даст
Аз ӯ накашем, то нагардад.
Ҳаргиз қади мардумони озод
Бо ҳеҷ фишор то нагардад.
Дар панҷаи иқтидори мардон
Набвад гираҳе, ки во нагардад.
Гар мард фано шавад ба гетӣ,
Ҳаргиз асараш фано нагардад.

Лоҳутӣ агар бимирад аз ранҷ,
Таслим ба ағниё нагардад.

*Боку, сентябри 1922*

## ГАР БИХОҲӢ, МЕТАВОНӢ

Коргар! Дафъи ҷафоро гар бихоҳӣ, метавонӣ.
Қатъи бехи ағниёро гар бихоҳӣ, метавонӣ.
Чун ту ободаш намудӣ, боз ҳам вайрон намудан
Ин ҷаҳони пурсафоро гар бихоҳӣ, метавонӣ.
Ганҷи дороёни дунё ҳосили ранҷи ту бошад,
Дафъи фақри ҳар гадоро гар бихоҳӣ, метавонӣ.
Афви ҷинси муфтхӯр дар мавқеи шӯриш хато буд,
Боз ҷуброни хаторо гар бихоҳӣ, метавонӣ.
Сонеъи ҷинсӣ туву бозор дар ҳукми ту бошад,
Бешу кам кардан баҳоро гар бихоҳӣ, метавонӣ.
Ту ба по кардӣ ҷаҳонро, холиқи ҳастӣ ту ҳастӣ,
Муфтазаҳ номи Худоро гар бихоҳӣ, метавонӣ.
Бо каме таътил дар рӯйи замин ифшо намудан
Кизби шайхи беҳаёро гар бихоҳӣ, метавонӣ.
Қудрати комил ба дасти туст, эй дониш, мадад кун,
Бениёз аз ҳар ки моро гар бихоҳӣ, метавонӣ.
Дар раҳат, эй фаъла, Лоҳутӣ фаровон ранҷ бурда,
Роҳати ин бенаворо гар бихоҳӣ, метавонӣ.

*Маскав, марти 1923*

## ЭЙ ДЕҲОТӢ

Хоҳӣ ар озодӣ аз зулми тавонгар, эй деҳотӣ,
Муттаҳид шав бо деҳотиҳои дигар, эй деҳотӣ.
Тарки мавҳумот кун, таҳсили илму фазл бинмо,
В-арна маҳват мекунад шайхи бадахтар, эй деҳотӣ.
Ҳеч медонӣ, бувад маҳсули кору заҳмати ту
Неъмату осоиши дунё саросар, эй деҳотӣ?

Гар на аз ранҷи туву фаъла-ст, синфи муфтхурҳо
Аз куҷо доранд ганҷи дурру гавҳар, эй деҳотӣ?
Ман зи беномусии мулло, ки ӯро мепарастӣ,
Нуктае гӯям, машав аз ман мукаддар, эй деҳотӣ.
Ҳеҷ шармат н-ояд аз расми араб, к-аз рӯйи шаҳват
Духтари нуҳсоларо бидҳад ба шавҳар, эй деҳотӣ?
Хоҷаро бар ранҷбар он сон мусаллат карда ин дин,
К-аз раият ришва мегиранд духтар, эй деҳотӣ.
То ба кай ашрофи беинсоф баҳри нафъи шахсӣ
Ҳамчу ҳайвонҳо фурӯшандат ба ҳар хар, эй деҳотӣ.
Тез бо сӯҳони ташкилот кун доси зафарро,
Баркан аз бун бехи маллоки ситамгар, эй деҳотӣ.
Даст аз ту, кор аз ту, хок аз ту, об аз ту,
Муфтхурҳо, пас, чӣ ҳақ доранд дигар, эй деҳотӣ?
Ҷунбише кун, хешро озод бинмо з-ин асорат,
В-арна ҳоли туст рӯз аз рӯз бадтар, эй деҳотӣ.
Муттаҳид бо коргарҳо бошу бунёди ситамро
Маҳв кун бо чаккушу доси ҳунарвар, эй деҳотӣ.
Хез аз ҷову ба худ ою ба майдон рав, зафар кун,
З-он ки бе кӯшиш нагардад кас музаффар, эй деҳотӣ.
Гар ки аз дунё барафтад расми истисмори заҳмат,
Мешавад олам раҳо аз фитнаву шар, эй деҳотӣ.
Ҳосили ранҷи туву фаъла-ст неъматҳои дунё
В-ин ҳама симу зару аврангу афсар, эй деҳотӣ.
Ағниё серанду шод аз ҳосили ранҷи туву ту
Доимо ҳастӣ парешонҳолу музтар, эй деҳотӣ.
Бин, чӣ сон ашроф дар вақти хатар ҳастанд якдил,
Пас, ту ҳам бо фаъла якдил бош дигар, эй деҳотӣ.
Бе хилофи мазҳабу мулку лисону дину одат
Фаълаҳо ҳастанд дар ҳар ҷо бародар, эй деҳотӣ.
Баҳри истисмори синфи ранҷбар дар дасти доро
Бошад ин дину ватан шамшеру ханҷар, эй деҳотӣ.
Фаъла дар ҳар дину ҳар ҷо ҳаст маҳкуми тавонгар,
Ё ба ҳукми хоҷ ё фатвои минбар, эй деҳотӣ.

Оятулкурсӣ махон! Хоҳӣ агар дарси раҳоӣ,
Шеъри Лоҳутӣ бибояд хондан аз бар, эй деҳотӣ.

*Маскав, майи 1923*

## УТОҚИ МАН

Манзилам дар «Тавилаи куҳна»,
Ҷониби Орбот, хонаи сиву ҳафт,
Мартабаи панҷ, утоқи нумраи ҳашт,
Собиқан буда меҳмонхона.

Чор ҳамсоя баччаҳо зоданд,
Тоза, болову рӯ ба рӯ, чапу рост,
Ваққу вақ аз чаҳор сӯ бархост,
То зи махраҷ ба хишт афтоданд.

Ҳеҷ дидӣ, харе чу сар(р)а кунад,
Табаийят кунанд аз ӯ харҳо.
Ҳама бо ҳам зананд зери садо,
Он садое, ки рӯҳ арра кунад.

Баччаҳо низ ҳоли хар доранд, –
Чун якешон ба зери гиря занад,
Дигаре то шунид, гиря кунад,
Мухтасар, сахт дарди сар доранд.

Ман худ аз асл зору беморам,
Асабонӣ, дучори таб шабу рӯз.
Баччаҳо низ қуз бар сари қуз,
Ё ки болои бор, сарборам.

Дуқулу зода он зани боло,
Ҳар ду чун баччагурба бозикун.
Чун ба бозӣ шаванд гарм онҳо,
Хонаро гӯиё мананд аз бун.

Лагад аз бас ба сақфи хона зананд,
Мех гӯйӣ ба мағзи ман кӯбанд.
Модарон низ гарми ошӯбанд,
Виру вир субҳу шом чона зананд.

З-ин гузашта, ду ҳафта аз ин пеш
Дузд зад бар утоқи нумраи даҳ.
Соҳиби хона одаме аблаҳ,
Пирмарде хабису зиштандеш.

Чашм аз коинот пӯшида,
Сӯи заннаш ба сокинин бошад.
Фикри пирона инчунин бошад,
Баду ночуру нописандида.

Гарчи ин чо зи марду аз занҳо
Ҳеч чизе надида чуз некӣ.
Боз, чун дузд, туи торикӣ
Дар камин аст рӯзу шаб танҳо.

Пеши ҳар кас, ки меҳмон бошад,
Ӯ ба тафтиши ҳол пардозад.
Меҳмонро ба шубҳа андозад,
К-ин ба таҳрики мизбон бошад.

Давр то давр қилу қол бувад,
Ману осоиш? Ин муҳол бувад!
Роҳи девонагист, мепӯям,
Ки дар ин ҳол шеър мегӯям.

*Маскав, августи 1923*

* * *

Зиллати муздурро саркор медонад магар?
Заҳмати сарбозро сардор медонад магар?

Дин ба дасти соҳиби сармоя як бозича аст,
Дини ӯ, ҷуз дини истисмор, медонад магар?
Раҳм аз мунъим талаб манмой дар ҳаққи фақир,
Ғайри зулму заҳмату озор медонад магар?
Масҷиду дайру калисо доми деҳқонон бувад,
Қиблае молик ба ҷуз анбор медонад магар?
Солҳо дур аст аз роҳи шараф сармоядор,
Ӯ раҳе ғайр аз раҳи бозор медонад магар?
Бесаводӣ боиси бадбахтии заҳматкаш аст,
Ин шикори масҷиду дарбор медонад магар?
Пули соҳибкору он олоти истеҳсоли ӯ
Ҳеҷ бошад бе қувои кор, медонад магар?
Неъмату ободии дунё зи досу кӯбак аст,
Ин шарафро сабҳа ё зуннор медонад магар?
Шеъри Лоҳутӣ бувад осори синфи ранҷбар,
Духтари Эрон аз ин осор медонад магар?

*Маскав, сентябри 1923*

* * *

Не малак ҳасту на шайтон ҳасту не додор ҳаст,
Дар ҳама дунё фақат заҳмат ва истисмор ҳаст.
Буржуозӣ ҳаргиз аз Мағриб нахоҳад рахт баст,
То ки чун Машриқ ба дасташ доимо бозор ҳаст.
Баҳри истеҳкоми истибдоду истисмори халқ
Ҳоҷати сарнайза набвад, сабҳаву зуннор ҳаст.
Аз барои ҳилаи мардум ба дом андохтан
Чизи дигар нест лозим, хирқаву дастор ҳаст.
Маҳбасу фаррош баҳри ҳабси занҳо бехуд аст,
Чодири нанги сиёҳу шайхи «ғайратдор» ҳаст.
Кӯдакони ранҷбар муҳтоҷи нони холиянд,
Ағниёро мурғҳо дар суфра ҳар ифтор ҳаст.
Қиссаи ғилмону ҳури шайхро бовар макун,
Аҳли шаҳватро аз ин афсонаҳо бисёр ҳаст.

Манъи Лоҳутӣ абас бошад зи кори инқилоб,
То ки ӯро фикру табъе саркашу саршор ҳаст.

*Маскав, сентябри 1923*

* * *

Табиб ранги маро хуб диду ҳеҷ нагуфт,
Гирифт набзаму оҳе кашиду ҳеҷ нагуфт.
Шунид духтари Эрон хабар зи озодӣ,
Арақ зи ҳар сари мӯяш чакиду ҳеҷ нагуфт.
Ба пири майкада рамзе зи родио гуфтам,
Даруни хирқа ба ҳайрат хазиду ҳеҷ нагуфт.
Ба нола мурд фақире миёни кӯча зи ҷуъ,
Тавонгаре ҳамаро мешуниду ҳеҷ нагуфт.
Зи хобгоҳи ғанӣ дид аксе оҳангар,
Ба фикр ғарқ шуду дам дамиду ҳеҷ нагуфт.
Зи ман муборизаи синфи коргар чу шунид,
Сиёҳ шуд, лаби худро газиду ҳеҷ нагуфт.
Зи ранҷи коргарон хоҷаро хабар кардам,
Пиёлаи майи худ сар кашиду ҳеҷ нагуфт.
Ба пеши шайх кушудам китоби Лоҳутӣ,
Бараҳнапо суи масҷид давиду ҳеҷ нагуфт

*Маскав, сентябри 1923*

* * *

Коргарҳоем, дунёро бапо мо мекунем,
Ҳар чиро бинӣ дар ин дунё, ба ҷо мо мекунем.
Қасрҳову тахтҳову тоҷҳо осори мост,
Бинӣ ар ободие дар ҳар куҷо, мо мекунем.
Ин чароғи барқу роҳи оҳану мошин зи мост,
Аз саноеъ сарзаминро пурсафо мо мекунем.
Синфи худро муттаҳид созем дар рӯи замин,
Ҷанг бар зидди суфуфи ағниё мо мекунем.
Мо на муҳтоҷи Илоҳему на миннатдори шоҳ,
Хешро бо дасти хоси худ раҳо мо мекунем.

Ин ҷаҳони зулмро вайрон кунем аз беху бун,
Ҷои он дунёи озоде бино мо мекунем.
Аз муҳити кор мавҳумотро берун кунем,
Ҷаҳлро маҳву хирадро раҳнамо мо мекунем.
Ин ҷаҳонро якнасақ созему аз ҳар синф пок,
Фитнаи дину ватанро бармало мо мекунем.
Гӯ ба Лоҳутӣ, ки синфи фаъла пуштибони туст,
Осмон гар бо ту нанмояд вафо, мо мекунем.

*Маскав, октябри 1923*

* * *

Вайрон шавад бинои ҷаҳон бе вуҷуди мо,
Гулзори ҳастӣ аст хазон бе вуҷуди мо.
Мо аз нажоди ранҷбару синфи фаълаем,
Фонӣ шавад замину замон бе вуҷуди мо.
Бо ман бигӯ: башар чӣ таматтуъ аз он барад,
Гирам, ки бошад оби равон бе вуҷуди мо?
Мо боиси бақои банӣ навъи Одамем,
Ин ҷинс меравад зи миён бе вуҷуди мо.
Дарсу китобу дафтару дониш зи ранҷи мост,
Набвад зи илм ному нишон бе вуҷуди мо.
Асбоби зиндагӣ ҳама аз мо шавад падид,
Бемаънӣ аст сурати ҷон бе вуҷуди мо.
Он нокасон, ки саъй ба имҳоъи мо кунанд,
Монанд худ ба ҷой чӣ сон бе вуҷуди мо?
Доро чаро ба мурдани мо ҷаҳд мекунад?
Бо он ки зиндагӣ натавон бе вуҷуди мо.
Тайёраҳову киштию мошин шаванд маҳв
Бо коргоҳу ҷинсу дукон бе вуҷуди мо.
Ҳар олате, ки манфиате з-он шавад падид,
Ҳеч аст, ҳеч, хоҷа, бидон, бе вуҷуди мо.
Лоҳутию рубоию шеъру ғазал бувад
Мавҳум чун ҳадиси ҷинон бе вуҷуди мо.

*Маскав, октябри 1923*

* * *

Коргарҳоем мо, иншои дунё кори мост
В-он чи ҳам дар ҷумла олам ҳаст барпо, кори мост.
Ин ҳама олоти ҷангиро, ки синфи муфтхӯр
Кор андозад ба зидди тӯдаи мо, кори мост.
Кохи Вотикон, сарои Ландану қасри Қаҷар
В-он зиреҳи нуқра, айвони муталло кори мост.
Ин ҳама зиндону бандеро, ки насли ранҷбар
Ҷон диҳад дар он ба нафъи синфи доро, кори мост.
Кист соҳибхона? Эй зоҳид, бирав, муҳмал магӯ!
Хонақоҳу масҷиду дайру калисо кори мост.
Бе вуҷуди мо чу ҳеҷ асбоби касби илм нест,
Метавон гуфтан, ки аслан илми доно кори мост.
Ҳар чи санъат, ҳар чи неъмат дар ҳама олам бувад,
З-аввали дунёву аз ин баъду ҳоло кори мост.
Ваҳдати синфӣ миёни тӯдаи заҳмат бувад,
Бурҷи Эйфел, хонаҳои Шарқи ақсо кори мост.
Маҳви ин дунёи зулму халқи дунёи наве
Холӣ аз ҳар синфу бе аълову адно кори мост.
Шоири ширинзабони Порс медонист кош,
К-оби Рукнободу гулгашти Мусалло кори мост.
Шеъри Лоҳутӣ чи хуш собит кунад, к-андар ҷаҳон
Тоҷи Қайсар, тахти Хоқон, тоқи Касро кори мост.

*Маскав, ноябри 1923*

* * *

Ту, к-андар базми васлӣ, дарди ҳиҷронро чӣ медонӣ?
Ту, к-андар пеши ҷононӣ, ғами ҷонро чӣ медонӣ?
Тамоми умри худ, эй хоҷа, ҷуз роҳат надидастӣ,
Ту қадри заҳмати муздуру деҳқонро чӣ медонӣ?
Фақат виҷдони ту пул асту онро дорӣ, эй доро,
Ту дигар маънию мафҳуми виҷдонро чӣ медонӣ?
Ҳама маҳсули деҳқонӣ ба анбори ту мерезад,
Ту дигар, эй тавонгар, қимати нонро чӣ медонӣ?

Ту к-андар хона ҳам санҷобу хаз, ҳам пӯстин дорӣ,
Тани урёну сармои зимистонро чӣ медонӣ?
Туро рӯҳест пок, эй ранҷбар! Дар ҷомаи тақво
Фасоди зоҳиди олудадомонро чӣ медонӣ?
Ба ҷилди саг ҳазорон гург дорад шоҳ дар галла,
Хиёнат кардани ин гуна чӯпонро чӣ медонӣ?
Ту, эй заҳматкаши иқлими Шӯро, дар амон ҳастӣ,
Фишори молику бедоди аъёнро чӣ медонӣ?
Туро, эй муддаӣ, чун нест эҳсосоти Лоҳутӣ,
Ғами заҳматкашони хоки Эронро чӣ медонӣ?

*Маскав, ноябри 1923*

## ТӮДАИ ЗАҲМАТ

***Тарона***

Тӯдаи заҳмат, баровар
Сар зи хоби дусад қарни мавҳум.
Чашм бикшо, гӯш, бишнав
Бонги шайпури дунёи мазлум.

Куҳна дунёи ситам
Лоиқи инҳидом аст,
Интиқом аз он, аз он!

Не шаҳону не амирон,
Баҳри мо ҳеҷ кас додрас нест.
Ҷуз фидокорию кӯшиш
Ҳомии ранҷбар ҳеҷ кас нест.

Куҳна дунёи ситам
Лоиқи инҳидом аст,
Интиқом аз он, аз он!

Ҷойи тира байраҷи зулм
Байраҷи сурх поянда гардад.
Досу чаккуш, кору заҳмат
Дарси ахлоқи оянда гардад.

Кухна дунёи ситам
Лоиқи инҳидом аст,
Интиқом аз он, аз он!

Ҷумла олам, гӯ, бидонад
Ҷанги мо ҷанг бар зидди ҷанг аст,
Кӯшиши мо, ҷӯшиши мо
Н-аз пайи шуҳрату ному нанг аст.

Кухна дунёи ситам
Лоиқи инҳидом аст,
Интиқом аз он, аз он!

*Маскав, 1923*

## ЧАМАНИ СӮХТА

Решаҳои санавбару шамшод,
Пару боли зиёде аз булбул,
Барги хушке се-чорто аз гул,
Радди пое зи чанд тан сайёд.

Ҳар ки бинад, яқин кунад, к-ин ҷо
Чамане буда, шубҳа нест дар ин.
Сабзаҳо сӯхта, замин хунин,
Чанд тир аз шикорчӣ барҷо.

Рӯди сурхе миёни он ҷорӣ,
Сурх аз ранги хуни аҳли чаман.
Ҳар тараф чуқа-чуқа зоғу заған,
Гоҳ-гоҳе нидое аз зорӣ!

Эй шигифт! Ин кадом боғ буда
Бо ҳавое чунин хушу дилкаш?
В-инчунин боғро кӣ зад оташ,
Мардумаш аз чӣ қатли ом шуда?

Гарчи вайронаест ин гулзор
В-он чи ҳам монда, дуд аз он барпост,
Лек ҷое муҳим бувад, пайдост,
Пур зи таъриху қидмати осор.

Гулаш ар сӯхтасту пажмурда,
Бӯи хубаш баҷост ҳоло ҳам.
Тоқаш арчи шикастҳо хӯрда,
Пояаш боқӣ асту мустаҳкам.

З-ин алоим, бидуни шубҳа, тамиз
Метавон дод, к-инчунин сайёд
Нест ҷуз ингилиси бадбунёд
В-ин чаман нест ғайри Мисри азиз!

*Маскав, декабри 1923*

* * *

Ман на он мардам, ки аз қайди фалак парво кунам,
Чун фалак ман сад ҳазорон хасмро бепо кунам.
Чашми ҷонон бо ишорат боз медорад маро,
В-арна бо як ҳамла мушти осмонро во кунам.
Чархро барҳам занам, афлокро созам забун,
Ёр агар изнам диҳад, то остин боло кунам.
Осмонро гӯ, ки дигар лофи пурзӯрӣ мазан,
Вожгун гардӣ, дирафши сурх агар барпо кунам.
Дар ҷаҳон аз ҳеҷ кас муҳтоҷи ёрӣ нестам,
Орзуи хешро бо дасти худ иҷро кунам.
Гап ба синфи ранҷбар додам, ки то охир нафас
Роҳ бар ашроф гирам, ҳамла бар мулло кунам.

Ман на анҷум мешиносам, не қазо, не осмон,
Баҳри ман айб аст, бим аз ҳарфи бемаъно кунам.
Дар фазои худ нахоҳад гар фалак роҳам диҳад,
Як фазо созам ба майли худ, дар он ҷо ҷо кунам.
Хатти машйи ёр, Лоҳутӣ, агар бигзорадам,
Шоҳро овора созам, шайхро расво кунам.

*Маскав, январи 1924*

* * *

Шайхи бадбин хурда мегирад ба ман дар меҳри хубон,
Бояд аз майхона ин харро бурун кард, эй ҳарифон!
Дар хароботи муғон то пойи ин бегона во шуд,
Равнақ аз май рафту шавқ аз соқию завқ аз ҷавонон.
Мешавад осоиши моро фасоди ӯ мухарриб,
Мекунад ҷамъийяти моро нифоқи ӯ парешон.
Кор бо ин зоҳиди маккор кардан ҳаст мушкил,
Рост гӯям, зиндагӣ бо мор кардан нест осон.

*Маскав, январи 1924*

## БАРХЕЗ!

Эй боиси эҷоди дунё, бархез!
Эй аз ту олам ҷумла барпо, бархез!
Эй кирдгори ҳар чи ашё, бархез!
Эй тӯдаи заҳматкаш, аз ҷо бархез!
Дигар нафас нест,
Фарёдрас нест,
Фикри ту кас нест
Ҷуз дасти пурзӯру ду бозуи тавоно, бархез!

Ашроф аз ранҷи ту роҳат гаштанд,
Туҷҷор соҳибҷоҳу мукнат гаштанд,
Шоҳон хадеви мулку давлат гаштанд,
Ту худ асири зулми доро, бархез!

Дигар нафас нест,
Фарёдрас нест,
Фикри ту кас нест
Ҷуз дасти пурзӯру ду бозуи тавоно, бархез!

Барҳам зан ин авзои хон-хониро,
Помол кун авранги султониро,
Бар ҷилва овар доси деҳқониро,
Эй путки оҳангар, ба ҳайҷо бархез!
Дигар нафас нест,
Фарёдрас нест,
Фикри ту кас нест
Ҷуз дасти пурзӯру ду бозуи тавоно, бархез!

Ту холиқи болову пастӣ ҳастӣ,
Кай лоиқи ин ҷаҳлу мастӣ ҳастӣ?
Парвардгори мулки ҳастӣ ҳастӣ,
Эй мулки ҳастӣ аз ту барпо, бархез!
Дигар нафас нест,
Фарёдрас нест,
Фикри ту кас нест
Ҷуз дасти пурзӯру ду бозуи тавоно, бархез!

Барпо намо шӯрои муздуронро,
Помол кун найранги мағруронро,
Пурзӯр кун бозуи безӯронро,
Эй соҳиби дасти тавоно, бархез!
Дигар нафас нест,
Фарёдрас нест,
Фикри ту кас нест
Ҷуз дасти пурзӯру ду бозуи тавоно, бархез!

*Маскав, январи 1924*

## ДАР ФАБРИКАИ САРМОЯДОРОН

Аз зардии рух, ларзиши тан, ҷунбиши қалбаш
Дарбон ба шак уфтоду ба тафтиш бипардохт.
Якчанд калоф аз бағали ӯ бадар андохт
В-он гаҳ ба асас шиква намуд аз пайи ҷалбаш.

– Абрешим? Оҳо! Дузд, дағал, хоина, ғаддор!
Номат чия? – Нурия – Маҳал? – Охири ин шаҳр,
Он ҷо, каме аз ҷониби чап, он тарафи наҳр.
– Номи падарат? – Мурд. – Мараз? – Заҳмати бисёр.

– Модар?
Ҳаяҷон, гиря, ғазаб, хиҷлати номус.
Он духтараки коргари ёздасола
Бо ҳолати махсус ба як кӯдаки маъсум
Шарм омадаш аз модару уфтод ба нола.
Маҳкум шуду тазкирааш ботилу маҳбус.

Берун шудан аз хидмату расвоиву зиндон,
Бо ин ҳамаву гурснагӣ дошт таҳаммул.
Бар фақри ниё лек чу мекард тааммул,
Мехост, ки берун равад аз пайкари ӯ ҷон.

– Инҳо ҳама саҳл аст, вале кор шуд аз кор,
Модар, ки мариз асту ниё гурсна мондаст.
Эй вой!... Яқин моликаш аз хона бирондаст.
Ин тухми бадӣ, оҳ, кӣ дар даҳр фишондаст?
Нобуд шавад қудрати сармояи ғаддор!

*Маскав, феврали 1924*

## ВАҲДАТУ ТАШКИЛОТ

Сару рише натарошидаву рухсоре зард,
Зарду борик чу най.
Суфрае карда ҳамоил, патуе бар сари дӯш,
Жандае дар тани вай.
Куҳна печида ба по, чунки надорад попӯш,
Дар сари ҷодаи Рай.
Чанд қаззоқи савор аз паяш, олуда ба гард.

Дастҳо баста зи пас, пойи пиёда, бемор,
Кӣ равад ин ҳама роҳ?
Магар он марди қавиҳиммати соҳибмаслак,
Ки шиносад раҳу чоҳ.
Хаста буд, гурсна буд, лек намехост кумак
На зи шайху на зи шоҳ,
Ба ҷуз аз фаълаву деҳқон на ба фикри дайёр.
Аз саворони мусаллаҳ яке омад ба сухан,
Ки дилаш сӯхт ба ӯ:
– Охир, эй шахси гунаҳкор (чунин гуфт ба вай),
Гунаҳат чист? Бигӯ! –
Бандӣ аз лафзи «гунаҳкор» барошуфт, ба вай
Гуфт: – Эй марди накӯ!
Гунаҳам ин, ки ман аз оилаи ранҷбарам.
Зодаи ранҷаму парвардаи дасти заҳмат,
Наслам аз коргарон.
Ҳарфи ман ин, ки: чаро кӯшишу заҳмат аз мост,
Ҳосилаш аз дигарон?
Ин ҷаҳон яксара аз фаълаву деҳқон барпост,
На ки аз муфтх(в)арон.
Ғайр аз ин ман зи гуноҳи дигаре бехабарам.
Дигаре гуфт, ки: – Гӯянд, ту ошӯб кунӣ
Зидди қонуну ватан.

Душмани шоҳию бединию даҳримазҳаб,
Ҷангҷӯ, фитнафикан.
Парда аз кор барандозу мапечон матлаб,
Ростӣ гӯй ба ман.
Ту магар ошиқи ҳабсу кутаку табъидӣ? –
– Тундтар медавӣ аз ман, агар огоҳ шавӣ, –
Додаш ин гуна ҷавоб!
– Ин замон давлату дин олати ашроф бувад,
Ранҷбар лухту кабоб.
Саги хон бо ҷули махмал. Бигӯ, инсоф бувад?
Хонаи ҷаҳл хароб!
Ҳила аст ин суханон, кошки мефаҳмидӣ!
Ин ибороти муталло ҳама мавҳумот аст,
Банди роҳи фуқаро.
Чист қонуни кунунӣ, хабарат ҳаст аз ин?
Ҳукми маҳкумии мо.
Баҳри озод шудан дар ҳамаи рӯйи замин,
Аз чунин зулму шақ, –
Чораи ранҷбарон ваҳдату ташкилот аст.

*Маскав, феврали 1924*

* * *

Шайх гӯяд: – адл бояд бошаду бедод ҳам,
Дар ҷаҳон инсоф ҳам фарз асту истибдод ҳам.
Мутлақо боист бошад ҳам гадо, ҳам молдор,
Воҷиб аст аз ҳикмати ҳақ сайд ҳам, сайёд ҳам.
Ҷинси золим ҳаст лозим, то ҷаҳон сӯзад ба зулм,
Коргарҳо, то ки дунёро кунад обод ҳам.
Лек ман гӯям, ки бе заҳматкашон вайрон шавад
Ландану Порису Берлин, Басраву Бағдод ҳам!
Пеши мо чизе муқаддастар зи заҳмат нест, лек
Бояд аз рӯйи хирад ташхиси заҳмат дод ҳам.
Заҳмат он бошад, ки як ҷинсе аз он ҳосил шавад
В-арна дар куштор заҳмат мекашад ҷаллод ҳам.

Мурда бод ин олами зулму хиёнат, к-андар ӯст
Бенаво ҳам, ағниё ҳам, банда ҳам, озод ҳам!
Зинда бодо путку доси тӯдаи заҳмат, ки он
Созад аз нав оламе бесинфу беаздод ҳам!
Ошиқи заҳмат туӣ, Лоҳутӣ, ин сон ишқро
Кас надид аз Вомиқу Маҷнуну аз Фарҳод ҳам.

*Маскав, феврали 1924*

## МАРГИ МАРДИ ИНҚИЛОБӢ

Сипоҳи шоҳ самти ҷануби ҷодаи Теҳрон,
Қушуни миллӣ андар шаҳри Рашту ҷангали Гелон.
Яке маъмури султон, дигаре маҳкуми Кӯчакхон,
Яке урдуи тоҷу дигаре фармонбари аъён.
Фақат баҳри наҷоти коргар в-озодии деҳқон
Буд андар дохили урдуи дуввум ҳайате пинҳон.
Шаҳи сонӣ – раиси лашкари «миллӣ» хабар шуд з-он,
Ба худ гуфт: Алҳазар! Ин аз барои ман хатар дорад.

Ҳамин монда, ки ҳамроҳи деҳотиҳои хар гардам,
Пас аз ин шаъну шуҳрат фаълаи беповусар гардам,
Надорам кори дигар ғайр аз ин ки коргар гардам,
Пас аз оқоиву фармонравоӣ ранҷбар гардам?...
На!... Ман бояд ки дар таърихи ин даврон самар гардам.
Дар Эрон шахси аввал, шоҳи betoҷукамар гардам.
Агар ҳамдасти муште мардуми бесимузар гардам,
Пас, ин ҷоҳу ҷалолу давлату шавкат чӣ хоҳад шуд?

«Бародар кори мо сахт асту душман гашта зӯровар,
Қувои тозае бояд фиристодан ба ҳар сангар.
Биё, то шӯр бинмоем баҳри нақшае беҳтар,
Ба қаззоқон шиносонем худро дафъаи дигар,
Ки то донанд зӯри инқилобиюни номовар…»

Мудири иҷтимоиюн чу хонд ин нома сар то сар,
Биҷаст аз ҷо чу испанде, ки биҷҳад аз сари ахгар.
Рафиқонро намуд огоҳу пас бо фатвии аксар
Ба дидори раиси лашкари «миллӣ» шитобон шуд.

– Ту мекӯшӣ, ки ин кишвар ба чанголи бало уфтад?
Ту мехоҳӣ, ки ин киштӣ ба гирдоби фано уфтад –
Ватан дар зери пои коргарҳои гадо уфтад?
Умури мамлакат дар дасти муште ашқиё уфтад?
Сипас ҳар хонадони обрӯманде зи по уфтад,
Бувад ҳар одами боустухоне бенаво уфтад.
Накӯтар он, ки сар аз ҷисми амсоли шумо уфтад!
Хитоби садри «миллиюн» ба садри иҷтимоиюн.

Ба ӯ Ҳайдар аму-ӯғлӣ дод посух бо лабе хандон,
Ки: набвад инчунин афкори пасте лоиқи инсон.
Зи ранҷи фаълаву деҳқон ҷаҳон гардида ободон,
На миллат ҳасту не Эрон бидуни фаълаву деҳқон,
Аз ин бигзашта, мо имрӯз дар ҷангем бо султон.
Чу душман рӯ ба рӯ бошад, инон з-ин фитна баргардон,
В-агарна шоҳ хоҳад гашт фотеҳ андар ин майдон!...
Миёни он ду тан ин гуфтугӯҳо буд, то шаб шуд.

Зи ҳабси пешвои худ қувои иҷтимоиюн
Парешон буду душман шод аз ин кирдори номавзун.
Аз ин рӯ толеи урдуи давлат гашт рӯзафзун.
Сипоҳи шоҳ рӯ дар ҳамла аз куҳсору аз ҳомун,
Шабе торику боду сардиву бӯрон зи ҳад берун.
Ба зиндон ҳоли Ҳайдар з-ин ҳаёҳу буд дигаргун,
Дилаш пеши рафиқон, чашмаш аз зӯри ғазаб пурхун,
Ду дасташ муҳкам аз пас баставу занҷир дар гардан.

Дар он торикии шаб ҳайате ворид ба зиндон шуд,
Сипас барқе бизад кибритею шамъе фурӯзон шуд,

Ба пеши аҳли зиндон садри «миллиюн» намоён шуд.
Сухан кӯтоҳ, Ҳайдар бо рафиқон тирборон шуд…
Чу дар хун ҷисми поки ӯ ба роҳи тӯда ғалтон шуд,
Ғами ҷонаш набуд, дар ғуссаи муздуру деҳқон шуд,
Ба ғайр аз ранги хун аз чашми ӯ ҳар ранг пинҳон шуд,
Замин хун, осмон хун, дашту кӯҳу шаҳру ҷангал хун.

Ба худ мегуфт: – Ҳаққи ранҷбар исбот хоҳад шуд,
Ба мактаб рафтаву дорои маълумот хоҳад шуд,
Раҳо аз қайди куфру дину мавҳумот хоҳад шуд,
Халос аз заҷру банду ҳабсу тазйиқот хоҳад шуд,
Ба зидди ағниё дохил ба ташкилот хоҳад шуд,
Вазир аз аспи чун пил афтаду шаҳ мот хоҳад шуд,
Қувои коргар ҳоким ба мавҷудот хоҳад шуд,
Яқинан досу чаккуш вориси тоҷу нигин гардад!

Зи бас хун рафт аз ҷисмаш, ҷаҳон шакли дигар дидӣ:
Замин дар ларзишу афлокро осемасар дидӣ,
Зи ҳар сӯ сад ҳазорон байрақи хун ҷилвагар дидӣ,
Паси ҳар байрақе афвоҷи синфи коргар дидӣ,
Асоси зулму истисморро зеру забар дидӣ,
Бисоти подшоҳӣ зери пойи ранҷбар дидӣ,
Дар он дам ҷони ширинаш, ки ин нақшу сувар дидӣ,
Бурун шуд аз даҳонаш бо садои: – Зинда… бод… озо…

*Маскав, марти 1924*

* * *

Миёни ҳусни туву ишқи ман муомила аст,
Дар ин муомила дил мояи мубодила аст.
Ҷаҳон зи фаъла ба поясту худ ба фатвии шайх
Миёни ҷомеа маҳкуми доғи ботила аст.
Дигар ба кишвари Эрон сафар нахоҳам кард,
Чаро ки дузд дар он ҷо амири қофила аст.

Бидеҳ ту пулу бубин чун пиёла мегирад
Имоми шаҳр, ки кораш намози нофила аст.
Умеди дӯстии ранҷбар ба шайх мадор,
Ки ӯ зи неъмати сармоядор ҳомила аст.
Ҷавоби зулми ғанӣ мушти иттиҳод бувад,
Усули мардуми оҷиз шикояту гила аст.
Пур аст кисаи сармоядор аз он зару сим,
Ки дасти фаъла ба таҳсили он пуробила аст.
Зи васли шоҳиди сулҳи умумӣ эмин бош,
Ки ҷанги коргарӣ охирин муҷодила аст.
Буто, дигар дили Лоҳутӣ аз ҷафо машикан,
Ки ӯ ба меҳри ту, то зинда аст, якдила аст.

*Маскав, марти 1924*

* * *

Бо ҳама нақсу мавонеъ кор мебоист кард,
Тӯдаи тоҷикро ҳушёр мебоист кард.
Бо садои кору табли санъату шайпури илм
Духтари тоҷикро бедор мебоист кард.
Хоҷагон неъмат зи ранҷи камбағалҳо мехуранд,
Дафъ ин гургони одамхор мебоист кард.
Чун зи роҳи зулм бар заҳматкашон доро шуданд,
Мулкдоронро ба рӯйи дор мебоист кард.
Камбағалҳои ҷаҳонро муттаҳид бояд намуд,
Ҷанг бо урдуи истисмор мебоист кард.
Бо васоёи Ленин ҳар қавмро дар касби илм
Бо забони модарӣ мухтор мебоист кард.
То ки чархи бахти халқи ранҷбар уфтад ба роҳ,
Бо маориф ҷодаро ҳамвор мебоист кард.
Ранҷбарҳоро ба зӯри илму нерӯи амал
Бохабар аз фитнаи дастор мебоист кард.
Сустию навмедӣ андар роҳи заҳматкаш хатост,
То нафас боқист дар тан, кор мебоист кард.

*Маскав, марти 1924*

* * *

Зореъон чанд ҷави муфт ба ҳар хар бидиҳанд,
Ҳосили киштаи худро ба тавонгар бидиҳанд?
Гуфтам: – Эй шайх, ба майхона равӣ ё наравӣ?
Гуфт: – Биллоҳ, ба сар меравам, ар зар бидиҳанд.
Гуфтам: – Аз муддаиён пеши ту кӣ маҳкум аст?
Гуфт: – Онон, ки ба ман маблағи камтар бидиҳанд.
Лорд аз шоҳ ватанро ба ду милён мехост,
Пеши худ гуфт: – Гарон аст, харанд, ар бидиҳанд!
Ҳукми дини араб аст ин, ки Худо фармудаст,
Муслимин духтари нуҳсола ба шавҳар бидиҳанд.
Ҷурми «тақсир» раоёи куҷо, ҷуз Эрон,
Нақду ҷинс ар набувад, хоҳару духтар бидиҳанд?
Шайху роҳиб зи ту кӯканд агар, Лоҳутӣ,
Гӯ, муҷозоти туро ваъда ба маҳшар бидиҳанд.

*Маскав, апрели 1924*

## МО РАНҶБАРЗОДАГОНЕМ

Мо ранҷбарзодагонем,
Обод аз мо замин.
Маҳсули сарпанҷаи мост
Тоҷи шаҳону нигин.

Мо бо ситамкаш деҳотӣ
Барпо намудем ҷаҳон,
Кӯшишу ҷонбозӣ аз мо,
Осоиш аз дигарон.

Мо ин ҷаҳони ситамро
Бояд, ки вайрон кунем,
Вайронаи ин ҷаҳонро
Гӯри амирон кунем.

Бедоди сармоядорон
Моро пароканда кард,
Илми ленинӣ дубора
Синфи моро зинда кард.

Эй ранҷбарҳои дунё,
Ҳангоми ғайрат расид,
Бар зидди сармоядорон
Якҷону якдил шавед!

*Маскав, майи 1924*

* * *

Гӯед зи ман ситамгаронро:
Гӯянд видоъ модаронро.
Зуд аст, ки путки коргарҳо
Кӯбад сари соҳибафсаронро.
Вақт аст, ки моликони ғаддор
Тобеъ бишаванд чокаронро.
То чанд қавӣ савор бошад
Аз давлати зулм лоғаронро?
То чанд деҳотиён ба ришват
Бахшанд ба хоҷа духтаронро?
То кай боён зи хуни мазлум
Лабрез кунанд соғаронро?
Эй парчами инқилоб, бипзир
Дар сояи хеш кеҳтаронро!
Эй кавкаби сурх, равшанӣ бахш
Аз ҷилваи хеш Ховаронро!
Эй байрақи сурх, парда бикшой,
Фурсат мадеҳ ин тавонгаронро!
Эй доси деҳотиён, ҳунар кун,
Гардан бизан ин бадахтаронро!
Эй путки нажоди Кова, бардор
Тоҷи сари ин сабуксаронро!

Бархез, ки рӯбаҳон бидонанд
Зӯру ҳунари ғазанфаронро.
Бархез, ки золимон бубинанд
Бодафраҳи додгустаронро.
Дасти руфақо бигиру бархез,
Имдод бикун бародаронро.
Бархез! Вагарна чун ба фардо
Сафбаста кунанд сафдаронро.
Оранд ба зери ҳукми Шӯро
Дар ҳар ҷое диловаронро,
Шарманда шавӣ, чу боз бинӣ
Он ҷо рухи номоваронро.

*Маскав, июни 1924*

* * *

Орзу дорам бубинам ин, ки ман ҳам ёр дорам,
Ғам дигар дар дил надорам, чунки як дилдор дорам.
Аз ҳисобаш фикри ҳар шахси муҳосиб оҷизояд,
Дурии айёми ҳиҷронро агар изҳор дорам.
Аз дари дарбору масҷид нагзарам, то метавонам,
З-он ки аз дидори ҷинси муфтхорон ор дорам.
Ассало, эй ранҷбарҳо, муттаҳид гардед, чун ман
Ҷанг бо синфи ғанӣ бар зидди истисмор дорам.
Коргар аз дину давлат чунки истисмор гардад,
То бимирам, душманӣ бо масҷиду дарбор дорам.
Эй бародар, зулми доро бар фақиронро чӣ пурсӣ?
Ман ҳикоятҳо аз ин гургони одамхор дорам.
Муддаӣ бо нияти таҳқир мехонад фақирам,
Лек ман бо ифтихор ин гуфтаро иқрор дорам.
Гар Худое ҳаст, золимро чаро мепарваронад?
Бас кун, эй зоҳид, ман ин афсонаро инкор дорам.
Боз шуд фабрику Лоҳутӣ намебандад даҳонро,
Шеър то кай? Дер шуд вақти ман, охир, кор дорам.

*Маскав, июни 1924*

* * *

Танҳо на ман адиби сухандонам,
Ҷанговару муборизи майдонам.
Ман ҳам ҳарифи тӯпаму тайёра,
Ҳам ошнои чаккушу сандонам.
Дар вақти базм – булбули дастонгӯ,
Дар рӯзи разм Рустами Дастонам.
Дар дасти ман чу хома бувад шамшер,
Чун хома аст ханҷари бурронам.
Буррандаам, аз ин чӣ аҷаб, чун ман
Шамшери дасти фаълаву деҳқонам.
Ғуррандаам, дар ин чӣ сухан, чун ман
Бар зидди зулм зайғами ғажмонам.
Гӯ, хасмам аз ситора фузун гардад,
Ғам не, ман офтоби дурахшонам.
Кӯҳам, чӣ бок бошадам аз тӯфон,
Баҳрам, чӣ ҳоҷат аст ба боронам?
Варзидааст панҷаву бозуям,
Тобидааст дандаву сутхонам.
Сарҳо ба вақти маърака аз душман
Чун гӯ фитода дар хами чавгонам.
Шуд борҳо чу Коваи Оҳангар
Заҳҳоки зулм баста ба зиндонам.
Ман қаҳрамони лашкари муздурам,
Ман паҳлавони тӯдаи деҳқонам.
Бинҳода зиндагӣ ба кафам шамшер,
То мом лаб гирифта зи пистонам.
Сарнайза хома буду мураккаб хун,
Майдони корзор – дабистонам.
На габру на яҳуду на исоӣ,
На кофирам, на ин ки мусулмонам.
Дунёву синфи фаълаву бозуҳо
Мулки ман асту миллату имонам.
Гардан аз ин ақида намепечам,
Берун кунанд агар ки зи тан ҷонам.

Чун баъзе аз риҷоли сиёсатбоф
Олуда нест ҷомаву домонам.
Кофист дар муҳокима инсофам,
Софист ҳамчу ойина виҷдонам.
Бар мардию дурустию бебокӣ
Шоҳид бувад вақоеи Эронам,
Ҳам инқилоби кӯтаҳи Табрезам,
Ҳам ҳодисоти умдаи Теҳронам.
Ҳам кори пурҷасорати Кирмоншоҳ,
Ҳам он шуҷоати Қуму Кошонам.
Дирӯз ончунон будаму имрӯз
Дар дасти фирқа хубтар аз онам.
Бо ин ҳама, ғурур надорам ман,
Зеро на худпарасту на нодонам.
Донам, ки бештар зи ҳама кас ман
Муҳтоҷи фазлу донишу ирфонам.
Беҳуда нест ин, ки чу мебинанд,
Гирад ҳасад гулӯи ҳасудонам.

*Маскав, июли 1924*

* * *

Бе рафиқи ростгӯе кор кардан мушкил аст,
Рост гӯям, зиндагӣ бе ёр кардан мушкил аст.
Метавон рафтан ба коми шери ғажмон ҳам, вале
Ҷанг бо он наргиси бемор кардан мушкил аст.
Як нафас бо муфтхорон безиён натвон нишаст,
Дӯстӣ бо гурги мардумхор кардан мушкил аст.
Зоҳираш як ранг дорад, ботинаш ҳафтод ранг,
Кор бо ин зоҳиди маккор кардан мушкил аст.
Бо ғанӣ гуфтам, ки хуни фаъларо дигар марез,
Гуфт: – аз ман тарки ин кирдор кардан мушкил аст.
Азму ҷаҳд осон кунад ҳар сахтро, Лоҳутиё,
Шаъни инсон нест, гӯяд кор кардан мушкил аст.

*Маскав, августи 1924*

* * *

Дар пеши ёри хеш зи бегона камтарам,
Аз хок низ дар раҳи ҷонона камтарам.
Як зарра дар ҳисоб наёям ба пеши ёр,
Эй хок бар сарам, ки зи бегона камтарам.
Шармандаам макун, ту, бигиру маро бисӯз,
Яъне чӣ? Ман магар ки зи парвона камтарам?
Изнам бидеҳ, ки зулфи туро оварам ба чанг,
Эй бевафо, магар ки ман аз шона камтарам?
Ё мерасам ба васли ту, ё ғарқи хун шавам,
Охир на ман аз ин дили девона камтарам.
Аз ҳар гурӯҳ дар сари кӯйи ту маҷмаест,
Инсоф деҳ, ман аз кӣ дар ин хона камтарам?

*Маскав, сентябри 1924*

* * *

Эй фаълаи Машриқ, алами сурх ба по кун,
Рӯзи ҳунару кор бувад, тарки дуо кун.
Мавҳуму хурофот ба дур афкану худро
Озод зи дарвешу шаҳу шайху Худо кун.
Ҳар луқма, ки додӣ ту ба ашроф, хато буд,
Баргард аз ин ғафлату ҷуброни хато кун.
Вайрон бикун ин олами бедоду ба ҷояш
Дунёи наве холӣ аз асноф бино кун.
Эй хоҷа, маёзор дигар ранҷбаронро,
Андеша аз ин мардуми бебаргу наво кун.
Ғилмон кӣ бувад? Ҳур куҷоист? Худо чист?
Ин қисса дигар куҳна шуд, эй шайх, ҳаё кун.
Ҳай пул ба занҳои Урупо бидеҳ, эй шоҳ
В-ар нест, ҳаволат ба раисулвузаро кун.
Кофӣ нашуд ар ришваи кобинаи Ландан
Молияи Эрон, ки намурдаст, сафо кун.
Аз ғафлати миллат магӯ, ин қисса дароз аст,
Лоҳутӣ, аз ин пас сари ин ришта раҳо кун!

*Маскав, ноябри 1924*

* * *

Дар баҳои бӯсае як маҳ дилам хун мекунад,
Ёр тоҷир нест, истисмори дил чун мекунад?
Нон зи ранҷи худ хурад деҳқону аз хон шокир аст,
Булъаҷаб, афсонаи дин, бин, чӣ афсун мекунад?
Зулмро бингар, ки чун дар зери заҳмат пир шуд,
Фаъларо дигар зи хидмат хоҷа берун мекунад.
Шайху шаҳ, донӣ, чӣ сон ғорат кунанд ин халқро?
Ин ба номи дину он бо зӯри қонун мекунад.
Шоҳи мо бо як нигаҳ бахшид Эронро ба Жорж,
Лайлии моро нигаҳ кун, кори Маҷнун мекунад.
Молдор аз дастранҷи коргарҳо симу зар
Ҳар чи афзунтар намояд, зулм афзун мекунад.
Ҳар куҷо ҳар золиме зулме кунад бар ранҷбар,
Чун накӯ бинӣ, ба ҳукми шайхи малъун мекунад,
Зинда бодо инқилоби синфии заҳматкашон,
К-ин асоси зулмро вайрону ворун мекунад.
Парда то бардошт Лоҳутӣ зи рӯйи куфру дин,
Хандаҳо бар аршу фаршу чарху гардун мекунад.

*Маскав, ноябри 1924*

* * *

Мубориза шарафу кор ифтихори ман аст,
Наҷоти тӯдаву маҳви ситам шиори ман аст,
Даме шудам зи асорат раҳо, ки донистам,
Раҳокунандаи ман дасти номдори ман аст.
Ба зидди ҳамлаи боён мабин маро танҳо,
Дар ин мубориза чун синфи фаъла ёри ман аст.
Чу нест теғ ба дастам кунун, ба дафъи ситам
Қалам ба кор барам, шоирӣ на кори ман аст.
Зи баъди мурдани ман дидӣ ар заминеро,
Ки шуъла хезад аз он ҷо, бидон, мазори ман аст!
Агар ки муфтии шаҳрам ба куфр фатво дод,
Хушам, ки куфри ман асбоби ифтихори ман аст.

Равам ба коргаҳ акнун, бас аст шеър имрӯз,
Нуҳ аст соату заҳмат дар интизори ман аст.
На бим дораму не эҳтиёҷ, Лоҳутӣ,
Чаро ки такяи ман дар ҷаҳон ба кори ман аст.

*Маскав, ноябри 1924*

* * *

Бархез зи хоб, эй санами Шарқ,
Бархезу бапо кун алами Шарқ.
Бе шахси ту дар раҳи тараққӣ
Ҳаргиз наравад як қадами Шарқ.
Минҳои ту дар ҷумлаи олам
Сифрест ба ҷойи рақами Шарқ.
Бе фоқи ту дар сафҳаи офоқ
Албатта, нагардад қалами Шарқ.
Бе туст тиҳӣ хонаи дунё
Аз оилаи муҳтарами Шарқ.
Бар зидди ситам аҳд бубандед,
Эй турку араб, бо аҷами Шарқ.
В-арна бидарад гурги Урупо
Бо панҷаву дандон шиками Шарқ.
Ҷуз оилаи фаълаву деҳқон
Набвад каси дигар ба ғами Шарқ.
Эй духтари заҳматкаши тоҷик,
Бархезу бапо кун алами Шарқ!

*Маскав, ноябри 1924*

* * *

Ҳар ҷо зи ҳусни рӯйи ту дар гуфтугӯ шудам,
Баҳс аз ниқобат омаду беобрӯ шудам.
Зулфи ту чун каманд маро мекашад ба банд,
Бечора ман, асир ба як тори мӯ шудам.
Шодоб ҳамчу гул будам, акнун зи дурият
Чун ғунчаи хазонзада берангубӯ шудам.
Ором чун малак будам, аз дасти одамӣ
Бесабру тангҳавсалаву тундхӯ шудам.

Рӯзе ҳазор бор кунам орзуи марг
Аз нанги ин, ки ҳамсари ҷамъе дурӯ шудам.
Ҷурмам дар ин муҳити ситам ин бувад, ки ман
Ҳис дораму мумайиизи бад аз накӯ шудам.
Ӯ баста ҳар тараф ба рухи ман дари умед,
Ақли маро бубин, ки тарафдори ӯ шудам.

*Маскав, декабри 1924*

* * *

Шайх гуфт: – Эй вой, дин барбод шуд.
Гуфтам: – Чӣ беҳтар.
Гуфт: – Синфи ранҷбар озод шуд,
Гуфтам: – Чӣ беҳтар.
Гуфт: – Ҷумҳурӣ нашуд Эрони мо,
Гуфтам, ки: бад шуд.
Гуфт: – Миллат баъд аз ин устод шуд,
Гуфтам: – Чӣ беҳтар.
Гуфт: – Кӣ дар мамлакат ҳоким шавад?
Гуфтам: – Адолат.
Гуфт: – Дигар марги истибдод шуд,
Гуфтам: – Чӣ беҳтар.
Гуфт: – Чун хоҳад шудан дарбор?
Гуфтам: – Қасри Шӯро.
Гуфт: – Дардам як буду ҳафтод шуд,
Гуфтам: – Чӣ беҳтар.
Гуфт: – Дунёро кӣ барпо карда?
Гуфтам: – Коргарҳо.
Гуфт: – Вовайло, Худо аз ёд шуд,
Гуфтам: – Чӣ беҳтар.
Гуфт: – Шӯроро чӣ хоҳӣ дод?
Гуфтам: – Ҷони ширин.
Гуфт: – Лоҳутӣ дигар Фарҳод шуд,
Гуфтам: – Чӣ беҳтар.

*Маскав, феврали 1925*

* * *

Берун биё зи парда, бидар ин ҳиҷоби ҳусн,
Бигзор, то ки ҷилва кунад офтоби ҳусн.
Занҷиру банд маслаки ҷумҳури ишқ нест,
Кӯтоҳ кард зулфи ту, хуш инқилоби ҳусн.
Гесӯи тобдода чӣ ҳоҷат, ки рӯйи ту
Дилро ба сӯи хеш кашад бе таноби ҳусн.
Дар ҳеҷ кишваре ба дабистони ишқ нест
Бе номи ту саҳифае андар китоби ҳусн.
Бардор парда, боз кун он рӯйи содаро,
То бингаранд аҳли ҷаҳон обу тоби ҳусн.
Дар конфронси дилшудагон садри номҳост
Номи бузургвори ту дар интихоби ҳусн.
Аз инқилоб паст шавад ҳар тавонгаре
Илло мақоми ишқу ба ғайр аз ҷаноби ҳусн.
Мантиқ ҳазор масъала ҳал мекунад, вале
Ку ончунон даҳон, ки бигӯяд ҷавоби ҳусн?
Ҷумҳури ҳусн оламе обод карду монд
Лоҳутии фалакзада танҳо хароби ҳусн.

*Маскав, марти 1925*

* * *

Аз тамоми аҳли олам ёр даркор асту бас,
Доруи дилро ҳамон дилдор даркор асту бас.
Аз барои соҳибони кону фабрику замин
Қисса аз виҷдон магӯ, бозор даркор асту бас.
Дайру масҷид ходимони вусъати сармояанд,
Мулкдоронро фақат анбор даркор асту бас.
Шайх агар худсар бимонад, ҳай харобӣ мекунад,
Баҳри ин хар доимо афсор даркор асту бас.
То шавад обод бунёни ҳаёти ранҷбар,
Инҳидоми масҷиду дарбор даркор асту бас.
Дин бувад хори раҳи озодии заҳматкашон,
Бо маориф кандани ин хор даркор асту бас.

Синфи заҳматкаш агар хоҳад шавад ноил ба фатҳ,
Илму ташкилоту азму кор даркор асту бас.
Шеъри Лоҳутӣ бувад оёти фатҳи ранҷбар,
Коргарҳоро чунин ашъор даркор асту бас.

*Маскав, апрели 1925*

* * *

Бути нозанинам, маҳи меҳрубонам,
Чаро қаҳрӣ аз ман, балоят ба ҷонам?
Азизам, чӣ кардам, ки ранҷидӣ аз ман?
Бигӯ, то гуноҳи худамро бидонам.
Зи ман умр хоҳӣ, бигӯ ту, бибахшам,
Ба ман заҳр бахшӣ, бидеҳ, то ситонам.
Фалак мот буд аз тавоноии ман,
Ки акнун чунин пеши ту нотавонам.
Зи дарси муҳаббат ба ҷуз номи ҷонон
Ба чизе нагардад забон дар даҳонам.
Ман охир аз ин шаҳр бояд гурезам,
Ки мардум ба танг омаданд аз фиғонам.
Чӣ дастон кунам, то равам ҷойи дигар,
Ки ин мамлакат пур шуд аз достонам.

*Маскав, апрели 1925*

* * *

Пас кай ту ин ниқоб зи рух дур мекунӣ?
Кай тарки ин асорати манфур мекунӣ?
Бо мард ҳамсарӣ ту, кай ин ҳаққи хешро
Собит ба он ситамгари мағрур мекунӣ?
Бишнав, агар зи парда барой, бидуни айб
Чашми рақибро зи ҳасад кӯр мекунӣ.
Бар зидди худпарастии мардон қиём кун,
Тамкин чаро ба бандагии зӯр мекунӣ?
Эй ранҷбар, ту олати синфи тавонгарӣ,
Ин нангро чӣ вақт зи худ дур мекунӣ?

Зулми усули шоҳпарастӣ зи ҳад гузашт,
Пас кай ба по ту рояти ҷумҳур мекунӣ?
Танҳо зи роҳи ваҳдати ташкили синфи хеш
Бадхоҳро мусаххару мақҳур мекунӣ.
Эй подшоҳи Порс, дар ин асри равшанӣ
Занро ба тирагӣ зи чӣ маҷбур мекунӣ?
Туф бар салиқаи ту, ки дар чодари сиёҳ
Занҳои зиндаро ҳама дар гӯр мекунӣ.
Лоҳутиё, ҳамин шарафат бас, ки бе риё
Хидмат ба синфи зореъу муздур мекунӣ.

*Маскав, апрели 1925*

## ТАРОНАИ РАНҶБАРОНИ ЭРОН

Мо фарзанди муздуру деҳқонем,
Дар бешаи зафар мо шеронем.
Мо, ки бо заҳмат ободаш кардем,
Соҳиби обу хоки Эронем.

Мо, ки барҳамзани куфру динем,
Душмани тоҷу тахту нигинем,
Ин ҷаҳон ҳосили заҳмати мост,
Мо худованди рӯйи заминем.

*Маскав, майи 1925*

## ЁРИ МАСЧОҲИЯМ

Ёри масчоҳиям, сулҳу сафо кун,
Ҷафо дигар бас аст, охир, вафо кун,
Ёри масчоҳӣ!
Бути тоҷики ман,
Камарборики ман,
Биё наздики ман,
Шоми торики ман

Субҳи сафо кун,
Ҷафо дигар бас аст,
Охир, вафо кун,
Ёри масчоҳӣ!

Ту то зулфи парешон шона кардӣ,
Маро якборагӣ девона кардӣ.
Агар ҷоду наӣ, бо ин бузургӣ
Дар дили танги ман чун хона кардӣ,
Ёри масчоҳӣ?
Бути тоҷики ман,
Камарборики ман,
Биё наздики ман,
Шоми торики ман
Субҳи сафо кун,
Ҷафо дигар бас аст,
Охир, вафо кун,
Ёри масчоҳӣ!

Ман андар ҳасрати рӯйи чу моҳат
Шудам борик чун мӯйи сиёҳат.
Ба чашмонат қасам, мебахшамат ҷон,
Ба ман аз меҳр агар афтад нигоҳат,
Ёри масчоҳӣ.
Бути тоҷики ман,
Камарборики ман,
Биё наздики ман,
Шоми торики ман
Субҳи сафо кун,
Ҷафо дигар бас аст,
Охир, вафо кун,
Ёри масчоҳӣ!

*Маскав, майи 1925*

## ҶАШНИ МОЙ

Эй коргарони рӯйи замин, ҳой,
Муборак бод бар шумо ҷашни Мой.
Ҷадду обои мо як рӯзе
Аз табиат мехӯрданд рӯзӣ.
Аз сабзаву меваву шикори ҳайвон
Буд хӯроку пӯшоки навъи инсон.
Барои дифоъ аз ҳамлаи ҳайвонҳо
Чӯбу санг ба кор бурданд инсонҳо.
Бо гурзи сангӣ мекарданд даъво,
Таърихи башар шурӯъ шуд з-ин ҷо.
Таърихи башар таърихи даъвост,
Таърихи ҷанги серу гушнаҳост.
Кам-кам зиёд шуда иддаи зану мард,
Хӯроки табиӣ кифоят накард.
Он вақт ду даста мардум пайдо шуд,
Миёни серу гушна даъво шуд.
Гушнаҳои коргарро «гадо» гуфтанд,
Серҳои муфтхӯрро «доро» гуфтанд.
Гушнаҳо аз серҳо чун бештар буданд,
Серҳо аз он ҷо дар хатар буданд.
Балки рӯзе даст ба даст медоданд,
Гушнаҳо серҳоро шикаст медоданд.
Серҳо ҷамъ шуданду ҳилае сохтанд,
Гушнаҳо ҳамаро тала андохтанд.
Он ҳила ин буд, ки гуфтанд: – Худо ҳаст,
Ҳам дар ҳар ҷо несту ҳам дар ҳар ҷо ҳаст.
Зӯр дорад, ҳур дорад, ғилмон ҳам дорад,
Ҷаҳаннам ҳам дорад, ҷинон ҳам дорад.
Дар хоб, дар бедорӣ, дар хона, дар роҳ
Аз фикру аз кори ҳар кас ҳаст огоҳ.
Як биҳишт пур аз хушгилҳо дорад,
Ба он ҷо расидан мушкилҳо дорад.

Як ҷаҳаннам дорад пуропур оташ,
Ақрабу аждаҳову мор кашвокаш.
Биҳишташ маъвои фармонбарон аст,
Ҷаҳаннам манзили ёғигарон аст.
Ҳар кас аз фармони Худо бигрезад,
Азроил меояд, хунаш мерезад.
Чизҳо ба кашишу муллоҳо доданд,
То Худоро дар мағзи мардум ҷо доданд.
Вақте эътиқоди мардум комил шуд,
Ҳар кас бо муллоёни машъум фоил шуд.
Он вақт охундҳо гуфтанд, ки: – Худо
Гуфта, авлиёи мананд ағниё.
Иззат ба доро Худо додааст,
Зиллат ба коргар Худо додааст.
Ҳар кас ба кораш чанду чун кунад,
Азроил меояд, решааш меканад.
Дар дунё рӯзаш мисли шаб гардад,
Рӯҳаш ҳам дар дӯзах муаззаб гардад.
«Таврот»-у «Забур»-у «Инҷил»-у «Қуръон»
Пайдо шуд барои хидмат ба аъён.
Пас ҳар зулму ҳар ҷавру носазо
Дороён карданд дар бораи гадо.
Мазлумҳо аз тарси муллои машъум
Накарданд ба рӯйи золимҳо ҳуҷум.
Ба нафъи ашроф илова бар ин
Ватанпарастӣ шуд сари бори дин.
Сертар аз ҳама байни ағниё
Дар ҳар маҳалле шуд шаҳи он ҷо.
Байни ин шоҳон ҷангу ғавғо шуд,
Мамлакатгирӣ з-инҳо пайдо шуд.
Ҳар вақт дар сари мамлакатронӣ
Даъво мекарданд хоне ба хоне.
Дар ин миёна ба ишқи ватан
Ҷони захматкаш дармерафт аз тан.

Чун мулло мегуфт: – Ҳукми ҳастӣ аст,
Ватанпарастӣ худопарастӣ аст.
Ҳар кас ба ватан тамкин надорад,
Воҷибулқатл аст, чун дин надорад.
Дар ин даъвоҳо шоҳи ҳар кишвар
Асир мегирифт аз мулки дигар.
Асирҳоро муфт ба кор вомедошт,
Яке ҳабс месохт, яке базр мекошт.
Ҳосили заҳмати ҳамаи асирон
Мешуд сарфи айшу нӯши эшон.
Аз ҳосили ранҷу фурӯши асир
Пайдо шуд аввалин сармояи кабир.
Сармояи кабир, кушандаи башар
Маҳкумкунандаи синфи коргар!
Аз сармояи накд мошину олот
Рӯйи кор омад ба корхонаҷот.
Аз даъвокунҳо асир афтода,
Аз деҳотиҳо фақир афтода.
В-аз санъатгарҳо, к-аз ҷумла мошин
Мағлубу бекор гаштанд, мискин.
Кам-кам ташкил шуд синфи коргар,
Эҳёкунандаи ҷаҳон сар то сар.
Хулоса, дар ҳар айшу ҳар азо
Кардаи гадо буд заҳмати доро.
Монеи иттиҳоди коргарон ҳамин
Фарқи нажоду ватан буду дин.
Пас, заҳматкашон рафтанд туи фикр,
Фикрашон зоид як натиҷаи бикр.
Натиҷа ин шуд, ки нифоқ аз моён
Бояд биравад яксар аз миён.
Ватан ҳам сармояи шоҳу аъён аст,
Коргар дар ҳар ҷо бехонумон аст.
Ҳар рӯз, ки фаъла бекор бимонад,
Шаб пул надорад, нон биситонад.

Фаъла дар ҳар ҷо бошад ба заҳмат.
Доро дар ҳар ҷо сер асту роҳат.
Пас ватан олати дасти ағниёст,
Замин сар то сар замини гадост.
Фаълаҳо бояд иттиҳод кунанд,
Решаи ағниё аз бун барканад.
Бе фарқи нажоду забону ватан,
Чун як ҷон бошанд дар чандин бадан.
То дунё пок аз ситамгар гардад,
Замин хонаи ранҷбар гардад.
Ватану нажоду муллову шайтон
Бо шоҳу ашроф раванд аз миён.
Санъат фаровон, заҳмат кам шавад,
Адолат ҳоким бар ситам шавад.
Коргарон матоъу деҳқонон неъмат
Байни ҳам кунанд бе даъво қисмат.
Ҷаҳони куҳна зеру рӯ гардад,
Дунёи нав, ҳар кор накӯ гардад.
Рӯзи ҷашни ин меҳру якрангӣ
Шуд аввали мой – моҳи фарангӣ.
Имрӯз ҳамон рӯз ҷашни фаълаҳост,
Рӯзи кӯрии чашми ағниёст.
Ҳой, фаълаҳои рӯйи замин, ҳой!
Муборак бод бар шумо ҷашни Мой!

*Маскав, 1925*

## САРОИ ТАМАДДУН

Девори рахнадорею тоқе шикофта,
Пӯшида сақфи он ҳама аз тори анкабут.
Ҳар гуна мӯру мор дар он роҳ ёфта,
Саҳнаш пур аз маҳобату торикию сукут.
Бурҷе қадиму куҳнаву пӯсидаву баланд,
Аркони он шикаставу аз ҳам гусехта.

Ҳар гӯша қитъа-қитъа сутунҳои арҷманд
Аз ҷойи худ баромада, бар хок рехта.
Дар сарсутуну сардару айвону сақфи он
Бо хатти зар навишта ҳазорон катибаҳо,
Аммо сиёҳ гаштаву яксар шуда ниҳон
Дар зери дуд он ҳама осори пурбаҳо.
Ҳо, як китоби пора!
Бихонем, аз ин китоб
Шояд шавад падид, ки ин хона мулки кист…
Пӯсида…
Оҳ,
Балки бувад чашми ман ба хоб…
Ин хат… бидуни шубҳа, бале, хатти форсист…
Оҳ,
Ин бино тамаддуни тоҷик будааст,
Он хонае, ки нур фишондӣ ба коинот.
Аз баҳри ин сарои фалаксои пуршикаст
Набвад ба ғайри роҳи ленинӣ раҳи наҷот.

*Душанбе, июни 1925*

* * *

Охир, эй маҳ, ҳалок шуд дили ман,
Дар ғамат чок-чок шуд дили ман.
Бе ту, эй навшукуфта ғунчаи гул,
Хаставу дарднок шуд дили ман.

Гар ба ҳолам назар кунӣ, чӣ шавад?
Бар сарам як гузар кунӣ, чӣ шавад?
Раҳме, эй навниҳоли гулшани ҷон,
Гар ба ин чашми тар кунӣ, чӣ шавад?

Ба мани хаста як назора бикун,
Дардам аз як назора чора бикун.
Ту зи ман ҷон бихоҳ, то бидиҳам
В-ар нагӯӣ сухан, ишора бикун.

Шуъла бар хонумони ман задаӣ,
Дашна бар устухони ман задаӣ.
Аз чӣ манъам кунӣ зи сӯзу гудоз?
Ту худ оташ ба ҷони ман задаӣ.

Ин ки зулфат каманди роҳи ман аст.
Шарҳе аз толеи сиёҳи ман аст.
Чӣ гунаҳ кардаам, ки мекушиям,
Магар ошиқ шудан гуноҳи ман аст?

Оҳ аз он чашми масти пурфани ту
В-он нуҳуфта нигоҳ кардани ту!
Дасти ман гар ба доманат нарасад,
Эй санам, хуни ман ба гардани ту!

*Душанбе, июни 1925*

* * *

Дило, хомӯш шав в-арна кабобат мекунам охир,
Ба оҳе дар танӯри сина обат мекунам охир.
Агар, эй осмон, даст аз хиёнат барнамедорӣ,
Ба ҳаққи хидмати соқӣ, харобат мекунам охир.
Агар аз рост гуфтан, эй забон, хомӯш биншинӣ,
Ба ҷони дӯстон, душман ҳисобат мекунам охир.
Барои машварат дар шӯриши дилҳои заҳматкаш
Яқин, эй дил, шарики инқилобат мекунам охир.
Фурӯшам дафтари донoиву, эй шишаи холӣ,
Ба рағми муддаӣ пур аз шаробат мекунам охир.
Ба майдони ҷиҳоди зиндагӣ, эй духтари Эрон,
Диҳам ҷон ё ки озод аз ниқобат мекунам охир.
Агар ин парда бо як ҷунбиш аз рухсора бардорӣ,
Ба садри маҷлиси ҳусн интихобат мекунам охир.
Чу Лоҳутӣ ба нерӯи китоб, эй бачаи деҳқон,
Хабар аз макри шайхи бекитобат мекунам охир!

*Душанбе, июли 1925*

* * *

Ман фарзанди як деҳқоне будам
Дар қишлоқҳои Тоҷикистон,
Як замин доштем, онро мекоштем,
Нон мехӯрдем аз маҳсули он.

Ёдам меояд, ки дар он қишлоқ
Вақте боғбонӣ мекардем,
Ман бо як хоҳар, падару модар
Чӣ сон зиндагонӣ мекардем.

Ёдам меояд, гови бойҳоро
Модар ҳар пагоҳӣ медӯшид.
Моҳо бо ҳасрат онро медидем,
Бойбача бо шодӣ менӯшид.

Дар қишлоқи мо якто домулло
Аз амалдорони амир буд,
Занҳояш ҷавон, ҳирсаш бепоён,
Агарчи худаш хеле пир буд.

Мо аз зулми ӯ ҳар ҷо кӯ ба кӯ
Парешону овора гаштем.
Бе обу бе нон, ҳам бе хонумон
Сиёҳбахту бечора гаштем.

Ёдам меояд, гурусна будем,
Пироҳан ҳам дар бар надоштем.
Ба ҷуз чашми тар, ба ҷуз дарди сар,
Мо ҳеҷ чизи дигар надоштем.

Ёдам меояд, чанд сол пеш аз ин
Дар Тоҷикистон инқилоб шуд.
Аз Лашкари Сурх хонаи золимон
Бар сари худашон хароб шуд.

Душман фано шуд, даврони мо шуд,
Ҳукумати Шӯро барпо шуд.
Дар Тоҷикистон ба ҷои зиндон
Мактабҳои Шӯро бино шуд.

Акнун дар мактаб бо ҳамшогирдон
Мо дарси ленинӣ мехонем.
Бо илми Ленин дар Машриқзамин
Бехи бойҳоро месӯзонем.

Дар қишлоқи мо, ки аз босмачӣ
Он рӯзҳо вайрону барбод шуд,
Ба ҳукми Шӯро, бо ширкати мо
Калхузи азамат эҷод шуд.

Акнун ин калхуз ҷойи даҳто буз
Садҳо галла мепарваронад.
Ҷойи чорто даст чанд ҳазорто даст
Ҳосил аз замин мерӯёнад.

Акнун, рафиқон, дар Тоҷикистон
Ҳукумати боён боқӣ нест.
Зинда бод мактаб, зинда бод Шӯро!
Зинда бод Фирқаи Коммунист!

*Душанбе, июли 1925*

* * *

Эй боди сабо, зи лутф бархон
Ин қисса ба духтарони Эрон:
Осори ҷаҳолату ситам ҳак
Гардида зи хоки Ӯзбекистон.
Фармондеҳу соҳиб аст бе шак
Муздур дар ин диёру деҳқон.
Он рӯз, ки духтарони ӯзбек
Озод шуданд ҳамчу мардон,

Аз парда бурун шуданд як-як
Монанди гули шукуфта хандон.
Шуд гуфтугӯ, эй нажоди Маздак,
3-он чодари чун сиёҳзиндон,
Мардум ҳама шодмону ман так
Аз зикри асорати ту чандон.
Шарманда шудам, ки гиря кардам,
Як буду ҳазор гашт дардам.

*Самарқанд, августи 1925*

* * *

Шайх паймони худ андар сари паймона фурӯхт,
Ӯ ки ҳушёр буд, инро зи чӣ мастона фурӯхт?
Донишу дини маро дар сари бозори вафо
То хабардор шудам, ин дили девона фурӯхт.
Дар сари ҳарфи рақиб аз бари ман дурӣ кард,
Ошно бин, ки маро муфт ба бегона фурӯхт!
Набурид аз бари ман пой, маро то нахарид,
Накашид аз сари ман даст, маро то нафурӯхт.
Дили одам барад ар гандуми холаш, на аҷаб,
Ҷадди мо дини худ андар сари ин дона фурӯхт.
Охирин қатраи хуне, ки дар он боқӣ буд,
Дил ба он дилбари тоҷикии Фарғона фурӯхт.
Ҷон дареғ аз раҳи Эрон накунад Лоҳутӣ,
Ӯ аз аввал сари худ дар сари ин хона фурӯхт.

*Душанбе, августи 1925*

* * *

Ман коргару ту деҳқон, дод аз туву оҳ аз ман!
То чанд баранд ашроф кафш аз ту, кулоҳ аз ман?
Морову туро доро як навъ кунад яғмо,
Хун мехурад ин золу хоҳ аз туву хоҳ аз ман.
Дониш надиҳад барбод, то решаи мавҳумот
Кай даст кашад, ҳайҳот, шайх аз туву шоҳ аз ман!

Мо туъмаи дарборем, мурғони гирифторем,
Серанд ситамкорон гоҳ аз туву гоҳ аз ман.
Якдил нашавем ар мо, дурӣ накунад асло
Ин бахти забун аз ту, ин рӯзи сиёҳ аз ман.
Мо то ки зи ҳам дурем, дармондаву маҳҷурем,
Ин ғафлату нодонист, айб аз ту, гуноҳ аз ман.
Бе чуну чаро аз мост, ҳар чи, ки дар дунёст,
Ин неъмату нон аз ту, ин давлату ҷоҳ аз ман.
Бо зӯри ҳамон нафъе, к-аз заҳмати мо бурданд,
Карданд бузургон салб айш аз ту, рафоҳ аз ман.
Ман пинаи каф дорам, ту нотиқа, Лоҳутӣ,
Дар маҳкамаи заҳмат арз аз ту, гувоҳ аз ман.

*Душанбе, августи 1925*

* * *

Гар ишқи ту, эй дилбари тоҷик, намешуд,
Дил ҳеч ба ин марҳала наздик намешуд.
Дар ҳеҷ диле ҷунбише аз ишқ намебуд,
Гар аз тарафи чашми ту таҳрик намешуд.
Ҷон бастаи гесӯи ту буду зи паяш рафт,
Ман хостам онро надиҳам, лек намешуд.
Дар зулфи ту дил дарси ҷунун хонд, в-агарна
Он қадр дар ин масъала борик намешуд.
Бисёр шикоят зи ту ҳақ доштам, аммо
Дар назди рақиб ин ҳаракат нек намешуд.
Гар дини араб равшанӣ аз Шарқ намебурд,
Тоҷик чунин мондаву торик намешуд.
Гар зулми амирон набуду ҷаҳли фақирон,
Фарғона кам аз кишвари Белҷик намешуд.
Гар ҳастии худро ба раҳи фаъла намедод,
Лоҳутии мо лоиқи табрик намешуд.

*Душанбе, августи 1925*

* * *

Тоҷикистон шуд мунаввар, то ту гаштӣ бениқоб,
Оламе равшан шавад, чун маҳ барояд аз саҳоб.
Офарин бар қуввае, к-аз парда озодат намуд,
Ҳайф буд, ин ҳусни оламгир монад дар ҳиҷоб.
Аз барои маст кардан як нигоҳат бас бувад,
Ошиқи рӯйи туро ҳоҷат набошад бо шароб.
Рӯйи некӯи туро кӯтоҳии мӯ айб нест,
Ҳусни ту дилро ба сӯйи худ кашонад бе таноб.
Қудрати сарпанҷаи Уктабрро бингар, ки чун
Чодар аз рӯят гирифту дод бар дастат китоб.
Бандаи дирӯза акнун ҳукмронӣ мекунад,
«Ҳеч»-ро «ҳар чиз» кардӣ, зинда бош, эй Инқилоб!

*Душанбе, декабри 1925*

* * *

Гирифтори туам, пурсиш кун аз ҳоли парешонам,
Парешонхотирам, раҳме намо бар чашми гирёнам.
Ба рӯйи ҳамчу рӯзу мӯйи чун шомат қасам, ҷоно,
Ки дур аз рӯю мӯят рӯзро аз шаб намедонам.
Дигар тоқат намонд, эй маҳ, ту озорам мадеҳ, охир,
На аз сангам, на аз оҳан, дилу ҷон дорам, инсонам!
Намедонӣ, танам дар оташи ишқи ту месӯзад?
Чаро раҳмат намеояд, азизам, дилбарам, ҷонам?!
Дилам пурғам шуд аз дурӣ, биё дигар, ки бо шодӣ
Зи ганҷи дида бепоён ба поят гавҳар афшонам.
Дамад гар аз дилам оташ, равад гар бар сарам тӯфон,
Дил аз меҳрат намегирам, сар аз амрат напечонам.

*Маскав, 1925*

## ТОҶГУЗОРӢ

Ман аввалрӯз донистам, ки шоҳаншоҳ хоҳӣ шуд,
Худованди замину сояи Аллоҳ хоҳӣ шуд.

Чу сар печидӣ аз роҳи наҷоти фаълаву деҳқон,
Яқин кардам, ки то охирқадам гумроҳ хоҳӣ шуд.
Шаҳи Эрон шудӣ аз заҳмати муздуру деҳқонон,
Агар боқӣ бимонӣ, шоҳи бурҷи моҳ хоҳӣ шуд!
Баландат кард ҳар дасте ба рӯйи дӯши заҳматкаш,
Яқин медон, ки бо он даст ҳам кӯтоҳ хоҳӣ шуд.
Ту андар сояи заҳматкашон шери жаён гаштӣ
В-агар бар зиддашон ҷунбиш кунӣ, рӯбоҳ хоҳӣ шуд.
Намак хӯрдӣ зи дасти ранҷбар, машкан намакдонро,
В-агарна дар хиёнат шуҳраи афвоҳ хоҳӣ шуд.
Ба пурзӯрон шудӣ фотеҳ, вале аз оҳи мискинон
Ҳазар бинмо, ки худ мағлуби ин сон оҳ хоҳӣ шуд.
Мақоме, к-аз ситам гардида ҳосил, нест поянда,
Ту пиндорӣ, ки доим соҳиби ин ҷоҳ хоҳӣ шуд?!
Нажоди фаъла пуштибони фикри туст, Лоҳутӣ,
Матарс аз ин, ки маҳкуми шаҳу Аллоҳ хоҳӣ шуд!

*Москва, 1925*

* * *

Эй духтари номдори Эрон,
Аз рӯи худ ин ниқоб бардор.
Чун духтаракони Ӯзбекистон
Чодар бинеҳу китоб бардор!

Ту духтари офтоб ҳастӣ,
Шармат н-ояд зи рӯи модар?
Аз баҳри чӣ дар ҳиҷоб ҳастӣ?
Чун модари худ ниқоб бардар!

Рӯи ту магар чӣ айб дорад,
К-онро ба даруни парда кардӣ?
Дар ҳусни ту ҳар ки райб дорад,
Бинмо, ки фитад ба рангзардӣ.

Не-не, рухи ту зи айб пок аст,
Хичлат макаш аз кушодани он.
Марди ту сафеҳу айбнок аст,
К-афканда туро ба тира зиндон.

Он қадр даруни парда мондӣ,
То пир шудӣ, зи нур рафтӣ.
Як умр чӣ гуна барда мондӣ,
Ту зинда чӣ сон ба гӯр рафтӣ?

Он кас, ки туро асир бинмуд
В-он гаҳ абадан ба ҳабс андохт,
Ӯ хасми саодати башар буд,
Шамшер ба рӯи мардумӣ охт.

Эй ёфта парвариш ба дунё
Бо шири ту шерҳои Эрон,
Аз ҳабси ту нестанд оё
Шарманда далерҳои Эрон?

Эй духтараки қашанги деҳқон,
Бингар ба деҳотиёни тоҷик,
Онҳо озоду шоду хандон,
Ту бандаву дар ҳиҷоби торик.

То чанд ба дасти марди ғаддор
Помолу асиру банда ҳастӣ?
Наҳзат куну ин ниқоб бардор,
Собит бинамо, ки зинда ҳастӣ.

Дар ҷанги ҳаёту растагорӣ,
Албатта, ки нестӣ ту танҳо,
Медон, ки кунанд бо ту ёрӣ
Заҳматкашҳои хоки Шӯро.

Бархезу аз ин ҳаёти торик
Озод шав, эй нажоди Маздак,
Бо ҳиммати хоҳарони тоҷик,
Бо ёрии духтарони ӯзбек.

*Самарқанд, августи 1926*

* * *

Ин осмоннаворд ба сӯи ту мепарад,
Моро дар ин ҳаво ба ҳавои ту мебарад.
Дар мартаъи кабуди фалак ин ҳавонаворд
Монанди оҳуест, ки озода мечарад.
Абри ситабрро муталошӣ кунад, чунон
Гурге, ки аз миёнаи як галла бигзарад.
Дарҳам дарад зи гардиши парвонааш ҳаво
Он сон, ки дил зи гардиши чашми ту медарад.
Дар байни аршу фарш чунин мулки мустақил
Камтар диловаре ба тасарруф дароварад.
Ҷуз ёди дӯст дар бари мо андар ин фазо
Фикри дигар маҷол надорад, ки бигзарад.
Худро ба ин паранда супурдам, к-аз ин диёр
Берун барад маро, ба диёри ту биспарад.
Ёди даҳони танги ту дар ин дили ҳаво
З-ин бештар, бигӯ, дили моро наяфшурад.
Меҳри буте ба ҷон бихаридӣ, ки ҳеҷ вақт,
Лоҳутиё, туро ба пашизе намехарад.

*Душанбе-Когон, 20 декабри 1926*

* * *

Хунобаи ин синаам, эй ёри хуҷандӣ,
Дил буд, ту онро ба чунин рӯз фикандӣ.
Хубӣ ту, вале ҳайф ки ушшоқфурӯшӣ,
Ҷононаӣ, афсӯс ки бегонаписандӣ.
Меҳр аз ту агар металабам, мункири меҳрӣ,
Пандат ба вафо гар бидиҳам, душмани пандӣ.

Ҳар раҳ, ки аз он сӯи ту оям, ту бигирӣ,
Ҳар дар, ки аз он рӯи ту бинам, ту бубандӣ.
Гӯям: зи чӣ моро бифурӯшӣ, ту биранҷӣ,
Гирям, ки чаро раҳм надорӣ, ту бихандӣ.
Ҳар тухми вафо коштам аз меҳри ту дар дил,
Онро ба ҷафо оқибат аз реша бикандӣ.
Алқисса, миёни ҳама хубони замона
Бемеҳртарӣ аз ҳама, эй ёри хуҷандӣ!

*Тошканд, 1926*

* * *

Қасам ба рӯи ту, к-аз ҷони ман азизтар аст,
Ки шаҳди хандаи ту бештар зи найшакар аст.
Ба ҷурми меҳри туам шайх агар кунад такфир,
Аҷаб мадор, ки ин хар зи ишқ бехабар аст.
Касе, ки ҳусни ту ӯро ба худ наларзонад,
На одамӣ бувад он бехирад, ки ҷонвар аст.
Ту бо чунин тани нозук, бубин, чӣ сангдилӣ,
Ки оҳи ҳамчу мане дар дили ту беасар аст.

* * *

Хандонтар аз ин лаъли ту як гул ба ҷаҳон нест,
Мавзунтар аз ин қадди ту як сарви чамон нест.
Бигзор, ки ҷонам биравад дар раҳи ҷонон,
Дар суқи муҳаббат сухани суду зиён нест.
Он ҷо, ки ситонанд дилу ғамза фурӯшанд,
Як зарра дигар пои ҳисобе ба миён нест.

* * *

Чӣ мешуд, торе аз мӯи ту меуфтод дар дастам,
Ки бо он ин дили девонаро занҷир мекардам.
Худо нокарда, гар ман муътақид будам худоеро,
Парастишгоҳи онро қуллаи Помир мекардам.
Дар Эрон кош мешуд инқилоби коргар, то ман
Иваз нӯки қаламро бо дами шамшер мекардам.

* * *

Нагӯямат, ки чунин кун ва ё чунонам кун,
Бубин ба рангаму ҳар ч-он писандӣ, онам кун.
Дар ин диёр агарчи ғарибу гумномам,
Ту ёри ман шаву машҳур дар ҷаҳонам кун.
Сиёҳбахтаму инро тамом медонанд,
Биё, ба муъҷизаи васл комронам кун.
Ба роҳи ишқ зи ман ҷуз вафо нахоҳӣ дид
В-ар аз ҷафо накунӣ бовар, имтиҳонам кун.
Ҷудо зи рӯи ту ғамгину тангдил то кай?
Ба базми васл бидеҳ бору шодмонам кун.
В-агар тасаввури пирӣ ба ман барӣ, саҳл аст,
Маро бағал кашу бӯсе деҳу ҷавонам кун.

*Тошканд, ноябри 1927*

* * *

Шуд бапо калхузу гардид раҳо ҷони ҳама,
Ҳама гаштанд азони ману ман з-они ҳама.
Даври ин хона пур аз бой шуд, аммо заҳмат
Санг зад ҳамчу саги дузд ба дандони ҳама.
Зулм ҳар ҷову ба ҳар ному ба ҳар ранге ҳаст,
Дасти сармоя бувад силсилаҷунбони ҳама.
Муштзӯрон ҳама бадхоҳи туанд, эй деҳқон,
Даст бардор ба ҷуз хеш зи домони ҳама.
Зиндагонӣ ҳама бояд бишавад коллектив,
То саранҷом бигирад сару сомони ҳама.
Қарнҳо муфтхӯрон хуни фақирон хӯрданд,
Хуш ба чанг омада ин давра гиребони ҳама.
Буржуозӣ шуда бо ҳарбаи дин ҳозири ҷанг,
Чун как уфтода, Худо, боз ба тунбони ҳама.
То зи нав бандаи сармоя кунад заҳматро,
Шуда фошизм кунун ҳомии «имон»-и ҳама.
Лашкари зулм тавоност, вале Лашкари Сурх
Ҳаст чун шери жаён ҳозири майдони ҳама.

*Тошканд, марти 1929*

* * *

Парвона шаб ба ёди туам сӯзаду равад,
Аз ман усули сӯхтан омӯзаду равад.
Ҳар ҷо, ки бархурам ба нигоре, хаёли ту
Ояд чу тир, чашми маро дӯзаду равад.
Ҳар шаб даруни бистарам аз ашки чашми ман
Ёдат ҳазорҳо гуҳар андӯзаду равад.
Булбул зи боғ ҳар саҳар ояд ба боми ман,
Нолидан аз барои гул омӯзаду равад.
Лоҳутӣ аз вафои ту гоҳе хабар диҳад,
Бо ин васила захми дилам дӯзаду равад.

*Москва, апрели 1928*

* * *

Нишастам дӯш ман бо булбулу парвона дар як ҷо,
Сухан гуфтем аз бемеҳрии ҷонона дар як ҷо.
Ман андар гиря, булбул дар фиғон, парвона дар сӯзиш,
Тамошо дошт ҳоли мо се тан девона дар як ҷо.
Ба сидқи сӯзишу шӯридагӣ дар ишқи ёри худ
Ману парвонаву булбул шудем афсона дар як ҷо.
Дилам худраъйу якпаҳлӯ бувад, бехуд маранҷонаш,
Намегирад ба ҷуз ёди ту бо кас хона дар як ҷо.
Зи бими ғайр пай гум мекунам, аз ман машав баддил,
Агар бинӣ маро бо дилбаре бегона дар як ҷо.
Барои ин ки гӯям ҳар чи дар дил дорам аз ишқат,
Чӣ мешуд, мешудам гар бо ту озодона дар як ҷо.
Ба ишқат содиқам, бовар надорӣ, имтиҳонам кун,
Бубин, бахшам ба роҳат ҷону сарро ё на, дар як ҷо.
Баҳор аст, орзу дорам, ки дар тарфи гулистонҳо
Ману ҷонона бошему майу паймона дар як ҷо.
Ҳама асрори манро пеши ҷонон бурд Лоҳутӣ,
Намемонам дигар бо ин дили девона дар як ҷо.

*Москва, апрели 1928*

## ХАТОИ НАВИ ХИТОЙ

Он шӯхи хитозода, бубин, боз хато кард,
Коре, ки ба бегона раво буд, ба мо кард!..
Як ҳарфи муҳаббат зи даҳонаш нашунидем,
Гарчи лаби худ сурх зи хуни дили мо кард.
Паймоншиканӣ одати шӯхони ҷаҳон аст,
Аммо на ба ин шева, ки он шӯхи Хито кард.
Туҳматзадаи базми рақибон шавад охир,
Аз ошиқи худ ҳар ки вафо диду ҷафо кард.
Маст аз майи ғайр аст кунун, лек ба зудӣ
Фаҳмад, ки Хито буд, ки бо дӯст хато кард.
Охир, ки хиёнат ба дилам кардиву доғам
Аз он ҳама хуне, ки ба роҳи ту фидо кард.
Зулфи ту, ки имрӯз каманди раҳи мо шуд,
Инсоф деҳ, аз дасти рақибам кӣ раҳо кард?
Нозам ба тавоноии дил, гар пайи танбеҳ
Аз домани худ дасти туро зуд ҷудо кард.
Дил баста ба занҷири вафо в-арна чу зулфат
Сад силсиларо дасти хуши боду ҳаво кард.

*1929*

* * *

Дар ин замона басо кас бувад, ки сар бахшад,
Вале на чун ту, ки сарро ба ранҷбар бахшад.
Қасам ба хуни ту, к-андар замини озодӣ
Шаҳодати ту бувад донаву самар бахшад...
Накард марги ту бар шаҳ асар, вале таъсир
Фиғони модари пират ба коргар бахшад.
Дар инқилоби ҷаҳон марги пуршаҳомати ту
Ба фавҷи коргару ранҷбар зафар бахшад.
Дарафши сурх ба зудӣ ба шаҳ кунад собит,
Ки хуни ноҳақи заҳматкашон асар бахшад.

*Тошканд, апрели 1929*

* * *

*Ба Ардашери далери дароздаст бигӯ,*
*Ки хасм мулки туро ҷузъи Инглистон кард.*
*Ориф*

Сипоҳи нози ту дар кишвари дилам он кард,
Ки зулми синфи тавонгар ба ҳоли деҳқон кард.
Тавону тоқату сабрам зи дурият диданд
Фаҷоеъе, ки Британиё ба Эрон кард.
Ҳар он чи кард ситам шаҳ ба инқилобиюн,
Ба ошиқони худ он чашми масти фаттон кард.
Биё, фасонаи таърих бин, ки ҳар ҳастӣ
Зи халқ гашт бапо, ӯ ба номи шоҳон кард.
Бубин таҷоҳули ориф, ки мулки миллатро
Гирифт муфтиву аз Ардашери Сосон кард.
Фақат ҳукумати заҳматкашон кунад ҷуброн
Мазолиме, ки дар Эрон нажоди Хоқон кард.
Бубин ба кишвари Шӯро, ки зӯри коллектив
Чӣ корҳои дурахшандаро намоён кард.
Усули хоҷагии мо ба дасти ҷамъият
Тамоми олами сармояро парешон кард.
Бинои зулм қавӣ буд, хонааш обод
Сипоҳи сурх, ки онро зи бех вайрон кард.
Ба ҳайратам, ту чӣ хоҳӣ дигар зи Лоҳутӣ,
Ки бе риё ба раҳат ҳар чи дошт, қурбон кард.

*Тошканд, майи 1929*

* * *

Дар роҳи комсумул чу ба хидмат равон шавам,
Пирам агар ба сол, ба ҳиммат ҷавон шавам.
Умрест дар муқобили бадхоҳи ранҷбар
Пайваста дар мубориза беамон шавам.
Бовар макун ба ҷабҳаи мафкура ҳеҷ вақт,
Бар зидди синфи мурфтхӯрон нотавон шавам.

Шуд сарфи инқилоб тамоман ҷавониям
В-имрӯз ҳозирам, ки зи нав имтиҳон шавам.
Аз баҳри ҳифзи сарҳади Шӯро ба баҳру бар
Ман ҳозирам чу комсумулон посбон шавам.
Ман гулшани маорифам, эй фирқаи Ленин,
Магзор, к-аз насими мухолиф хазон шавам.

*Тошканд, июни 1929*

* * *

Мо, фақирон, ки чунин олиму доно шудаем,
Ҳам тавоно шудаем.
Ҳама кӯрони қадимем, ки бино шудаем,
Ҳама доно шудаем.
Мо ҳамон камбағалонем, ки дар даври амир
Банда будему асир,
Бин, чӣ озоду хуш аз давлати Шӯро шудаем,
Ҳама доно шудаем.
Баски дар банд бимондему ба занҷир шудем,
Хаставу пир шудем,
Фатҳи Уктабр ба пеш омаду барно шудаем,
Ҳама доно шудаем.
Солҳо буд, ки будем чу гунгу кару кӯр,
Бандаву бардаи зӯр,
Мо, ки акнун ҳама донишвару гӯё шудаем,
Ҳама доно шудаем.
Дар ҷаҳолат ҳама бемору парешон будем,
Зору нолон будем,
Доруи илм бихӯрдему мудово шудаем,
Ҳама доно шудаем.
Мо, ки будем ғуломону муридон з-ин пеш
Пеши хону дарвеш,
Соҳиби мамлакату ҳокими Шӯро шудаем,
Ҳама доно шудаем.

Тӯдаи ранҷбаронем, ки бо роҳи Ленин
Дар ҳама рӯи замин
Муттаҳид баҳри иваз кардани дунё шудаем,
Ҳама доно шудаем.

*Сталинобод, декабри 1929*

## ТАРКИ ШИКВА КУНЕМ

Чӣ нангу ор касеро зи банду занҷир аст,
Ки дар муборизаи синфи коргар шер аст.
Аз он замон, ки шунидам ба ҷурми ранҷбарӣ
Ба кунҷи маҳбаси шаҳ дӯстам замингир аст.
«Ба шабнишинии зиндониён барам ҳасрат,
Ки нуқли маҷлисашон донаҳои занҷир аст».
Бигӯ ба мардуми Эрон, ки тарки шиква кунанд,
Ҷавоби зулм фақат обдода шамшер аст.
Ба зидди ҷабру ситам иттиҳоду ташкилот
Барои халқи ситамкаш ягона тадбир аст.
Бубин, чӣ сон шиками хоҷа сер аз он нонест,
Ки барзгар пайи таҳсили он зи ҷон сер аст.
Ситам нигар, ки зи маҳсули хеш нон хӯрдан
Барои тӯдаи Эрон бузург тақсир аст.
Асорати зану бедоди шоҳу ғафлати халқ
Ҳикоятест, ки берун зи ҳадди таҳрир аст.
Ба ҷанги зулм ҷавон аст рӯҳи Лоҳутӣ,
Сафедмӯ шуда, аммо гумон мабар пир аст.

*Тошканд, октябри 1929*

## ТОҶИКИСТОН

Эй гули навраси боғи ленинизм,
Писари ҳафтумии сусиёлизм,
То ту аз модари заҳмат зодӣ,
Дод Октабр туро озодӣ, –

Дили дарбори Урупо хун шуд,
Ки ба Шӯро писаре афзун шуд.
Биржи Амрик ба ларзиш уфтод,
Шарқи заҳматкаш аз ин шуд дилшод.
Ҳарчи бозуи ту маҳкамтар шуд,
Пушти сармоя зи ғам хамтар шуд.
Хезу бо заҳмати худ муште зан,
Пушти хамгаштаи ӯро бишкан.
Чӣ ғам аз синфи тавонгар дорад,
Ҳар ки шаш, чун ту, бародар дорад?
Ҳама ғамхору ҳаводори туанд,
Рӯзи сахтӣ ҳамашон ёри туанд.
Ба ту ҳам харҷию ҳам ҷома диҳанд,
Ба ту ҳам дафтару ҳам хома диҳанд,
То бихонӣ туву доно бишавӣ,
Қад фарозию тавоно бишавӣ.
Пас ту ҳам мисли бародарҳо кун,
Нақшаҳоро ҳамагӣ иҷро кун.
«Панҷ»-ро хат кашу бекор бимон,
Ҷои он «зудтар аз чор» бимон.
Бойро дар бари худ роҳ мадеҳ,
Як пари коҳ ба бадхоҳ мадеҳ,
Решаи муфтхуронро баркан,
Аз тани душмани Шӯро сар кан.
Ҳар чи фармони ВКП (б) бувад,
Саъй кун то ҳама иҷро бишавад.
З-он ки ин маркази сусиёлизм аст,
Маркази душмании фошизм аст,
Булшавикона, бидуни тахфиф,
Хоҷагиро ҳама кун коллектиф.
Пунбаи марг бинеҳ, эй тоҷик,
Ба даҳони капитоли Амрик!
Шубҳае нест, ки бо раъйи разин,
Дар таки раҳбарии ҳизби Ленин

Ин писар марди матине гардад,
Раҳбари Шарқи ленинӣ гардад.
Зинда бод ин гули боғи ленинизм,
Писари ҳафтумии сусиёлизм!

*Сталинобод, декабри 1929*

## ЛАВҲИ МАЗОР

Оташ агарчи сӯхт тани нотавони ман,
Гул кард ишқу монд ба олам нишони ман.
Гардад куҳан замонаву хомуш намешавад
Он шуълаҳо, ки ҷаста бурун аз даҳони ман.
Таърихи ҷанги ранҷбаронро бирав, бихон,
Хоҳӣ агар хабар шавӣ аз достони ман.
Бастаст то даҳони маро модарам зи шир,
Пайваста дасти ранҷбарӣ дода нони ман.
Дар ҷабҳаи мубориза умрам тамом шуд,
Даврони теғу оташу хун буд замони ман.
Сар додаам ба тӯдаи заҳмат, аз он сабаб
Савганд мехуранд рафиқон ба ҷони ман.
Қабр аз барои ман чӣ зарур аст, чун бувад
Дилҳои поки фаълаву деҳқон макони ман.
Худ ин ки сӯхтам, нанамудам шикояте,
Кофӣ бувад ба роҳи вафо имтиҳони ман.
Инсоф нест, мурда махонам, ки зинда аст
Пайғоми ман ба тӯдаи ширинзабони ман.

*Москва, феврали 1930*

* * *

Зиндагӣ охир сар ояд, бандагӣ даркор нест,
Бандагӣ гар шарт бошад, зиндагӣ даркор нест.
Гар фишори душманон обат кунад, мискин машав,
Мард бош, эй хастадил, шармандагӣ даркор нест.

Бо ҳақорат гар биборад бар сарат борони дур(р),
Осмонро гӯ: бирав, борандагӣ даркор нест!
Гар ки бо вобастагӣ дорои ин дунё шавӣ,
Дураш афкан! Инчунин дорандагӣ даркор нест.
Гар ба шарти пойбӯсӣ сар бимонад дар танат,
Ҷон деҳу рад кун, ки сарафкандагӣ даркор нест.
Зиндагӣ озодии инсону истиқлоли ӯст,
Баҳри озодӣ ҷадал кун! Бандагӣ даркор нест!

*Москва, феврали 1930*

* * *

Ғайратам мекушад ин гуна, ки парвона диҳад ҷон,
Сӯзаду хуш бувад, алҳақ, ки чи мардона диҳад ҷон!
Эй хуш он ошиқи содиқ, ки ба майдони муҳаббат
Ғарқи хун гардаду дар домани ҷонона диҳад ҷон.
Даргаҳи дӯст бувад хонаи озодиву уммед,
Зинда он аст, ки дар хидмати ин хона диҳад ҷон.
Гар хазон ҳамла кунад, бандаи он булбули мастам,
Ки ҷудоӣ накунад аз гулу дар лона диҳад ҷон.

*Москва, феврали 1930*

* * *

Чунон месӯзам аз ишқат, ки сӯзад хона ҳам аз ман,
Гурезад аз шарори синаам парвона ҳам аз ман.
Зи дарди дурият, эй тозагул, он гуна менолам,
Ки дурӣ менамояд булбули белона ҳам аз ман.
Чунон дар ошиқӣ расвои хосу ом гардидам,
Ки ҳошо мекунад ҳатто дили девона ҳам аз ман.
Нигаҳ кун, дар вафодорӣ чӣ сон хуб имтиҳон додам,
Ки маҷбуран ҳимоят мекунад бегона ҳам аз ман.

*Москва, марти 1930*

## ИСОЙ ВАЛАДИ МЕҲРОБ

Ба ҷамъе гуфт деҳқони ситамкаш,
Ки бадбахту парешонрӯзгорам.
Тамоми умр худ заҳмат кашидам,
Валекин ҳосиле ҷуз ғам надорам.
На гове, то аз ӯ шире бидӯшам,
На марзе, то дар он тухме бикорам.
Кашам ман ранҷу молик мебарад суд,
Пайи нон рӯзу шаб ин аст корам.
Ҷаҳон бар дӯши ман, алқисса, борест,
Ман андар зери он зору низорам.
Шунид ин қиссаро Исоиву гуфт:
Сазад аз дида гар ман хун биборам.
Зи беговӣ кунад ӯ шикваву ман
Набошад ҷома дар тан ҷуз изорам.
Агарчи ӯ кунад хидмат ба молик,
Вале ман пеши ӯ хидматгузорам.
Барои матбахаш ман мекашам хор,
Ба нафъи ӯ халад бар пой хорам.
Худ ӯ бар дӯши ман бор асту дунё,
Ки бар дӯшаш бувад, – сарбори борам.
Ғами манро тамошо кун, ки доим
Ҷаҳонбардӯшро бар дӯш дорам!

*Шафраново, майи 1930*

* * *

Аз ман ба таҳрики рақиб ранҷида ёрам,
Эй вой бар ҳоли ману бар рӯзгорам!
Азбаски фиғон кардам дар фироқи ҷонон,
Ҳамсояҳо оҷиз шуданд аз оҳи зорам.

Аз тоби мӯяш дар парешонӣ шудам ман,
Дар пеши рӯяш бандаи фонӣ шудам ман.
Чун дил рабуд аз дастам, дилбар тарки ман кард,
Бечора ман, акнун на дил, на дилбар дорам.

Дар конфаронси заҳмату ишқу озодӣ
Бо таклифи дил қонуни нав мегузорам:
Мисли ҳуруфи араб аз китоби тоҷик,
Аз хонаи ҷонон рақибамро барорам.

*Сталинобод, июни 1930*

## ФАРДО

Фардо ду ҷаҳон, ду синф, ду лашкар
Сафбаста шавад ба зидди якдигар.
Аз ин ҷониб – ҷаҳони заҳматкаш,
Аз он ҷониб – ҷаҳони ғоратгар.
Дар ин ҷо – синфи дос бо чаккуш,
Дар он ҷо – синфи тоҷ бо минбар.
З-ин сӯй – сипоҳи фаълаву деҳқон,
З-он сӯй – қӯшуни молику меҳтар.
Ин даста – ба зидди синфи мустасмир,
Он даста – ба ҷанги халқи мустасмар.
Фардо ба ҷуз ин ду нест як саввум,
Ҳар зинда аз аввалист ё дуввум.

Фардо, ки чу булшавизми оламгир
Хуршед замонаро кунад тасхир,
Уктабр чу марди сездаҳсола
Андар назари ҷаҳон шавад тасвир.
Як даст гирифта дастаи чаккуш,
Як даст фишурда қабзаи шамшер,
Он ҳадя ба коргар, ки: хилқат кун!
Ин зарба ба буржуо, ки: мурдан гир!

Истода ба пеши ӯ ВКП(б)
Бо раҳбари номдори худ чун шер.
Дар пушти сараш суфуфи заҳматкаш
Андар ҳаяҷон чу шуълаи оташ.

Фардо аз кори ҳар касе пайдост,
К-аз иддаи душман аст ё аз мост.
Фардо бе шарту баҳсу бе тазвир
Аз байни мухолифони «чап» ё «рост».
Ҳар кас, ки ба фирқаи Ленин бо сидқ
Таслим шавад, бидон, ки аз моҳост.
Ҳар кас хомуш шуду дурӯӣ кард,
Ё зидди шиори ҳизби мо бархост,
Бешубҳа, яқин бидон, ки аз мо нест,
Албатта, қабул кун, ки аз онҳост.
Пас, ҳар ки зи душман асту аз мо нест,
Дар ҳизби Ленин барои ӯ ҷо нест.

*Москва, ноябри 1930*

## ДАР ВАФОТИ  АКАДЕМИК БАРТОЛД

Дар бистари хоб хуфт донандаи Шарқ,
Дар илму фунун марди намояндаи Шарқ.
Ӯ мурд, вале то ба абад зинда бувад
Номаш ба радифи номи пояндаи Шарқ.

*1930*

## БА ШОИРИ ҲУНАРМАНДИ ТОҶИК ПАЙРАВ СУЛАЙМОНӢ

I

Эй шоири номдори тоҷик!
Донандаи нуктаҳои борик!

Бисёр шудам зи номаат шод,
Эй хонаи некии ту ообод!
Аз Тоҷикистон ба шаҳри Маскав
Сеҳри қаламат фиканда партав.
Гуфтӣ, ки дар ин муҳити озод
Аз тоҷики комсумул кунам ёд.
Он қувва, ки дил ба вай бидодам,
Албатта, намеравад зи ёдам.

II

Ин давра, ки пунбаҳои тоҷик
Бирҳонадамон зи шарри Амрик,
Боист, ки комсумул дар он ҷо
Бозӣ бикунад рули муҳимро.
Ту низ, ки як ҷавони покӣ,
Қоил ба усули иштирокӣ,
Бояд ба ҳунар намуна бошӣ,
Сарбози сафи камуна бошӣ.

III

Аз маркази томи инқилобӣ
Сад шуъла саломи инқилобӣ
З-ин пир ғуломи навҷавонон
Бар комсумулони Тоҷикистон!

*Москва, 20 январи 1931*

* * *

Дар дилам ғам нест то Бонуи ман
Чун ҷигар биншаста дар паҳлӯи ман.
Бин, чӣ бозӣ мекунад бо мӯи ӯ
Офарин бар қудрати бозӯи ман!
Гар равам дар боғ аз паҳлӯи ӯ,
Гул муаттар мешавад аз бӯи ман.
З-он сабаб имшаб ба ӯ душман шудам,

Ки ба ранги субҳ бошад мӯи ман.
Бе вай ар бинам ба рӯи дигарон,
Рӯи шодиро набинад рӯи ман!

*Москва, феврали 1931*

## БОСМАЧӢ

Душмани камбағалон боз ба пеш омадааст,
Гург ин мартаба дар ҷомаи меш омадааст,
Дузд бо аслиҳаи миллату кеш омадааст,
Ҳалқро то бикунад бандаи хеш, омадааст.

Ҳамла боист кунад чун ба Хито Лашкари Сурх,
То диҳад аҳли хаторо ба дами ханҷари сурх.

Хасми Шӯро ба ҳуҷум омада, ӯро бизанед,
Бишитобеду биёеду адӯро бизанед,
Бадтар аз хасм «рафиқон»-и дурӯро бизанед,
Шайхи иғфолкуну мафсадаҷӯро бизанед!

Мезанад хасм туро, гар ки ту ӯро назанӣ,
Меканад решаат, ар решаи ӯро наканӣ.

Омада, то ки зи нав тоҷу нигинро гирад,
Аз кафи камбағалон обу заминро гирад,
Хона сӯзонаду хун резаду кинро гирад,
Шӯи онро бикушад, духтари инро гирад.

Эй рафиқон, бишитобеду амонаш надиҳед,
Роҳ дар мамлакати ранҷбаронаш надиҳед!

Бишитобед, к-аз ин ҷо нагурезад дигар,
Хуни заҳматкаши бечора нарезад дигар.
Бизанедаш, ки худ аз ҷой нахезад дигар,
Бикушедаш, ки натонад биситезад дигар.

Аз раҳи ранҷбар ин хори ситамро биканед,
Решааш, то ки нарӯяд зи нав, оташ бизанед!

Камбағал давраи ин муфтхӯронро дидаст,
Зулми ин тоифа бар ранҷбаронро дидаст,
Ҳар ки номуси занону писаронро дидаст,
«Адлу ғамхорӣ»-и ин бадсиёронро дидаст,

Ба чунин бешарафон роҳ нахоҳад додан,
Бешаи шер ба рӯбоҳ нахоҳад додан.

Комсумул низ дар ин ҷабҳа зафар хоҳад кард,
Хонаи умри адӯ зеру забар хоҳад кард,
Тани душман ҳама маҳрум зи сар хоҳад кард,
Комсумулка ҳам албатта ҳунар хоҳад кард.

Ҳамчу мардон зани мо низ ҳунарвар бошад,
«Шер шер аст, агар мода, агар нар бошад».

Қисмати душмани мо шоҳиди фирӯзӣ нест,
Бойро моҳасали заҳмати мо рӯзӣ нест,
Фикри ин бехирадон ғайри ҷаҳонсӯзӣ нест,
Камбағал ҳам дигар он бандаи дирӯзӣ нест.

Ӯ дигар лаззати озодии худро дидаст,
Кӣ буду кӣ шуда акнун, ҳамаро фаҳмидаст.

Магар он аҳди ситибдод фаромӯш шудаст,
Магар он давраи бедод фаромӯш шудаст,
Магар он ханҷари фӯлод фаромӯш шудаст,
Магар он ҳайкали ҷаллод фаромӯш шудаст,

Ки тани ранҷбар аз дидани он меларзид,
Бача андар шиками модар аз ӯ метарсид?

Кӣ гузорад, ки зи нав даври аморат бишавад,
Ранҷбар боз гирифтори асорат бишавад,
Давраи ҷаҳлу ситамкорию ғорат бишавад,
Боз ҳам навбати тороҷу шарорат бишавад?

Мурд он давру дигар зинда нагардад ҳаргиз,
Тӯдаи мо ба касе банда нагардад ҳаргиз.

Дигар, эй бешарафон, даст кашед аз Шӯро!
Хоки поки ватани мо набувад ҷои шумо.
Ҳосиле ҷуз дами шамшер набинед аз мо,
Чун саги дузд гурезед базудӣ, к-ин ҷо

Сарзаминест, ки имони фалак дода ба бод,
«Ҳар ки Ширин талабад, теша хӯрад чун Фарҳод».

*Москва, майи 1931*

## БА КОРГАРОНИ БОКУ

Эй коргари далери Боку,
Эй номи ту тири чашми фошизм!
Эй ботрии тӯпҳои сангин,
Дар лашкари фатҳи сусиёлизм!
Эй карда улуми буржуоро
Мағлуб зи саъйи худ ба морксизм!
Эй гашта зи ҳиммати ту собит
Ҳақ будани маслаки ленинизм!
Фатҳи ту ба синфи фаъла ҷон дод,
Эй ҷон ба фидои ғайратат бод!

Он рӯз, ки фирқаи мусовот
Муздуронро фиреб медод,
Ҳар рӯз ба нафъи буржуозӣ
Бар ҷабҳаи марг мефиристод,

Бо банди ватан ситамкашонро
Мебаст ба зери теғи ҷаллод,
Дар тахти ливои булшавикӣ
Он рӯз ба зидди ин ситибдод
Ту саҳнаи ҷангро кушудӣ,
Вайронкуни ин бино ту будӣ!

Дирӯз, ки дар муҳити Гелон
Буд парчами инқилоб барпо,
Аз хуни мубоpизони заҳмат
Гулгун шуда буд оби дарё,
Ҳамдӯши сипоҳи инглисӣ
Дар ҳамла сипоҳи шаҳ зи ҳар ҷо,
Он ҷо ки мунофиқони хоин
Карданд ба ҳилла пушт бар мо,
Ту рӯ ба рӯи адӯ ситодӣ,
Ҷон додиву раҳ ба ӯ надодӣ!

В-ин дам ки бинои сусиёлизм
Суръат талабад зи синфи муздур,
Дунёи ситам шуда мусаллаҳ,
Моро ҳама ҷо намуда маҳсур,
Пайваста ба корҳои Шӯро,
Сармоя кунад фасод аз дур,
То ин ки плони панҷ дар чор
Иҷро нашавад ба тaври манзур,
Ин ҷо ҳам ту плони худро
Дар нимаи панҷ кардӣ иҷро!

Акнун, ки саҳифаҳои таърих
Аз номи ту ёфтаст тазйин,
Зад силии фатҳ дасти азмат
Бар рӯи опуртинисти бадбин,

Марду зани фаълаҳои дунё
Бар номи ту мекунанд таҳсин,
Бишнав зи ман ин сухан, агарчи
Муҳтоҷ наӣ ба гуфтани ин:
Бо ҳиммату ҷаҳду кӯшишу кор
Ин номи шарифро нигаҳ дор!

Бар зидди мухолифи «чап»-у «рост»
Бебоку диловару матин бош!
Пайваста далер будаӣ ту,
Аз ин пас низ инчунин бош!
Монанди ҳамеша баъд аз ин ҳам
Бо фирқаи булшавик амин бош!
Дар мактаби ҷангҳои синфӣ
Шогирди ҳақиқии Ленин бош!
То душмани ту зи ғам бимирад,
Шарқ аз ҳунари ту ҷон бигирад!

*Москва, июни 1931*

## ФАТҲИ ДОНБАСС

Дар Эрон маро як нафар дӯст буд,
Ки бо ман чу мағзе ба ду пӯст буд.
Далеру ҷавонмарду бевоҳима,
Ба майдон забардасттар аз ҳама.
Дареғо, ки дар рӯзгори шабоб
Бишуд кушта дар саҳнаи инқилоб.
Чу омад ба хуршеди умраш завол,
Баҷо монд аз ӯ духтаре хурдсол.
Падаркушта, бемояву бепаноҳ,
Бубин, то чи сон буд ҳолаш табоҳ.
Ҳамон духтари марди шамшерзан
Дар ин ҷо кунун гашта як шерзан.

Бувад паҳлавон дар амал чун падар,
Ба мафкура ҳам аз падар пештар.
Ман аз дидани ӯ ҷавон мешавам,
Зи гуфтори ӯ шодмон мешавам.
Зи мактаб чу ояд барам бо китоб,
Сухан сар кунад доим аз инқилоб.
Аз Эрон сухан ҳай мукаррар шавад,
Ки кай фирқаи мо музаффар шавад?
Аҷам тобеи инглисон чаро,
Ситамкаш асири пулисон чаро?
Ҷавонон гирифтори ғам то ба кай?
Занонноймоли ситам то ба кай?
Чаро фаъла дар хоки Эрон гадост?
Пас он ғайрати ковиёнӣ куҷост?
Ки барпо кунад парчами корро,
Бикӯбад ба чаккуш сари морро!
Замин кай шавад мулки деҳқониён,
Шавад фош найранги рӯҳониён?
Хулоса, ҳамин суҳбати мо бувад,
Фақат ин чароҳову кайҳо бувад.
Ман аз ин суханҳо биёям ба ҷӯш,
Шавад сурх рангам зи лаб то ба гӯш.
Ба таъсири ин духтари ранҷбар
Шавад ҳимматам дар амал бештар.

II

Надидам ман ӯро зи як моҳ беш,
Магар он ки дар кӯча як рӯз пеш.
Валекин дар ин дафъа дидори мо
Набуд ҳеҷ мисли дигар дафъаҳо.
Мулоқоти мо дошт тоби дигар,
Шарори дигар, инқилоби дигар.
Зи омад-шуди халқ буд баста роҳ,
Ки ногаҳ ба ман уфтодаш нигоҳ.

Чунон ҷаст сӯи ману дод кард,
Ки зад ҷастанаш латма бар чанд мард.
Ба дасташ яке рӯзнома ки буд,
Басе зуд дар пеши чашмам кушуд.
Ба фарёди «хондед?»-и ӯ марду зан
Намуданд бар гирди мо анҷуман.
Ба он рӯзнома кушуданд чашм,
Дар андеша баъзеву бархе ба хашм.
Ҳама мунтазир, то накӯ бишнаванд,
Чӣ ахбори нав ҳаст, огаҳ шаванд.
Ман аз шодмонӣ ба ҷӯш омадам,
Фузунтар аз ӯ дар хурӯш омадам.
Тасаввур намудам, ки дар иди Мой
Дар Эрон шуда инқилобе ба пой.
Вале сафҳаеро, ки пешам кушуд,
Сутуни хабарҳои Дунбос буд.
Ба ҳайрат фитодам ман аз кори ӯ,
Аз ин ҷастану доду изҳори ӯ.
Бидонист он духтари инқилоб,
Ки баҳри чӣ гардид ҳолам хароб.
Бигуфто: «ту бар ман падархондаӣ,
Маро маслак аввал ту хонондаӣ,
Вале нуктае гӯям, онро бисанҷ,
Чу ин гуфта ҳаққ аст, аз ман маранҷ.
Ту ин ҷо фақат фикри як кишварӣ,
Ба вазъияти дунявӣ нангарӣ.
Магар худ ту огаҳ аз ин нестӣ,
Ки дар ҷабҳаи сусиёлистӣ
Футуҳоти мо дар раҳи сохтмон
Бувад омили инқилоби ҷаҳон?
Ба нерӯи бозуи мардони кор
Чу иҷро шавад панҷ пеш аз чаҳор,
Аз он сон далерӣ, аз ин сон ҳунар
Гузорад ҷаҳон як қадам пештар.

Ки аркони сармоя гирад шикаст,
Шавад кохи фошизм бо хок паст,
Шавад як сар озод рӯи замин,
На як Басраву Ҳинду Эрону Чин.
Маро шодмонӣ аз ин роҳ буд,
Ки Дунбос бар ҳиммати худ фузуд.
Ки мекӯшад акнун ба зидди диранг
Ба суръат ударники ангиштсанг».

III

Асар кард он гуна ин гуфтанам,
Ки дар ларзиш омад саропо танам.
Яқинам шуд аз пештар бештар,
Ки дар ҳар куҷо тӯдаи ранҷбар
Ҳамеша дар андешаи мо бувад,
Умедаш ба ҷумҳури Шӯро бувад.
Аз он дар сафи назм разм оварам,
Ҳамин достонро ба назм оварам,
Пас онро фиристам ба тундии бод,
Ба Дунбосу шаҳри Столингрод.
В-аз он ҷо ба ҳар қисмат аз баҳру бар,
Ба калхузчию тӯдаи коргар.
Бигӯям, ки, эй номдорони кор,
Ки Шӯро шуд аз саъйатон барқарор,
Фақат байрақи фатҳ бардоштан
На кофист, бояд нигаҳ доштан.
Чу он коргарҳо, ки бурданд ранҷ,
Вазифа супурданд дар ними панҷ,
Шумо ҳамчунин унсури заҳматед,
Ба дарёи Шӯро дур(р)и заҳматед,
Шумо ҳам чу онҳо шуҷоат кунед,
Зи суръат ба таъхир зарбат занед.

Бикӯшед то нақша иҷро шавад
В-аз ин кор хидмат ба дунё шавад,
Ки фатҳи шумо дар раҳи сохтмон
Бувад омили инқилоби ҷаҳон.

*Москва, июни 1931*

## БА ЯТИМОНИ ҶАНГИ ҶАҲОНӢ

Меҳрубону хушу бекинаву ширин будед,
Гоҳ пурҳила, гаҳе содаву доим зирак.
Ҷомаҳо пораву жӯлидаву чиркин будед,
Шаклҳотон ҳамагӣ ҳаст ба ёдам як-як.

Субҳ то шом фақат шӯхиву бозигӯшӣ,
Коратон масхараву гуштиву беорӣ буд.
Ман тамошогари ин саҳнаву дар хомӯшӣ
Ҳамчу оташ танам аз шиддати бемор буд.

То ки як раҳгузар аз дур намоён мешуд,
Хандаву масхараро зуд раҳо мекардед.
Ин дар андешаву он сохта гирён мешуд...
Хуб дар хотири ман ҳаст чиҳо мекардед.

Байнатон баччаи ҳар кишвару ҳар миллат буд,
Шод будам мани бемор зи вазъиятатон.
Курду булғору араб, арманию турку яҳуд –
Рӯҳи байналмилалӣ буд ба ҷамъиятатон.

Чун шумо буд ба ҳар кӯча гурӯҳе дигаре,
Ҳама бечораву бадбахту парешону фақир,
Ҳамагӣ соҳиби эҳсосу сифоти башарӣ,
Лек дар системи он ҷомеа помолу асир.

Гарчи як моҳ дар он кӯча ғарибу бемор,
Будам аз баҳри шумо олати таҳсили маош,
Лекин аз лутфи шумо розияму миннатдор,
Машуморед маро бадсифату ҳақнашинос.

Шири гарме, ки дар он қуттии консерви сиёҳ
Ба ман он рӯз хурондеду табассум кардед.
Вақти таҳрири ҳамин қисса ба ёд омадам...Оҳ!
Пеши чашмам ҳаматон боз таҷассум кардед.

Гӯӣ акнун бувад он ҳодисаи онрӯзӣ,
Ки якетон ба чӣ сахтиву тааб ҷон медод,
Дигаре бар сари болини вай аз дилсӯзӣ
Бесамар, лек самимона ба ӯ нон медод.

Хотирам ҳаст, ки бо порчае аз шиша
Метарошид Григур сари Муҳиддинро.
Ман аз ин ишқи муқаддас ба чунин андеша,
Ки падарҳои шумо кош бубинанд инро!

Он падарҳову амуҳо, ки ба нафъи дигарон
Ҳадафи тир намоянд бародарҳоро,
Он амуҳову падарҳо, ки ба марги писарон
Бинишонанд зи ҷаҳл ин ҳама модарҳоро.

Писарони падароне, ки чу душман дар ҷанг
Якдигарро ба раҳи синфи ситамгар бикушанд,
Бинигар, бо чи муҳаббат шуда бо ҳам якранг,
Ки ту гӯӣ ҳамашон бачаи як оилаанд.

Ин писарҳо, ки ба ин содагию хунгармӣ
Битарошанд ба шиша сари якдигарро,
Писари он падаронанд, ки бо бешармӣ
Бинишонанд ба хун пайкари якдигарро.

Мухтасар, ин ки дар он ҳолати пуршӯру ҷунун
З-ин хаёлот таби ман ду баробар мешуд,
Лекин андешаи оядаи рахшони камун
Ҷилва мекарду маро ҳол накӯтар мешуд.

Инак, имрӯз хаёлоти хуши онрӯзӣ
Андар ин мулк ба майдони амал омадааст.
Чордаҳ сол гузаштаст, ки бо пирӯзӣ
Ҳокими як шашуми ин кура Шӯро шудааст.

Ҷои атфоли падармурдаву бехешу табор
Пеши мо не сари ҳар кӯчаву вайрона бувад,
Каси ин гуна касон ҳизби Ленин бошаду кор,
Ҷояшон мактабу фабрику кутубхона бувад.

Соҳиби мамлакату ҳокими он коргар аст,
Дигар ин кишвари сармояву султонӣ нест.
Заҳмати ҳокима ҳам бониву ҳам роҳбар аст,
Пас дар ин мулк касе бекасу бебонӣ нест.

*Москва, октябри 1931*

* * *

Ба пешам омадӣ, наншаста хобам кардиву рафтӣ,
Ҳанӯз обод нанмуда харобам кардиву рафтӣ.
Диле осудаву равшан чу рӯят доштам, эй маҳ,
Чу мӯи худ дучори изтиробам кардиву рафтӣ.
Ман аз васли ту уммеди саодат доштам, ҷоно,
Чаро ин сон гирифтори азобам кардиву рафтӣ?

*1931*

# БАРОИ САВОД

*(Ба муносибати нашр шудани рӯзномаи*
*«Барои савод» дар Хуҷанд)*

Ба даври шоҳу амирон ба ғайри баччаи бой
Ба умри хеш намедид кас лиқои савод.
Савод аслиҳаи дасти ҳукмдорон буд,
Намерасид ба деҳқон магар ҷафои савод.
Савод боғи сафо буду халқи заҳматкаш
Надошт ҳақ, ки барад баҳра аз сафои савод.
Савод қисмати ашрофу муштзӯрон буд,
Насиби ранҷбарон ҷаҳл буд ба ҷои савод.
Савод буд каманде ба дасти аҳли ситам,
Асорати фуқаро буд муддаои савод.
Вале ҳукумати Шӯро, ба гуфтаҳои Ленин,
Барои камбағалон аст раҳнамои савод.
Савод зинати толори муфтхорон буд,
Кунун ба хонаи мо бозгашта пои савод.
Савод нағмагари базми аҳли сарват буд,
Ба гӯши ранҷбар ояд кунун садои савод.
Кадом ганҷ шунидӣ, ки бештар гардад
Ҳар он чи сарф намоӣ аз он савои савод?
Кунун ки гашта чунин дасти фотеҳи Уктабр
Ба нафъи тӯдаи заҳмат гираҳкушои савод,
Ҳавои калхузу овулу кону зовудҳо
Зи нойҳои қалам шуд пур аз навои савод.
Сазад, ки калхузу зовуд баланд бардоранд
Чу рояти зафари ранҷбар, ливои савод.
Зиҳӣ, рафиқи хуҷандӣ, ки булшавикона
Зи рӯи дониши синфӣ диҳад баҳои савод!
Хуҷанд гашта бригоди зарбдор эълон,
Ба мулки ҳафтуми Шӯро диҳад нидои савод.
Яқин, ки ин писари ҳафтумии сусиёлизм
Ба Шарқи пири ситамкаш диҳад давои савод.

Мусаллам аст, ки фотеҳ шавад дар ин майдон
Ҳуҷуми фавҷи бузурги зафарнамои савод.
Савод мояи илм асту илм айни ҳаё,
Ба пеш, тӯдаи заҳматкашон, барои савод!

*Хуҷанд, январи 1932*

## ОСИЁИ МИЁНА

Эй саҳнаи ҷангҳои миллӣ,
Дирӯз ба нафъи мутлақият
В-имрӯз иваз шуда ба куллӣ
Бар маркази иттиҳоди заҳмат.

Он рӯз ба дасти копитолизм
Як тан будию чанд лак ҷон,
В-имрӯз зи партави ленинизм
Чандин тан гаштаиву як ҷон.

Сарпанҷаи фирқаи ленинӣ
Барпо бинамуд бо шуҷоат
Аз кишвари ҷаҳлу фақру динӣ
Як кишвари санъату зироат.

Дар охири панҷсоли дуввум
Хоки ту зи синф чун шавад пок,
Дониш бидиҳад ба мағзи мардум
Як вусъати илму ақлу идрок.

Тавфири тараққиву тамаддун
Байни деҳу шаҳрҳо намонад,
З-истисмору истисморкун
Осору сабаб баҷо намонад.

Эй миллати фотеҳи ленинизм,
Аз ёд мабар бақияти Шарқ.
Мекӯш барои сусиёлизм,
Зоҳир бинамо ҳақиқати Шарқ!

*Тошканд, марти 1932*

## НИШОНИ ЗАҲМАТ

Ба заҳмат дасти ман хидмат нишон дод,
Дар ин хидмат ба ман заҳмат нишон дод.
Ба синфи заҳмату ҳизби ленинӣ
Кунам таҷдид қавли оҳанине.
Ки то хуне, ки аз маҳсули заҳмат
Ба рагҳоям бувад, бо ҷидду ҳиммат
Дар ин хидмат бикӯшам бо дили соф,
Нишон боқӣ намонад то зи асноф!

*Сталинобод, августи 1932*

* * *

Нигорам гуфт: кӣ дорад бути фарзонае чун ман?
Ба ӯ гуфтам: азизам, ошиқи девонае чун ман.
Бигуфтам: ҷони бемори маро кӣ мекунад дармон?
Бутам хандиду гуфт: эй бенаво, ҷононае чун ман.
Бигуфто: лоиқи ганҷинаи ишқам куҷо бошад?
Дилам ҷунбиду гуфто: хонаи вайронае чун ман.
Бигуфто: шуълаи шамъи рухамро тоб кӣ орад?
Ба лаб ҷон омаду гуфт: эй санам, парвонае чун ман.
Бигуфто: кӣ занонро аз асорат мекунад озод?
Бигуфтам: соҳиби сарпанҷаи мардонае чун ман.

*1932*

## БА РАФИҚ ҲУРУФЧИН

Эй ҳуруфчини матбааи тоҷик,
Диққат кун ба ин нуктаи борик:

Дар ин сухан нест шакку шубҳае,
Ки дар шашяки кӯраи замин
Мо фотеҳ шудем дар ҳар ҷабҳае
Бо роҳбарии фирқаи Ленин.

Бубин, ки чи тавр мо, булшавикҳо,
Аз ҳеҷ ҳама чиз эҷод мекунем,
Дарёро саҳро, саҳроро дарё,
Харобиҳоро обод мекунем.

Дар сохтмони бинои сусиёлизм
Худат, ки бо мо хидмат мекунӣ,
Барои иҷрои нақшаи ленинизм
Ширкат бо тӯдаи заҳмат мекунӣ.

Аммо, акаҷон, бо вуҷуд бар ин,
Якто гап гӯям, намеранҷӣ-ку?
Ҳамин гапама чӯби хушк барин,
Намепартоӣ, хуб месанҷӣ-ку?

Тасдиқ мекунам, ки дар инқилоб
Ту ҳам хидмати бисёре кардӣ-
То камбағалҳо бихонанд китоб,
Заҳмат кашидӣ, подорӣ кардӣ.

Акнун ки ҳар кас бошарафона
Тасдиқ мекунад заҳмати туро,
Рухсат деҳ, ки то бетарафона
Анализ кунем хидмати туро:

Вақте мебинем ба камияташ,
Бешак, хидматат мӯл асту вазнин.
Аммо биёем ба кайфияташ
Сабука, паста, мана гап ҳамин.

Ёдат меояд, як сол пеш аз ин,
Дар рӯзи ҷашни «Барои коллектиф»
Ба ман табрики нағзу оташин
Рафиқ муҳаррир карда буд таклиф?

Ман гуфта будам, ки «нигаҳ дорад»
Дар шеъри «Барои коллектиф»,
Ту чида будӣ, ки «напиндорад
Комсумул ливои коллектиф».

Мурувват!
  Инсоф!
            Рафиқ ҳуруфчин!
Ман ҳеҷ намегам, ту худат бигӯ:
Дар маънӣ аз осмон то замин
Байни ин ду гап тафовут ҳаст-ку!

Аз ҳамин гуна хатоҳои сангин
Дар рӯзномаҳо ман бисёр дидам,
Дар китобҳо ҳам ҳамин хел барин
Иштибоҳоти бешумор дидам.

«Ҳур» ба тоҷикӣ, яъне ки «озод»,
Аммо вақте ки дасти ту уфтод,
Аз нуқта афсор бар сараш кардӣ,
Бечора «ҳур» буд, ту «хар»-аш кардӣ.

Шояд бигӯӣ: ҳеҷ ҷои дунё
Бидуни хато китоб надорад.
Хуб, мумкин! Аммо матбуоти мо
Саҳву хатоҳош ҳисоб надорад.

Беҳтар ки дигар мақол нанвисам,
Гуфтугӯ бисёр нашавад гуфта,
Аз якто бештар мисол нанвисам,
Хонанда озор нашавад гуфта.

Дар шеъри «Гурки», дар ҳамин зудӣ
Боз ҳам хатоҳои пештара кардӣ-
«Мутабаддил»-ро «табдил» намудӣ,
«Мусаххар»-ро ҳам «масхара» кардӣ.

«Абд», яъне асир, ғулому банда,
«Ид» яъне рӯзи гардишу ханда,
Рӯзе, ки мардум хушҳоланду шод,
«Сафеҳ» ҳам яъне нодон, бесавод.

«Абд»-а гирифта ту «ид» кардӣ,
«Сафеҳ»-а тамом «сафед» кардӣ.

Рафиқ ҳуруфчин, қаҳрат наёяд,
Асло ранҷидан аз ҳақ набояд.
Баъд аз ин сон хатоҳо накун,
Матбуотамонро расво накун!

Рафиқ мусаҳҳеҳ, ту ҳам ғайрат кун,
Дар ғалатгирӣ охир диққат кун!
Худамонем-ку! Акнун рӯирост
Гӯям ин ҳама хато аз куҷост?–

Ин хатоҳову ҳар хел аз инҳо
Натиҷаи бад кор кардани туст.
Сад дафъа бештар аз ҳуруфчинҳо
Ҷавобгариҳо ба гардани туст!

*Москва, 8 октябри 1932*

* * *

Маро ёрест бераҳму ситамгар,
Нигоҳаш оҳуву чашмаш ғазанфар.
Агар ин кори ҷодугар набошад,
Чӣ сон мезояд оҳу зайғами нар?
Ба гулшан гар равад бо мӯи мушкин,
Шавад аз бӯи мӯяш гул муаттар.
Маро ишқаш дар оташ бурдаву ман
Хушам дар оташи ӯ чун самандар.
Худ ӯ чун озар асту ин аҷабтар,
Ки месӯзам чу дурам ман аз озар.
Лабаш аз хуни ман сурх аст, он сон-к
Зи ранҷи коргар рӯи тавонгар.
Дилам дар дасти ӯ он сон залил аст,
Ки дар сарпанҷаи шоҳин кабӯтар.
Вале ман шиква нанмоям зи дасташ,
Ки ширин аст ҷабри ӯ чу шаккар.
Чунонаш дӯст медорам, ки рӯзе
Гар ояд то сар аз тан, гирадам бар.
Ба пешаш медавам бо сар, на бо по,
Ба вай гӯям: туӣ аз умр беҳтар.
Биё, бистонаш аз ҷисм – ин ту, ин ҷон!
Биё, баргираш аз тан – ин ту, ин сар!

*Сталинобод, феврали 1933*

## ТАРОНАИ МУҲОҶИР

Дар домани фақру бандагӣ ман
Зоида шудам ба хоки Эрон,
Ёд оядам аз ватан, чу бинам
Занҷиру танобу теғу зиндон.

Як умр маро ба нафъи ашроф
Бо номи ватан фиреб доданд,
Номуси муқаддаси ватанро
Пинҳон ба кафи рақиб доданд.

Акнун хоҳанд ҷони манро
Бо номи ватан фидо намоянд
В-андар сари хуну устухонам
Ишратгаҳи нав бапо намоянд.

Хоҳанд, ки бо василаи ман
Деҳқонҳоро кунанд толон,
Заҳматкаши шаҳру коргарро
Гиранду кунанд тирборон.

Не-не, ҳаргиз зи хоки Шӯро
Ман пой бурун намегузорам,
Ман ҷисми бародарони худро
Оғушта ба хун намегузорам.

Ё он ки намеравам аз ин ҷо,
Ё рафта ба каф силоҳ гирам,
Чандон ҷангам ба зидди доро,
То фатҳ кунам ва ё бимирам.

Эй коргари асири Эрон,
Эй хуфта ба банди зулму найранг!
Синфан ту бародари ман астӣ,
Бар зидди ту ман намекунам ҷанг!

Эй халқи азими барзгар, ман
Парвардаи неъмати ту ҳастам,
Бар зидди ту гар баланд гардад,
Эй кош, бурида бод дастам!

То он ки тавонгарони Эрон
Дорои зару ҷалол гарданд,
Афроди низомиёни он ҷо
Бояд кару кӯру лол гарданд.

Баръакс, низомиёни ин ҷо
Боист, ки булшавик бошанд,
Яъне ки ба корҳои Шӯро
Дар илму амал шарик бошанд.

Ман пешрави сипоҳи сурхам,
Сарбози сияҳ намешавам ман,
Ҷаллоди бародарони синфӣ
Дар хидмати шаҳ намешавам ман.

Мо ранҷбарему лашкари сурх
Дар рӯи замин сипоҳи моҳост,
Ҳар ҷинсу зи ҳар ватан ки бошем,
Хоки СССР паноҳи моҳост.

*Сталинобод, феврали 1933*

* * *

Дониш, эй деҳқон, асар дорад, намедонӣ магар?
Маърифат таъми шакар дорад, намедонӣ магар?
Ҳалқҳои мурдаро Уктабр аз нав зинда кард,
Инқилоб ин сон ҳунар дорад, намедонӣ магар?
Раҳ мадеҳ кулокро дар калхуз, эй деҳқон, ки ӯ
Душманӣ бо ранҷбар дорад, намедонӣ магар?
Ҷаҳлу муллоро бирон, зеро ки андар хона дузд
Гар шавад маҳрам, зарар дорад, намедонӣ магар?
Дур кун мавҳуми диниро зи сар, эй ранҷбар,
Хоб бо каждум хатар дорад, намедонӣ магар?
Дарс хону кор кун, то аз саодат бар хурӣ,
Тухм агар пошӣ, самар дорад, намедонӣ магар?
Ҷаҳд кун, эй фаълаи Шӯро, ки доим сӯи ту
Фаълаи дунё назар дорад, намедонӣ магар?
Рух мапӯш, эй духтари Эрон, ки моҳи бесаҳоб
Рӯшноӣ бештар дорад, намедонӣ магар?
З-он сабаб Шӯро бувад фотеҳ, ки чун ҳизби Ленин
Раҳнамои коргар дорад, намедонӣ магар?
Фикри Эрон бош, Лоҳутӣ, ки он ҷо коргар
Дида дар роҳи зафар дорад, намедонӣ магар?

*Сталинобод, марти 1933*

* * *

Эй бурда дилу рабуда ҳушам,
Эй ғорати сабру тобу тушам,
Эй боиси оҳу шӯру ҷӯшам,
Эй иллати нолаву хурӯшам!

Ғамхору касам ту ҳастию бас,
Фарёдрасам ту ҳастию бас.
Рӯҳу нафасам ту ҳастию бас,
Ишқу ҳавасам ту ҳастию бас.

Хоҳам, ки ба вақти ҷон супурдан
Гирӣ ту сари маро ба доман
В-афсона шавад зи баъди мурдан
Дастони муҳаббати туву ман.

Бо он ки ҷафо бибурдӣ аз ҳад,
Ҳошо, зи ту дил намекунам бад.
Бар дида гар аз ту тирам ояд,
Ман тири туро намекунам рад.

Дил ҷуз ту надорад ошное,
Бо ӯ манамо ту бевафоӣ,
Ӯро мафикан ба бенавоӣ,
Як лаҳза макун аз ӯ ҷудоӣ!

Пайваста чу ғунча навҷавон бош,
Чун бахт ҳамеша комрон бош,
Бо ман бавафову меҳрубон бош,
Ороми дилу аниси ҷон бош!

*Сталинобод, марти 1933*

## ЁР БО МАН АСТ

Дар ин сафар, ки он бути айёр бо ман аст,
Ғамро маҷол нест, ки ғамхор бо ман аст.
Эй ҷон, ба ҷилва ой, ки ҷонон нишастааст,
Эй дил, баҳуш бош, ки дилдор бо ман аст.
Гулҳои мурда ҳамсафарони дурӯзаанд,
Бо гул чӣ ҳоҷат аст, ки гулзор бо ман аст.
Нодонам, ар давои табибон талаб кунам,
То он нигоҳи наргиси бемор бо ман аст.
Дар ишқ ҷонфишониву мардӣ талаб кунанд,
Аз саҳна, эй фалак, бирав, ин кор бо ман аст.

Аз сӯи ёр як назари меҳр бас бувад,
З-он остона рондани ағёр бо ман аст.
Беҳосил аст фитнаи шайху фиреби шоҳ,
Бозуи кору табъи шарарбор бо ман аст.
Бо ман агар вафо накунад умр, гӯ: макун,
Беҳтар зи умр ёри вафодор бо ман аст.
Ман ҳеҷ эҳтиёҷ надорам ба симу зар,
Ин шеърҳо чу дурри баҳодор бо ман аст.

*Қрим, августи 1933*

## ҶАВОБ БА «ВАСИЯТНОМА»-И ТАРАС ШЕВЧЕНКО

Эй дар раҳи халқи Укроин
Хобида ба хоки тира, бархез!
Аз равшании Днепри маҳбуб
Шуд чашми замона хира, бархез!

Бархезу бубин, ки шери маҳкум
Занҷир гусаставу раҳо шуд,
Бо дидаи худ бубин, чӣ гуна
Он ком, ки доштӣ, раво шуд.

Халқи туву халқи рус растанд
Аз пони палиду шоҳи қотил,
Бо руси кабир Украина
Ҳис кард бародарии комил.

Бархезу дар ин фазои озод
Парвоз кун, эй уқоби аъзам!
Бингар, ки чӣ гуна ошёнат
Восеъ шуду олию мукаррам!

Бархезу бубин, чӣ гуна халқе
Бо нағмаи ту ба пой хезанд,
Хезанду ситамгарон аз ин хез
Чун рӯбаҳи дузд мегурезанд.

Барканд асоси салтанатро
Сарпанҷаи инқилоб, бархез!
Бедор шудаст хонадонат,
Як лаҳза ту ҳам зи хоб бархез!

Он теғи ситам, ки аз дамаш хок
Оғушта ба хуни халқҳо шуд,
Бишкаст ба дасти халқу бозу
Аз пайкари соҳибаш ҷудо шуд.

Хуш бош, ки хонаводаи ту
Дар фатҳ намунаи ҷаҳон шуд,
Дар оилаи бузурги заҳмат
Ин модари пири ту ҷавон шуд.

Танҳо на азизи туст имрӯз
Ин соҳили сабзу дашти хуррам,
Ҳастанд Днепру Укроин
Маҳбуби пролетори олам.

Обе, ки чу обрӯи деҳқон
Бефоида дар замин равон буд,
Гаҳ-гоҳ фақат зи хуни мардум
Якчанд ба ранги арғувон буд.

Имрӯз чу обрӯи заҳмат
Аз ҳар чизе азизтар шуд,
З-он дашти васеи Укроин
Гулзори саодати башар шуд.

Акнун ватани туро на танҳо
Фарёди ту мекунад риоят,
Бин, Лашкари Сурхи душманафкан
Онро кунад аз хатар ҳимоят.

Эй рӯҳи ҷасуру ҳисси зинда,
Мо мурда туро намешуморем,
Мо номи туву васиятатро
Аз хотири худ намебарорем.

Ман ҳам ватанам асир мондаст
Дар панҷаи душманони заҳмат,
Ҳарчанд ки дар паноҳи Шӯро
Ман хеш расидаам ба роҳат.

Аммо ҳар шаб ҳазор гардан
Дар банди ситам ба хоб бинам,
Пас сояи сурх – рӯи Эрон
Аз парчами Инқилоб бинам.

Бинам, ки зи хуни аҳли бедод
Гардида замини Форс Ҷайҳун.
Бинам чу Днепр гашта барпо
Гигант ба рӯи рӯди Корун.

Акнун ватани ту гашта озод
Дар сояи маслаки ленинизм,
Фардо, албатта, мулки ман ҳам
З-ин қувва расад ба сусиёлизм.

Он рӯз ҳам аз замини Эрон
Чун решаи зулмро барорем,
Дар оилаи бародаронат
Мо рӯҳи туро ба ёд орем!

*Қрим, сентябри 1933*

* * *

Саломи самимӣ, санои муассир
Зи ҷисми муҳоҷир ба ҷони муҷовир!
Ба зидди табиат, ки пайваста пайкар
Ба ҷо монаду рӯҳ гардад муҳоҷир.
Ту он рӯҳ ҳастӣ, ки мондӣ ба хона,
Ман он ҷисм ҳастам, ки гаштам мусофир.
Хаёли дигар кас, бигӯ, дар сари ман
Наёяд, ки ин мулк дорад мубошир.
Туӣ дар вуҷудам чу дар гуфта маънӣ,
Туӣ дар сириштам чу ботин ба зоҳир.
Нашояд маро бе ту гуфтан, ки доим
Бувад ёди ту бо дили ман муошир.
Манам ту, туӣ ман, туӣ ман, манам ту,
Чи он ҷо, чи ин ҷо, чи ғоиб, чи ҳозир.

*Хуҷанд, октябри 1933*

* * *

Бо лаби нозук нигор дасти маро мегазад,
Ин вараҷи гул чу хор дасти маро мегазад.
Гар ба ниҳон пеш аз ин қалби маро мефишурд,
Ёр кунун ошкор дасти маро мегазад.
Бар дили ман доимо тири назар мехалонд,
Мурда магар дил, ки ёр дасти маро мегазад.
Чун лаби худро ба шавқ бар сари дасташ ниҳам,
Ҳис накунам гар ки мор дасти маро мегазад.
Бар сари коғаз давад чун зи қалам номи ӯ,
Хома шавад беқарор, дасти маро мегазад.

*1933*

## ЗАҲМАТ ГУЗОРИШ МЕДИҲАД

Ин чӣ рӯзест, ки олам ҳама дар ҳилҳила аст,
Ин чӣ рӯзест, ки одам ҳама дар ғулғула аст,
Ин чӣ рӯзест, ки дар ҳар тарафе валвала аст,
Ин чӣ рӯзест, ки гӯё ба замин зилзила аст?

Ё магар рӯзи сари соли Ленин аст имрӯз,
Мотами ранҷбари рӯи замин аст имрӯз?

Гашта аз оҳану пӯлод ҳаво ҷавшанпӯш,
Ҳишта аз айруплон бар сари Маскав сарпӯш,
Нағмаи коргар афганда бар афлок хурӯш,
Сарвро бин, ки кашад як сабади нуқра ба дӯш,

То ки монанд ба калхузчии Фарғона шавад,
Ифтихори худиву ибрати бегона шавад.

Коргарҳо ҳама чун шери арин омадаанд,
Ба ду абрӯ гираҳу чин ба ҷабин омадаанд,
Соҳибони фалаку обу замин омадаанд,
Ҳама як саф ба сари қабри Ленин омадаанд,

Дар миён марде бар абр барафрошта сар,
Дафтаре боз ба каф, теғи бараҳна ба камар.

Ҳайкале, тавсани иқлолу саодат ромаш,
Ҳайкале, бодаи иқболу зафар дар ҷомаш,
Ҳайкале, гашта ҳама кори ҷаҳон бар комаш,
Заҳмати ҳокиму озоду мусаллаҳ номаш,

Хутбае чун нигаҳи хеш матин мегӯяд,
Даст карда сӯи марқад, ба Ленин мегӯяд:

Ёд дорӣ, ки чу аз банд наҷотам додӣ,
Дар дами марг будам ман, ту ҳаётам додӣ?!
Дар раҳи зиндагии тоза баротам додӣ,
Суст буд пояи умрам, ту суботам додӣ.

Бингар акнун, ки чӣ сон пояи ман маҳкам шуд,
Хонаи ман ватани ранҷбари олам шуд!

Ёд дорӣ, ки чӣ сон хаставу лоғар будам,
Чӣ қадар оҷизу бечораву музтар будам,
То чӣ ҳад дастхуши синфи тавонгар будам,
Бандаву тобеу мақҳуру мусаххар будам?

В-ин замон бин, ки чӣ пурзӯру тавоно шудаам,
Дар бузургиву шараф шуҳрати дунё шудаам.

Ман ҳамонам, ки будам баста ба банду занҷир,
Ман ҳамонам, ки будам хаста ба зери шамшер,
Ман ҳамонам, ки будам гурснаву зору фақир,
Ман ҳамонам, ки будам бекасу маҳкуму асир.

В-ин замон сахттар аз санг ду бозу дорам,
Омири мутлақаму ин ҳама урду дорам.

Рӯҳам аз барқ бувад, пайкарам аз пӯлод аст,
Ҳокимам, муқтадирам, кишвари ман обод аст.
Олимам, пурҳунарам, миллати ман озод аст,
Кӯҳаму ҳамлаи душман ба танам чун бод аст.

Ман ишорат кунаму кор дигаргуна шавад,
Гар фишоре бидиҳам, ин кура воруна шавад.

То кунам вусъати ободии кишвар таъмин,
По ба саҳро биниҳам сахттару дуртарин.
В-ар зи сангинии ман хаста шавад аспи замин,
Даст андозаму дар ҳукм дарорам Парвин.

Фатҳи ман дар Қарақум шоҳиди гуфтори ман аст,
Шоҳиди дигари ман – қувваи тайёри ман аст.

Умри ман ҳафту даҳу таҷрибаам ҳафтсад аст,
Фатҳҳое, ки зи ман сар зада, берун зи ҳад аст,
Дар барам олами сармоя чу беҷон ҷасад аст,
Гарм дар оташи таб ҷисми рақиб аз ҳасад аст,

Ки чаро ин ҳама хушбахтии ман бо ӯ нест,
Ӯ чу ман соҳиби ин гуна тану бозу нест.

Он рақибе, ки яқин дошт ба расвоии ман,
Ор меомадаш аз ному шиносоии ман,
Буд хасми тану ҷони ману дороии ман,
Чун назар мекунад акнун ба тавоноии ман,

Аз пайи манфиати хеш бипайваст ба ман,
Диҳад акнун ба хилофи дили худ даст ба ман.

Ҳар чи ҳизби ту ба ман гуфт, амал кардам ман,
Ба «чап»-у «рост» далерона ҷадал кардам ман,
Ҳамлаҳо ҳар тарафе радду бадал кардам ман,
Сахтии даври якумро ҳама ҳал кардам ман,

Баъд аз ин низ далерона ҷадал хоҳам кард,
Мушкилоти раҳи худро ҳама ҳал хоҳам кард.

Равам аз пеши ту бо қувваи илму техник,
Киштиву айруплон,танку трактур, фабрик,
Ӯзбеку арманиву гурҷиву русу тоҷик,
Маҷлиси ҳафдаҳуминро кунам ин сон табрик,

Гӯям: Эй ҳизби Ленин, ин ҳама осори мананд
В-ин ҳама халқи ҷавон лашкари ҷаррори мананд.

Ман зи фазли ту кунун қудрати комил дорам,
Ҳар қадам фатҳи ҷадиде ба муқобил дорам,
Шаҷари зиндагиям, сояву ҳосил дорам,
Бешак, акнун ки ба сар мисли ту омил дорам,

Олами куҳна шавад мунҳадим аз зарбати ман,
Гардад эҷод ҷаҳони наве аз суръати ман!

*Москва, январи 1934*

* * *

Аз дасти ту дар оташи ғам сӯхт тани ман,
Ту дар диливу бехабар аз сӯхтани ман.
Дар роҳи ту ҳар дам фиканам хасми наверо,
Мот аст фалак аз ҳунар омӯхтани ман.
Дар ишқ шудам роҳбари маслаки Маҷнун,
Машҳури ҷаҳон шуд хирад андӯхтани ман.
Дар баҳси муҳаббат ба ҷаҳон зарбимасал шуд
Ҷон бохтану меҳри ту нафрӯхтани ман.
Ман шамъи ҳарими адабам, олами заҳмат
Равшан шавад аз шуъла барафрӯхтани ман.

*Москва, феврали 1934*

* * *

Эй шамъ, зи дил шуъла барафрӯхтан омӯз,
Парвона, ту ҳам аз тани ман сӯхтан омӯз.
Дар мадрасаи ишқ биё пеши ман, эй Қайс,
Дар илми муҳаббат сабақ омӯхтан омӯз.
Бар дидаву домони ман, эй хоҷа, назар кун,
Қорун шаву лаълу гуҳар андӯхтан омӯз.
Тир аз паси ҳар теғ талаб мекунам аз ёр,
Эй дида, зи ман пораи дил дӯхтан омӯз.

*Москва, феврали 1934*

## РАССОМИ ДИЛ

Аз он даме, ки гесуи ту доми дил шудаст,
Чашмат агарчи шер бувад, роми дил шудаст.
Дил шиква аз ҷафои ту ҳаргиз намекунад,
Дарди ту солҳост, ки ороми дил шудаст.
Таъсири ишқ бин, ки ба дил то қадам ниҳод,
Ин олами бузург пур аз номи дил шудаст.
Дилбар нишастаасту дил андар ҳузури ӯ,
Дунёи куҳна тозаву бар коми дил шудаст.
Фатҳу зафар бубин, ки рақиби сиёҳкор
Маҷбур бар итоати аҳкоми дил шудаст.
Дишаб ба рақс соқии мо то ба вақти субҳ
Мегуфт: май хуред, ки айёми дил шудаст.
Дар мушкилоти роҳи муҳаббат ба мулки ҷон
Ҳар пешрафт ҳаст, зи иқдоми дил шудаст.
Дил мечакад зи хомаи Лоҳутии далер,
Ин мардро бубин, ки чи рассоми дил шудаст.

*Москва, марти 1934*

* * *

Ашкам андар дидаву май дар сабӯ боқӣ намонд,
Оҳам андар синаву дам дар гулӯ боқӣ намонд.
Аз хиҷолат ғарқ шуд пешониям зери арақ,
Ростӣ, аз дасти ин дил обрӯ боқӣ намонд.
Ақлу ҳушу донишу дини маро ҷонона бурд
В-ар зи дил пурсад касе, эй ҷон, бигӯ, боқӣ намонд.
Ҳарфе андар дафтарам ҷуз номи ӯ бинвишта нест,
Чизе андар хотирам ҷуз ёди ӯ боқӣ намонд.
Эй гули хушрангу бӯ, то аз ту дур уфтодаам,
Дар гулистони вуҷудам рангу бӯ боқӣ намонд.
Дидаам дар интизори моҳи рӯят шуд сафед,
Аз сиёҳӣ дар сарам як тори мӯ боқӣ намонд.
Бо дили ман бад макун, зеро пас аз дидори ту
Пеши чашмам дар ҷаҳон як хубрӯ боқӣ намонд.
Гуфтугӯҳои ману дил дар сари васли ту буд,
Дидамат, байни ману дил гуфтугӯ боқӣ намонд.

*Сталинобод, майи 1934*

* * *

Эй кошки, ба олам то чашм кор мекард,
Дил буду одам онро қурбони ёр мекард.
З-ин хубтар чӣ мешуд, гар ҳар нафас ба ҷонон
Як ҷони тоза мешуд, ошиқ нисор мекард.
Дилро бубин, ки нагрехт аз ҳамлае, ки он чашм
Бар шер агар ки мебурд, бешак, фирор мекард.
Ҷонро ба зулф ҷонон аз дасти ман бадар бурд,
Дилбар агар намешуд, ин дил чӣ кор мекард?!
Гар мурғи дил зи ҷонон дуздидаме, чӣ будӣ,
То шоҳбози чашмаш аз нав шикор мекард.
Шӯрои давлати ишқ фотеҳ агар намешуд,
Ҷумҳурии диламро ғам торумор мекард.

Дилбар агар диламро мехонд банда, ҳарчанд
Озодӣ аст динам, дил ифтихор мекард.
Борони дидаи ман дар фасли дурии ӯ
Саҳрои синаамро чун лолазор мекард.

*Сталинобод-Арал, майи 1934*

## БА МАКСИМ ГОРКИЙ

Гарчи сахт аст пора гаштани дил,
Машав, эй шери пуршуҷоат, суст.
Дар чунин дам, ки ғам ҳуҷум кунад,
Ишқи саршори мо муҳофизи туст.

*Сталинобод, майи 1934*

## СИГНОЛ

Тӯдаи туркману ӯзбеку халқи тоҷик!
Иди даҳсолаи озодиатон шуд наздик.
Ман кунам аз дилу ҷон иди шуморо табрик!
Лекин идӣ зи шумо хоҳаму идии калон:
Бештар аз сад иҷро шудани ҷумла плон.

Дар чунин дам, ки ҷаҳон мунтазири иди шумост,
Мулк дар масъалаи пахта ба уммеди шумост,
Пур ҳама сафҳаи таърих зи тамҷиди шумост,
Шармам ояд, ки чунин кори шумо дар ақаб аст,
Ҳайфам ояд ки «Ҳақиқат» зи шумо дар ғазаб аст.

Гар «Правда» ба шумо хашм кунад, ҳақ дорад,
Ӯ ба ҳақ доштан аз ҷомеа байрақ дорад,
Хоса дар кори шумоҳо ҳақи мутлақ дорад:
Дар чунин дам, ки ҷаҳон дар хатари фошизм аст,
Пеши мо пахта меҳин ходими сусиёлизм аст.

Ба умеде, ки ту иҷрои плон хоҳӣ кард,
Хештанро ба ҳунар фахри ҷаҳон хоҳӣ кард,
Қувваи кишвари худро ду чунон хоҳӣ кард,
Сарзаминро ҳама аз номи ту пур кардам ман.
Пур ҷаҳонро зи суханҳои чу дур(р) кардам ман.

Гуфтам, ин бешаи ҷаҳд асту ту шерӣ дар он,
Гуфтам, ин саҳнаи кору ту далерӣ дар он,
Гуфтам, ин кишвари ранҷу ту амирӣ дар он.
Пас далерона ба ин панди ман андеша бикун:
Ҷаҳду кӯшиш пайи ороиши ин беша бикун!

Пеш аз ин ними шумо зан буду зан буд асир,
Рост шуд пушти хами зан ҳам аз Уктабри кабир,
Ними мардон ба чӣ ҷоду бишуд акнун тасхир,
Ки нишинанд чу занҳои қадимӣ бекор,
Бо вуҷуде, ки бувад кор фузунтар зи ҳазор.

Аз чӣ як мартаба дар кор наҷӯшед ҳама?
Баҳри иҷро шудани нақша накӯшед ҳама?
Инак, ин ҷомаи фатҳ аз чӣ напӯшед ҳама?
Зарбдорона агар аз дилу ҷон кор кунед,
Нақшаҳоро ду баробар ҳама тайёр кунед.

Зану марду писару духтару пиру барно,
Бишитобед чу як тан ҳама сӯи саҳро,
То шаби ид намоед плонро иҷро,
З-он ки аз баҳри шумо иззату шон аст ин кор,
Зовуду дорифунун, ҷомаву нон аст ин кор.

Охир, эй шер, бапо хезу хурӯшидан гир,
Охир, эй баҳр, талотум куну ҷӯшидан гир,
Охир, эй мард, ба майдон раву кӯшидан гир,
То ки душман биҳаросад зи хурӯшидани ту,
Шавад ин мамлакат обод зи кӯшидани ту.

Бинамо бар ҳама олам, ки ту комил шудаӣ,
Комилан мустақилу болиғу оқил шудаӣ,
Давраи кӯдакиат тай шуду фозил шудаӣ,
Зиндагонии ту рӯ карда ба даврони дигар,
Гаштаӣ лоиқи ҳар кор чу ахвони дигар.

Ту ҳам, эй духтари Шӯро, ба шараф шерӣ кун,
Рӯ ба майдони ҳунар ору ҷаҳонгирӣ кун,
Дар амал барқи фурӯзон шаву шамшерӣ кун,
Ту ба олам бинамо зурӯ тавоноиро,
То шиносанд ба хубӣ зани шӯроиро.

Он далерон, ки ба ҳар ҷабҳа зафарманд шуданд,
Душманон дар кафашон куштаву дар банд шуданд,
Дӯстон дар барашон хурраму хурсанд шуданд,
Чун ҳама соҳиби азманду ҳунар бо онҳост,
Андар ин саҳна ҳам, албатта, зафар бо онҳост.

*Москва, 6 ноябри 1934*

## ОФАРИН

Эй Хуҷанд, эй булшавики номдор!
Фатҳи нав кардӣ. Муборак! Офарин!
Аз таҳи дил, аз даруни ҷон ба ту
Ҳурмати комил, саломи оташин!
Ёд дорӣ, дар тамоми мардумон
Пеш аз ин будӣ тамоман вопасин?
Шукри ин неъмат, ки озодат намуд
Қудрати ҳизби зафарноки Ленин.
Дар радифи аввалинҳо омадӣ
Бо ҳамин зӯр аз радифи охирин.
Байрақи ин фатҳро аз каф мадеҳ,
Боз бардораш ту болотар аз ин!

Дида дар роҳам, ки кай ояд хабар
Аз тамоми Тоҷикистон инчунин.
Паҳлавон ӯзбек, диловар туркман,
Қудрати ёри хуҷандиро бубин!
Фатҳ кун охир ту ҳам, то бишнавӣ
Аз ҳама дунё садои офарин!

*Москва, 29 ноябри 1934*

## БА МЕҲРУБОН ПИСАРАМ

Далерам, бе ту аҳволам дижам буд,
Қадам ин сон набуд озода, хам буд.
Намедонам, чӣ деве мӯнисам буд,
Вале номаш ба ёдам монда: ғам буд.

Азизам, бе ту ободӣ надидам,
Нишон аз айши озодӣ надидам.
Далерам, дилбарам, шодӣ туӣ, ту,
Чу будам бе ту, ман шодӣ надидам.

*1934*

## ГЕСӮИ КӮТОҲШУДА

Дилам дар чини зулфат хонае дошт,
Ду рӯз ин мурғи мискин лонае дошт.
Ту чун бебарг кардӣ он чаманро,
Буридӣ риштаи уммеди манро.
Бигӯ, эй дилбари маҳпораи ман,
Чӣ кардӣ бо дили бечораи ман?

*1934*

## ДАСТАМ ШИКАСТААСТ

Дастам шикастааст, валекин дилам баҷост,
Беҳуда шод гашта рақиб аз шикасти ман.
Бо ин шикастагӣ кунадаш ҳамчу шиша хурд,
Гар чархи нобакор биярфтад ба дасти ман.
Аз ҳеҷ зӯру ҳеҷ фишоре намерасад
Сустӣ ба ин мизоҷи дурустипарасти ман.

*Москва, феврали 1935*

## МАН ПАҲЛАВОНАМ

Ман аз калхузи Тоҷикистонам,
Қафо монданро ман намедонам,
Ман пеш меравам, пас намемонам,
Ман паҳлавонам, ман паҳлавонам.

Ман фақир будам, акнун ободам,
Ман асир будам, акнун озодам,
Ман ғамгин будам, акнун дилшодам,
Ман паҳлавонам, ман паҳлавонам.

Дона мепошам бо зарбдорӣ,
Пахта мечинам бо ҳушёрӣ,
Сабақ мехонам бо номдорӣ,
Ман паҳлавонам, ман паҳлавонам.

Тоҷикистонро ман дӯст дорам,
Кори калхузро баҷо меорам,
Плонро ақиб намегузорам,
Ман паҳлавонам, ман паҳлавонам.

Ман дар ин дунё фарзанди корам,
Бо ҳар заҳматкаш хешу таборам,
Мисли СССР як Ватан дорам,
Ман паҳлавонам, ман паҳлавонам.

*майи 1935*

## ПУЛИ ВАХШ

Канӣ, канӣ, ассалом,
Обаки сарди ваҳшӣ!
Як гап ба ту мегӯям,
Бояд маро бубахшӣ.

Ман намеларзам дигар,
Ман наметарсам дигар.
Изни гузаштан зи ту
Ман намепурсам дигар.

Ёдат меёд, ки порсол
Гови маро рабудӣ,
Аз ғами гов то имсол
Хови маро рабудӣ?

Булшавикон омаданд,
Ҳалқа ба гӯшат заданд.
З-оҳану соруҷу санг
Юғе ба дӯшат заданд.

Дигар наметавонӣ
Гови маро бигирӣ,
Роҳи маро бибандӣ,
Хови маро бигирӣ.

Ман намеларзам дигар,
Ман наметарсам дигар.
Изни гузаштан зи ту
Ман намепурсам дигар.

Дидӣ ки полон шудӣ,
Чун хари деҳқон шудӣ,
Баста ба хидмат камар
Тобеи фармон шудӣ.

Агар ки шӯриш кунӣ,
Хокат ба сар мекунам,
Булшавиконро зи нав
Рафта хабар мекунам.

Ман намеларзам дигар,
Ман наметарсам дигар,
Изни гузаштан зи ту
Ман намепурсам дигар.

Равон шудам сӯи Вахш,
Гирифтам аз мӯи Вахш,
Паридам аз ҷӯи Вахш,
Давидам аз рӯи Вахш.

Ҷоду фитода дар дом,
Гурги гурусна шуд ром.
Шӯро агар намешуд,
Ваҳшӣ намешуд ором.

Ман намеларзам дигар,
Ман наметарсам дигар,
Изни гузаштан зи ту
Ман намепурсам дигар.

*Сталинобод, майи 1945*

## ЯНКА КУПАЛО

Марде мусаллаҳ, бузургу ҷасур,
Муҷассамаи фахру эътило,
Тоза расида аз ҷоҳои дур
Дар мамлакати Янка Купало.

Кӣ ба ин кишвар ёрӣ кардааст?
Кӣ ба ишқи ӯ буда мубтало?
Кӣ ба дарди ӯ зорӣ кардааст?
Ҷавобе қатъӣ: Янка Купало.

Ман гирифтори ин гул будаам
В-агар ҳам бояд бубинам ҷазо,
Бошад! Ман ӯро булбул будаам,
Худи ман, инак, Янка Купало.

Ман дӯсти туам, Уктабр, Инқилоб,
Омадам, ки бо дасти тавоно
Обод кунам ин хонаи хароб,
То хурсанд шавад Янка Купало.

Ман туро он сон мекунам баланд,
Ки бубинандат ҳамаи дунё,
Туро бо ангушт нишон медиҳанд,
Бигӯянд: «Ин аст Янка Купало!»

Булбули асир парвоз кард озод,
Рӯҳи афсурда аз нав шуд барно.
Ҳоло дигар ӯ хуррам асту шод,
Ғам намехӯрад Янка Купало.

Таронаи ӯ зорӣ надорад,
Меғуррад мисли шери бепарво.
Аз давлати гул хоре надорад,
Хушо ба ҳоли Янка Купало.

*Москва, 4 июни 1935*

* * *

Аз хона кунам ёд, ки паймони ман он ҷост,
Ҳуши сараму нури ду чашмони ман он ҷост.
Ҷон бо ҳама шириниву маҳбубияш ин ҷо,
Бар тан бувадам бор, ки ҷонони ман он ҷост.
Ин ҷо бирамад равшанӣ аз ман, ки маҳам нест,
Тозад ба танам дард, чу дармони ман он ҷост.
Дил пурғаму аҳвол парешон шуду фикрам
Дар сар нашавад ҷамъ, ки сомони ман он ҷост.
Гар муддаиям бедилу дин хонад, аҷаб нест,
Аз рост чӣ ранҷам, дилу имони ман он ҷост.
Пур буд чаман аз чаҳ-чаҳаму бе гули рӯяш,
Як бастадаҳан булбулам, илҳони ман он ҷост,
Маъзурам, агар оташи ашъори ман ин ҷо
Беҷилва бувад, табъи дурахшони ман он ҷост.

*Париж, июни 1935*

* * *

Ҳар сол як пиёла бигирам зи дасти дӯст,
Рафтам ба як пиёла ҳамасола масти дӯст.
Бе қайду банд агар ки надидӣ маро асир,
Бингар ба дил, ки чун шуда ӯ пойбасти дӯст.
Аз дил хаёли кавну маконро бурун кунам,
Гирад магар лаёқати ҷои нишасти дӯст.
Дарё кунам тамоми заминро зи сели ашк,
Моҳисифат магар, ки биафтам ба шасти дӯст.

*Душанбе, 24 августи 1935*

# НОМА

Эй ёри азизу ҷони ширин,
Эй дилбари меҳрубони дерин,
Ёди ту давои рӯҳи мискин,
Аз дил ба ту сад ҳазор таҳсин!

Омад хати ту, кушодам онро,
Бар дидаи сар ниҳодам онро,
Қосид, ки бапо фитодам онро,
Ҷонмужда баҳо бидодам онро.

Ту дар хати худ чиҳо навиштӣ?
Бас нисбати нораво навиштӣ,
Дар бораи ман хато навиштӣ,
Ин хатти хато чаро навиштӣ?

Ман аҳди туро куҷо шикастам?
Бо кӣ ба ҷуз аз ту аҳд бастам?
Кай риштаи меҳри ту гусастам?
Бе ёди ту кай даме нишастам?

Пайваста дар орзӯи рӯят,
Биншаста назар кунам ба сӯят,
Шояд ки вазад насими кӯят,
Дилзинда кунад маро зи бӯят.

Сад мартаба ман зи пой то фарқ
Дар баҳри умеду орзу ғарқ,
Аз ноҳияи шимол то шарқ
Сӯи ту шудам равона чун барқ.

Аммо ту ба ман назар накардӣ,
То хонаи ман сафар накардӣ,
Аз кӯчаи ман гузар накардӣ,
Ё кардаиву хабар накардӣ.

Ҳарчанд дилам шикастаӣ ту,
Пайванди вафо гусастаӣ ту,
Пайваста ба ҷон нишастаӣ ту
В-он дар ба ҷаҳон бубастаӣ ту.

Хоҳӣ ту агар зи меҳрубонӣ
Аҳволи дили маро бидонӣ,
Ин хат ба забони безабонӣ
Аз дил ба ту медиҳад нишонӣ.

Алқисса, ҷафову ҷабр чандин
Нисбат ба дилам макун пас аз ин.
Аз дил ба ту сад ҳазор таҳсин,
Умри ту дароз бод, омин!

*Москва, августи 1935*

* * *

Даст неҳ бар сарам, ки таб дорам,
Таби ишқи ту рӯзу шаб дорам.
Ё бирон, ё хамӯш кун дилро,
Шаби васл аст, бо ту гап дорам.
Ту маро мезаниву дил шод аст,
Ман аз ин кори дил аҷаб дорам.
Ман вафопешаам, вале чӣ кунам,
Толеи наҳс дар ақаб дорам.
Доимо рӯи ту ба хонаи чашм,
Рӯзу шаб номи ту ба лаб дорам.
Даст ҳаргиз зи доманат накашам,
То ки хуну рагу асаб дорам.
Наравам ҳеҷ ҷо зи даргаҳи дӯст,
Ман аз ин хона ҷон талаб дорам.

Ифтихорам ба ишқу озодист,
Ман аз ин хонадон насаб дорам.
Дар диёри вафо чу Лоҳутӣ
Ман далерам, чунин лақаб дорам.

*Москва, августи 1935*

* * *

Ман якто дили вафодор дорам,
Якто ҳам ёри ҷодукор дорам.
Ёрам ғамхору дилҷӯи ман аст,
Гулам, ахтарам, оҳуи ман аст.
Дар ҳазар доим паҳлӯ ба паҳлӯ
Ӯ бо ман асту ман ҳастам бо ӯ.
Бедор ки ҳастам, дар барам бошад,
Хоб ки меравам, дар сарам бошад.
Вақте ҳам танҳо сафар мекунам,
Зоҳиран ҳар сӯ назар мекунам,
Намебинамаш на дар рӯ ба рӯ,
На пас, не паҳлӯ... Доим аммо ӯ
Сухан мегӯяд бо ман оҳиста,
Хуб ки мебинам – дар дил нишаста.
Неъматро бинед: ҳаргиз дар дунё
Дилдорам аз ман нагардад ҷудо,
Ҳамеша ёрам, бутам, ҷодуям,
Ё дар дил бувад, ё дар паҳлӯям.

*Москва, декабри 1935*

## ҶАШНИ ПОНЗДАҲСОЛАГӢ

Замин пӯшида аз аҷсоми бадхоҳ,
На ахтарҳо намоён буд, на моҳ,
Бипурсидам аз Исломи диловар,
Ки «Чун шуд ҳоли захмиҳои лашкар?

Касе з-онҳо мабодо хуфта бошад,
Зи ёди сарпарастон рафта бошад.
Ҳама ӯрдуи мо вопас нишастанд
Ва ё з-онҳо дар ин ҷо боз ҳастанд?»
Бигуфт оҳиста дар гӯшам ки: «Аз мо
Дар ин майдон тане ҳам нест барҷо.
Пур аст ин шаҳр аз ӯрдуи душман,
Зи лашкар монда боқӣ як ту, як ман».
Ба имдоди низомиҳои хусрав
Зи ҳар сӯ мерасидӣ лашкаре нав.
Дамид он дам ба гӯшам дар сиёҳӣ
Нафасҳои сипоҳиҳои шоҳӣ.
Чунон карданд бо суръат таҳоҷум,
Ки ман дар лашкари душман шудам гум.
Ба фикри кас наёмад будани ман
В-агарна мешудӣ беҷон тани ман.
Инонро сусту ронро сахт кардам,
Мададгорӣ талаб аз бахт кардам.
Чу тире ҷастам аз он ҳалқа берун,
Худу аспу силоҳам ғарқа дар хун.
Ту гуфтӣ ҷодуи шаб, чун зани пир
Маро бо худ барад дар чодари қир.
Замин хобида буд чун ҷисми беҷон,
Кафан пӯшида абр аз барф бар он.
Зи ҳамфикрони мо сарҳо нагун буд,
Ҳаме ҷорӣ зи таншон ҷӯи хун буд.
Чу ман бо куштаҳо бадруд кардам,
Равон аз дидаи худ рӯд кардам.
Сипоҳи ман зи пешу душман аз пас,
Чунин сахтӣ набинад дидаи кас.

Саҳар, чун сурати хуршеди рахшон
Шуд аз гаҳвораи Машриқ намоён,

Ба рӯи ҷода буд як тифли сода
Зи сар то по мусаллаҳ истода.
Ба мо роҳе намуд он тифли наврас,
Чу мо рафтем аз он ҷо, наъра зад: Бас!
Сияҳ ӯрду, ки шаб бо теғи бурро
Чунон метохт то субҳ аз паси мо,
Аз он фармони сахт осемасар гашт,
Ту гӯӣ бар аҷал вохӯрду баргашт.
Ба мо он мизбон лутфу сафо кард,
Маро бо раҳбари худ ошно кард.
Фишурдам дасти мардеро ба таҳсин,
Ки ҳамдасти Ленин буду Столин.
Бузургу кордону муқтадир буд,
Балои душманони СССР буд.
Хушу дилзинда буду меҳрубон буд,
Азизи фаълаву деҳқониён буд.
Бувад то дар танам ҷон, дар сарам ҳуш,
Нахоҳам кард ман ӯро фаромӯш...
Ба ман он тифл, чун як пири устод,
Сипас дар илми ҷангӣ дарсҳо дод.
Маро аз баҳси синфӣ бохабар кард,
Шикастамро мубаддал бар зафар кард.

Баҳори комронӣ дорам акнун,
Нишоту шодмонӣ дорам акнун.
Расида кӯдаки навзоди он рӯз
Ба синни понздаҳ бо бахти фирӯз.
Агар хушбахтии мо буд ҳавола
Дар он даврон ба тифли нимсола,
Кунун он тифли наврас навҷавон шуд,
Ба зӯру илм машҳури ҷаҳон шуд.
Ба баҳри неъмату иқбол ғарқ аст,
Азизи ҷумла миллатҳои Шарқ аст.

Дар ин беша на танҳо бошад ин шер,
Ки дар Қафкозу дар Сибиру Помир
Ба мисли худ бародар чанд дорад,
Бародарҳои бемонанд дорад.
Ғаюр асту ҷасур асту ҷавон аст...
Бигӯям кист? Озарбойҷон аст.

*Москва, декабри 1935*

## ВАТАНИ ШОДӢ

Рӯе хушу бӯе хушу мӯе хушу дилкаш,
Хандону ғазалхон.
Аз омаданаш дар бадани мурда дамад ҷон,
Фаттону париваш.
Мӯ анбару лаб шаккару рӯ маҷмари оташ
Ё меҳри фурӯзон.
Ин чист ба ин қомати чун сарви хиромон?
Ин кист, куҷоист?
Ин олиҳа Шодист.

Парвоз кунад Шодӣ бо шаҳпари зебо
Дар Жопуну дар Чину ба Мексику ба Ёво,
Дар Машриқу дар Мағрибу андар ҳама дунё
Парвоз кунад дар ҳама ҷо – хушкию дарё,
Ҷо ҷӯяду ҷо лоиқи ӯ ҳеҷ куҷо нест.

Парвоз кунад бар сари дарбори амирон,
Парвоз кунад бар дари сардору вазирон,
Парвоз кунад бар сари ғоратгару серон,
Ҳар ҷо ки расад дар бари ин гуна шарирон,
Гӯяд, ки: «Дар ин ҷои мулаввас натавон зист!»

Гӯяд ки: «Ман ин роз нуҳуфтан натавонам,
Қатл аст дар ин ҷомеа, рафтан натавонам.

Нанг аст дар ин оила, хуфтан натавонам,
Марг аст дар ин нағма, шунуфтан натавонам,
Ин дуздию хунрезию бедодгарӣ чист?»

Гӯяд ки: «Ман аз асл яке ҷинси латифам,
Мақбуламу матлубаму маҳбубу шарифам,
Ин гуна ки ман покаму беайбу зарифам,
Кай лоиқи мондан ба чунин ҷои касифам?
Ин хона фақат ҷои чунин мардуми ҷонист!»

Парвоз кунад пас ба сари кишвари Амрик,
Олмону Бритонию Италию Белжик,
Паррад ба сари деҳкадаву зовуду фабрик,
Бинад ҳама ҷо мардуми афтодаву торик,
Гӯяд: «Натавонам кашам ин ҷо нафасе бист!»

Гӯяд ки: «Ба ин тоифа ман ёру муинам,
Хоҳам ки равам дар бари онҳо бинишинам,
Аммо чӣ кунам? Ман на аз ин обу заминам,
Ин зиллату сахтӣ натавонам, ки бубинам,
Бо номи ману ҳоли ман ин вазъ мунофист.

Ин тоифа хубанд, вале оҳ надоранд,
Аз моҳасали заҳмати худ коҳ надоранд,
Дар доираи илму фунун роҳ надоранд,
Як лаҳзаи озоду ба дилхоҳ надоранд,
Ман Шодиям, ин хонаи андӯҳу харобист.

Вайрон бувад ин кӯчаву Шодӣ бувад обод,
Зиндон бувад ин кулбаву Шодӣ бувад озод,
Шодӣ накунад ҷой дар ин манзили ношод,
Кай хоб кунад зиндагӣ андар бари ҷаллод?!
Ман зиндагиям, ҷои ман ин гӯри сияҳ нест!»

Шодӣ пас аз ин боз ба парвоз дарояд,
Пар боз кунад бозу ба овоз дарояд,
Аз шӯру наво боз ба шаҳноз дарояд,
Дар кишвари мо бо тарабу соз дарояд,
Чашмаш чу ба ин мамлакат афтад, бикунад ист.

Бинад, ҳама ҷо сарву гулу лолаву боғ аст,
Бинад, ҳама ҷо хуррамию сабзаву роғ аст,
Бинад, ҳама ҷо равшанию барқу чароғ аст,
Бинад, ҳама ҷо нуқлу маю базму аёғ аст,
Гӯяд, ки:Аҷаб ҷои хушу манзили олист!»

Ҳар сӯ нигарад, ҳай ҳунару кор бубинад,
Ҳар дар гузарад, ҳай тарабу тор бубинад,
Ҳар ҷо ки парад, киштии тайёр бубинад,
Ҳар раҳ сипарад, лашкари ҷаррор бубинад,
Гӯяд, ки: «Аз ин қувва қавитар ба ҷаҳон нест!»

Рақсад, ки: «Бубин, сурати ин мулк чӣ зебост!»
Хандад ки: «Бубин, домани ин хок чӣ дорост!»
Гӯяд, ки: «Бубин, миллати ин марз чӣ доност!
Алҳақ, ки ягона Ватани ман фақат ин ҷост.
Ин ҷо, фақат ин ҷост, ки манзилгаҳи Шодист!

*Москва, декабри 1935*

* * *

Эй раҳзани ҷону ғорати дил,
Эй нақшакаши асорати дил,
Эй тозакуни марорати дил,
Эй аз ту ҳама хасорати дил!

Бо чашми сияҳ ишора кардӣ,
Дилро ба ишора пора кардӣ,
Ҷонро ҳадафи шарора кардӣ,
Оташ задиву канора кардӣ.

Дур аз ту ба тан тавон нахоҳам,
Танпӯшаву обу нон нахоҳам,
Осоиши ин ҷаҳон нахоҳам,
Алқисса, ки бе ту ҷон нахоҳам.

Ҳеҷат ғами ашку оҳи ман нест,
Кӣ бо аламии сиёҳи ман зист?
Рондӣ ту маро, гуноҳи ман чист?
Ғайр аз ту, бигӯ, паноҳи ман кист?

Ман сӯи ту з-ин сафар биёям,
Ҳамчун нафаси саҳар биёям,
Дар хун кунам ар гузар, биёям,
По гар шиканад, ба сар биёям.

Оям, ба ту дарди худ бигӯям,
Рухсора зи гарди ғам бишӯям,
Дар мӯи ту мушки тар бибӯям,
Аз рӯи ту коми дил биҷӯям.

*Тошканд, 1935*

## ҶАВОНИИ МО

Шунидам, ки ошуфта марде ҷавон
Чунин гуфт бо пири таъбирдон,
Ки: «Дӯшина дидам падарро ба хоб
Ба рухсори рахшону синни шубоб.
Ту донӣ, ки марҳум бемор буд,
Фалаҷ буду пиру барасдор буд.
Ба хоби ман, эй пир, таъбир чист?
Ҷавон гаштани инчунин пир чист?»
Ба ӯ гуфт: «Таъбири хобат хуш аст,
Суолат баҷою ҷавобат хуш аст,

Чунин хоб бошад далел, эй писар,
Ки аҳли биҳишт аст, бешак, падар.
Агар мурда дар хоб бемӯ бувад,
Яқин дон, ҷинон манзили ӯ бувад.
Ҳавои биҳишт ончунон мекунад,
Ҳама пирҳоро ҷавон мекунад».

Ба калхуз бидидам яке марди пир
Ба қомат чу сарву ба қувват чу шер.
Бигуфтам: «Чӣ сирр аст дар ин миён,
Ки мӯи ту пир асту зӯрат ҷавон?»
Бигуфто: «Ба даврони сармоядор
Буд ин мамлакат сар ба сар чун мазор.
Зи бас бори ғам бурда будем мо,
Дар ин хок чун мурда будем мо.
Чу Уктабри аъзам ба дасти Ленин
Қиёмат бапо кард дар ин замин,
Асар ҳам аз он гӯр бар ҷо ниҳишт,
Ба ҷояш пайафканд боғи биҳишт.
Тиҳӣ кард аз мотам ин хонаро,
Ба дӯзах фиристод бегонаро.
Чу моҳо асирони ғам будаем,
Шаҳидони даври ситам будаем.
Ба ҷуброни сахтӣ дар он даври зишт
Пазируфт моро чу аҳли биҳишт.
Валекин биҳишти Ленин аст ин,
На майхонаи ҳуруин аст ин.
Ба дасти худ онро бино мекунем,
Ба ранҷу ба размаш бапо мекунем.
Ман ин ҷо пур аз эътимоду умед
Ҷавонам, агар ҳаст мӯям сафед.
Ҷавонӣ на бо мӯи одам бувад,
Ба нури дилу рӯҳи хуррам бувад».

*Москва, январи 1936*

# ДАСТҲОИ ДОҒДОР

Ба майдони набарди зиндагонӣ
Маро ёд ояд аз аҳди ҷавонӣ,
Аз он дам то ба ин даврони пирӣ
Рафиқам бо ҷавонию далерӣ.
Басе зӯроваронро ёфтам ман,
Басо сарпанҷаҳо бартофтам ман,
Ҳазорон дасти пурқувват фишурдам,
Ба коми шери ғажмон даст бурдам.
Ба базм аз моҳрӯён дасту гардан,
Ба разм аз ҷангҷӯён дасти бетан,
Ба умри хештан бисёр дидам,
Аз онҳо қиссаҳо хондам, шунидам.
Вале ҳаргиз диламро рам наёмад,
Ба абрӯям аз онҳо хам наёмад.
Ба ҷуз рӯзе, ки дар Маскав ба сахтӣ
Фишурдам дасти марди некбахте.
Фақат ин дафъа ман макҳур гаштам,
Ба худ ларзидаму безӯр гаштам.
Валекин ӯ на ҷоду буд, на аждар,
Ба дасти ӯ на оташ буд, на ханҷар.
Ба мучҳояш фақат накше нишаста,
Ҳино гӯӣ ба банди даст баста.
Чу дар он дастҳо кардам назар дер,
Асар аз кунда буду доғи занҷир.
Бале, ин дасти марди некном аст,
Сазовори ҳазорон эҳтиром аст.
Шавад то дасти синфи фаъла озод,
Ба чанг афтод ӯ дар ҷанги ҷаллод.
Зану атфоли ӯ дар хун нишастанд,
Ба теғ аъзояшон аз ҳам гусастанд.
Магар аз доғи марги кӯдаконаш
Нишаста нақши хун бар устухонаш,

Ду по дар кундаи оҳан замингир,
Ду дасту гарданаш дар банду занҷир.
Ба фарқаш чӯби душман... дар чунин ҳол
Нишаст ӯ ҳафт сол андар сияҳчол.
Кунун подоши он дархуннишинӣ
Ба ин марди накӯ ҳизби ленинӣ
Ба ҷои банду зиндон боғу гул дод,
Ба фарзандӣ ҳазорон комсумул дод.
Ба ин шерони пир аз қадрдонӣ
Ту ҳам, эй комсумул, кун меҳрубонӣ,
Бубин бар кори гурдони тавоно,
Ҳунар омӯз чун шерони барно.
Баровар бозувони сафшиканро,
Нигаҳдорӣ кун аз душман ватанро,
Ки дар роҳаш басе ин гуна мардон
Фидо карданд дасту сар ба майдон.

*Москва, Борухово, феврали 1936*

## БА ТАРАС ШЕВЧЕНКО

Зи хонаи ту агарчи баҷо намонд асар,
Вале ин хомаи ту монд то абад таъсир.
Ҷаҳон ба номи ту таъзим мекунад, оре,
Намуда теғи забони ту оламе тасхир.

*Деҳкадаи Муринси, августи 1936*

## ҲАДЯ БА ХАЛҚИ МУБОРИЗИ ИСПАНИЯ

Ин ҳадяҳо ба баччаи испонии рашид
Аз халқҳои кишвари Ленини аъзам аст.
Лутфи бародаронаву эҳсоси хоҳарӣ
Бо завқи кӯдакона дар ин ҳадя мудғам аст.
Аз оидоти фаълаву маҳсули калхуз аст,
Танҳо на неъмат аст, ки ишқи муҷассам аст.

Аз мулки паҳлавонию аз маркази ҳунар,
Аз мавтини муқаддасу халқи мукаррам аст.
Ҳиммат, бародарон, ки дар ин ҷанги зулму адл
Фатҳи шумо ба душмани заҳмат мусаллам аст.
Кӯшиш кунеду аз паси кӯшиш зафар кунед,
Бе ранҷ кай васоили роҳат фароҳам аст.
Бояд мадад кунад ба шумо халқи оламе,
Чун нусрати шумо зафари халқи олам аст.
Дирӯз аз диёри шумо буд залилтар
Иқлими мо, ки хонаи уммеди олам аст.
Бо ҷангу теғу оташу хун омада ба даст
Ин қалъаи мурод, ки ин гуна маҳкам аст.
Ин ҳадяҳо ба баччаи испонии рашид
Аз халқҳои кишвари Ленини аъзам аст.

*Москва, 23 сентябри 1936*

## БА ҶАМБУЛ

Муборак бодат, эй озода булбул,
Ки яксар мустақил шуд кишвари гул!
Чунон чаҳ-чаҳ бизан, к-аз чаҳ-чаҳи ту
Шавад пур ин ҷаҳон аз шӯру ғулғул.
Бидонанд аҳли олам, к-ошёнат
Намуд аз ҳар ҷиҳат ин сон такомул.
Бипар дар боғ бо мурғони сармаст,
Биҷаҳ з-ин гул ба он гул бе тазалзул.
Ба гармӣ бӯса зан бар рӯи лола,
Ба нармӣ шона каш бар мӯи сунбул.
Бигӯ бо сарв: озодӣ ҳалолат!
Бигӯ бо ғунча: бишкуф бе тааммул!
Бихон ин сон, ки ҳар ҷо булбуле ҳаст,
Ба шодӣ бишнавад овози Ҷамбул.

*Москва, 23 ноябри 1936*

## ДАР ҶАҲОНИ БЕДОД

Бедод ҷаҳонгир шуду додгаре нест,
Аз сулҳу сафо дар ҳама дунё хабаре нест.
Дар нола асар ҳаст, вале соҳати олам
Пурнола шуд он гуна, ки ҷои асаре нест.
Эй қотили занҳои ҳабаш, мисли ту номард
Дар оилаи Одаму Ҳавво башаре нест.
Эй лаккаи румӣ, ба ҷаҳон тиратар аз ту
Дар домани мардию шарофат қадаре нест.
Фашист ҳам аз ҷинси башар гар ба шумор аст,
Хунхортар аз ҷинси башар ҷонваре нест.
Тайёрагии Рум, чӣ нозӣ зи баландӣ?
Аз номи ту дар хушкию тар пасттаре нест.
Бигрехтан аз ҳамлаи мардонаву бо заҳр
Аз рӯи ҳаво куштани занҳо ҳунаре нест.
Дар оташи румӣ ҳама гулзори башар сӯхт,
Дар рӯи замин беғам аз ин ранҷбаре нест.
Аз фитнаи сармоя ба ҷуз кишвари Шӯро
Дар ҳеҷ куҷо мамлакати бехатаре нест.
Ин ҷост, ки аз баҳри башар манбаи хайр аст,
Бешар ба ҷаҳони дигар акнун башаре нест.

*1936*

* * *

Эй бути гулъузори ман,
Боиси ифтихори ман,
Дилбари ман, нигори ман,
Бонуи номдори ман.

Бе ту ба хок хуфта буд
Ин тани тобдори ман,
Бо ту чу гул шукуфта шуд
Ин дили доғдори ман.

Ишқи ту ҳалли мушкилам,
Рӯи ту шамъи маҳфилам,
Мӯи ту ҳалқаи дилам,
Бӯи хушат баҳори ман.

Хоки танам хабар шавад,
Зинда чу пештар шавад,
Сарви қадат агар шавад
Шамъи сари мазори ман.

Баҳри ту ҳаст гаштаам,
Ишқпараст гаштаам,
Уштури маст гаштаам,
Дар кафи ту миҳори ман. *1936*

* * *

Ту рафтию дар сина гиреҳ шуд нафаси дил,
Боз ою илоҷе бикун, эй додраси дил!
Дил булбули парбаста бувад бе гули рӯят
В-ин сина ба ин вусъату рафъат – қафаси дил.
Дил даври ту парвонасифат рақскунон буд,
То дур шудӣ, сӯхт тамоман ҳаваси дил.
Дил доғи ятимӣ бихӯрад, гар ту наёӣ,
Инсоф бидеҳ, кист ба ғайр аз ту каси дил?
Бечора махонаш, дил агар шуъла барорад,
Сад кӯра фурӯзон шавад аз ҳар қабаси дил.
Пинҳон натавон дошт гирифтории дилро,
Дил уштури маст асту муҳаббат араси дил.
Боз о, ки зи бӯят нафаси дил бикушояд,
Ту рафтию дар сина гиреҳ шуд нафаси дил.

*Москва, 13 январи 1937*

# ФАРМОНИ МАҲКУМИЯТ

Дар хонаи мо душмани номус аён шуд,
Дар кишвари мо хонаи ҷосус аён шуд
Дар маҷлиси мо зоҳиди солус аён шуд,
Дар кӯчаи мо раҳзани манҳус аён шуд,
Хунхори ҳама халқи ҷаҳон, ходими фошизм,
Номарди дурӯ, нанги башар, хасми ленинизм.

Дузд омада, то хонаи моро бифурӯшад,
Зоғ омада, то лонаи моро бифурӯшад,
Ғайр омада, ҷононаи моро бифурӯшад,
Шайх омада, паймонаи моро бифурӯшад,
Хасм омада, то маҳв кунад шодии моро,
Барбод диҳад иззату озодии моро.

Дар галла буд ин гург ба ҷилди саги чӯпон,
Дар боғ буд ин мор чу ҷосуси зимистон,
Озод буд ин хук дар атрофи гулистон,
Мехост, ки оташ бизанад бар гулу райҳон,
Дар оташи он фитна, ки бо дасти худ афрӯхт,
Ғалтидаву бирён шуду по то сари ӯ сӯхт.

Ин дузд ба сад ҷомаву сад ранг даромад,
Дар хона ба сад ҳилаву найранг даромад,
Бо мо ба ниҳонӣ ба сари ҷанг даромад,
Охир ки чи расво шуду дар ҷанг даромад,
Кӯшид, ки нобуд кунад ҳастии моро,
Уфтодаву ҳис кард забардастии моро.

Чингиз чу ин ваҳшии хунхор набудаст,
Заҳҳок чу ин ҷонии ғаддор набудаст,
Рӯбоҳ чу ин музии маккор набудаст,
Як қаҳба чунин фосиду бадкор набудаст.

Он қадр дарандаст, ки ҳар дад беҳ аз ӯяст,
Будаст ба ҳар ҷомиа ҳар бад, беҳ аз ӯяст.

Бо мо вале ин гуна хиёнат натавон кард,
Бар миллати Уктабр иҳонат натавон кард.
Бо ӯ ба ҷуз ихлосу амонат натавон кард,
Коре ба ҷуз аз сидқу матонат натавон кард,
Бо халқи чунин пурҳунару содаву доно,
Бо кишваре ин гуна зафарманду тавоно.

Боист, ки нанг аз ту кунад нанг, Троцкий,
Боист, шараф бо ту кунад ҷанг, Троцкий,
Боист, занад бар ту аҷал санг, Троцкий,
Уфтӣ ту ҳам, албатта, ки дар ҷанг, Троцкий,
Ё дар ватани пурҳунари ҳозираи мо,
Ё дар ватани отияи мо – ҳама дунё.

*Феврали 1937*

## БА МЕҲАНИ ШӮРАВӢ

То партави хуршед ба кӯҳу даман афтад,
Гул бошаду бӯи хуши ӯ бар чаман афтад.
Дасте, ки биёзад ба ту, дар зери фалак нест
В-ар ҳаст, чунин дасти хиёнат зи тан афтад.
Фатво ба фанои ту диҳад ҳар даҳани шум,
Бо мушти пур аз қудрати мо аз сухан афтад.
Ҳар сар, ки ба нуқсони ҳудуди ту кунад фикр,
Бо дасти далеронаи халқ аз бадан афтад.
Хоҳад касе ар пора кунад риштаи фатҳат,
Аз пераҳани нанг ба рӯяш кафан афтад.
Ту такягаҳи ранҷбари рӯи заминӣ,
Бар пушти замин зилзила аз ин фитан афтад.
Бадхоҳи ту ҳар кас, ки бувад, номи сиёҳаш
Боист, ки аз дафтари аҳли заман афтад.

Ту шамъи ҷаҳонӣ, натавонад кушадат кас,
Зулмат зи чунин қисса ба ҳар анҷуман афтад.
Хасми ту кунад ҷаҳд, ки домони шарифат
Зери қадами душмани бунёнфикан афтад.
Шоҳини аҷал ҳамраҳи он бум, ки хоҳад
Ин гулшани мо дар кафи зоғу заған афтад,
Ин ҷо, ки бувад адлу хирад раҳбари мардум,
Ҳайҳот, ки давлат ба кафи роҳзан афтад!
Бигзор, адӯ мираду ту зинда бимонӣ
В-аз меҳри ту партав ба сари марду зан афтад.
Афтодани бадхоҳи ту амрест муҳаққақ,
Хоҳад дилам аммо, ки ба шамшери ман афтад!

*Москва, январи 1937*

* * *

Ту рафтию тасвири ту дар дидаи ман монд,
Хандидану тақрири ту дар дидаи ман монд.
Рафтию нарафт абрую мижгони ту аз ёд,
Шамшери тую тири ту дар дидаи ман монд.
Биншаст ба гил пеши хиромидани ту коҷ,
Ман дидаму тавфири ту дар дидаи ман монд.
Рафтию ҷунун омаду бо вай хушам акнун,
Гесӯи чу занҷири ту дар дидаи ман монд.
Бо ман ҳама дар гардишию суҳбату шӯхӣ,
Алқисса, ки тасвири ту дар дидаи ман монд.

*Москва, январи 1937*

* * *

Ман хонаму дил рақсад,
Базми ману дилро бин.
Гӯр аз пайи ғам кандем,
Азми ману дилро бин!

Дар раҳгузари ҷонон
Мо мунтазири фармон,
Сар дар кафу ҷон бар лаб,
Назми ману дилро бин!

Ман афтаму дил хезад,
Дил ғалтаду ман ҷунбам.
Бо ишқи қавипанҷа
Размн ману дилро бин!

Ҳар кас, ки зи вай бӯе
Аз ишқ намеомад,
Мо дида аз ӯ бастем,
Ҳазми ману дилро бин!

Дил ёру маро дорад,
Ман – як дилу як дилбар.
Дар мулки вафодорӣ
Расми ману дилро бин!

*Кисловодск, 28 феврали 1937*

* * *

Ба шодӣ нағма каш, эй най, навои ёр меояд,
Ба лаб о, гӯш кун, эй ҷон, садои ёр меояд.
Агар чун кӯдакон дар ҷастухез омад, макун айбаш,
Ба ин ҳолат дил аз шавқи лиқои ёр меояд.
Зи роҳам дур шав дигар, табибо, дарди ман гум шуд,
Намебинӣ, ки қосид бо давои ёр меояд?
Ман аз дунё фақат дидори ҷонон орзу дорам,
Намехоҳам, агар худ ҷон ба ҷои ёр меояд.
Биё, то зинда гардад дил зи зулфат, эй сабо, к-аз ту
Нафас чун мекашӣ, бӯи вафои ёр меояд.
Дило, аз уқдаи ҳиҷрон макун оҳу фиғон чандон,
Нигаҳ кун, номаи мушкилкушои ёр меояд.

*Кисловодск, 2 марти 1937*

## БА ДАЛЕРАМ, БА МЕҲРУБОН ПИСАРАМ

Муждагонӣ, Далерҷон, имрӯз
Пеши мо офтоб омадааст.
Ба куҷо рафта буд магар, к-ин ҷо
Баъди як ҳафта хоб омадааст.
Пеши халқ аз барои вилгардӣ
Бидиҳад то ҳисоб, омадааст.
Боз, гӯё ки мо гунаҳкорем,
Ки чунин бо итоб омадааст.
Ба рухи ӯ вазида боди баҳор,
Ки дариданиқоб омадааст.
Гунаи ӯ зи шарм меларзад,
Тани пуризтироб омадааст.
Тоза берун, чу духтари Эрон,
Аз ҳиҷоби саҳоб омадааст.
То мубаддал кунад зи оташи хашм
Барфҳоро ба об, омадааст.
То бигирад ҷаҳон зи партави ӯ
Рангу рӯи шабоб, омадааст.
Медурахшад чунон, ки худ гӯӣ
Парчами инқилоб омадааст.
То ба хатти Далер аз омаданаш
Бинависам ҷавоб, омадааст.

*Кисловодск, марти 1937*

* * *

Девона намудам дили фарзонаи худро,
Дар ишқи ту гуфтам ҳама афсонаи худро.
Ғайр аз ту, ки афрӯхтаӣ шуъла ба ҷонам,
Оташ назанад ҳеҷ касе хонаи худро.
Ман зиндаам, охир дигареро ту масӯзон,
Эй шамъ, маранҷон дили парвонаи худро.

Аз баҳри ту сар бохтани ман ҳунаре нест,
Ҳар дилшуда ҷон бохта ҷононаи худро.
Дил кӯча ба кӯча даваду номи ту гӯяд,
Боз о, бубар ин мурғаки белонаи худро.
Бо санг задан аз бари дилбар нашавад дур,
Ман хуб шиносам дили девонаи худро.

*Москва, августи 1937*

* * *

Имрӯз ба пеши ёр рафтам,
Бо ҳолати беқарор рафтам.
Ӯ шамси шарофат аст, пешаш
Бо иззати ифтихор рафтам.
Чун уштури маст будаму ишқ
Бигрифта ба каф миҳор, рафтам.
Бо он ки шурӯъи тирамаҳ буд,
Бо лаззати навбаҳор рафтам.
Ӯ моҳи даруни ахтарон буд,
Ман моҳи гирифтавор рафтам.
Он қадр намуд меҳрубонӣ,
К-аз ӯ шуда шармсор, рафтам.
Хобам набарад зи шодӣ имшаб,
Имрӯз ба пеши ёр рафтам.

*Москва, августи 1937*

* * *

Азизам, барги гул хуб аст, аммо
Лаби гӯяндаи ту беҳтар аз ӯст.
Даҳони ғунча рангин аст, лекин
Даҳону хандаи ту беҳтар аз ӯст.
Ҳамеша чашми наргис масти хоб аст,
Нигоҳи зиндаи ту беҳтар аз ӯст.
Занад бар дида барқи рӯи хуршед,
Рухи фархундаи ту беҳтар аз ӯст.

Маро бо сарви подаргил чӣ кор аст?
Қади нозандаи ту беҳтар аз ӯст.
Чӣ сар бардошта мелофад ин коҷ?
Ба хокафкандаи ту беҳтар аз ӯст.

*Москва, августи 1937*

* * *

Шараф бар осмон дорад дили ман,
Тафохур бар ҷаҳон дорад дили ман.
Ҳунар хоҳӣ, зафар хоҳӣ, зи дил хоҳ,
Ҳам ин дорад, ҳам он дорад дили ман.
Ба ишқу ростӣ шуҳрат ба рӯи
Замин дар ҳар замон дорад дили ман.
На миллат, не худо, не хона дорад,
Хулоса, достон дорад дили ман!
Дилам ҳаргиз нагардад пир, ҳаргиз,
Ба раг хуни ҷавон дорад дили ман.
Зи ҳеҷ офат наметарсад, ки чун ишқ
Бузурге ҳукмрон дорад дили ман.
Чӣ сон нанвозадаш дилбар, ки дар сидқ
Ҳазорон имтиҳон дорад дили ман?!

*Москва, августи 1937*

* * *

Сина бори тану дил сарбор аст,
Достони ману дил бисёр аст.
Рози дилро натавон пинҳон дошт,
Ҳарфи дил дар сари ҳар бозор аст.
Пеши дил номи рақибон мабаред,
Дил аз ин бешарафон безор аст.
Даст аз домани ҷонон накашад,
Дар муҳаббат дили ман подор аст.
Ғайри дилбар нашиносад, ин дил
Дили ман нест, дили дилдор аст.

Чун кашад лашкари дилҳо сафи ишқ,
Дили ман дар сари саф сардор аст.
Ту мапиндор, ба ин ному нишон
Дили ошиқ ба ҷаҳон бисёр аст.
Дили Лоҳутӣ аз он дилҳо нест,
Ки бурун зар, зи дарун зангор аст.
Содаву содиқу бемакру далер,
Масти ишқ аст, вале ҳушёр аст.

*Москва, августи 1937*

* * *

Дилро бубин, дилро бубин,
Дар кӯи ҷонон омада,
Сар вожгун, тан ғарқи хун,
Афтону хезон омада.

Хоҳад, ки ҷон пешаш равад,
Ҷонон дар оғӯшаш давад,
Дунё фаромӯшаш шавад,
Маст асту меҳмон омада.
Дилро бубин, дилро бубин,
Дар кӯи ҷонон омада!

Бо он ки роҳаш танг буд,
Ҳам дуру ҳам пурсанг буд,
Бо раҳзанон дар ҷанг буд,
Фотеҳ зи майдон омада.
Дилро бубин, дилро бубин,
Дар кӯи ҷонон омада.

Гул дидашу дар ханда шуд,
Булбул аз ӯ шарманда шуд,
Тутӣ ба нутқаш банда шуд...
Дил нест ин, ҷон омада.

Дилро бубин, дилро бубин,
Дар кӯи ҷонон омада.

Дил нест ин, девона аст,
Девонаи ҷонона аст,
Пурдарду пурафсона аст,
Аз баҳри дармон омада...
Дилро бубин, дилро бубин,
Дар кӯи ҷонон омада.

Соқӣ, бисоте нав фикан,
Мутриб биё, чанге бизан,
Лоҳутии ширинсухан
Имшаб ғазалхон омада.
Дилро бубин, дилро бубин,
Дар кӯи ҷонон омада.

*Москва, августи 1937*

## БА СОЗАНДАГОНИ МОҲИРИ ТОҶИКИСТОН

Сунбул ба ҳавои хуши таннози ту рақсад,
Булбул ба навои найи пурнози ту рақсад.
Ин чист, ки то нола зи нойи ту барояд,
Ҷон хезаду мастона ба овози ту рақсад!
Дил бо ҳама сангинию оташсифатӣ боз
Парвона шавад, чун шунавад сози ту, рақсад.
Шамшод чамад дар чаман аз нағмаи чангат,
Бо савти хуши шуъбадапардози ту рақсад.
Соҳибдили ҳар мамлакат ояд ба мақомат,
Шӯраш ба сар афтода, ба шаҳнози ту рақсад.

*Москва, 2 сентябри 1937*

* * *

Қамар некӯ бувад, некӯтар он рӯ,
Суман хушбӯ бувад, хушбӯтар он мӯ.
Шакар ширин бувад, ширинтар он лаб,
Чаман хуррам бувад, хуррамтар он кӯ.
Бувад ҷонбахш нури меҳр, аммо
На он сон дилнишин, к-он рӯи некӯ.
Чунон к-оҳанрабо оҳан рабояд,
Рабуд аз ман дилам он чашми ҷоду,
Ту бо ин чашми афсунгар, нигоро,
Бубандӣ дасти оламро ба як мӯ.
Зи равзан гар бубинӣ, кас надонад,
Ки чашми туст ин ё чашми оҳу.
Ту дорӣ чун дилам як қалъаи сахт,
Ба гирди он зи сина бурҷу бору.
Накарда ҳаргиз ин сон қалъаро фатҳ
На ӯрдуи Сикандар, не Ҳалоку.
Кунун к-ин сон ҳисореро гирифтанд,
Ба як ҳарф аз лабонат, чашму абрӯ,
Калиди он ба дасти туст, дигар
Матарс аз кас, биё, биншин ба паҳлӯ.
Ки бо ту гуфтугӯ дорам ниҳонӣ,
Намехоҳам шавад дил огаҳ аз ӯ.

*Москва, 5 сентябри 1937*

## БА ХОЛИДА АЙНӢ

Шодам, ки сабақ хонда, зи худ шод шавӣ,
Дар фазлу ҳунар чун падар устод шавӣ.
Дар зиндагиат тамоман озодӣ ту,
Дар мактаб ҳам тамоман озод шавӣ.

Уктабр кушод ҳамчу гул рӯи туро,
Озод намуд қадди дилҷӯи туро.
Бигзор, барад насими заҳмат ба ҷаҳон
Аз гулшани илм бӯи некӯи туро.

*Москва, 14 сентябри 1937*

## БА ЗАНОН ВА ДУХТАРОНИ ТОҶИК

Боз, эй гули озод, чаро банда шудӣ?
Дилмурда чаро ба ҳолати зинда шудӣ?
Чун сарв Ленин туро сарафроз намуд,
Дар парда чӣ сон зи нав сарафканда шудӣ?

Сарсабз будам, буто, зи рафтори ту ман,
Дилшод зи озодию гуфтори ту ман.
Гӯянд, зи нав асири чодар шудаӣ,
Шармандаву ҳайрон шудам аз кори ту ман.

Ту мурда будӣ, кард Ленин зинда туро,
Уктабр чу маҳ намуд тобанда туро.
Ту, зиндаву тобанда, чӣ сон банда шудӣ?
Кӣ боз чунин ба киса афканда туро?

*Москва, 15 сентябри 1937*

* * *

Пур кардаам аз меҳри ту паймонаи дилро,
Бо шакли ту оростаам хонаи дилро.
Аз обу гили сидқу вафо кардаам обод
Бо раҳбарии ишқи ту вайронаи дилро.
Ҷонона маро металабад, ӯ ба сар ояд,
Қурбон шавам ин ҳолати мастонаи дилро!
Ҳайрон шуда бар сина ниҳад дасти иродат,
Аз ман шунавад ҳар касе афсонаи дилро.

Як умр задам ғӯта ба дарёи муҳаббат,
То ёфтам он гавҳари якдонаи дилро.
Бар давлату хушбахтии дил рашк барад гул,
Бинад ба чаман чун рухи ҷононаи дилро.
Дар хонаву дар кӯчаву саҳро ҳама хонанд
Афсонаи Лоҳутии девонаи дилро.

*Москва, сентябри 1937*

## БАҲОРИ БЕХАЗОН

Саҳар булбул ба шодӣ зад сафирам,
Ки: «Бархез, эй рафиқи дилпазирам!
Ба боғ ову бубин бар шохаи гул
Чӣ сон ман соҳиби тоҷу сарирам.
Гузашт он даври бадбахтӣ, ки мебаст
Хазон дар хонаи худ чун асирам.
Ба ҷанги ӯ баҳор омад, зафар кард,
Кунун дар гулшани худ ман амирам.
Бихон дар мадҳи мо шеъре, ки ҳоким
Гули сурх асту ман пешаш дабирам.
Ту донӣ, қимати шеъри туро ман
Накӯ донам, ки ҳамтабъи Заҳирам.»
Ба булбул гуфтам: «Эй ёри сухансанҷ,
Аз ин фатҳу саодат ман хабирам.
Надонам чун баҳореро, ки гулҳо
Ато додаст чун Геву Далерам?
Кунун ман ҳам на он мардам, к-аз ин пеш
Ту медидӣ зи ҷони хеш серам.
Баҳори ман хазон дар пай надорад,
Ки ман ҳамсояи меҳри мунирам.
Ба роҳи зиндагӣ аз по наяфтам,
Ки шуд ҳизби ленинӣ дастгирам.

Ҷавони ҷовидонам ман, агарчи
Ба сар додаст мӯҳо ранги пирам.

*Москва, сентябри 1937*

* * *

Умре алами ишқ барафроштаам ман,
З-ин роҳ басе монеа бардоштаам ман.
Ҷон бурдаам аз чашми сиёҳи ту ба майдон,
Алҳақ, ҳунари шери жаён доштаам ман.
То дидаамат, рехтаам ашк зи шодӣ,
Домони туро аз гуҳар анбоштаам ман.
Шириндаҳанам аз самари васл, к-аз аввал
Дар мазраи дил тухми вафо коштаам ман.
То дар сари ман фикри касе ҷуз ту наёяд,
Дил дар гузари босира бигмоштаам ман.
Гуфтӣ, ки агар ёр набошад, чӣ кунӣ ту?
З-он чиз чӣ пурсӣ, ки наангоштаам ман.
Сар додану сир доштану шиква накардан
Ирсест муқаддас, ки нигаҳ доштаам ман.
Бо ёр яке будану аз хеш гузаштан
З-он қоидаҳоест, ки бигзоштаам ман.
Аз ишқ сухан мераваду ман занам ин ҷо
Лоф аз ҳунари хеш, чӣ пиндоштаам ман?

*Москва, сентябри 1937*

* * *

Туро дар худ ниҳон дорад дили ман,
Чунин шодӣ аз он дорад дили ман.
Туӣ бо ӯ ҳамеша, хуш ба ҳолаш,
Чӣ айши ҷовидон дорад дили ман!
Фақат номи туро гӯяд, нигаҳ кун,
Чӣ оташ дар забон дорад дили ман!
Туро дорад дар ин дунёву бе ту
Ғами дунё ба ҷон дорад дили ман.

Гули рӯят сухангӯ карда ӯро,
Ки чун булбул забон дорад дили ман.
Бимирад, гар сухан бо вай нагӯянд,
Ҳаёт аз он лабон дорад дили ман.
Дар он хуршеди рӯят мустақар ҳаст,
Баҳори бехазон дорад дили ман.
Надонад ҳарфи пирӣ маънияш чист,
Дилороми ҷавон дорад дили ман.
На парво дораду не сар, на сомон,
Хулоса, достон дорад дили ман...

*Москва, сентябри 1937*

* * *

Бо дилам дӯш сари зулфи ту бозӣ мекард,
Хоҷа бо бандаи худ банданавозӣ мекард.
Гоҳ занҷиру гаҳе мору гаҳе гул мешуд,
Мухтасар, зулфи каҷат шӯъбадабозӣ мекард.
Мӯят андохта дилрову ба шӯхӣ мезад,
Бозаш аз худ назари меҳри ту розӣ мекард.
Дил зи таъсири нигоҳи ту ба ҳолат меҷаст,
Мастро бин, ба куҷо дастдарозӣ мекард!
Ханда мекард дилу аз «хатару меҳнати ишқ»
Ақл чун пиразанон фалсафасозӣ мекард.
Ғуссаро роҳ набуд дар ҳарами мо, чун ишқ
Шуъла афрӯхта бегонагудозӣ мекард.
Кошки дишаби мо субҳ намешуд ҳаргиз,
Бо дилам дӯш сари зулфи ту бозӣ мекард.

*Москва, сентябри 1937*

* * *

Ёрам ба вафодорӣ
Ҷононаи машҳурест,
Чун манзили ҷонон, ҷон
Кошонаи машҳурест.

То бинадаш, афтад дил
Дар доми сари зулфаш,
Холи бути ман дар сайд
Як донаи машҳурест.

Бо сӯзишу бо куштор
Дурӣ накунад аз ёр,
Чун шамъи рухаш дил ҳам
Парвонаи машҳурест.

Хунаш чу гузашт аз сар,
Ояд ба кафи дилбар,
Дар базми муҳаббат дил
Паймонаи машҳурест.

Ҷонбозию сидқу азм
Дар сина намуда ҷамъ,
Чун дорифунуни ишқ
Дил хонаи машҳурест.

Шӯр ар ба сараш афтад,
Барҳам занад оламро,
Дасташ назанед, ин дил
Девонаи машҳурест!

Дар маҷлис аз он гӯянд,
Дар мактаб аз он хонанд,
Ишқи дили Лоҳутӣ
Афсонаи машҳурест.

*Москва, сентябри 1937*

* * *

Боз ҳам ёр ба рақс омадааст,
Ёри айёр ба рақс омадааст.
Гесуи пурхаму тобаш нигаред,
Гӯиё мор ба рақс омадааст.
Ин чӣ ҳолест, ки аз дидани он
Шаҳру бозор ба рақс омадааст!
Булбул аз нашъаи он маст шуда,
Гулу гулзор ба рақс омадааст.
Кӯчаҳо базми калоне доранд,
Дару девор ба рақс омадааст.
Ҷӯшаду каф зада ғалтад суи дашт,
Ҷӯи кӯҳсор ба рақс омадааст.
Иди пунбаст ба ҷумҳурии мо,
Читу газвор ба рақс омадааст.
Дасти калхузчии моҳир зада чанг,
Пунба бисёр ба рақс омадааст.
Меҷаҳад, чеғ кашад, механдад,
Дили беор ба рақс омадааст.
Пири ин давра чӣ дору хӯрдаст,
Ки ҷавонвор ба рақс омадааст?
Зинда бодо Ватани мо, ки дар он
Илму осор ба рақс омадааст.

*Москва, сентябри 1937*

* * *

Дили ман хонаи дилдори ман аст,
Чашми ман ойинаи ёри ман аст.
Гавҳари дил нафурӯшам ба касе,
Ишқи пурмоя харидори ман аст.
Шаш тараф ғам зада сафҳо, аммо
Чашми ҷонона тарафдори ман аст.
Ҳамчу Қорун шудаам соҳиби ганҷ,
Суханам гавҳари шаҳвори ман аст.

Шӯришу ҷангу зафар дар ҳама вақт
Ҳосили табъи шарарбори ман аст.
Дар кафам нест ба ҷуз нақди вафо,
Фақат ин ҷинс дар анбори ман аст.
Номи ҷононаи ман дар ҳама ҷо
Намаки аслии ашъори ман аст.
Дафтари дил бидиҳедаш паси марг,
Ёри ман ворисi осори ман аст.

*Москва, сентябри 1937*

* * *

Эй дарди ту ороми дили ман,
Эй номи ту илҳоми дили ман,
Ёди ту саранҷоми дили ман,
Аз меҳри ту пур ҷоми дили ман,
Васлат зи ҷаҳон коми дили ман.

Ман ишқи туро пинҳон накунам,
Паймони туро вайрон накунам,
Бо ғайри ту ман паймон накунам,
Баҳри ту дареғ аз ҷон накунам,
Ҷон бахшамату афғон накунам.

Донӣ ту, ки ман бемори туам,
Дилсӯхтаи гуфтори туам,
Ҷонбохтаи рафтори туам,
Ту ёри манӣ, ман ёри туам,
Ман мунтазири дидори туам.

Боз о ба барам, эй дилбари ман,
Биншин ба канори бистари ман,
Баргиру ба домон неҳ сари ман,
Бингар ба ду чашмони тари ман,
Эй дилбари ман, эй дилбари ман!

*Москва, сентябри 1937*

* * *

Чӣ кардаам, ки зи ҷонони худ ҷудо шудаам,
Чӣ гуфтаам, ки гирифтори ин бало шудаам?
Ба ман нагуфта касе то кунун, гуноҳам чист,
К-аз он гуноҳ сазовори ин ҷазо шудаам.
Магар худои ман аст ӯ, ки то аз ӯ дурам,
Зи худ баромада ғарқи «худо-худо!» шудаам.
Хушо ба ҳоли дили ман, ки пеши дилбар монд,
Хабар надорад аз ин ғам, ки мубтало шудаам.
Сабо, ба маҳзари ҷонон саломи ман бирасон,
Бигӯ, ки аз ту ҷудо сахт бенаво шудаам.
Зи оби дида заминро намудаам дарё,
Даруни киштии ғам бе ту нохудо шудаам.
Ба оҳу ғуссаву афсӯсу ашку бедорӣ
Миёни ҳамсафарон бе ту ошно шудаам.
Барояд ар зи даҳонам сухан, фақат ин аст:
Чӣ кардаам, ки зи ҷонони худ ҷудо шудаам?

*Москва-Сталинобод, октябри 1937*

## БА СОЗАНДАҲОИ ДИЛНАВОЗ, БОЗАНДАҲОИ ФУСУНСОЗ ВА ХОНАНДАҲОИ МУМТОЗ

Ба ҷон ҷо карда осори дуторат,
Ба ҳайрат мондам аз кори дуторат,
Бичунбад дил чу бар тораш занӣ чанг,
Магар баста ба дил тори дуторат?

Фидои нағмаи мумтози торат,
Ҳавои шӯхи пурэъҷози торат,
Дилам хоҳад кунам парвоз чун боз,
Биёям, бишнавам овози торат.

Нишаста аз вафо санги ту дар дил,
Чӣ пуршӯр аст оҳанги ту дар дил!
Чаро рақсад, чу ту най менавозӣ,
Магар дил даф бувад, чанги ту дар дил?

Ҷаҳонро фатҳ кард овози созат,
Навои дилкашу таннози созат.
Ба ракс орад ба ҳар пайкар диле ҳаст,
Ҳавои рӯҳроҳатсози созат.

Наво омад ба гулзор аз дуторат,
Гули нав гашт пурбор аз дуторат.
Дили олам ба ним овоз бандад
Ба меҳри хеш як тор аз дуторат.

Садоят хуш, ҳавоят дилнишин аст,
Мақомат олӣ, оҳангат матин аст.
Ба ин шӯре, ки дар най дорӣ, алҳақ,
Навоят лоиқи васфи Ленин аст.

Дар он маҷлис, ки бо ёрон шабона
Ба сар бурдед бо тору тарона,
Дили манро, ки мерақсид аз шавқ
Ба табрики шумо, дидед ё на?

*1937*

* * *

Оганда буд аз ростӣ он раҳ, ки сипардем,
Мусвадда буд аз ишқ мароме, ки гирифтем.
Ёр омаду тасмим намудем ба дасташ
Дар даст зи ҳар кор зимоме, ки гирифтем.
Савганд ба мӯи ту, ки вуслат ба ту будаст,
Мақсуд зи ҳар шуғлу мақоме, ки гирифтем.

Савдои ту чун барқи ҷаҳон бар сари мо тохт,
Сӯзонд зи бун ҳар дару боме, ки гирифтем.
Нахчир фитодем ба чанголи нигоҳат,
Симурғи зафар буд ҳамоме, ки гирифтем.
Дар кӯи ту доданд ба мо номи «вафодор»,
Ҷонест фақат қимати номе, ки гирифтем.
Аз марҳамати ҳизби Ленин буду Столин
З-ошӯби ҷаҳон назму низоме, ки гирифтем.
Дар фитрати мо ғайри вафо чизи дигар нест,
Дар даҳр ҳамин буд мақоме, ки гирифтем.

*1937*

* * *

Ёри ранҷидаи ман хидмати дилро рад кард,
Ки ба ман ин дили девона хато беҳад кард.
Дил тамоман гунаҳи хеш ба гардан бигирифт,
Булшавикона ба ӯ гуфт, ки оре, бад кард.
Ёр дар сурати дил ранги ҳақиқатро дид,
Назари лутфаш агар буд дусад, сесад кард.

*майи 1938*

* * *

Бокам зи марг нест, ки хун меравад зи дил,
Хун дам ба дам агарчи фузун меравад зи дил.
Дардат чу ранги сурх нашаста ба хуни ман,
Ин ғам кушад маро, ки бурун меравад зи дил.
Номи ту бар забон раваду дил диҳад ҷавоб,
Худ гӯ: дигар хаёли ту чун меравад зи дил?
Ҷангида, фатҳ кардаву онро гирифтааст,
Ишқат бурун чӣ гуна кунун меравад зи дил?
Ҳар қатраат алоқа ба ҷонон диҳад нишон,
Эй хун, бимон, ки рози дарун меравад зи дил.

*Сталинобод, ноябри 1938*

## ХУРШЕДИ МАН

Дур аз рухат саройи дард аст хонаи ман,
Хуршеди ман, кучҷоӣ? Сард аст хонаи ман.
Дидам туро, зи шодӣ аз осмон гузаштам,
Ҷонони ман ки гаштӣ, дигар зи ҷон гузаштам,
Охир худат гувоҳӣ, ман аз ҷаҳон гузаштам,
Бе ту кунун саройи дард аст хонаи ман,
Хуршеди ман, кучҷоӣ? Сард аст хонаи ман.

Ман дардманди ишқам, дармони ман туӣ, ту,
Ман пойбанди сидқам, паймони ман туӣ, ту,
Уммеди ман туӣ, ту, имони ман туӣ, ту,
Дур аз рухат саройи дард аст хонаи ман,
Хуршеди ман, кучҷоӣ? Сард аст хонаи ман.

Ғайр аз ту ман ба дунё ёри дигар надорам,
Ҷуз аз хаёли ишқат фикре ба сар надорам,
Сар медиҳам, валекин даст аз ту барнадорам,
Дур аз рухат саройи дард аст хонаи ман,
Хуршеди ман, кучҷоӣ? Сард аст хонаи ман.

*Сталинобод, ноябри 1938*

## МОҲАМ НАЁМАД

Шаб шуд, тира шуд, моҳам наёмад,
Равшанибахши роҳам наёмад,
Хостам бинолам, тавонам набуд,
Аз дил ба даҳон оҳам наёмад.

Гарчи хаставу зору дилгирам,
Намехоҳам дур аз вай бимирам.
Сайди ту нестам, эй аҷал дур шав,
Ёр мегӯяму қувват мегирам.

Ӯ наёяд, ман роҳӣ хоҳам шуд,
Дар пайаш ҳар чи хоҳӣ, хоҳам шуд.
Бар фалак паррад, сайёра гардам,
Дар дарё бошад, моҳӣ хоҳам шуд.

Меёбам, бешак, ӯро меёбам,
Гӯям: азизам, ҷонам, маҳтобам,
Мекушӣ маро, пеши худат куш,
Дигар ба ҳиҷрон мадеҳ азобам!

*1938*

* * *

*«Ёр аз дили ман хабар надорад,*
*Ё оҳи дилам асар надорад..»*
*(Аз осори қадимиҳо)*

Ҷуз ишқ ҷаҳон ҳунар надорад,
Ё дил ҳунари дигар надорад.
Ё мавсими сабри ман хазон шуд,
Ё нахли умед бар надорад.
Ё бар рухи ман намешавад боз,
Ё қалъаи бахт дар надорад.
Ё васли ту қисмати башар нест,
Ё толеи ман зафар надорад.
Ё домани раҳми ту тилисм аст,
Ё нолаи ман шарар надорад.
Ё тири ту бигзарад ниҳонӣ,
Ё синаи дил сипар надорад.
Ё ишқ хати амон ба ӯ дод,
Ё дил зи бало ҳазар надорад.
Ё чашми ту бо дилам рафиқ аст,
Ё шери сияҳ хатар надорад.
Ё бо дили хаста меҳрубон бош,
Ё ҷон биситон, зарар надорад.

*Москва, январи 1939*

* * *

Чу ҷон биншаста буд дӯш он бути маҳрӯ ба паҳлуям,
Кунун ҷон рафтаву монда фақат зону ба паҳлуям.
Ба ҷурми ин, ки дар олам фақат рӯ сӯи ӯ дорам,
Чӣ ханҷарҳо халад пайваста аз ҳар сӯ ба паҳлуям...
Ба сарве ё ба коҷе гар занам дар бӯстон такя,
Чунон тирест, бе он қомати дилҷӯ, ба паҳлуям.
Насими ғам маро мебурд аз ин олам ба як ҷунбиш,
Намезад ҳалқа гар он мӯи анбарбӯ ба паҳлуям.
Чӣ хайре будӣ аз дил, гар набудӣ ӯ дилоромам?
Чӣ ҳосил бошад аз ҷон, гар набошад ӯ ба паҳлуям.
Ба чашмонаш чу дӯзам дида, аз худ бехабар гардам,
Тасаввур мекунам, биншаста як оҳу ба паҳлуям.
Ҳаминро хоҳам аз дунё, ки вақти кору осоиш
Бувад ӯ дӯш бар дӯши ману паҳлу ба паҳлуям.

*Москва, феврали 1939*

* * *

Ҷон медиҳад ба ман, ҷон...
овозро бубинед!
Дил мерабояд аз ман, дил...
нозро бубинед!

Чашмаш чу бар ман афтад,
дилро канад зи сина,
Симурғ мекунад сайд,
шаҳбозро бубинед!

Созад маро парешон,
то ҳар нафас ба навъе
Дам медамад чу ҷоду,
дамсозро бубинед!

Аз ошёни сина
яксар кабӯтари дил
Дар доми зулфаш афтад,
парвозро бубинед!

Дилмурда чун шавам ман,
бо як табассум аз нав
Дилзиндаам намояд,
эъҷозро бубинед!

Ишқи ҷавон ба майдон
дил мебарад зи пирон.
То чун шавад саранҷом,
оғозро бубинед!

*Москва, феврали 1939*

* * *

Кораш ҳама ноз аст, чунин ёр кӣ дидаст?
Нозаш ҳама бо мост, чунин кор кӣ дидаст?
Чун мижжаи ӯ дашнаи хунрез кӣ дорад,
Чун дидаи ман чашмаи хунбор кӣ дидаст?
Ғайр аз дили ман шери ситамкаш кӣ шунида,
Ҷуз чашми вай оҳуи ситамкор кӣ дидаст?
Ранҷонаду меранҷад, агар нола кунам ман,
Ин сон бути бераҳму ҷигархор кӣ дидаст?
Гаҳ хонаду гаҳ ронадаму гаҳ нашиносад,
Аз дилбари худ ин ҳама озор кӣ дидаст?
Наштар занадам бар рагу хун гирадам аз дил,
Ин шева парастории бемор кӣ дидаст?
Чашмаш ба нигоҳи ғазаб аз ҳар тарафам тир
Бар дил занад, ин гуна тарафдор кӣ дидаст?
Ҷон дар ивази як нигаҳаш додаму гӯяд:
«Дил сар бидеҳ!» Ин гармии бозор кӣ дидаст?

Аз ёр ҷафо бинаму бо ғайр кунам ҷанг,
Ошиқ чу ман ин давра вафодор кӣ дидаст?

*Москва,марти 1939*

* * *

Замину осмонро гар бикобам,
Буте монанди ту некӯ наёбам.
Ҳамеша дар ҷаҳон ноком будам,
Туро дидам, аз он дам комёбам.
Ҳама умрам ба торикӣ гузаштаст,
Кунун рӯят намемонад бихобам.
Ба танҳоӣ гирифтам одат, акнун
Зи шодӣ пеши ту дар изтиробам.
Чӣ хуш мулкест мулки ишқ, к-ин ҷо
Рафиқи роҳ бошад офтобам.
Ба ҷуз кӯят ба ҳар шаҳре, ки рафтам,
Маро ронданд нодода ҷавобам.
Чӣ созам, зиндагонӣ то маро дид,
Ҳарифи ҷанги худ кард интихобам.
Маро ту дӯст хондастӣ, аҷаб нест,
Ки душман саъй дорад дар азобам.

*Москва, марти 1939*

## ӮЗБЕКИСТОН

Ӯзбекистон, ба далерони ту дил бохтаам,
Ба ҳунарҳои фаровони ту дил бохтаам.

Қад барафрошта аз хеш бирондӣ ғаму дард,
Теғ бардошта рафтӣ ту ба майдони набард,
Зада аз ҳастии бадхоҳ барафшондӣ гард.
Ман ба ин фатҳи намоёни ту дил бохтаам,
Ӯзбекистон, ба далерони ту дил бохтаам.

Ту кунун мамлакати санъату ирфон шудаӣ,
Лонаи булбули озоди ғазалхон шудаӣ,
Чашми бад дур! Тамоман ту гулистон шудаӣ.
Ман ба гулҳои гулистони ту дил бохтаам,
Ӯзбекистон, ба далерони ту дил бохтаам.

Медамад рӯҳи ҷавон обу ҳавойи ту ба дил,
Мезанад чанг навои дафу нойи ту ба дил,
Ҷон кунад ракс, расад то ки садойи ту ба дил.
Ман ба мурғони хушилҳони ту дил бохтаам,
Ӯзбекистон, ба далерони ту дил бохтаам.

Духтарони ту ба пайкор чу шеранд, чу шер,
Писарони ту ба ҳар кор далеранд, далер,
Дар ҳақиқат, зану марди ту кабиранд, кабир.
Ман ба ин насли дурахшони ту дил бохтаам,
Ӯзбекистон, ба далерони ту дил бохтаам.

Дил бибозад ба ту ҳар кас на дилаш торик аст,
Пешрафти ту хусусан хушии тоҷик аст,
Чун бародар ба ту аз кӯдакӣ ӯ наздик аст.
Ман ба навфикр ҷавонони ту дил бохтаам,
Ӯзбекистон, ба далерони ту дил бохтаам.

*Москва, марти 1939*

* * *

Ба рӯят гуфтаам: ҳуснат чу моҳ аст,
Ту рӯгардон шавӣ, ин ҳам гуноҳ аст?
Биё, як бор ҳам бахти маро бин,
Агар нозат ба чашмони сиёҳ аст.
Раво бошад ситам бо дардманде,
Ки ҷуз кӯят ба дунё бепаноҳ аст?
Ту аз ман бехабар чун ҳастӣ, охир
Зи дил бар дил ҳама гӯянд роҳ аст.

Зи сидқи ишқу паймондории худ
Чаро ман дам занам? Олам гувоҳ аст!
Равам бо сар ба ҳар роҳе, ки хоҳӣ
В-агар дар ҳар қадам бадхоҳу чоҳ аст.
Ту гар пиндорӣ аз дасти ҷафоят
Вафои ман шавад кам, иштибоҳ аст.
Агар бори азобат кӯҳ бошад,
Ба дӯши дил сабук чун парри коҳ аст.
Ту бо ман ҳар чи хоҳӣ кун, хато нест,
Ба дил хоҳӣ рақиб, аммо гуноҳ аст.

*Москва, марти 1939*

* * *

Борони ашк бар рухи он моҳпора рехт,
Аз осмон ба шоми видоам ситора рехт.
Шуд об оҳани дилаш аз тоби оҳи ман,
Он қатраҳо зи дидааш аз ин шарора рехт.
Роҳӣ чу мешудам, ба рухам як назар фиканд,
Тобу тавон зи ҷону танам он назора рехт.
Бо дасту дастмол ба ман як ишора кард,
Бас ашку хун зи чашму дилам он ишора рехт.

*Роҳи Москва – Сталинобод, апрели 1939*

* * *

Сад раҳ дар интизорат то пушти дар давидам,
Поям зи кор афтод, он гаҳ ба сар давидам.
Сад раҳ сарам ба дар хӯрд, чун вақти ваъдаи ту
Ҳар қадр дертар шуд, ман тундтар давидам.
То як садои пое з-он сӯи дар шунидам,
Ҷастам, туро надидам, бори дигар давидам.
Дар фикри гуфтугӯят аз хобу хӯр гузаштам,
Дар интизори рӯят шаб то саҳар давидам.
Ту масти хоби роҳат, ман музтариб нишастам,
Ту фориғ аз ману ман з-ин бехабар давидам.

Шаб рафту пеши чашмам дунё сиёҳ гардид,
Хуршеди ман наёмад, ман бесамар давидам.
Шояд дили ту месӯхт, беҳтар, надид чашмат,
Чун бо лабони хушку чашмони тар давидам.
Акнун туро, ки дидам, дар пой то сари ман
Осори хастагӣ нест, ҷонам, магар давидам?

*Москва, майи 1939*

* * *

Шудам дар оташи ишқат кабоб оҳиста-оҳиста,
Ба ман, соқӣ, бизан аз бода об оҳиста-оҳиста.
Туро дидам, шудам он гуна масти чашми фаттонат,
Ки рафт аз ёди ман ҷоми шароб оҳиста-оҳиста.
Зи шавқи пурсишат андар гулӯ печида овозам,
Маранҷ аз ман, агар гӯям ҷавоб оҳиста-оҳиста.
Ба чашмат гӯ, кунад дилро зи ғам озод якбора,
Дар ин дунё кӣ дидаст инқилоб оҳиста-оҳиста?
Сабо бардошт аз рӯят ниқоб оҳиста-оҳиста,
Зи шармат шуд ниҳон маҳ дар саҳоб оҳиста-оҳиста.
Сарам дар синаат, гӯё навозиш мекунӣ, аммо
Ниҳӣ бар гарданам аз мӯ таноб оҳиста-оҳиста.
Маро аз худ марон, то ҷон ба осоиш диҳам пешат,
Чаро дур аз ту мирам бо азоб оҳиста-оҳиста!
Дилам танг аст, эй мутриб, даҳонатро шавам қурбон,
Бихон шеъру бизан як дам рубоб оҳиста-оҳиста!

*Сталинобод, июли 1939*

* * *

Кай бошаду кай рӯи туро боз бубинам,
Гулзори сари кӯи туро боз бубинам!
Ғамгин шудам, ин сарв ки рафтор надорад,
Кай он қади дилҷӯи туро боз бубинам?
Хун мечакад аз ҳасрати шамшери ту аз чашм,
Пас кай хами абрӯи туро боз бубинам?

Девона шудам дур зи дидори ту, вақт аст,
К-он силсилаи мӯи туро боз бубинам.
Эй олиҳаи ҳусну вафо, як назар андоз,
То наргиси ҷодуи туро боз бубинам.
Бандам даҳан аз шиква, чу бо хандаи шодӣ
Он лаъли сухангӯи туро боз бубинам.
Дур аз ту ҷаҳон дар назарам ранг надорад,
Кай бошаду кай рӯи туро боз бубинам!

*Сталинобод, июли 1939*

## ЗАЁМ БА ВАТАН

Ман кунун аз баҳри ҳифзи мамлакат зар медиҳам,
Сар агар лозим шавад баҳри Ватан, сар медиҳам.
Мамлакат неъмат ба ман аз ҳад фузунтар додааст,
Ман аз ин дунё ба ӯ аз қатра камтар медиҳам.
Душманон омодаи ҷанганд, ман ҳар чизро,
То Ватан гардад ба ҳар душман музаффар, медиҳам.
Кишвари ман ҷои бахту хонаи ишқи ман аст,
Ман дили худро ба ин фархунда кишвар медиҳам.
Хонадонамро Ватан монанди модар зодааст,
Хун ба роҳи хонадону ҳифзи модар медиҳам.

*Сталинобод, августи 1939*

## ОШНОИ ЗАФАРЕМ МО

Ҷони мо бод фидои раҳи ҷононаи мо,
Сари мо – хоки дари дилбари фарзонаи мо.
Хонаи мо – ватан, ин манзили ёр аст, агӯр
Шиканад сар, ниҳад ар по ба дари хонаи мо.
Ватани мо шарафи мо буваду мекӯшем
Ба нигаҳдории ин гавҳари якдонаи мо.

Зӯри мо Лашкари Сурх аст, диҳемаш ҳама чиз,
То қавитар шавад ин бозуи мардонаи мо.
Баски мардию фидокорию кӯшиш кардем,
Пур шуд ин сафҳаи офоқ зи афсонаи мо.
Ошнои зафарему ба яқин маҳв шавад,
Ҷанг бо мо кунад ар душману бегонаи мо.

*Сталинобод, 3 августи 1939*

## ОШЁНИ БУЛБУЛОН

*Ба санъатгарони родиюи Тоҷикистон*

Дидам андар як чаман як ошён,
Ошёни пурсафои булбулон,
Булбулони нағмапардозу накӯ,
Ишқбозони гули хушрангу бӯ.
Чун маро диданд пеши ошён,
Гирди ман гирд омаданд он булбулон.
Яксар афтоданд дар чаҳ-чаҳ задан,
Нағмаҳо хонданд дар васфи чаман.
Нағмаҳошонро чу гӯш андохтам,
Маст гаштам, ҳуши худро бохтам.
Ончунон мафтуни он ғулғул шудам,
Ки худам дар нағма чун булбул шудам.
Гуфтам, ин боғи калон обод бод!
Боғбони олии он шод бод!
Доим он дидор дар ёди ман аст
В-он сафо дар хотири шоди ман аст.
Гарчи як гул дар ҷаҳон бехор нест,
Боз ҳам аз гул ба дилҳо бор нест.
Эй хушо, он гулшану он ошён!
Бар шумо аз ман салом, эй булбулон!

*Москва, августи 1939*

# БА ТОҶИКИСТОН

Эй умеди дили рамидаи ман,
Қуввати дасту нури дидаи ман,
Ватани кору хонаи ишқам,
Табъи шеъру таронаи ишқам!
Ваҳ, чи рахшонӣ, эй шарораи сурх,
Ҷон фидои ту, эй ситораи сурх!
Бурҷи Машриқ агарчи хонаи туст,
Лек олам пур аз фасонаи туст.
Солҳо, пеш аз ин замона, ҳазор,
На фақат як, ҳазор чандин бор
Ту ҳунарманду паҳлавон будӣ,
Равшанибахши ин ҷаҳон будӣ.
Номдорони Шарқ дар гирдат
Гирд буданд ҳамчу шогирдат.
Хонаат мактаби маориф буд,
Дари эҳсон ба оламе бикшуд.
Боре, ин сон сухандарозӣ чист?
Мункири ту ба ғайри душман кист?
Дар ҷаҳон ҳар ки достон хонад,
Номи деринаи туро донад.
Лек чанде ту бенаво мондӣ,
Аз ҳунарҳои худ ҷудо мондӣ.
Бо вуҷуде ки хам накардӣ сар
На ба Заҳҳоку не ба Искандар...
Солҳо бо талошу бо мардӣ
Ҷангу ҷонбозию ҷадал кардӣ...
Ҷанг кардӣ ба зидди ҷавру ситам,
Гоҳ-гоҳе шудӣ музаффар ҳам.
Лек зӯри ситам маҷол надод,
Ки тамоман шавӣ зи банд озод.
Ногаҳон шуъла аз шимол дамид,
Шуълае сурху то ба Шарқ расид.

Гуфт ин шуъла: ҳай, ба по бархез!
Дар раҳи зиндагӣ зи ҷо бархез!
Эй ба шайху ба шоҳ монда асир,
Даст ору бигир ин шамшер!
Чанд монӣ асиру зору гадо?
Туӣ, эй халқ, соҳиби дунё.
Хезу бо ман ба сӯи майдон рав,
Бо асорат биҷангу фотеҳ шав!
Гуфт он шуъла: фатҳёбам ман,
Алами сурхи инқилобам ман.
Эй умеди дили рамидаи ман,
Қуввати дасту нури дидаи ман!
Он аламро ту роҳбар кардӣ,
Сӯи майдон шудӣ, зафар кардӣ.
Аз Ленин дар ҷаҳони торикӣ
Шуд дурахшон чароғи тоҷикӣ.
На фақат Шарқ аз ту хуррам шуд, –
Рӯи ту нурбахши олам шуд.
Эй умеди дили рамидаи ман,
Қуввати дасту нури дидаи ман.
Иди даҳсолаат муборак бод,
Бин чунин идҳо зиёд, зиёд!

*Сталинобод, октябри 1939*

## ИШҚИ БЕҲИСОБ

***Ҳадя ба Х.Б.***

Дар дасти ӯ ҳамеша китобу қалам бувад,
Пайваста дар мубориза бо бешу кам бувад.
Ӯ узви ҳизб нест, вале ҳаст каммунист,
Донад ки каммунизм бидуни ҳисоб нест.
Дар кори ӯ ҳисобу ба гуфтори ӯ ҳисоб,
Дар фикри ӯ ҳисобу дар осори ӯ ҳисоб.

Паргорвор агар ки ба даври замин давад,
Аз нуқтаи ҳисоб таҷовуз намекунад.
Ҳамсояву рафиқу зану хешу ошно
Ҳаққу ҳисобдонии ӯро диҳад баҳо.
Гӯянд: моми даҳр варо бо ҳисоб зод,
Як чизи беҳисоб табиат ба вай надод.
Ногаҳ садои ғурриши шайпурҳои сурх
Бурдаш ба ҷанги зулм ба зери ливои сурх.
Дар он талоши сахт ба озодии башар,
Майдони имтиҳони фидокориву ҳунар,
Дар пеши саф ҳамеша ба мардӣ намуна буд,
Бахти адӯ зи ҳамлаи ӯ вожгуна буд.
Бо дӯст меҳрубон буду бо душманон шадид,
Ҳар дам ҷасорати наве аз ӯ шудӣ падид.
Маълум шуд, ки бар ватану халқу инқилоб
Ишқи дили муҳосиби мо буда беҳисоб.

*Москва, 15 декабри 1939*

* * *

Сад шаҳр шуниданд ҳама зории дилро,
Як чора наҷустанд гирифтории дилро.
Ҳарчанд ки дар рӯи замин ҳеҷ табибе
Дору накунад ғайри ту бемории дилро.
Кош, эй гули гулҳои накӯӣ, ту набинӣ
Дар хоб ҳам ин ҳолати бедории дилро!..

*Звенигород, 1939*

## НОМАИ ДИЛДОР

Дилдор ба ман номаву пайғом фиристод,
Ё доруи дарди дили ноком фиристод?
Дар ному шараф то кунадам шуҳраи дунё,
Ӯ нома ба номи мани гумном фиристод.

Паймонаи дил буд тиҳӣ аз майи шодӣ,
Ҷононаи ман бода ба ин ҷом фиристод.
Мехост, ки дар васфи рухаш нағма сароям,
Бо шарҳи муҳаббат ба ман илҳом фиристод.

*1939*

## ДАР ФИРОҚИ ҶОНОН

Парвоз кун, эй мурғи вафо, болу парат ку?
Гул деҳ, дигар, эй нахли саодат, самарат ку?
Беморию бедорию танҳоию зулмат
Куштанд маро, эй шаби ҳиҷрон, саҳарат ку?
Дар давру бари қалъаи уммед шудам пир,
Эй хонаи вайронаи берахна, дарат ку?
Ҷонон ба сарат омаду хомӯш гузар кард,
Бархез, магар мурдаӣ, эй дил, шарарат ку?
Абрӯи каҷат сӯи ман аз меҳр ишорат
Кай мекунад? Эй ростӣ, охир асарат ку?
Дилбар зи фидокорию ихлос кунад баҳс,
Эй ҷони балабомада, гап зан, ҳунарат ку?
Бо вай бигӯ: эй соҳиби чашмони шифобахш,
Пас, ҷониби ин хастаи мискин назарат ку?

*1939*

* * *

Накардӣ раҳму рафтӣ, хуб, тобамро куҷо бурдӣ?
Зи дил осоишу аз дида хобамро куҷо бурдӣ?
Ту рӯ гардондию дар чашми ман торик шуд дунё,
Чӣ кардӣ, бемурувват, офтобамро куҷо бурдӣ?
Зи гесӯи ту ёд орад дилу чун кӯдакон бар ман
Ҳуҷум орад, ки он мушкин танобамро куҷо бурдӣ?
Зи ҳад бигзашт аз дидори ту дирӯз хурсандӣ,
Куҷо рафтиву айши беҳисобамро куҷо бурдӣ?
Занад чун ишқ дар вай шуъла, шаҳреро бисӯзонад,
Ту бепарво, дили пуринқилобамро куҷо бурдӣ?

Ба рӯи лавҳи дил номи туро бинвишта будам ман,
Саводам мепарад аз сар, китобамро куҷо бурдӣ?
Чӣ мехоҳӣ зи ҷонам, эй раҳи оҳан, зи пеши ман
Рафоҳи хотири пуризтиробамро куҷо бурдӣ?
Гунаҳ бошад зи ҷонон шиква пеши дигарон гуфтан,
Равам пас, аз худаш пурсам, ки тобамро куҷо бурдӣ?

*Москва, 9 сентябри 1940*

* * *

Аз ҳар гапи он тоза шавад ҷон, чӣ лаб аст ин!
Ман дил ба чунин лаб насупорам, чӣ гап аст ин?
Рафтор бубинед, чи дил мекашад... алҳақ,
Дар байни ҳама сарвқадон мунтахаб аст ин.
Дил дар ғами ӯ ғарқаи хун гаштаву бераҳм,
Бовар накунад покии дилро, аҷаб аст ин!
Сӯзад танам аз тоби таби ишқашу бӯсам
Хоки қадамашро ба ташаккур... чӣ таб аст ин!
Механдаду гӯяд, ки туро дӯст надорам,
Ноз аст, надонам, ба худо, ё ғазаб аст ин?
Тобад ба барам моҳи рухи ёр, чунин рӯз
Хуршед надидаст ба умраш... чӣ шаб аст ин!
Арзандатар аз ишқ ба олам гуҳаре нест,
Покиза бидораш, ки ба ҳастӣ сабаб аст ин.

*Москва, сентябри 1940*

* * *

Душмани ишқ аст... ман ҳам ёр пайдо кардаам!
Ӯ занад, ман рақсам... аммо кор пайдо кардаам!
Бӯи ҷон бишнидаам аз он лабони пур зи нӯш,
Дору аз баҳри дили бемор пайдо кардаам.
Барнагирам чашм агар аз қадди мавзунаш, равост,
Роҳати ҷон ман дар он рафтор пайдо кардаам.
Бӯса бар чашмаш занам, мижгони ӯ бар лаб халад,
Эй аҷаб, ман гирди наргис хор пайдо кардаам.

Гарданашро даст бурдам, туррааш дастам газид,
Алҳазар, дар шохи гул ман мор пайдо кардаам.
Ман ба як сар додан аз ӯ бигзарам? Шармандагист!
Дил дусад ҷон дода, то дилдор пайдо кардаам.
Як сухан бе меҳри дилбар нест дар осори ман,
Давлати сармад аз ин осор пайдо кардаам.
Ашки ман бо хандаи ӯ медурахшад дар ғазал,
Аз куҷо ин табъи гавҳарбор пайдо кардаам?

*Москва, ноябри 1940*

* * *

Саф кашед, эй ишқбозон,
Даф занед, эй дафнавозон,
Раҳ диҳед, эй қадфарозон!
Дилбари мо гашта рақсон,
Каф бикӯбед, эй ҳарифон!

Ҷон, ба роҳаш гул биборед,
Зери пояш сар гузоред,
Пеши қаддаш ҷон супоред!
Дилбари мо гашта рақсон,
Каф бикӯбед, эй ҳарифон!

Ҳамчу ҷоду дам дамад ӯ,
Беҳ зи товус мечамад ӯ,
Мисли оҳу мерамад ӯ.
Дилбари мо гашта рақсон,
Каф бикӯбед, эй ҳарифон!

Гаҳ занад, гаҳ менавозад,
Ҳам кушад, ҳам зинда созад,
Одамӣ чун дил набозад?
Дилбари мо гашта рақсон,
Каф бикӯбед, эй ҳарифон!

*Москва, ноябри 1940*

## ЯК БӮСА БИДЕҲ

Эй рафта ба қаҳру монда дилро,
Дар кӯраи ғам нишонда дилро.
Айб аст, бигӯ: кадом дилбар
Мисли ту ба хашм ронда дилро?

Ин қаҳри туро ба ман сабаб нест,
Сар металабӣ? Бигир, гап нест.
Як шаб марҳамат ба хонаи мо,
Як шаб, ҷонакам, ҳазор шаб нест.

Ҷон хонаи туст, ҷо дар он кун,
Дилро бинавозу шодмон кун.
Нозон ту бирақсу ман занам даф,
Ман май диҳаму ту нӯши ҷон кун.

Дил ҷуз ту ба кас назар надорад,
Аммо дили ту хабар надорад.
Як бӯса бидеҳ ба меҳру аз ман
Сад ҷон биситон, зарар надорад.

*1940*

* * *

Эй дуздида чашм аз оҳу,
Омехта афсун ба ҷоду,
Тобида каманд аз гесу,
Сад ваъда додӣ, вафо ку?
Мефиребӣ чӯҷа-теҳу?
Эй фиребгар, эй дурӯғгӯ.

Дил шикастан кардӣ пеша,
Рух пеш оварӣ чу шиша,
Чун хоҳам бӯсам, ҳамеша
Хандиву гӯӣ: «Намеша!»

Ин адо чист, бачча – ҷоду?
Эй фиребгар, эй дурӯғгӯ!

Ман бо ту наме ситезам,
Аз ду дида хун мерезам.
Вақте мехоҳам гурезам,
Мегӯӣ: нарав, азизам!
Ваҳ, чӣ бераҳмӣ ту, маҳрӯ,
Эй фиребгар, эй дурӯғгӯ!

*1940*

* * *

Фироқ оташ ба ҷон афрӯхт,
Ҷонон, камнамо то кай?
Дили олам ба ҳолам сӯхт,
Ин сон пурҷафо то кай?
Ҷонон, камнамо то кай?
Ин сон пурҷафо то кай?
Чандон бевафо то кай?

Биранҷӣ, чун бихандам, ёр, ту ёрӣ намедонӣ,
Бихандӣ, чун бигирям зор, дилдорӣ намедонӣ.
Биронӣ, чун бихоҳам бор, ғамхорӣ намедонӣ,
Ба ман ишқат ҷунун омӯхт, охир ин адо то кай?
Ҷонон, камнамо то кай?
Ин сон пурҷафо то кай?
Чандон бевафо то кай?

Ҳамеша бо манат ҷанг аст, сидқамро намебӯӣ,
Зи хунам нохунат ранг аст, ҷурмамро намегӯӣ.
Чаро ин сон дилат санг аст? Ҳоламро намеҷӯӣ.
Зи дунё дидаамро дӯхт мижгонат, бало то кай?
Ҷонон, камнамо то кай?
Ин сон пурҷафо то кай?
Чандон бевафо то кай?

Ба ҳолам раҳм кун, з-ин беш монам бе ту гар як дам,
Бибуррам аз ҷаҳон пайванд, ҷонро ҳам намехоҳам.
Ҳама соҳибдилон гӯянд: Лоҳутӣ дар ин олам
Фақат дарси вафо омӯхт, бо ӯ бевафо то кай?
Ҷонон, камнамо то кай?
Ин сон пурҷафо то кай?
Чандон бевафо то кай?

*1940*

* * *

Дида ранҷида ба ман, эй маҳи ман, боз макун,
Ин ҳама ноз макун.
Ба ман ин гуна нигоҳи ғалатандоз макун,
Ин ҳама ноз макун.

Пур бувад олам аз афсонаи подорumи ман
В-аз фидокории ман,
Ту маро бо назари шубҳа барандоз макун,
Ин ҳама ноз макун.

Оқибат бори ҷафои ту замингирам кард,
Хаставу пирам кард,
Бо мани хаста дигар ҷаври нав оғоз макун,
Ин ҳама ноз макун.

Ҳама гӯянд, ки дил чун дили Лоҳутӣ нест,
Бехато умре зист,
Шубҳа дар ростии ин дили мумтоз макун,
Ин ҳама ноз макун!

*1940*

* * *

Умре ба ситам мубтало будем,
Дар панҷаи ғам бенаво будем.
То ғам раваду ояд озодӣ,
Зад хайма ба дил лашкари шодӣ.
Биё, бар зидди ғам бо ҳам бикӯшем, ҷонам.
Гашта сабо ёри чаман, хандон шав, эй дилбарам.
Майи озодагӣ бо ҳам бинӯшем, ҷонам,
Гул дамад аз хоки Ватан, шодон шав, эй дилбарам.
Шуд байрақи гул зинати гулшан,
Булбул ба чаман гашта чаҳ-чаҳзан.
Дар барги суман жола шуд рахшон,
Аз кӯҳу даман лола шуд хандон.
Кунун дунёи нав дунёи мо шуд, ҷонам.
Гашта сабо ёри чаман, хандон шав, эй дилбарам.
Замони кӯшишу сайру сафо шуд, ҷонам.
Гул дамад аз хоки Ватан, шодон шав, эй дилбарам.
Ман бе ту чӣ кор бо ҷаҳон дорам,
Дар пеши ту кай ғами ҷон дорам?
Ту ҷонони манӣ, ҷонам фидоят, ҷонам.
Гашта сабо ёри чаман, хандон шав, эй дилбарам.
Бувад дил хуррам аз меҳру вафоят, ҷонам.
Гул дамад аз хоки Ватан, шодон шав, эй дилбарам.

*1940*

* * *

Гар ту пиндорӣ, диламро ҷуз ту ёре ҳаст? – Нест,
Ё ғамамро ғайри ёдат ғамгусоре ҳаст? – Нест.
Гар бигӯям, сина аз дасти ту пурхун нест, – ҳаст
В-ар бипурсӣ, к-аз ту дар хотир ғуборе ҳаст? – Нест.
Аз дусад фарсанг раҳ илҳом меборӣ ба ман,
Меҳрубонтар аз ту дар дунё нигоре ҳаст? – Нест.
Пеши тират гар бигӯӣ дида барҳам зад, назад,
Шери чашматро беҳ аз ин дил шикоре ҳаст? – Нест.

Гар касе гӯяд, ки дар дунё ба дӯши зиндагӣ
Сахту сангинтар зи ҳиҷри ёр боре ҳаст? – Нест.
Дӯст шод аст аз ману душман парешон, мардро
Дар ҷаҳон болотар аз ин ифтихоре ҳаст? – Нест.

*1941, Тошкент*

* * *

Ҷоно, дилам, ки пеши ту чун барра роҳат аст,
Танҳо ки ҳаст, ҷангара чун бабр мешавад.
Чашмам, ки пеши рӯи ту рахшон ситора аст,
Дур аз ту тира мешаваду абр мешавад.
Дар будани ту кулбаи тангам бувад чаман,
Бе ту чаман ба дидаи ман қабр мешавад.
Коҳад ғам аз нигоҳат, агар ҳам бувад чу кӯҳ,
Коҳ ар бувад, ҷудо зи ту, истабр мешавад.
Сӯзам зи ҳаҷру мардум гӯянд, сабр кун!
Мурдам ку! Охир ин ҳама ҳам сабр мешавад?
Бояд давида пеши ту оям, ки зистан
Аз ту ҷудо ба дидаву дил ҷабр мешавад.

*1941, Тошкент*

## ОВОЗИ ҶОН

Шаб аз гулҳои озарбойҷонӣ
Садои булбулонро мешунидам.
Зи оҳанги дафу танбӯру найшон
Навои дилситонро мешунидам.
Ҳавои ошно, гуфтори маҳбуб,
Каломи меҳрубонро мешунидам.
Зану мард офарин хондандию ман
На инрову на онро мешунидам.
Ба ҳам бинҳода будам чашму дар дил
Фақат овози ҷонро мешунидам.

*1941, Тошкент*

## ДӮСТДОР ОМАД

Зи ҷон ҳам пештар бар лаб ба истиқболи ёр омад,
Нигаҳ кун, ин дили бекора охир чун ба кор омад!
Бихандад дил, бирақсад ҷон, ки Боқӣ шуд ба ман меҳмон,
Чи боке дигар аз душман – ба пешам дӯстдор омад.
Китобе чун чаман овард аз гулҳои табъи худ,
Ба фасли дай аз он дар хонаи мо нурбор омад.
Сазад мо, хӯшачинон, боғбон гӯем номашро,
Ки нӯги хомааш боғи суханро обёр омад.
Ба вай бориду тобид абри лутфу нури меҳри ӯ,
Чунин гар меваи табъам ба васфаш обдор омад.
Надорад арзиши дирҳам каломи ман дар ин олам,
Вале беҳтар шуд аз дур(р) ҳам чу баҳри ӯ нигор омад.
Хушову хуррамо гулзори Шӯро – кишвари ӯзбек,
Ки ҳар соҳибсухан дар сояи он бахтёр омад.

*1941, Тошкент*

## ЛОЛАҲОИ БАДАХШОН

Равшанӣ борад зи рӯшон, насли рахшонро бубин,
Лолаҳои навраси Хоруғу Рӯшонро бубин.
Гар надидӣ гавҳари рақсону лаъли нағмахон,
Ганҷҳои санъати кӯҳи Бадахшонро бубин.
Бар дил ин лабҳои хандон шодмонӣ медиҳанд,
Пирӣ аз хотир баранд, ин навҷавононро бубин.
Кас надида рӯи ҷонро то кунун бо чашми сар,
Дар рухи ин баччаҳо, эй дил, биё, ҷонро бубин.
Ҳолашон пурҷилваву ояндашон тобанда аст,
Шодию фахру умеди Тоҷикистонро бубин!

## МАРШ

Мо, ки фарзандони муздурему деҳқонзодаем,
Дар ҳама дунё ягона мардуми озодаем.
Зидди ҷангему барои сулҳ эълом додаем,
Лек, агар душман биҷангад, дар дифоъ омодаем.
Лашкари пурҷуръати бомаслаки бебоки мо,
Кай диҳад фурсат, ки душман по ниҳад бар хоки мо,
Байрақи сурхи зафарманди Ленин бо мо бувад,
Тӯдаи заҳматкаши рӯи замин бо мо бувад.

*1941*

## ВАТАНИ МО

Маҳбуби ҳама халқи ҷаҳон шуд Ватани мо,
Умеди ҳама беватанон шуд Ватани мо.
Чун сар нафарозему тафохур нанамоем,
Шаъну шарафи одамиён шуд Ватани мо.
Садсола кас ин ҷо накунад шиква зи пирӣ,
Бо умри куҳан тозаҷавон шуд Ватани мо.
Хидмат бикунем аз дилу ҷонаш, ки баробар
Бо нархи дилу қимати ҷон шуд Ватани мо.
Бо синаву сар ҳифз кунемаш зи фошизм
Озодкуни аҳли ҷаҳон шуд Ватани мо.

*1941*

## ШАМШЕРИ ДУШМАН БИШКАНЕМ

Ҳиммат кунед, эй дӯстон!
Душман ба майдон омада.
Бо ҳирс хирси гурсна,
Бо макри шайтон омада.

Омад ба қасди ҷони мо,
Бар зидди фарзандони мо.
Ин саг барои нони мо
Наздики анбон омада.

Хор аст, хор ин бешараф,
Шамшер ҳам дорад ба каф.
Яксар шавем аз ҳар тараф,
Ҷаллоди инсон омада.

Яксаф шуда ӯро занем,
Шамшери ӯро бишканем,
Помолу нобудаш кунем,
К-ӯ маргборон омада.

Ӯрдуи сурхи номвар,
Дар зери амри роҳбар
Бар куштани ин ҷонавар
Чун баҳри ҷӯшон омада.

Ҳар соҳиби номусу ном
Роҳат ба худ созад ҳаром,
То рӯзи ғосибро тамом
Бинад, ба поён омада.

*1941*

## БА МУДОФЕИНИ ЛЕНИНГРАД

Эй фаррух ошёни ҳумо, эй Ленинград,
Хоҳанд бар фарози ту зоғон гузар кунанд.
Фарзандҳои бошарафат кай диҳанд роҳ?
Duздон ба хонумони Иличӣ зафар кунанд!
Гӯяд хуҷаста рӯҳи Ленин: «Дӯстони ман
Шаҳри маро яқин раҳо аз хатар кунанд».

Онҳо, ки баҳрро бару барро кунанд баҳр,
Худро тавон мудофиа дар баҳру бар кунанд.
Ҳар барги боғу реги раҳу хори даштро
Бомбе ба ҷони душмани бедодгар кунанд.
Дарёнавардҳои ту бо тӯпҳои худ
Балтикро нуҳуфта ба зери шарар кунанд.
Аз киштаи вуҷуд малаххҳои хасмро
Фотеҳ-парастувони ту яксар бадар кунанд.
Фарзандҳои дури ту ҳам, рухсат ар диҳӣ,
Чун барқ дар Шимол зи Машриқ сафар кунанд.
Шерони туркман ҳама аз бешаҳои худ
Ҷастан ба пора кардани гурги башар кунанд.
Тоҷикҳо чу Кова ба Заҳҳоки мордӯш,
Тозиш ба Гитлери зи шараф бехабар кунанд.
Аз қаҳрамонии падарон ӯзбекон ба ёд
Овардаву ҳунар зи падар бештар кунанд.
Қирғизҳо ба ҳифзи ту мардона синаро
Дар пеши тири душмани маълун сипар кунанд.
Ларзиш фитад ба пушти адӯ чун ба ёриат
Ҷамбули пиру халқи далераш ҳашар кунанд.
Монанди як тан ин ҳама мардум ба роҳи ту
Ҷонро ба каф ниҳода, ба майдон ҳунар кунанд.
Ному нишони Гитлер аз онҳо равад ба бод,
Хушбахту пойдор бимонад Ленингрод.

*Тошкент, 1941*

## СУПОРИШИ МОДАРИ ӮЗБЕК

Рав, писарҷонам, зи душман рӯ магардон, барнагард!
То нагардад қотил аз теғи ту ғалтон, барнагард!
Гар намехоҳӣ Ватан гардад забун, то рӯзи фатҳ
Ҷанг кун, аз нимараҳ, эй нури чашмон, барнагард!
Меҷаҳад Гитлер, ки созад кишвари моро хароб,
То насозӣ хонааш аз бех вайрон, барнагард!

Ту ба майдон рав, ман ин ҷо посбонӣ мекунам,
Пеши ман бе муждаи эъдоми дуздон барнагард!
Хоҳад ар фошист аз дастат гурезад дар набард,
Бо забони тир фармон деҳ ба вай: «Мон, барнагард!»
Чун падар мардӣ кун: аз ин ҷанги хунин безафар
Қаҳрамон фарзанди халқи Ӯзбекистон, барнагард!

*Тошкент, 1941*

* * *

Дев метозад ба номусу ҷаҳон зеру забар шуд,
Эй дили ошиқ, мусаллаҳ шав, ки дилбар дар хатар шуд.
Ваҳшат овардаст лашкар, то кунад ишқ аз ҷаҳон гум,
Ассало, эй ошиқони бовафо, вақти ҳашар шуд!
Кайф дорад нози ҷонону ниёзи ошиқ, аммо
Чанд вақте навбати ғурриш ба хасми бадсияр шуд.
Бахри ҳифзи синаи дилдодаву мижгони ҷонон
Рӯзи майдон, вақти ҷавлон додани теғу сипар шуд.
Қисме аз гулзори мо хушкид зери пои душман,
Баъд аз он к-аз хуну ашки дӯстон рангину тар шуд.
Ҳомиёни ишқу озодӣ! Зи ҳар сӯ аз дилу ҷон
Бар сари ифритҳо тозем, ҳангоми зафар шуд.
Аз паси душман бирон, эй қаҳрамони мо, ки акнун
Ҳарчи ошиқ дуртар аз ёр шуд, наздиктар шуд.
Тира шуд гар кунҷе аз офоқи дунёи советӣ,
Зуд бинӣ, к-аз шуоъи фатҳи мо ин шаб саҳар шуд.

*Тошкент, 1941*

## БАРОДАРОН

Бародарон, бародарон,
Бародарон, ба модари Ватан вафо кунем,
Агар ки сар талаб кунад, ба вай фидо кунем.
Ба душманон мо амон намедиҳем,
Ба дигарон хокамон намедиҳем, намедиҳем!
Собит ин гуфта бар Гитлери беҳаё кунем.

Ватан, Ватан!
Ватан, Ватан!
Дар ин ҷаҳон ягона меҳрубони ман туӣ,
Чӣ ҷои ин сухан, ки худ ҷаҳони ман туӣ!
Ҷавон шуд аз ишқи ту вуҷуди ман,
Бувад пур аз номи ту суруди ман, суруди ман.
Нури ман, зӯри ман, завқи ман, ҷони ман туӣ!

Зи ҳар канор,
Зи ҳар диёр
Кашида саф ҳама ба ҷанги ваҳшиён равем,
Ливои ленинӣ ба каф таронахон равем,
Ба теғи мо аждаҳо фано шавад,
Зи фитнааш сарзамин раҳо шавад, раҳо шавад,
Баҳри хушбахтии ин ҷаҳон равем!

*1941, Сталинобод*

## МАН БА МАЙДОН МЕРАВАМ

Вақти роҳат нест,эй ҷон, ман ба майдон меравам,
Ман ба майдон аз барои ҳифзи ҷонон меравам.
Эй санам, з-он дам, ки бо рӯйи ту гаштам ошно,
Ҳусни беолоишатро ҷони ман шуд мубтало,
Дил ба меҳрат дода, бастам бо ту паймони вафо,
Гуфтамат: гардам балогардон туро аз ҳар бало,
Вақташ омад, аз пайи иҷрои фармон меравам,
Ман ба майдон аз барои ҳифзи ҷонон меравам.

То насозад пои нопокон лагад хоки туро,
То нагирад дасти малъун домани поки туро,
То напарронад хазон ранги тарабноки туро,
Нафканад то золим аз тан дасти чолоки туро,
Аз барои дафъи душман теғёзон меравам,
Ман ба майдон аз барои ҳифзи ҷонон меравам.

Кори мо ҳақ асту сустӣ нест дар виҷдони мо,
Бо Ватан маҳкам бувад мисоқи ҷовидони мо.
Кӯҳро аз ҳам шикофад зӯри бепоёни мо,
Дар ҳунар ҳамто надорад халқи олишони мо,
Дар зафар кардан ба душман пур зи имон меравам,
Ман ба майдон аз барои ҳифзи ҷонон меравам.

*1941*

## БА ШЕФИ БОШАРАФИ ТОҶИКИСТОН

Эй шаҳри Ленин, маркази фан, махзани дониш,
Ҳаргиз ба сарат бешарафон по нагузоранд!
Кӯшад, ки занад лакка ба занҳои ту душман,
Мардони фидокори ту аммо нагузоранд.
Хоҳад шавад ар ҳокими ту Гитлери бешарм,
Шашсола сағирони ту ҳатто нагузоранд.
В-ар ним ишорат бикунӣ, тӯдаи тоҷик
Авлоди туро бекасу танҳо нагузоранд.
Дар роҳи шефи бошарафи худ шуда яксаф,
Сар дар бадани душмани расво нагузоранд.
Бар лашкари фошизм битозанду аз онҳо
Як зинда ҳам аз баҳри тамошо нагузоранд.

*1941*

## БА БАРОДАРОНИ РУС

Ҳеҷ медонӣ, чӣ гӯяд ҳайкали Петри кабир?
«Халқи ман зиндаст, – гӯяд, – ман нагардам дастгир.
Хонаи манро магар русон ба душман медиҳанд?
Кӣ шунида лонаи гургон шавад найзори шер?
Дасти манро бин, чи сон аз ҳар саре болотар аст.
Кӣ шавад розӣ, ки акнун ман сар андозам ба зер?
Шуд падарҳотон ба дасти ман халос аз бандагӣ,
Чун шумо монед акнун қабри ман гардад асир?!»

Не, намесозем паст, эй номвар, ёди туро,
Хокро созем гӯристон ба фошизми шарир.
Маркази илҳоми Петру саҳнаи фатҳи Ленин,
Ҷои иқдомоти Киров кай шавад хору ҳақир?!
Эй бародарҳои руси шӯравӣ, бовар кунед:
Бар лаб омад ин суханҳо аз дилу ҷону замир.
Нестам ман рус, аммо дар ҷаҳон аз баҳри мард
Зулми номардон ба мардон аст тоқатнопазир.
Нестам ман рус, аммо пеши чашмам халқи ман
Дидааст аз халқи рус имдодҳои беназир.
Не фақат тоҷикҳоро халқи рус озод кард,
Балки аз меҳраш ҷавон шуд чоряк аз Шарқи пир.
Дасти хунолуди Гитлер шуд ба сӯи мо дароз,
Пас, ба дасти мо бувад нобудии ӯ ногузир.

*1941*

## САЛОМИ ХАЛҚИ ТОҶИК БА ХАЛҚИ ЭРОН

Ассалом, эй халқи Эрони кабир,
Ассалом,эй насли Золу Ардашер.
Эй нажоди Кова, эй авлоди Сом,
Бар ту аз ҷумҳури тоҷикон салом!
Мо бародарҳои тоҷики туем,
Роҳдуру рӯҳназдики туем.
Солҳо мо дар асирӣ зистем,
Ҳеҷ кас огаҳ набуд, мо кистем.
Бохабар будем мо, к-андар ҷаҳон
Як бародар ҳаст моро меҳрубон.
Лек девори сияҳ дар байни мо
Карда буд зулми ҷаҳонгирон ба по.
Гарчи ёдат буд дар дил ҷовидон,
Ҳайф, рӯят буд аз дида ниҳон.
Канд девори ситамро аз замин
Дасти ҷонбахши зафарманди Ленин.

Халқи руси шӯравӣ имдод кард,
Мулки моро сар ба сар обод кард.
Мо ба зулму золимон ғолиб шудем,
Бар замину оби худ соҳиб шудем.
Дасти мову дидаи мо боз шуд,
Бахти мо чун боз дар парвоз шуд.
Пас туро, ҷони бародар, ёфтем,
Ёфтем онро, ки умре кофтем.
Орзуманди дили шоди туем,
Доимо ҳозир ба имдоди туем.
Эй нажоди Кова, эй авлоди Сом,
Бар ту аз ҷумҳури тоҷикон салом!

*1941, Сталинобод.*

## ЭЙ ҒАЗАНФАРОН

Ҳамлавар шуд ба мо хасми беамон,
Рӯ ба ҷанг оваред, эй ғазанфарон!
Душмани бешараф дасти кин кушод,
Пои худ бар сари хоки мо ниҳод.
Ин Ватан модари меҳрубон бувад,
Модари меҳрубон беҳ зи ҷон бувад.
Мо ба ин нокасаон тан намедиҳем,
Модари худ ба душман намедиҳем.
Сар ба сар ҷону сар мо фидо кунем,
Аз хатар мамлакатро раҳо кунем.
Бар по хезед, эй диловарон,
Гиред интиқом аз ситамгарон.
Зиндагӣ бе Ватан бандагӣ бувад,
Бандагӣ нангу шамандагӣ бувад.
Мо заминро ҳама баҳри хун кунем,
Душманонро дар он сарнагун кунем.
Гитлер нобуд аз ҷаҳон шавад,
Номи мо дар ҷаҳон ҷовидон шавад.

*1941, Тошкент*

## СОЛИ ҲУҶУМУ ЗАФАР

Ҳама донанд, ки чун гурги шарир
Ҳар саги хор бувад ғофилгир,
Нарму хомӯш зи раҳ мегузарад,
Чун ба одам расад, онро бидарад.
Сифати шер валекин ин нест,
Шер номарду баду пуркин нест.
Гар бихоҳад сӯи душман тозад,
Ғурриш аввал ба ҷаҳон андозад.
Нагурезад агар аз ғурриши ӯ
Хасм, беҷон шавад аз бурриши ӯ.
В-ар ба вай бехабар оранд ҳуҷум,
Бо ҳама савлату зӯри маълум,
Пас равад як-ду қадам хашмолуд,
Тунд ҳар сӯ назар андозаду зуд
Ҷамъ гашта биҷаҳад шер чу тир,
Кӣ тавонад раҳад аз ҳамлаи шер?
Гитлер аз шарму шарофат маҳрум,
Чун саги ҳор ба мо кард ҳуҷум.
Шери мо як-ду қадам вопас рафт,
Вопас аз ҳилаи он нокас рафт.
Назаре тез ба ҳар сӯ андохт,
Зуд шуд ҷамъу суи душман тохт.
Бигурезад зи вай акнун чун меш,
Он ки буд гург ду рӯз аз ин пеш.
Лекин ин тохт нахустин бошад,
Ҷои дамгирӣ – Берлин бошад.
Соли кухна пайи омода шудан,
Пас нишастем агар аз душман,
Соли нав соли ҳуҷум асту зафар,
Соли фонӣ шудани гурги башар.
Ба ту, эй лашкари пурзӯру далер,
Ба ту, эй халқи тавонои кабир,

Иди имсол муборак бошад,
Фатҳу иқбол муборак бошад!

*Сталинобод, 1942 .*

* * *

Эй лашкари ҷӯшон, ба саломат, ба саломат!
Рӯ нех сӯи майдон ба саломат, ба саломат!
Рав, душмани моро кушу баргард ба хона
Шоду хушу хандон ба саломат, ба саломат!
Рав, теғ зану фатҳ куну ном баровар
Чун Рустами Дастон ба саломат, ба саломат!
Кун пора дили душману боз о ба бари мо,
Чун дар тани худ ҷон ба саломат, ба саломат!
Хуш рав, зи паи фатҳи ту мо ҳам ба сари кор
Гардем шитобон басаломат, ба саломат!

*Сталинобод, 1942 .*

* * *

Гитлери нокас ҳунар ҷуз қатлу вайронӣ надорад,
Дар тамоми ҳастиаш осори инсонӣ надорад.
Хун хӯрад, ғорат барад, оташ занад, номус резад,
Раҳм бар эрониву шафқат ба туронӣ надорад.
Сад ҳазорон ҷинси худро зинда чун сӯзонад одам?
Ин шақоват ҳеҷ як аз ҷинси ҳайвонӣ надорад.
Бар ҷаҳон хоҳад ба ин ваҳшат ҷаҳонбонӣ намояд,
Ҳеҷ мулке гӯиё дар ин ҷаҳон бонӣ надорад!
Мард он бошад, ки бар зидди чунин номарди хоин
Бетазалзул ҷангаду як мӯ гаронҷонӣ надорад.
Ҷанги мо майдони одамҳо бувад бар зидди девон,
Ҳиндию афғонию тоҷику юнонӣ надорад.
Лоиқи номи баланди одамӣ набвад, ҳар он кас
Саъй дар нобудиии гургони олмонӣ надорад.

*Сталинобод, 1942 .*

# ҶАШНИ КУШОДА ШУДАНИ КАНАЛИ КАЛОНИ ҲИСОР

Эй ӯзбек бародарони азиз,
Ба пеши мо меҳмон хуш келибсиз!
Як оғӯш кунем. Канӣ, марҳамат!
Дуруст ҳастетон? Бачо, саломат?
Бало набинад калхузҳоятон,
Говҳо, аспҳо, мурғҳо, бузҳоятон.
Ҳам шаҳр, ҳам қишлоқ, ҳам хона пешкаш,
Ҳам ба шумо ин тарона пешкаш.
Ман «меҳмон» гуфтам, хато шуд, хато!
Хонаи худи шумоҳост ин ҷо.
Тоҷикон кистанду шумо кистед?
Ба виҷдон, ки аз мо ҷудо нестед.
Падарҳоямон ҳам дӯст будаанд,
Чун як мағз дар чандин пӯст будаанд.
Аммо онҳоро амири номард
Об намедоду беобрӯ мекард.
Борҳо бо ҳила ба ҷанг меандохт,
Зӯран онҳоро ба чанг меандохт.
Ҳукумат ба мардум бегона буд,
Халқро мефурӯхт, ғорат менамуд.
Хулоса ин ки он замони ҷавр
Даври баде буд. Лаънат ба он давр!
Бо роҳбарии муаззам Ленин,
Вақте барпо шуд дунёи навин,
Як дасти худро мо ҳоким кардем,
Дасти дигарро ба вай супурдем,
Ки иҷро кунад фармони ӯро,
Ба поён барад паймони ӯро.
Ватан чун тан шуд, ҳукумат чун дил,
Ягонагии ин ду шуд комил.

Дил бо тани худ бад намекунад,
Ин даст он дастро рад намекунад.
Мо дасти худро ёрӣ мекунем,
Қонуни дилро ҷорӣ мекунем.
Мана хушбахтӣ аз ҳамин ҷо шуд,
Аз ин ҷо даврон – даврони мо шуд.
Надида дунё замоне ин тавр,
Даврони хубест. Раҳмат ба ин давр!
Даври ростию одамгарӣ аст,
Даври дӯстию бародарӣ аст.
Ин дӯстӣ тӯпи қалъакӯби мост,
Ин дӯстӣ теғи номағлуби мост.
Зӯри бозуи мо ин бародарист,
Фатҳи ӯрдуи мо ин бародарист.
Марги душман аст ин дӯстии мо,
Бахти Ватан аст ин дӯстии мо.
Ин бародарӣ ифтихои мост,
Эътибори мо, иқтидори мост.
Пас, биёед мисли бародарон
Бикӯшем бар зидди одамхӯрон.
Бо ҳам усули ҷангро омӯзем,
Омӯхта бехи душманро сӯзем.
Якҷо ба майдони фашизм равем,
Якҷо биҷангему фотеҳ шавем.
Нанишинем, то душман пеш ояд,
Тақ-тақ накарда дарро кушояд.
Намонем гови моро бидӯшад,
Атласу шоҳии моро бипӯшад.
Намонем номуси моро барад,
Намонем дилҳои моро дарад.
Намонем занонро асир кунад,
Барои фурӯш ба занҷир кунад.
Равем занемаш, то нобуд шавад,
Мулк озоду халқи мо хушнуд шавад.

Зинда бод дӯстии бенуқсони мо,
Бародарии ҷовидони мо!
Акнун, рафиқон, наздиктар шинед,
Ин таронаи навро шунавед:
Дидаӣ обе, ки мавҷаш кори занҷирӣ кунад,
Ё чунон мавҷе, ки барқаш фатҳи шамшерӣ кунад?
Гӯ, чи гуна наҳр ҷон орад, чу мегардад равон?
Гӯ, кадомин бахр туғёнаш бувад оташфишон?
Кас шунид обе, ки як табъаш бувад умри азиз,
Табъи дигар дорад, аммо ҷонситону маргхез?
Инчунин обе бувад оби каноли мулки мо,
К-ӯ барои мо рифоҳ асту ба бадхоҳон бало.
Дӯстиро дар миёни халқҳо маҳкам кунад,
Ҳамчу занҷиру чу теғе душманонро мезанад.
Даври пешин об моро менамуд аз ҳам ҷудо,
Дар сари он ранг мешуд хоки мо аз хуни мо.
Ин замон моро баҳам часпонд монанди шириш,
Дӯст медорем аз ин обро чун хуни хеш.
Ҷорӣ аст оби равон дар хокҳои гунагун,
Ҳамчу дар танҳои гуногуни мо як навъ хун.
Хуни гарми ишқу ихлосу садоқат бар ватан,
Хуни нафрат, хуни кин бо душмани паймоншикан.
Қуввати ду дӯст зарбатҳои ҳамдастона зад,
То канал дар сели саъйи мамлакат ҷорӣ шавад.
То ки ҳар мавҷаш ба калхуз хирмани хубе шавад,
То барои фатҳи мо ҳар қатрааш тӯпе шавад.
Бо каланди мо баробар буд кетман дар ҳашар,
Нест аз дилҳои мо дилҳо ба ҳам наздиктар.
То нафас дар дил бувад, эҳсос дар аъсоби мо,
Лаб нахоҳад кард тар фошисти саг аз оби мо!

*Сталинобод, 1942 .*

## СУХАНИ ЁР БА ЁР

Ба номуси ман тозад он Аҳриман,
Бирав гарданашро ба шамшер зан!
Бизан ончунонаш, ки беҷон шавад,
Зи ҷангу зи тозиш пушаймон шавад.
Мадеҳ фурсаташ, пештозӣ кунад,
Ба озодии халқ бозӣ кунад.
Ба ҳар ҷабҳа ман бо ту, озодмард,
Баробар бикӯшам ба дашти набард.
Ба гулзори мо тозад он Аҳриман,
Бирав, гарданашро бо шамшер зан!

*1942*

* * *

Бо зӯза давад галлаи барбодкунанда,
Тозад зи паяш лашкари озодкунанда.
Коҳад чу ях аз хашми далерони Ватан хасм,
Дай дорад аз он ин нафаси шодкунанда.
Теғи Ватан оҷиз шуданӣ нест, ки дорад
Чун халқи Ватан, қувваи имдодкунанда.
Акнун кашад аз нусрати мо ғурриши ҷангӣ
Ҳар мамлакати зорию фарёдкунанда.
Аблаҳ кунад андеша, ки афтад ба асорат
Ин мулки ҳаётовару эҷодкунанда!
Вайрона кунем олами хунрезии ваҳшат
Мо халқи хирадпарвару ободкунанда.
Барпо аламӣ адл намоем ба олам
Бо сар задан аз душмани бедодкунанда.

*Сталинобод, 1942*

* * *

Теғ бояд хун фишонад, кор бо душман сар ояд,
Ман мурам, номам бимонад, ӯ мурад, комам барояд.

Зиндагонӣ нест душманро ба коми хеш дидан,
Бояд аз тан ҷони ман ё аз Ватан душман барояд.
Кор мебояд на зорӣ, ранҷ лозим, на шикоят,
Шоҳиди иқбол чун подоши мардӣ дар бар ояд.
Гӯ ба Гитлер: имтиҳон лозим набуд, таърих гӯяд:
Мефитад аз теғ бо теғ, он ки дар ин кишвар ояд.
Сӯзад онро ҷангали мо, дев агар тозад ба сӯяш,
Балъад онро хоки мо, бар зидди мо гар аждар ояд.
Аждари фошизм, ларзон шав, ки бар саркӯбии ту
Лашкари тоҷик – насли Коваи оҳангар ояд.
То Ватан фотеҳ шавад бар душман, аз ҳар сӯ паёпай
Танк ояд, тӯп ояд, неъмат ояд, лашкар ояд.
Мардии ин халқро бингар, ки дар майдони онҳо
Бебародар гар касе афтад, ба ҷояш хоҳар ояд.
Кошки ин лаҳза ҳам бошад Ленин, медид моро,
То ки медидем: кори мо писанди раҳбар ояд.

*1943, Сталинобод*

* * *

Лашкари тоҷик, бикшо бозуи мардонаро,
Зан, ба хун афкан, фано кун лашкари бегонаро.
Шуд куҳан афсонаи Оҳангари Заҳҳокбанд,
Аждари фошизмро куш, нав кун ин афсонаро.
Хасм кӯшад мулки моро сарбасар созад хароб,
Гӯри насли мо кунад он гулшани вайронаро.
Кишвари мо нест ҷавлонгоҳи одамхорҳо,
Дар ҳуҷум ою бирӯб аз ваҳшиён ин хонаро!
Каргасонро раҳ мадеҳ, эй ҷурра-шоҳини ҷавон:
Мокиён, ҳатто, ба рӯи ғайр бандад лонаро.
Дидаи ҷононаат дар интизори фатҳи туст,
Бехи душманро бикан, сарсабз кун ҷононаро.

*1943, Сталинобод*

## МАКТУБИ ДАРУНИ ҲАДЯҲО

Эй нури дида, тохт ба хасми палид кун,
Ному нишони ӯ зи ҷаҳон нопадид кун.
Хуни сиёҳи душмани манҳусро бирез,
Ёд аз супориши падари мӯсафед кун.
Уммеди ман! Зи бурдани номуси хоҳарат
Фошистҳои фоҳишаро ноумед кун.
Хат кун, ки тирҳои ту ҳастанд бехато,
Хешу таборро хуш аз ин сон навид кун.
Аз ҳадяҳои халқии моҳо бихӯр, бинӯш,
Қувват бигиру зарбати худро шадид кун.
Ҷӯроб пӯшу гарм шаву ҷисми хасмро
Ларзон чу пеши боди хазон барги бед кун,
Аз меваҳо бидеҳ ба рафиқонату салом
Аз мо ба он сипоҳи ҷасуру рашид кун.
Мафрӯш обрӯи Ватанро зи тарси ҷон,
Номи абад ба ҳиммати мардӣ харид кун.
Вақти ҳуҷум аз ҳама кас пештар битоз,
Он сон ҳунар, ки чашми кас онро надид, кун.
Баркан, бисӯз бехи адӯрову баъд аз он
Шодон биё ба хонаву бо халқ ид кун.

*1943, Сталинобод*

## РАССОМ ВА ШОИР

Гуфт рассом: аз ту чун тасвир мебояд кашид?
Гуфтамаш: дар шуъла як шамшер мебояд кашид.
Гуфт: агар бигзаштаат ояд ба ёдам, чун кунам?
Гуфтамаш: рангин ба хун занҷир мебояд кашид.
Гуфт: пас кӣ пора кард он бандро? Гуфтам: Ленин,
Гуфт: васфаш гӯй! Гуфтам: шер мебояд кашид.
Гуфт: Нӯги хомаатро дар чӣ аҳволе кашам?

Гуфтамаш: оҳангузар як тир мебояд кашид.
Гуфт: табъатро чӣ сон ранге диҳам? Гуфтам: ҷавон
Гуфт: мӯятро чӣ? Гуфтам: пир мебояд кашид.
Гуфт: бар сар соя аз лутфи Ватан орам туро?
Гуфтам: оре, меҳри оламгир мебояд кашид.
Гуфт: шарҳе гӯй аз ҳадди вафои худ ба халқ,
Гуфтамаш: по то сари Помир мебояд кашид.
Гуфт: азми разми ту бар зидди бадхоҳи Ватан?
Гуфтамаш: берун зи ҳар тасвир мебояд кашид.
Гуфт: Лоҳутӣ, гап аз иқболи ин кишвар бизан,
Гуфтамаш: бе охир инро дер мебояд кашид.

*1943*

## ФАТҲИ МО САР ШУД

Дӯстон, душман парешон гашта, подорӣ кунем,
Фатҳи мо сар шуд, зи ҳар сӯи Ватан ёрӣ кунем.
Лашкари худро, чу нури дида, ғамхорӣ кунем,
Ҳар куҷо ҳастем, рӯзу шаб фидокорӣ кунем,
То сипоҳи гитлерӣ нобуд гардад тезтар.

Он ки хобонида дар хун кӯдакони ширхор,
Он ки сӯзонида милён хонаҳову киштзор,
З-оҳанин девори мо ёбад магар роҳи фирор?
Не, Сипоҳи Сурхи номовар канад нангин мазор
Бар чунин маълуни аз Чингиз ҳам чингизтар.

Мешавад фотеҳ тамоман лашкари бебоки мо,
Чун палидӣ, ҷисми хасми мо фитад бар хоки мо,
Сӯзаду дудаш намояд хоки оташноки мо.
Боз ҳам гардад ба дасти халқи пуридроки мо
Дашт ҳосилхезтар, иқлим рӯҳангезтар.

*1943, Сталинобод*

* * *

Лашкари мо аз паси бадхоҳи пуркин мепарад,
Пушт бар шаҳри Сталин, рӯ ба Берлин мепарад.
Каргаси фошизм бо минқори хунин дар гурез,
Аз паяш боли зафар бикшода шоҳин мепарад.
Он ки сӯи мо ҳуҷум овард пуркибру ғурур,
Бин, аз урданги сипоҳи мо чӣ мискин мепарад?
То кунад покаш зи хошоки палиди гитлерӣ,
Гирдбоди мо ба хоки Укроин мепарад.
Бо ҳамон тезӣ, ки сӯи мо парад бахти ҷавон,
Сӯи фошистон бало аз шаҳри Ленин мепарад.
Мотам андар мулки онҳо бо чи талхӣ ҷой кард,
Ид сӯи кӯчаи мо, ваҳ, чӣ ширин мепарад!

*1943, Сталинобод*

## ДАРАНДА НАГУРЕЗАД

Шамшери зафарманди адолат шуда ёзон,
Бар гардани атбои ҷаҳолат шуда буррон,
Шери советӣ бар сари гургон шуда ғуррон
В-андар пайи ӯрдуи разолат шуда тозон.

Хоҳад бигурезад зи вай ар душмани хунхор,
Эй баччаи озоди Белоруссия, нагзор!

Барбанд раҳашро, ки даранда нагурезад,
Паймоншикану халқкушанда нагурезад,
Ин афъии пурзаҳри газанда нагурезад,
Сар аз тани ӯ гир, ки зинда нагурезад.

Бугзор, ки аз ҳеҷ тараф роҳ набинад,
Пеши қадами хеш ба ҷуз чоҳ набинад.

Ин саг, ки ба номуси ту кардаст ҳақорат,
Дороии дерини туро дода ба ғорат,
Милён зану марди ватанатро ба марорат
Афкандаву бурдаст ба Олмон ба асорат,

Бояд наравад зинда аз ин ҷо бари онҳо,
Аз нав накунад ҷилва ба чашми тари онҳо.

Ӯро бикуш ин ҷову ба он ҷо ту худат рав,
Чун фотеҳи фошизму намояндаи Маскав,
Аз баҳри раҳонидани он хунҷигарон дав,
Ин даъвати онҳост, бикун диққату бишнав,

Бигзор касони ту сарафканда намонанд,
Озодию доништалабон банда намонанд.

Ҳамроҳи худ он дарбадаронро ба ватан ор
В-андар паяшон хасми ҷиноятгари ғаддор,
Ӯро ба ҳамон ҷо, ки аз ӯ ғорату куштор
Дидаст, ба он халқи мусибатзада биспор.

Бигзор ба хуни падару исмати модар
Фарзанд кашад кайфар аз он қавми ситамгар.

Фардо, ки шавад мулки ту сартобасар озод,
Гулхонаи вайроншудаи ту шавад обод.
Дилҳои пур аз ғуссаи халқи ту шавад шод!
Бигзор сарафроз шавӣ, чун бикунӣ ёд.

З-ин рӯз, ки будӣ ту андар сафи мардон,
Кардӣ ҳунару разми далерона ба майдон.

*1943, Москва*

* * *

*Ба муносибати биступанҷсолагии*
*Армияи Сурх*

Душман зи фатҳи олии ту ғам гирифтааст,
Пуркин зи иди мо шуда, мотам гирифтааст.
Фошизм душмани ҳама олам бувад, аз он
Ин идро саросари олам гирифтааст.
Аз зарбатат ба синаи ин гурги беамон
Захми ҷаҳониён ҳама марҳам гирифтааст.
Мехост гирад ӯ ҳама рӯи замин, валек
Зери замин гирифтаву маҳкам гирифтааст.
Фардо тамом бишканад аз мушти қодират
Пушташ, ки имрӯз чунин ҳам гирифтааст.
Бозуи ту фано кунад ин маргро, ки сахт
Домони зиндагонии олам гирифтааст.
Ҳам илми солиёнаву ҳам фотеҳонаро
Имсол хонадони ту бо ҳам гирифтааст.
Лоҳутӣ ин ду якшуда иди саидро
Ҳамроҳи халқ бо дили хуррам гирифтааст.

*1943, Москва*

## БА ИНТИҚОМИ ХОҲАРОНИ РУС

Он чи душман мекунад бо хоҳарони руси мо,
Гар тавонад, мекунад, бешубҳа, бо номуси мо.
Ҳар касе бо мо набошад вақти сахту рӯзи разм,
Маҳрам аст ӯ, бесухан, бо душману ҷосуси мо.
Парчам афрозему теғ озему тозему кунем
Ҷанги маргу зиндагӣ бо душмани манҳуси мо!
Ончунон бояд занем ин нокасонро, то чакад
Хун зи биниҳояшон аз ваҳшати кобуси мо.
Артиши тоҷик дар майдон битозад чун паланг,
Сахт гирад интиқоми хоҳарони руси мо.

*1943, Москва*

* * *

Ман рӯи туро дидаму дилдода шудам,
Дар додани ҷон ба роҳат омода шудам.
Дар бандагӣ истода будам аз ту дур
Афтода шудам ба домат, озода шудам.

Ман дил, санамо, на бо забон медиҳамат,
Дар меҳру вафо ман имтиҳон медиҳамат.
Фармони фидо шудан деҳу бин, ки ҳанӯз
Гап дар лабат истодаю ҷон медиҳамат.

Ман дасти туро ба дасти душман надиҳам,
Ҳаргиз ба чунин бешарафӣ тан надиҳам.
Аз турраи ҷонона ба бегонаи ӯ
Гар сар биравад, як сари мӯ ман надиҳам.

*1943, Москва*

## АЛЛА

Хоб рав, нури ду чашмон,
Хобидааст олам,
Сабза, инсону ҳайвон,
Мурғу моҳӣ ҳам.

Танҳо ҷӯйҳо равонанд,
Онҳо ширинзабонанд.
То фарзандам бихобад,
Алла мехонанд.
Алла, ҷон, алла!

Роҳат хобад азизам,
Сиҳҳату хурсанд,
Бозичаҳои хубаш
Дар хобаш оянд.

Дар хобаш гулро бинад,
Ҷамъи булбулро бинад.
Аз парешонҳо танҳо
Сунбулро бинад.
Алла, ҷон, алла.

Фардо офтоб метобад,
Ӯро мекобад.
Дар оғӯши модарҷон
Ӯро меёбад.

Гӯяд тезтар калон шав,
Дар Ватан паҳлавон шав…
Акнун чашмонатро пӯш,
Осуда хоб рав!
Алла, ҷон, алла!

*1943, Москва*

## ҲОЛИ ДИЛАМ

Табиби ман шафиқу меҳрубон аст,
Ба ман ғамхору доим хушзабон аст.
Ба ҳоли таб шаби бедории ман,
Ба гӯшаш мерасад чун зории ман,
Давон ояд ба пеши бистари ман,
Кашонад даст бар чашми тари ман.
Сабаб мепурсад аз ранҷи дарозам,
Зи ранги зарду оҳи ҷонгудозам.
Ба вай мегӯям: эй роҳаткуни дард,
Зи ранги дил бувад рангам чунин зард.
Табиби нозанинрафтору хушгил
Пайи донистани бемории дил
Ниҳад чун рӯ ба рӯи синаи ман,
Гурезад дил зи сӯи синаи ман.

Кунад ҳис бовафо, к-ин рӯи ӯ нест,
Ба ҷаъдаш бӯи он мушкинамӯ нест,
Бибандад дидаро, хомуш нишинад,
Намехоҳад ба ҷуз ӯро бубинад!
Зи ҷӯшу аз тапиш ором гардад,
Чунон дар кунҷи сина ром гардад,
Ки гӯё дард дар олам надидаст,
Ба умраш сояи ғам ҳам надидаст.
Чу он тифле, ки доя ҷои модар
Ҳамехоҳад хуронад ширу шаккар,
Вале кӯдак даҳонро сахт бандад,
На гиряд, не сухан гӯяд, на хандад.
Бубинад дояро бо дидаи сар,
Вале дар дидаи дил рӯи модар.
Дар охир доя гӯяд: бачча сер аст,
На муҳтоҷи шакар, не фикри шир аст.
Табиби ман ҳам аз хомӯшии дил,
Чу он доя фитад дар роҳи ботил.
Ба ман гӯяд ки: «Ин фикри ту суст аст,
Дилат беизтиробу тандуруст аст.
Дар олам то ба ин синнам расидам,
Ба ин осудагӣ ман дил надидам.
Чу кӯдак беғаму беор бошад,
Чунин дил кошки бисёр бошад!»
Зи пешам дур гардад бо табассум.
Зи нав дил мефитад андар талотум.
Барои дидани он рӯи дилкаш
Ҳамеҷӯшад, чунон деге бар оташ.
Дубора ашк мерезам чу борон!
Кунун баҳри Худо, гӯед ёрон,
Чӣ сон гӯям ба доктор мушкиламро?
Чӣ сон холӣ кунам ҳоли диламро?

*1945*

* * *

*Ба шоири бадахшонӣ Миршакар*

Чи хуш сӯи ёрон хабар менависад,
На даст аст ин, дил хабар менависад.
Чу хоҳам нависам ба сӯи ту нома,
Қалам рӯи коғаз шакар менависад.

*1945*

## БА ФАРЗАНДИ АЗИЗАМ

Бар гӯши дилам ҳамерасад зории ту,
Бемортарам аз ту зи бемории ту.
Наздик ба мурданам аз ин ғам, ки чаро
Дурам зи бари туву парастории ту.

Шуд сахт зи бемории ту мушкили ман,
Пур гашт зи оҳи дили ман манзили ман,
Наздикии рӯҳ бин, ки бо ин раҳи дур
Таб ҷисми туро фишурда, хун шуд дили ман.

Аз қуллаи ғам таби бадандеш ҷаҳид,
Яксар суи синаи фигорам бипарид.
Ногоҳ ба раҳ бӯи маро аз ту шунид,
Боист ба ман расад, ба ҷисми ту хазид.

*1945*

* * *

Дил ин ки табаҳ шуд, ки шавад шоду нашуд-шуд,
Хун шуд, ки шавад аз қафас озоду нашуд-шуд.
Гар халқ ҷигарсӯхта гардид, ки хокаш
Аз ҷӯи саодат шавад ободу нашуд-шуд.
Пур шуд агар аз дод фазо к-аз асари он
Холӣ шавад ин хона зи бедоду нашуд-шуд.

Ин низ, ки шуд рехта хунҳои гиромӣ,
То халқ шавад дар зафар устоду нашуд-шуд.
Ин ҳам, ки ба дарёи алам ғарқа бишуд ҷон,
То ҷаҳл шавад яксара барбоду нашуд-шуд.
Шуд обилапо халқ, расад то ба навое,
Беғам шавад ар, дарбадар афтоду нашуд-шуд.

*1947, Ленинобод*

* * *

Душмани миллат, ки хун аз тӯда ҷорӣ мекунад,
Дар фанои ҳастии худ пофишорӣ мекунад.
Тӯдаи Эрон, ки хун пошад ба майдони набард,
Киштаи озодии худ обёрӣ мекунад.
Аз ҳуҷуми мардуми шӯрида гардад поймол,
Ҳар ки бадхоҳи ватанро дастёрӣ мекунад.
Кӣ тавонад баст дасти рустамии тӯдаро?
Бесамар Деви сафед исфандиёрӣ мекунад.
Поя бар хуни касон дорад усули иртиҷоъ,
Ин сарои нокасӣ кай пойдорӣ мекунад
Разм кун, эй халқи Эрон, чун дар ин дунё фақат
Тӯдаи марди мубориз комгорӣ мекунад.
Ёде аз ин банда кун, эй меҳан,эй модар, ки дил
Баҳри ҷонбозӣ ба роҳат беқарорӣ мекунад.

*1947*

## БА ХАЛҚИ ЗОДГОҲАМ

Кишвари афтодаи ман боз ҷон хоҳад гирифт,
Дар сафи пешини озодӣ макон хоҳад гирифт.
Саф кашад аз ҳар тараф зери ливои ҳизби хеш,
Тӯдаи мо кайфар аз одамкушон хоҳад гирифт.
Муттаҳид бо дасти деҳқон дасти синфи коргар
Иртиҷои масту ваҳширо инон хоҳад гирифт.

Он ки бар зидди ватан кӯбад дари бегонагон,
Зарби сахт аз чаккуши оҳангарон хоҳад гирифт.
Музди ин сон подавӣ баҳри фурӯши мамлакат
Мушт аз мардону силӣ аз занон хоҳад гирифт.
Муттаҳид шав, муқтадир шав, тӯда, чун Заҳҳоки нав
То тавонад хун зи халқи нотавон хоҳад гирифт.
Санги ҳамдастӣ ба дандонаш бизан, к-ин саг яқин
Каллаашро гар накӯбӣ, устухон хоҳад гирифт.
Ҳар замон моми меҳан фармон диҳад, Лоҳутиаш
Хома дар дастею дар дасте инон хоҳад гирифт.

*1948, Москва*

* * *

Эй тӯдаи номовари Эрон, наҳаросем!
Аз ҳамлаи ӯрдуи шарирон наҳаросем!
Эй коргари номию деҳқони мубориз,
Яксаф бишитобем ба майдон, наҳаросем!
Мурдан ба шараф беҳ бувад аз ҳастии нангин,
Аз дор натарсему зи зиндон наҳаросем!
Дуздони ватанро зада аз хона биронем,
З-ин лакказанон бар намаку нон наҳаросем!
Пурқувватар аз шер бувад панҷаи ваҳдат,
Ҳамдаст битозему зи гургон наҳаросем!
Ҳақ дар тарафи мову зафар дар тарафи мост,
Эй тӯдаи номовари Эрон, наҳаросем!

*1948, Москва*

## ГИРИФТОРИ ТУАМ

Гирифтори туам, пурсиш кун аз ҳоли парешонам,
Парешонхотирам, раҳме намо бар чашми гирёнам.
Ба рӯи ҳамчу рӯзу мӯи чун шомат қасам, ҷоно,
Ки дур аз рӯю мӯят рӯзро аз шаб намедонам.

Дигар тоқат намонд, эй маҳ, ту озорам мадеҳ, охир
На аз сангам, на аз оҳан, дилу ҷон дорам, инсонам!
Намедонӣ, танам дар оташи ишқи ту месӯзад?
Чаро раҳмат намеояд азизам, дилбарам, ҷонам?
Дилам пурғам шуд аз ҳиҷрат, биё дигар, ки аз шодӣ
Зи ганҷи дида бепоён ба поят гавҳар афшонам.
Расад гар бар дилам оташ, равад гар бар сарам тӯфон,
Дил аз меҳрат намегирам, сар аз амрат напечонам.

*1948*

## ҶАВОБ БА ШЕЪРИ ШОИРИ АФҒОНӢ

Номаи дӯст расидасту утоқам чаман аст,
Хонаам равшан аз он хомаи партавфикан аст.
Хат аз ӯ, покат аз ӯ, коғаз аз ӯ, шеър аз ӯ,
Чаман андар чаман андар чаман андар чаман аст.
Ном нохонда, аз он атру ҳаловат, ки дар ӯст
Нома худ гуфт, к-аз он тӯтии шаккаршикан аст.
Аҷаб ин аст, ки аз гармии он об нашуд,
Дил, ки дил нест, падарсӯхта, гӯё чудан аст!
Ман замини сухан, ӯ меҳри дурахшони сухан,
Ин аҷаб нест, ки рӯи сухани ӯ ба ман аст.

*1949*

## ДУХТАРИ ХАЛҚИ ДАЛЕР

Дар набарди зиндагонӣ духтари халқи далер
Дар Корея муддате ҷангид, охир шуд асир:
Дасту по бастанд маҳкам душманонаш бар сутун,
«Ҷанг кун, бинем!» – хандиданд дуздони ҷабун.
Дигар оҷиз буд дасти духтари халқи шуҷоъ
То кунад моми ватанро аз бадандешон дифоъ.
Лекин аз тири нигоҳи паҳлавони хашмгин
Пора мегардад дил дар синаҳои пур зи кин.

Рӯи чашмаш парда пӯшонданд, зеро ҷонвар
Тоб н-орад гар башар бар вай биандозад назар.
Чашми сар шуд баста, аммо дидаи сар боз буд,
Диди ӯ дар ҳар тараф чун боз дар парвоз буд.
Буд аён бар чашми дил разми бародарҳои ӯ,
Фатҳи халқаш буд аён андар дили бинои ӯ.
Ку чунон банде, ки барбандад раҳи он дидро!
Он нигоҳи нофизу он рӯҳи пуруммедро!..
Бар сутун он шерзан буд бетаконтар аз сутун,
То равон шуд аз танаш бо тири душман ҷӯи хун.
Лек меҷангид дар хун хуфта ҷисми хастааш,
Чашми оламро кушуд он чашмҳои бастааш.
Хуни ӯ ҳар қатрае барқе шуду парвоз кард,
Парда аз кори ҷаҳонгирони хоин боз кард.
Шуд аён бар чашми олам, бо чӣ сон даррандагӣ
Мекашанд он ҷонварҳо нақша зидди зиндагӣ.
Дид равшан, дасти ҷангафрӯзҳо дар ин замон
Мекунад ҳозир чӣ тақдире барояш дар ҷаҳон.
Баҳри дафъи ҷанг, эй Шарқи ситамкаш, кун қиём,
К-аз қиёмат захми дерини ту ёбад илтиём.
Хезу бо ҳалқи ҷаҳон шав ҳамқадам дар роҳи сулҳ,
Ҳар қадам шав садди маҳкам дар раҳи бадхоҳи сулҳ!

*1950, Москва*

## БА ХАЛҚҲОИ ЭРОН

Эй шерони турк, эй гурдони курд,
Эй мардони форс, аз бузургу хурд.
Дӯстона ба якдигар даст диҳед,
Ӯрдуи ситамро шикаст диҳед!
Нифоқи шумо нафъи душман аст,
Иттифоқатон фатҳи меҳан аст.

Агар дилҳотон як бошанд бо ҳам
Бигзор забонҳо се бошанд! Чӣ ғам?!
Инглису Амрик якҷон нестанд,
Бо шоҳи Эрон ҳамзабон нестанд.
Лекин бар шумо тавъам метозанд,
Дар қатлу ғорат бо ҳам месозанд.
Шумо низ бо ҳам иҷтимоъ кунед,
Номӯси ватанро дифоъ кунед.
Мамлакат агар ки помол шавад,
Ҳар забон дар он кошки лол шавад!
Эй бародарон, хоҳарон, ёрон,
Модарҳо, падарҳо, номусдорон,
Бар зидди бадхоҳ худро набозед,
Бо ҳам бисозед, тавъам битозед!
Ғосибро, ки дафъ кардед аз хона,
Ирс тақсим кунед бародарона.
Дар хонаҳотон мустақил бошед,
Чандин тан бошеду якдил бошед.
Ба як ҷон ҷӯшон дар чандин қолиб,
Ҳеҷ кас, ҳеҷ қувва нагардад ғолиб.
Шоҳиди сидқи ин ҳарф дар дунё
Бувад халқҳои кишвари Шӯро.
Шӯро – аламдори сулҳи ҷаҳон,
Дар ҳама ҷаҳон чун меҳри дурахшон.
Эй шерони турк, эй гурдони курд,
Эй мардони форс, аз бузургу хурд.
Имрӯз он касе душмани шумост,
Ки гӯяд роҳи шумо ҷудост.
Роҳатон якест: роҳи озодӣ,
Роҳи зиндагӣ, халлоқӣ, шодӣ.
Даст ба даст дода аз ин роҳ равед,
Дар ин роҳ раведу пирӯз шавед.

*1950*

## БА ДАФЪИ
## ҚУВВАИ БЕГОНА БАРХЕЗ!

Шунав, эй халқи некуноми Эрон,
Нажоди Кова, авлоди далерон.
Раво бошад, ки гӯям насли шерон,
Гувоҳи ман бувад таърихи дерин.

Ту бо ин фахри шоёне, ки дорӣ,
Чунин олӣ ниёконе, ки дорӣ,
Чунин покиза виҷдоне, ки дорӣ,
Чаро тобеъ шавӣ бар насли худбин?

Туро сармоядорон мефиребанд,
Барои ғоратат бо ҳам рақибанд,
Зи инсофу шарофат бенасибанд,
Бувад виҷдонашон торику чиркин.

Туро қурбони нафъи хеш хоҳанд,
На баҳри нӯш, баҳри неш хоҳанд,
Саги худро ҳам аз ту беш хоҳанд,
Зи макри ин дадон осуда наншин.

Ту, ки бо ҳеҷ кас ҷанге надорӣ,
Ба зидди сулҳ найранге надорӣ,
Ба ғайр аз дӯстӣ ранге надорӣ,
Чаро аз хун шавад хоки ту рангин?

Агар рангин шавад баҳри ту, бошад!
Ба нафъи киштаву наҳри ту, бошад!
Барои санъату шаҳри ту, бошад!
Набояд бошад, ар бошад ба ҷуз ин.

Гар эронӣ туӣ, янкӣ дигар кист?
Даруни хонаи ту кори ӯ чист?
Яқин дорам, ки ин бо майли ту нест,
Ту надҳӣ тан ба ин сон вазъи нангин.

Раҳу расми ниёконро макун гум,
Наҳанго, тан маларзон аз талотум.
Натарс аз соҳибони бомби отум,
Ба каргас ошён кай дода шоҳин?

Зи гурдони Корея мардӣ омӯз,
Аз онҳо тоқату хунсардӣ омӯз,
Усули ваҳдату ҳамдардӣ омӯз:
Нигар бар насли русу мардуми Чин.

Бас аст ин ҳоли мискинона, бархез,
Ба дафъи қувваи бегона бархез,
Бизан, онро бирон аз хона, бархез,
Сабук бархез аз ин хоби сангин!

Ба Саъдӣ гӯш деҳ, гар аҳли дардӣ:
«Натарс аз марг дар майдони мардӣ,
Зи мурдан гар битарсӣ, кушта гардӣ.»
Зиҳӣ ин панду ин фархундаоин!

Бувад майдони мардӣ сулҳхоҳӣ,
Ба сидқи ин диҳад дунё гувоҳӣ,
Набошад ҷанг ҷуз нангу табоҳӣ,
Ту з-ин роҳи хато доман фурӯ чин.

*1950, Москва*

## ЗИНДАГӢ ПИРӮЗ МЕШАВАД

Бингар, ин киштии ҷангӣ чун шитобон меравад,
Пур зи сози ҷангу сарбози фаровон меравад,
Аз пайи тарсондани озодмардон меравад,
То кунад помоли неру, ҳаққу виҷдон, меравад,
Кори вай ноҳақ бувад, з-ин рӯ ҳаросон меравад.
  Ин қувои ғосибони нафти Эрони ман аст,
  Ин сипоҳи дузди ваҳшӣ, душмани ҷони ман аст.

Бин, чи шоҳинҳои пӯлодин қатор андар қатор,
Бин, чи оҳантан наҳангон рӯи дарё раҳсипор,
Ҳарду доранд аз моводи зиндагонибахш бор,
Он ба Эрон то малахҳоро кушад дар он диёр
В-ин ба Ҳиндустон барои додани нон меравад.
  Ин атои меҳри Шӯро, мулки пуршони ман аст,
  Он ки равшан чашмаи илҳому имони ман аст.

Кистанд ин навҷавонон ҷумла чун сарви равон?
Кистанд ин мӯсафедон дилҷавонтар аз ҷавон?
Кистанд ин шоду озоду ҳунарвар духтарон?
Мардуми шӯроиянд ин тӯдаи номоварон,
По ба дунёи коммун бинҳода паррон меравaнд.
  Парриши онҳо умеди халқи нолони ман аст,
  Ҷилваи онҳо сафои рӯҳу виҷдони ман аст.

Кистанд ин кӯдакон чун ғунчаҳои гулситон?
Кистанд ин огаҳ аз сирри табиат модарон?
Кистанд ин бар ҳавою баҳру хушкӣ омирон?
Халқи тоҷиканд ин роду ҳунарвар мардумон,
Эмин аз ояндаи худ, сарфарозон меравaнд.
  Сарфарозиҳои онҳо иззату шони ман аст,
  Партави ояндаи онҳо чароғони ман аст.

Понздаҳ дорад бародар Тоҷикистон ҳамчу шер,
Як бародар бар сари онҳо ҷавонмарду далер,
Гаштааст аз ёрии он дӯстони беназир,
Тоҷикистон мустақил, озод, олим, шод, сер,
Будаам бо он диловар з-он даме, ки буд сағир,
  З-он сабаб бо вай муҳаббат қарзи виҷдони ман аст,
  Тоҷикистони советӣ нури чашмони ман аст.

Кистанд онҳо, ки байни дарраҳо чун ҷонвар,
Ниммурда, нимзинда мебаранд умре ба сар?
Ганҷи онҳо ҷайби моликро кунад пурсиму зар,
Лекин онҳо худ зи бахту зиндагонӣ бехабар,
Ҳар ки ҳаққи хешро хоҳад, ба зиндон меравад.
  Ин ҳаёти бефурӯғи халқи Эрони ман аст,
  Дарду ранҷаш боиси ин оҳи сӯзони ман аст.

Ин ки зидди зулм меғуррад чунин мардона, кист?
Ин намоишҳои бебоконааш аз баҳри чист?
Ин садои зидди марг аст, ин нидои зиндагист,
Қувваи халқ аст ин, к-аз он қавитар қувва нест:
Баҳри истиқлоли ҷовидон ба майдон меравад.
  Ин наҳиби тӯдаи бедори Эрони ман аст,
  Тӯдаи бедори Эрон бахти хандони ман аст.

Эй ситамкаш халқи Эрон, сӯи ин сомон бубин,
Русу ӯзбек, гурҷию тоҷикро ҷӯшон бубин,
Як дилу ҷоншон ба зидди ҷангафрӯзон бубин,
Сулҳхоҳиро ту ҳам дар кори ҳампаймон бубин,
Разм кун бо тирагӣ, ояндаро рахшон бубин.
  Баҳри истиқлолу бахту шавкати Эрон биразм.
  Ҳамқадам, ҳамфикр бар зидди ҷаҳонгирон биразм!

*1950, Москва*

## БА ОВОЗХОНИ ЭРОНӢ

Ту мехонӣ беҳ аз булбул ба ёди ошён, эй гул,
Гули хонандаӣ ту, хуб мехонӣ, бихон, эй гул.
Нафасро тоза созад, ашки шодӣ резад аз чашмон,
Зи бас хуб асту дилчасп аст овози ту, ҷон, эй гул!
Ту чун чаҳ-чаҳ занӣ дар фасли дай, бӯи баҳор ояд,
Ба гулзори ватан доим бимонӣ беxазон, эй гул!
Ту бо ин чеҳри меҳрафзо, ту бо ин лаҳни шавқовар,
Шабистони маро имрӯз кардӣ гулситон, эй гул.
Нигаҳ кун, то ҷавононро навоят чун ба ваҷд орад,
Ту к-ин сон пири чун манро диҳӣ рӯҳи ҷавон, эй гул!
Шудам шодон зи ирфонат, шудам ҳайрон зи илҳонат,
Шудам абди санохонат, бидон эй гул, бидон, эй гул!

*1950, Москва*

## ОВОЗИ ОЗАРБОЙҶОН

*Ба муносибати даҳаи адабиёташ дар Москва*

Боз меояд ба гӯш овози Озарбойҷон,
Шодӣ орад нағмаи таннози Озарбойҷон.
Қудрати ҳизби Ленин бахшидаш ин имкон, ки шуд
Кори Озарбойҷон эъҷози Озарбойҷон.
Дасти ҳизб акнун занад бар тори он мизроби меҳр,
Сози дигар дорад акнун сози Озарбойҷон.
Баҳри оташкуш бувад дар роҳи гулханбони ҷанг,
Сулҳпарвар тӯдаи мумтози Озарбойҷон.
Тоза шуд рӯҳам зи дидори Самад, рӯи Раҳим,
В-аз ҳар устоди суханпардози Озарбойҷон.
Дӯстон, маҳкам нигаҳ доред марвориди дил,
Дуздадаш Дилбозии дилбози Озарбойҷон.
Ҷон кашад гардан, ки савти ошноро бишнавад,
Боз меояд ба гӯш овози Озарбойҷон.

*1950*

## АҲРИМАНИ ҲАРИМАНРӮ

Аҳриманро бин, ҳариманрӯ ба Эрон омада,
То кунад ин мулкро якбора вайрон, омада,
Омада, гирад ба дасти хеш нони халқро,
Нархи нон орад ба фармон, ҷисму ҷони халқро.
Омада, то муфт чанги хеш нафт орад ба даст,
Омада, то бар сари озодагон орад шикаст.
Омада, нангин кунад ҳар ному ҳар номусро,
Хокими мардум намояд дастаи ҷосусро.
Омада, то суннати моро ҳама мулғо кунад,
Расми Эронро мутеи расми Амрико кунад.
Эй нажоди Коваи оҳангари Заҳҳокбанд,
Дил ба гуфтори чунин дуздони одамхӯр мабанд.
Дафъи зулми Инглистон кори пурфахрӣ бувад,
Лекин Амрико набояд ҷонишини ӯ шавад.
Ин якеро дур кун, бар он яке барбанд роҳ,
То чу берун ойӣ аз чола, наяфтӣ қаъри чоҳ.

*1951*

## ИДИ ҲАҚИҚӢ

Дидам ба умри худ ман бисёр идҳоро,
Ҷашни ҷулуси шоҳон, мелоди анбиёро.
З-он ҷашнҳо валекин як даста буд розӣ,
Дорои кону фабрик, сармояву арозӣ.
Дар ҷашнҳои пешин атфоли халқи мискин
Мерехтанд бо дард аз дида ашки хунин.
Авлоди хасми онҳо бо ҷомаҳои зебо,
Ҳар гуна неъмате буд бар хонашон муҳайё.
Буданд нимурён, мардум гуруснаи нон,
Пас, буд чашми доро, не коргар, на деҳқон.
Дунёи буржуозӣ имрӯз ҳам ҳамон ҷӯр
Ҷомаш пур аст ҳар ид аз хуну ашки муздур.

Акнун талош дорад, селоби хун биборад,
Бар зидди майли мардум ҷанги наве биёрад.
Уктабр иди халқ аст, бахти саиди халқ аст,
Дар роҳи сели бедод садди садиди халқ аст.
Тифле ба мулки шӯро гирён барои нон нест,
Як пир ҳам дар ин ҷо маъюсу нотавон нест.
Ин аст иди заҳмат, иди вуфури неъмат,
Эй кош, гардад ин ид бар халқи даҳр қисмат!
Ин ҷашни иқтидор аст, ин меҳри нурбор аст,
Ин марги ҷангу зулм аст, ҳомии сулҳу кор аст.
Ин ҳадяи Ленин аст, ин иди дилнишин аст,
Фахри ҳама замин аст, иди ҳақиқӣ ин аст.
Бар коргар муборак, бар ранҷбар муборак,
Бар халқҳои дунё сар то ба сар муборак!

*1951*

## ФЕСТИВАЛИ ҶАВОНОНИ ДЕМОКРАТИ ҶАҲОН ДАР БЕРЛИН

То оташи ҷангро кунад хомӯш,
Ғуррон шуда сели одамӣ, чун баҳр
Мемавҷаду бар фалак расонад ҷӯш
Дар қулзуми Берлин аз ҳазорон шаҳр.

Бар кӯҳи ситам агар гузар орад,
Ин сели дамон барорадаш бунёд.
Бар кишти башар вале самар орад,
Сулҳ ораду бахту завқу истеъдод.

Гар мухталиф аст шакли амвоҷаш,
Лекин раҳу сайри он бувад якто,
Яктост раҳаш, ягона омоҷаш
Сулҳ аст барои мардуми дунё.

Нерӯи ҷавон, фузун зи сад кишвар
Гирд омад баҳри разм бо бедод.
Гирд омада то ба кӯҳу баҳру бар
Ҳамдастию дӯстӣ кунад эҷод.

Берлин, як нима мустақил, озод,
Бар кӯраи кору зиндагӣ дар ҷӯш.
Як ними дигар ба панҷаи ҷаллод,
Лекин он ҳам намешавад хомӯш.

Хомӯш чӣ сон шавад, чу мебинад
Ин шӯру сурури ин ҳаёҳуро.
Фарзанд чӣ сон хамӯш биншинад,
Чун номи ватан сало занад ӯро.

Олмони ягона, сулҳҷӯ кишвар,
Ҳамкори ҷаҳониёни заҳматдӯст,
Тобеъ нашавад ба кишвари дигар,
Озодию сулҳ! ин шиори ӯст.

Он ҷо, ки шумораи шаҳидонро
Аз ҳар иқлим дар шумор оранд,
Асмои диловарони ононро
Дар матни китоби рӯзгор оранд.

Эй қувваи бешикасти инсонӣ,
Дар саҳнаи разми нур бо зулмат
Ёд ор зи куштагони эронӣ,
Қурбониҳои қувваи ваҳшат.

Ёд ор, ки дар саросари Эрон,
Танҳо на дар Исфаҳону Ободон,
Бо амру ишораи ҷаҳонгирон
Аз сулҳталаб шудаст пур зиндон.

Аз равзанаҳои тори зиндонҳо
Акнун нигарон бувад ҳазорон чашм,
Он сӯ, ки барои сулҳи инсонҳо
Бар ҷанг зананд сили пурхашм.

*1951, Москва*

## СУХАНИ МАРДУМОНИ ОДДӢ

Ҷаҳонгирон боз ҳам ҷанг мехоҳанд,
Аз шараф безоранд, нанг мехоҳанд.
Мушти ҳамдастӣ маҳкамтар, ёрон!
Ин сагҳои ваҳшӣ санг мехоҳанд.

Мо ҳама дорем ишқи зиндагӣ,
Зиндагӣ дорем бо арзандагӣ.
Таслим нагардем ба ҷангафрӯзон,
Мо ҳама дорем шарм аз бандагӣ.

Мо ба ҳифзи сулҳ иқтидор дорем,
Дар дунё сафҳо бешумор дорем,
Мубориизони фидокор дорем,
Чун мулки совет, байрақдор дорем.

Озодибахш аст ин ҷиҳоди мо,
Бедодро канад аз бун доди мо,
Азму ирода кунем зиёда,
Ҷангро мекӯбад иттиҳоди мо.

*1951, Москва*

## КӮДАКОНИ ҚОЛИНБОФИ ЭРОН

Бишнав, эй маҳви ин қолии нозанин,
Бонги бофанда аз тору пудаш чунин:
Синни мо шаш бувад, ё каме беш аз ин,
То ба даст ояд ин қолии дилнишин,

Шуд хазон рушди мо, шуд камон пушти мо,
Хуни дил мечакад аз сарангушти мо.

Сурхии рангаш аз хуни ҳар фарди мост,
Зардиаш аксе аз чеҳраи зарди мост,
Ҳар кабудӣ бар он ояти дарди мост,
Нақши зарбат бар ин пайкари сарди мост.

Хасми мо чун бар ин фарш по мениҳад,
Пои худ бар сари умри мо мениҳад.

«Шаш сияҳ, нуҳ сафед, арғувонӣ чаҳор!»
Дил аз ин наъраи якнасақ дар фишор,
Бар вай аз меҳанаш меҳрубонӣ расад,
Роҳамон аз сияҳчолаҳо то мазор.

Серию хандаву бозии дилписанд
Баҳри мо кӯдакон ҳарфи бемаъниянд.

Ҳар ки хоҳад, ба вай комронӣ расад,
Кӯдаки ӯ ба синни ҷавонӣ расад,
Бар вай аз меҳанаш меҳрубонӣ расад,
Гӯ, ба имдоди ин нотавонӣ расад!

То нагардида ин насли наврас талаф,
Дасти ёрӣ диҳад ҳар ки дорад шараф!

*1952, Москва*

## МИСРИ БАРПОХОСТА

Решаҳои санавбару шамшод
Дар чаман соқа ронда нав, маҳкам.
Дигар, эй инглиси бадбунёд,
Нашавӣ соҳибаш валав як дам!

На ту, на мисли ту наҳанги дигар
Нашавад ҳукмрони рӯди қадим,
Гашта аз зери дуду хокистар
Халқ бар мо азиму хашмаш азим.

То ба фармони ту равон гардад,
Мавҷаш омехта ба хун кардӣ,
Нил тӯфон намуда меғуррад,
Сели онро ту садд намегардӣ.

Саҳмгин аст, оре, эй хунрез,
Раъди фарёди халқро нав-нав,
Он яке дод мезанад: «Бугрез!»
Ин дигар бонг мекашад: «Гум шав!»

Дард буд, дард, ин ки даҳҳо сол
Ин кутубхонаи улуми башар,
Мисри деринсол шуд помол
Зери пои дадони одамхӯр.

Шараф аст ин ки Миср бар по хост,
Навҷавон гашта шер саф орост,
Банда донад, ки банда нест агар,
Хоҷа афтад зи хоҷагӣ дигар!

*1952*

## ИРТИҶОИ ДУН

*Рӯзномаҳо хабар доданд, ки зиндонбонони Теҳрон баъзе аз ватанпарастони Эронро абрӯ тарошида ба кӯча меандозанд.*

Иртиҷои дун, ки аз номоварон абрӯ тарошад,
Теғ аз Амрико бувад, аммо ба дасти ӯ тарошад.
Рӯяд аз нав абрӯи мардон, вале ҳаргиз нарӯяд
Обрӯи хасм, к-ӯ бо дасти худ аз рӯ тарошад.
Душман истиқлоли Эронро ба мӯе баста в-онро
Дасти ин эрониёни хоин аз ҳар сӯ тарошад.
Кӯшад Амрико, ки бо доси ситам аз дашти дунё
Киштаи озодии эонию ҳинду тарошад.
Тири ҷонгире шавад бар чашм Амрикои қотил
Ҳар сари мӯе зи ҷисми меҳан ин ҷодӯ тарошад.

*1653, Москва*

* * *

Эй шодии ҳаёти ман, эй моҳи мушкмӯй,
Бахри ту дил ҳаёти абад дорад орзуй.
Ман зиндаам ба ишқи ту дар шеър ҷовидон,
Онро бикун тараннуму бар мурданам намӯй.
Мо аз мубоɾизони ҳаётем, бок нест,
Гар маргро ситода бубинем рӯ ба рӯй
Пирӯз мешавем в-агар ҳам сипоҳи ғам
Моро кунад муҳосира аз ҳар чаҳор сӯй.
Гар сурати мукаммали худ орзу кунӣ,
Ҷоно, биёву шишаи қалби маро биҷӯй.
Дар пои сарви қадди ту сар судаам ба хок,
Бингар, маро чи гуна баланд аст обрӯй.
Хоҳӣ агар ки накҳати худ бишнавӣ, зи меҳр
Бар марқадам гузар, гули хоки маро бибӯй.

То дил бувад, ба маҷлиси соҳибдилон, бувад
Ишқи ману вафои ту мавзӯи гуфтугӯй.
Пурсанд агар, ки буда касе ошиқат ба сидқ?
Тасдиқ кун, ки будаву номи маро бигӯй.

*1953*

* * *

Бигрехт дил зи дастам пеши ту, диди ӯро?
Рақсон, давон, ғазалхон, ҷонам, шуниди ӯро?
Дил дар вафо занад ҷӯш, онро макун фаромӯш,
Чун байни ишқбозон худ баргузиди ӯро.
Гар дар ҳарими дилбар дил гаштааст маҳрам,
Бахшида сидқаш ин сон бахти саиде ӯро.
Гуфтӣ: биёву омад дар сина дил ба парвоз,
Як дам задию бар тан пар бар дамиди ӯро.
Бо як табассум аз хок боло бараш ба афлок,
Акнун к-аз оташи ҳиҷр берун кашиди ӯро.
Дур аз ту буду зиндаст Лоҳутӣ, ин аҷаб нест,
Ёдат раҳонда з-ин сон ҳоли шадиде ӯро.

*1953, Москва*

* * *

*Ба ёди ёдгори падарам – бародари бузургворам*
*доктор Абдулҳусайни Илҳомӣ*

Чӣ маҳбубӣ, чӣ ҷононӣ, падарҷон!
Гулӣ, ишқӣ, дилӣ, ҷонӣ падарҷон.
Ба чашми ман зи ҳар чизе, ки гӯянд:
-Чӣ хуб аст ин!-беҳ аз онӣ падарҷон.
Шафиқу дилпазиру меҳрубонӣ,
Рафиқи некмардонӣ, падарҷон.
Дар ин даврони торикӣ ба дунё
Ту чун шамъи фурӯзонӣ, падарҷон.
Ҳабиби мардуми аз по фитода,
Табиби дардмандонӣ, падарҷон.

Ба ҳар ҷое ғарибе, мустамандест,
Ту ҳозир баҳри эҳсонӣ, падарҷон.
Ту садҳо шаҳр аз ман дуру доим
Бари чашмам намоёнӣ, падарҷон.
Бувад зоҳир аз ин шодӣ, ки дорам,
Ки дар рӯҳам ту пинҳонӣ, падарҷон.
Навиштӣ, рӯзу шаб дар фирқати ман
Зи чашмон гавҳар афшонӣ, падарҷон.
Ту донӣ, умри ин дунё ду рӯз аст,
Чаро дигар парешонӣ, падарҷон?
Ба мардум хидмат афзунтар кун, ин ранҷ
Намеорад пушаймонӣ, падарҷон.
Ватанхоҳию мардумдӯстиро
Зи ту омӯхтам, донӣ, падарҷон?
Бидуни чун ту мардоне муҳаққақ,
Ҷаҳон фонӣ шавад, фонӣ, падарҷон!

*1953*

## БАЪД АЗ РАФТАНИ ДӮСТ

То бирафт ӯ, нури дил, ҳуши сар аз ман рафтааст,
Ончунон сардам, ки гӯӣ озар аз ман рафтааст.
Гар ба дер анҷомад ин дурӣ, ба имдоди сабо
Зуд бинӣ, сӯи ӯ хокистар аз ман рафтааст.
Ҳар касе бо ахтаре нозад ба даври зиндагӣ,
Бо кӣ ман нозам, чу ӯ, чун ахтар, аз ман рафтааст!
Баъди қарне дидамаш, сармасти шодӣ сӯи ӯ
Ҷастаму дидам, ки шодиовар аз ман рафтааст.
Теғи ман гиряд зи дарду хомаам ларзад ба даст,
Шери майдон, шоири зарринпар аз ман рафтааст.
Ғам нахӯр, Лоҳутии пир, чун ту ӯ бекор нест,
Баҳри пайкоре, яқин лозимтар аз ман, рафтааст.
Бохтар тозад ба Ховар бо силоҳи қайду кин…
Ҳо! Пайи ёрӣ ба халқи Ховар аз ман рафтааст.

*1953*

## ОРЗУ

Басо орзу дар зиндагонӣ
Дар кӯдакӣ доштаму ҷавонӣ.
Чун ман, ҳар тифли мискин, пуразоб
Ғарқи орзуҳо мерафт ба хоб.
Лекин орзудорон так буданд,
Ҷудо аз якдигар, як-як буданд.
Ҳар орзу з-он рӯ хаёле буд,
Иҷрои он кори маҳоле буд.
Дида, ки боз мешуд аз хоби хуш,
Боз медид ҳаёти орзукуш.
Рафт он рӯзҳои кӯдакӣ чун бод,
Рафт, аммо ҳаргиз наравад аз ёд.
Дар ин син, ки мӯям шуда сапед,
Чӣ орзуе дорам, чӣ умед?
Ин орзу, ки дар ҳама ҷаҳон
Ҳар як инсон дар дил дорад пинҳон:
Ки сулҳу дӯстӣ байни одамҳо
Ҷовидон гардад дар ҳама дунё.
Боз ҳам ман дорам орзуи том,
Ки ошиқони ҷангу қатли ом
Аз мастии хунин ҳушёр шаванд,
З-ин хоби хоббинкуш бедор шаванд:
Бифаҳманд, ки халқҳои гуногун
Як неруи воҳид шуданд акнун.
Онҳо, ки то дирӯз буданд так-так,
Имрӯз на як-як ҳастанд, ҳастанд як.
Иттисоли ҷӯйҳо наҳр мешавад,
Касрати биноҳо шаҳр мешавад.
Пас орзушон иҷро хоҳад шуд,
Бадхоҳи онҳо расво хоҳад шуд.
Сулҳ дар ҳама дунё лашкар дорад,
Ҷанг бо ҳама дунё хатар дорад.

*1954, Москва*

* * *

Деви ҷанги нав ба олам аспи ваҳшат медавонад,
Гӯшу бинӣ мечавад, сӯзан ба нохун мехалонад.
Баҳри касби зар шариронро мусаллаҳ менамояд,
Баҳри ғасби нафт хун аз халқи Эрон мефишонад.
То ба ҷуз хоин дар Эрон як нафар ходим намонад,
Ходимонро мешиканҷад, хоинонро мехӯронад.
Ҳар саҳар ҷаллод ҷамъе аз далерони ватанро
Зери ханҷар дар фазои тори Теҳрон менишонад.
Ханҷар андар ханҷари мардон, насими субҳгоҳӣ
«Зинда бод Эрон»-и онҳоро ба олам мерасонад.
Мекушад имрӯз душман, лек фардо халқи меҳан
Кайфар аз душман кашидан метавонад, метавонад!
Аз тани хобида-шере гар канад мӯе шағоле,
Шер меҷунбад зи ҷову ҷони ӯро меситонад.

*1954, Москва*

## ДАҲ ДАЛЕР

Бо тири душманони ватан, бандагони зар,
Даҳ тан фузуда шуд ба далерони коргар.
Хоке, ки уфтода бар он ҷисми даҳ далер,
Маҳбуб шуд ба дидаи ҳар бошараф башар.
Бар он замин, ки рехта шуд хуни покашон,
Борон науфтода накӯтар, азизтар.
Дар рӯ ба рӯи марг чу омад ба ёдашон
Аз модару зану падару духтару писар,
Шуд ишқи хонаводаи шахсӣ, чу қатра, ҳал
Дар баҳри хонадони калон – халқи ранҷбар.
Омехт «Зинда бод Ватан!» бо садои тир
Ҳамчун бухори хунашон бо нафҳаи саҳар.
Фарзандҳои ин руфақоро махон ятим,
Эй дӯст, з-он ки халқи ваташшон бувад падар.

Ин хунфишонии руфақо обёрӣ аст,
К-аз он ниҳоли бахти ватан медиҳад самар.
Бояд ба хатти зар бинависем баъди фатҳ:
Ин ҷост қатлгоҳи шаҳидони номвар!
Ин ҷо нуҳуфтаанд тан, эй тӯдаи ҷавон,
Онҳо, ки ҷон ба раҳи ту доданд сар ба сар!
Аз пеши марқади падарон чун гузар кунед,
Эй наслҳои отия, ҳон, хам кунед сар!

*1954, Москва*

## ҶАВОБ БА ИҒВОГАРОН

*Дар охири соли 1953 унсурҳои иртиҷоии Эрон китоби сохтагии зиддисоветӣ аз номи Абулқосим Лоҳутӣ, ки гӯё аз кишвари советӣ фирор карда бошад, мунташир кардаанд. Якчанд рӯзномаҳо кӯшиш намуданд аз интишори ин китоби сохтагӣ барои шуълавар намудани рӯҳияи зиддисоветӣ истифода кунанд.*

*(Аз газетаҳо)*

Бишуд бо марди машҳуре дар Эрон,
Мулоқӣ шахси нопоке аз аъён.
Ба ӯ гуфт: «Эй шигифт! Оё ту ҳастӣ?
Ба шакли туст ғайре, ё ту ҳастӣ?
Шунидам, аз вабо маҳрум гаштӣ,
Ба чанголи аҷал маъдум гаштӣ!»
«Ту мебинӣ, бигуфташ, зиндаам ман,
Сухангӯ, гапшунав, ҷунбандаам ман».
Бигуфт: «Аз марги ту дар ҳоли зоре,
Хабар дод одами пурэътиборе».
Бигуфташ: «Аз худи ман муътабартар
Ба зинда будани ман кист дигар?»

Муқаррар кард бадхоҳи сияҳдил,
Ки дорад огаҳӣ он шахси оқил,
Намегӯяд дурӯғ он марди некӯ,
Тило бошад, тило, ҳар гуфтаи ӯ!
Чу ин ҳазёни ӯро боз бишнуфт,
Сафедабрӯй бо он дилсияҳ гуфт:
«Бимир аз дарду ғам, ман зинда ҳастам,
Ба ному бо шараф поянда ҳастам».
Бувад иғвои қаллобони Эрон
Шабеҳи қиссаи он ҷинси аъён.
Ман андар шаҳри Маскав, шаҳри озод,
Намоям зиндагӣ хушбахту дилшод.
Вале гӯяд адӯ, ман нестам ман!...
Зи «шахси муътабар» бишнид душман,
Ки чун ман - ман будам, бо оҳу зорӣ
Шудам аз кишвари Шӯро фирорӣ…
Ба Покистон дар аввал рӯ намудам
В-аз он ҷо роҳи Ҳиндустон кушудам.
Китобе гӯиё бинвиштам он ҷо
Зи туҳмат пур ба зидди мулки Шӯро…
Ту, эй нокас, ки онро менигорӣ,
Бигӯ! Ман аз чӣ кас бошам фирорӣ?
Зи чор авлоди дилбанду азизам
Ва ё аз модари онҳо гурезам?
Чаро бигрезам аз ин гуна кишвар,
Ки додастам дусад милюн бародар.
Ҳамон вақте, ки гардидам гурезон
Зи монанди ту номардон, аз Эрон,
Ману туҳмат ба иқлими саодат?
Маро чун ту хиёнат нест одат!
Фирор аз дӯст сӯи доми душман?
На! Чун ту хасми Эрон нестам ман.

Фирор аз манбаи иқболи инсон?
Ҷаҳон донад, ки ин кизб асту бухтон.
Ту ҳам донӣ, вале аз нодурустӣ,
Ба арзи ҳақ кунад зӯри ту сустӣ.
Барои ту, разили фикрторик,
Тило бошад, тило фармони Амрик!
Ту мекӯшӣ, ки халқи кишвари ман
Шавад бо халқи Шӯро зидду душман.
Бимир аз ғусса! Аҳли ин ду кишвар
Ҳамеша дӯст ҳастанду бародар,
Бикӯшанд аз барои сулҳ бо ҳам,
Барои дӯстии навъи одам.
Вале хоҳад шуд ифсоди ту ифшо,
Бале, хоҳӣ шуд аз ин фитна расво.

*1954, Москва*

* * *

Гуноҳам чист, эй ҷонона? – Мегӯям. – Намегӯяд.
Сазои афв ҳастам ё на? – Мегӯям. – Намегӯяд.
Шудам оҷиз аз оҳу нолаи дил. То шавад сокит,
Бигӯ ҳарфе ба ин девона! – Мегӯям. – Намегӯяд.
Сарои кист, – мегӯям, – дилам? – Гӯяд:-Сарои ман
Чаро онро кунӣ вайрона? – Мегӯям. – Намегӯяд.
Ба холаш дида, эй сайёди моҳир, чанд мурғи дил
Ба дом афкандааст ин дона? – Мегӯям. – Намегӯяд.
Бувад сидқи ману ҷаври ту вирди ҳар забон, ҷонам,
Магар хуб аст ин афсона? – Мегӯям. – Намегӯяд.
Ту бовар мекунӣ дар ҳаққи ман кизби рақибонро?
Бигӯ инро ба ман мардона! – Мегӯям. – Намегӯяд.
Ба нозе мекушию бо нигоҳе зиндаам созӣ,
Кунӣ инро ту бо бегона? – Мегӯям. На!.. мегӯяд.

*1954, Москва*

* * *

Имшаб андар хонаам шамъи қади ҷонона нест,
Сад чароғ ин ҷост, аммо равшанӣ дар хона нест.
Ҷонфишониҳою кӯшишҳои ман дар роҳи ёр
Достони ишқи таърихӣ бувад, афсона нест,
Сидқу ихлосу таҳаммул шарти ошиқ будан аст,
Ҳар магас дар оташе афтад, бидон парвона нест.
Мурдан андар роҳи ҷонон умри ҷовидон бувад,
Дил агар ҷон медиҳад аз баҳри ӯ, девона нест.
Дил махонедаш, ки аз озори ҷонон рам кунад,
Дил агар бошад, ба дилбар ҳеҷ гаҳ бегона нест.

*1954, Москва*

## БА ДУХТАРИ АФҒОН

Афғони маро мешунавӣ, эй бути афғон?!
Аз оташи ҳиҷрони ту аст ин ҳама афғон!
Ваҳ-ваҳ! Чӣ шабе буд, ки аз дидани рӯят
Шуд бахти ман он гуна чу хуршед дурахшон.
Гар баҳри асорат кунияш ним ишорат,
Бо шавқ шавад дил ба каманди ту шитобон.
Изҳори муҳаббат ба ту аз беадабӣ нест,
Дар қолаби назмам худи покӣ шуда пинҳон.
Бо ин сари кофурию бо ин дили хуррам
Зебад, ки бихонӣ ту маро «пири ҷавонон».
Ин ҷисми ту нурест дар атрофи вуҷудат,
Бешубҳа, тавон гуфт, ки ҷонӣ ту, фақат ҷон!

*1954, Москва*

* * *

Даври сар зулфи ту ҳар қадр ки печонтар шуд,
Дилам ин силсиларо диду парешонтар шуд.
Дошт дар мӯи парешони ту дил пои гурез,
Бо чунин ришта кунун бастанаш осонтар шуд.

Маҳ, ки дар доираи ҳола фитад, тира шавад,
Ваҳ, ки дар ҳолаи мӯ рӯи ту тобонтар шуд!
Булбули табъи ман овозаке аз аввал дошт,
Навгули рӯи туро диду хушилҳонтар шуд.
Эй аҷаб, ҳар чи накӯтар ту нишонаш кардӣ,
Мурғи ҷон сӯи хаданги ту шитобонтар шуд.
Ту сафар кардию то манзили сифр омад айш,
Ту сараш додию дил бесару сомонтар шуд,
Дил ҳамасола зи бемеҳрии ту менолид,
Бе ту монд, эй бути афғону пурафғонтар шуд.

*1954, Москва*

* * *

Он дилбари афғон чи силаҳшӯр барад дил,
Чашми бад аз ӯ дур, ки мағрур барад дил!
Мурғ ар шаваду моҳӣ агар, аз мижаю мӯй
Бо тир бурад роҳашу бо тӯр барад дил.
Наздик биёеду бубинед, чӣ ҷонест
Он дида, ки бо як нигаҳ аз дур барад дил!
Дилро бидеҳу обрӯи хеш нигаҳ дор,
Гар худ надиҳӣ, хандаду бо зӯр барад дил.
Пайдост, ки дилдор шудан лаззати олист,
Ин гуна, ки мастонаву мағрур барад дил.
Бе тираниқоб ояду сайд афканад озод,
Дузд аст, на ҷонона, ки мастур барад дил.
Ҳамчун дили ман абди вафодор, ки дорад,
Пас ин ҳама дигар ба чӣ манзур барад дил!

*1954, Москва*

* * *

Дар ҷону дил аз ҳар нигаҳат рахнаву роҳест,
Қурбони ду чашми сияҳат, ин чӣ нигоҳест?!
Аз дасти ту хун гашт дили зор, дар ин кор
Ҳар нохуни рангини ту рахшанда гувоҳест.

Як шаҳр ба як чашм задан дил биситонад,
Нозам ба сафи мижжаат, ин кори сипоҳест.
Ошиқ, ки бувад шомили лутфи ту, ҷасур аст,
Бе меҳри ту дилхастаи бепушту паноҳест.
Пурсӣ, ки чӣ рӯзест маро бе маҳи рӯят?
Як ҳарф: ба мӯи ту қасам, рӯзи сиёҳест.
Гӯӣ: зи чӣ дар синни ҷавон мӯйсафедам?
Ҷонам, чӣ кунам? Бе ту маро сония моҳест.
Ҳар дам ба гулӯ оядам аз ҳиҷри ту дарде,
Ҳар дам, ки бурун меравад аз синаам, оҳест.
Ранҷиданат инсоф набуд, эй бути бераҳм!
Дил дораму ошиқ шудаам, ин чӣ гуноҳест!

*1954, Москва*

## ҲАФТОДУ ПАНҶ СОЛ

*Ба ҳафтоду панҷсолагии фозил*
*ва адиби муҳтарам Садриддин Айнӣ*

Ҳафтоду панҷ сол зи умри муборакаш
Бигзашту боз ҳуши ҷавон аст ҳуши ӯ,
Ҳафтоду панҷ чӯби ситам хӯрду хам нашуд
Пеши амири хоин мардона пушти ӯ.

В-имрӯз бори хидмати халқи азизи хеш
Бо шавқ мебарад ба сари дӯш инчунин.
Ин навҷавони мӯйсафеди тавилсин
Аз кӣ гирифта қудрате ин гуна? Аз Ленин.

Умед ин ки аз асари табъи олияш
Гардад китобхонаи тоҷик мол-мол,
Маънои дигаре ҳам дорад умеди ман
Яъне расад ба синни ду ҳафтоду панҷ сол!

*1955, Москва*

*   *   *

Ба рағми ғайр мекардӣ ба ман гар як назар, мешуд,
Агар бо ман сухан мегуфтӣ аз ин гармтар,  мешуд.
Ба рӯят гуфтаме: ҷонам туӣ! Ранҷидаӣ аз ман,
Агар мекардӣ аз тақсири ман сарфи назар, мешуд.
Сияҳ мекардам ин афлокро аз дуди оҳи худ,
Шикоят бурдан аз ҷонон бари ағёр агар мешуд.
Чаро, гӯӣ, накардӣ шиква, чун пеши худам будӣ?
Рақиб андар паси дар гӯш медод, ин магар мешуд?
Ҳунар набвад, ки дар кашфи рамузи ишқ ҷон додам,
Шудан маҳрам ба ин сон сир магар бе базли сар мешуд?
Чу ҷонбозӣ ба роҳат гашт лозим, меҳрубон ҷонон,
Ба ман ҳам гар ниҳонӣ мефиристодӣ хабар, мешуд.

*1954, Москва*

*   *   *

Танида ёди ту дар тору пудам, меҳан, эй меҳан!
Бувад лабрез аз ишқат вуҷудам, меҳан, эй меҳан!
Ту будам кардӣ аз нобудию бо меҳр парвардӣ,
Фидои номи ту буду набудам, меҳан, эй меҳан!
Фузунтар гармии меҳрат асар мекард, чун дида
Ба ҳоли пуразобат мекушудам, меҳан, эй меҳан!
Ба ҳар маҷлис, ба ҳар зиндон, ба ҳар шодӣ, ба ҳар мотам,
Ба ҳар ҳолат, ки будам, бо ту будам, меҳан, эй меҳан!
Агар мастам, агар ҳушёр, агар хобам, агар бедор,
Ба сӯи ту бувад рӯи суҷудам, меҳан, эй меҳан!
Ба дашти дил гиёҳе ҷуз гули рӯят намерӯяд,
Ман ин зебозаминро озмудам, меҳан, меҳан!

*1955, Москва*

## ДӮСТ ХАБАР ДОД, КИ
## БАР ДИДАНИ МАН МЕОЯД

Дидани дӯст, ки бар ҷон хабараш маъҷун аст,
Хабараш ин бувад, оё худи дидан чун аст?
Зудтар! Дер накун! Рӯ ба раҳ овар, ҷонам!
Интизори дили бечора зи ҳад берун аст.
Ба раҳи хонаи мо чун бирасӣ, диққат кун,
К-аз ҷароҳоти дилам кӯчаи мо пурхун аст.
Дурру марҷон ба нисори ту фаровон дорам,
Доманам аз карами дидаи ман Қорун аст.
Муддаӣ гуфт: дилат бо ҳама бемеҳрии дӯст
Чун кунад ҳавсала? Гуфтам: чӣ кунам? Мафтун аст,
Марг ҳам борад агар бар сари дил дар раҳи ёр,
Барнамегардад аз он. Ин сифати Маҷнун аст.
Сурати дӯст кунад ҷилва зи ҳар вожаи он,
З-он сабаб номаи ман садаву пурмазмун аст.

*1955*

## БА ЁДИ ШОИРИ ШАҲИРИ ГУРҶӢ

Гурамишвили, Давиди азиз,
Ту ду умр дорӣ, ҳар ду ҳосилхез.
Яке – ҷисмонӣ, ки бишуд хомӯш,
Яке – руҳонӣ, ҷовидон дар ҷӯш.
Шоир, мубориз, ҳакими халқпараст --
Дар умри аввал шуҳратат ин аст.
Барқосо дар умри дуввумин,
Пайдо ҳастӣ дар ҳамаи замин.
Чун символи дӯстии ҷовидон
Байни Рус, Украин ва Гурҷистон.
На бо кӯрона бозии тақдир
Бо ин шараф ҳаққан шудӣ шаҳир!

*1955*

## САДОИ ДӮСТ

Ба туғён буд дил аз сели ғам в-амвоҷи пуркинаш,
Садои гармҷӯши дӯст эҳсон кард таскинаш.
Навишт ӯ байтҳои хуш, бихонд ӯ бо садои хуш,
Шифои ранҷ шуд онаш, сафои рӯҳ шуд инаш.
Садояш буд чун фармон, зи ҷо барҷаст дил аз он,
Қавӣ шуд азми пайкораш, сабук шуд дарди сангинаш.
Намуд ӯ имтиҳоне нав, кушуд ӯ бо баёне нав
Бари чашмам ҷаҳоне нав: зиҳӣ ақли ҷаҳонбинаш!
Навиштам чанд ашъоре, зи пӯшоки ҳунар орӣ,
Ба рӯи он кашид аз лутф дасту дод тазйинаш.
Биё, бишнав, чӣ хонад дил, биё, бингар, чӣ рақсад ҷон
Зи шавқи илтифоти нав, ба шукри меҳри деринаш.

*1955*

## ДУНЁИ ҚАРНИ БИСТ

Дунёи қарни бист ҳино баста аз ду ранг,
Як ранг ранги ному дигар ранг ранги нанг.
Дар кӯшиш аст давлати Шӯро барои сулҳ,
Дар ҷӯшиш аст давлати Амрик баҳри ҷанг.
Ин халқро ба роҳи саодат барад ба пеш,
Он халқро ба зӯр кашад зери полаҳанг
Ин меканад ба дӯстӣ аз роҳи халқ хор,
Он мезанад ба фитна сари халқро ба санг.
Бо саъйи баҳри дӯстиву ҷаҳди баҳри кин
Ин як ба халқ шаҳд диҳад, он яке шаранг.
Ин бозувон кушода пайи ёрии милал,
Он як ба хуни халқи худ олудааст чанг.
Лек ин ду сӯи мақсади худ пеш мераванд,
Ин бо ду боли барқиву он бо ду пои ланг,
Дар ин миёна давлати Эрон ба ҷасту хез
Чун ходими Вашингтону фармонбари фаранг.

*1955*

## БА БАРОДАРИ АЗИЗАМ АБДУЛҲУСАЙН ИЛҲОМӢ

Хатат, ҷоно, барои ман зафар шуд,
Ба коми хушку талхам найшакар шуд,
Сафои дил, давои дарди сар шуд,
Шаби торам зи нури он саҳар шуд.

Задам бӯса, намудам боз, хондам-ш
Хамӯш, оҳиста, бо овоз хондам-ш
Фаровон боз хондам, боз хондам-ш,
Ба ҳар боре сурурам, бештар шуд.

Ба ҷон шодӣ расад аз хомаи ту,
Ба дил қувват дамид аз чомаи ту.
Ба рӯҳ омад умед аз номаи ту,
Ғам аз мулки вуҷуди ман бадар шуд.

Чӣ муъҷиз буд ин, к-эҷод кардӣ,
Дили вайронаро обод кардӣ,
Сафо кардӣ, ки аз ман ёд кардӣ,
Зи ёдат ҷонам озод аз хатар шуд.

Илоҳӣ комрон бинам рухатро,
Бибӯсам он ду чашми фаррухатро,
Бубин, чун дил навишт ин посухатро,
Китоб аст, ар ба зоҳир мухтасар шуд.

*1956, Москва*

## БА ВАТАН

Эй меҳрубон Ватан, ба раҳат ҷонфишон манам,
Дастонсаро ба васфи ту бо сад забон манам,
Он солхӯрда ошиқи содиқ, ки бар танаш
Ҳар дам дамад ба ишқи ту рӯҳи ҷавон, манам.
Бар тири хасм сина сипар карда пеши ту,
Бар поситода вақти хатар, посбон манам.
Дарс аст аз барои ҷавонон ҳаёти ман,
Таърихи разми ранҷбари ин замон манам.
Ҳар навҷавони халқ падар гӯядам, аз он-к
Сарбози пири тӯдаи заҳматкашон манам,
Кӯшам ба касби донишу таҳзиби хулқи худ,
Берун зи худпарастии бедонишон манам.
Дар зиндагӣ чунинаму баъд аз вафот ҳам
Бо зиндаю нуҳуфта ба роҳат равон манам.
Печида тору пуди вуҷудам ба меҳри ту,
Ҷовид зинда бо Ватани ҷовидон манам.
Чун бишнавӣ садои касеро, ки баҳри ту
Дар ҳар суруди халқ бувад нағмахон, манам,
Ҳар гул, к-аз он расад ба ту бӯи вафои халқ,
Дар байни баргҳош, чу бинӣ, ниҳон манам.
Вассофи меҳанам, чӣ аҷаб, гӯям ар баланд:
Лоҳутии суханвари Кирмоншаҳон манам.

*1956*

# МАНЗУМА ВА ДОСТОНҲО

## ОДАМИ ОҲАНПО

Солҳо буд ба Тоҷикистон
Роҳи Қурғонтеппа беҳад вайрон.
На фақат буд ба гил уштур дар он,
Балки мемонд трактур дар он,
Ҷои гургон буду duzдони шарур,
Хонаи мор буду лонаи мӯр.
Сангпуште ба канори он роҳ
Дошт бо оилаи худ бунгоҳ.
Гарчи он оила як тӯда буданд,-
Хонашон амну худ осуда буданд.
Рӯзе аз роҳ ба аҳволи табоҳ
Море овард ба он лона паноҳ.
Он қадар хаста буд он гумшуда мор,
Ки набуд ҳеҷ дар ӯ тоби фирор.
Сангпушт аз дилу ҷон бар по хост,
Морро куштану хӯрдан мехост.
Мор гуфташ ки: «Ба ин шӯру шитоб
Мекунӣ хонаи худро ту хароб.
Гар диҳӣ қавл, ки манро нахурӣ,
Риштаи зиндагиямро набурӣ,
Ба ту он роз, ки ман медонам,
Гӯяму ҷони туро бирҳонам.
В-ар на, зуд аст, ки бо фарзандон
Мешавӣ дар сари ин раҳ қурбон».
Сангпушт аз сухани ӯ тарсид,
Дод паймон ба ваю сир пурсид.

Мор гуфташ, ки: «Ба Тоҷикистон
Тоза як халқи нав омад ба миён.
Ин касон яксар ҷинси дигаранд,
Рост гӯям? Ҳама фавқи башаранд.
Пеши ин халқ худо мавҳум аст,
Кӯҳ дар панҷаи онҳо мум аст.
«Ҳеҷ» аз ин тоифа «ҳар чиз» шудаст,
Теғашон бар сари мо тез шудаст,
Дар чунон ҷой, ки ҳатто дар хоб,
Кас надидаст ба ҷуз мо ва уқоб.
Хоб дар чашм наёяд дигар,
Он қадар ҳаст ҳаёҳуи башар.
Оташу об бувад ходимашон,
Нарм гардад чӯян аз як дамашон.
Дар ҳавоянд баробар ба уқоб,
Чу наҳанганду чу киштӣ дар об,
Рост гӯям ба ту, эй кони карам,
Ба ҳамон қавли дурусти ту қасам,
К-аз ҳамон дам, ки маро модар зод,
Ман чунин қувва надорам дар ёд.
Аз тавоноии ин қувваи нав
Як сухан бо ту бигӯям, бишнав:
Буд бечораe афтода, малул,
Намеарзид саропош ду пул.
Балшевикон-ш ба як муддати кам
Дам дамиданду намуданд одам.
Одами нав, сари ӯ пурирфон,
Пояш аз оҳани гирду ғалтон.
Ин чунин пои тавоно бошад,
Ки вуҷудаш адами мо бошад.
Ӯ ба ҳар роҳ равад бо ин по,
Бигурезад ҳашарот аз он ҷо.
Роҳ кӯбидаву омода шавад,
Ҷои пояш ҳама ҷо ҷода шавад.

Роҳҳо сохта аз ҳад афзун,
Морҳо кушта зи андоза бурун.
З-ин сабаб шуҳраи ин дунё шуд,
Номи ӯ Одами оҳанпо шуд.
Ман зи ҳар ҷода гурезон шудаам,
Ҳай аз ин раҳ ба суи он шудаам.
Лек ин одами по аз оҳан
Надиҳад ҳеҷ куҷо роҳ ба ман.
Сабаб ин аст, ки ман дар ин роҳ
Ба ту овардаам имрӯз паноҳ.
Лек, бешубҳа, базудӣ он мард
Ҳамла бар роҳи ту хоҳад овард.
Хезу дасти зану фарзанд бигир,
Бигурез аз сари ин раҳ чун тир!
Мизбон гуфт ба меҳмон, ки «Бас аст!
Ба ман ин макри ту коре абас аст.
Пир гардидаму нашнидам ман,
Одамизодаву по аз оҳан.
Ман се сол аст, ки дар ин роҳам
В-аз ду сад роҳи дигар огоҳам.
Як амак ҳаст маро дар Регар,
Дар Қаратоғ амуи дигар,
Хоҳарам сокини Рошидон аст,
Модарам дар бари ӯ меҳмон аст.
Чанд сол аст, асар аз онҳо нест,
З-ин ҳикоят хабар аз онҳо нест.
Гар чунин буд, яқин модари ман
Мефиристод хабар дар бари ман.
Ҳам дар ин сол бузурге зи башар
Кард бо ҷамъе аз ин роҳ гузар.
Монд мошини вай андар ин роҳ,
Ҳамчу далве, ки биафтад дар чоҳ.
Дар сари хубии раҳҳои дигар
В-аз бадиҳои ҳамин раҳ яксар

Байнашон баҳси дарозе афтод,
Ҳар яке доди фасоҳат медод.
Ҳама ҳамфикр, ки гар дар ин ҷо
Пои худро бениҳад Оҳанпо,
Роҳи мо рашки ҷинон хоҳад шуд,
Беҳтарин роҳи ҷаҳон хоҳад шуд.
Лек савганд ба ҷони писарам,
Ки зи тан гар ки бибуранд сарам,
Ҳарфи ин тоифа бовар накунам,
Ҷой дар манзили дигар накунам.
Муддате шуд писарам домод аст,
Духтарам зан шуду кӯдак зодаст
В-аз чунин кас асаре пайдо нест,
Дар ҷаҳон одами оҳанпо нест.
Ҳайфу сад ҳайф ки паймон кардам,
Гарки паймон шиканам, номардам!
Варна, ассоа туро мехӯрдам,
Лаззат аз хӯрдани ту мебурдам».
Баҳси ин ҳарду чу ин ҷо бирасид,
Ҷодакӯбе ба сари лона давид.
Аз вай оҳанги суруду шодӣ
Паҳн шуд дар ҳамаи он водӣ.
Мор огаҳ шуд аз ҳолати зор,
Натавонист вале кард фирор.
Сангпушту писару духтари ӯ,
Хонаву лонаву мору сари ӯ.
Ҳамагӣ шуд ба ҳақиқат мағлуб
Ҳама монданд ба зери раҳкӯб.
Сангпушт он дами мурдан зад дод:
«К-осмон, бин, ба сари мо афтод!»
Мор гуфташ, ки: «Бимир, аблаҳи паст?
Ин ҳамон одами Оҳанпояст!»

*1933*

## ШАМШЕРИ ФОТЕҲ

Шунидам, ки марде ба мардӣ бузург
Ба рӯи раҳе рӯбару шуд ба гург.
Ҷавонмард озода буду ҷасур,
Далеру тавонову роду ғаюр.
Ба ӯ хира шуд чашми он гурги шум,
Биёрост худро барои ҳуҷум.
Ҷавон дасти худро ба шамшер бурд,
Шағоле тамошогари саҳна буд.
Набардозморо накӯҳиш намуд,
Ки «Марде ба ин иззату сарварӣ,
Ба ин паҳлавонию номоварӣ,
Чаро бояд ин гуна пастӣ кунад,
Чунин бо майи теғ мастӣ кунад?
Ҳарифи туро теғ дар даст нест,
Ту бо теғӣ, аз ин батар айб чист?
Биё, гӯш кун панди ин пирро,
Биандоз аз даст шамшерро.
Ту маҳбубию номдору қашанг,
Вале ҳаст шамшерат асбоби нанг.
Туро илму фазлу тавоноӣ аст,
Вале теғат асбоби расвоӣ аст.
Гар ин теғи бераҳми хунхорро,
Ҳамин каждуми мардумозорро
Биандозӣ аз дасти бебоки худ,
Кунӣ дураш аз панҷаи поки худ,
Фалак аспи бахти туро зин кунад,
Адолат бо номи ту таҳсин кунад.
Ба мардонагӣ фахри олам шавӣ,
Чароғи банӣ навъи одам шавӣ.
Ҷавони ҷабун теғ гирад ба даст,
Ду бозу ту дорӣ, ҳаминат бас аст».

Бар ӯ бонг зад марди бораъю ҳуш,
Ки: – Сайди фиребат наям ман, хамӯш!
Ман огоҳам аз ин мисоли бузург,
Ки ҷинсан шағол аст бин амми гург.
Ба мактаб шунидам ман аз устод
Ки роҳи ҳужабре ба море фитод.
Ҳужабри жаён гарми пайкор шуд,
Ҷаҳон тира аз дидаи мор шуд.
Чу мори сияҳдил накӯ бингарист,
Ки бо шери ғижмон ҳамовард нест,
Ба ӯ гуфт: «Эй рӯбаҳи зишткеш,
Чӣ сон ҷилди шерон кашидӣ ба хеш?
Бувад ҳайкалат ҳайкали наррашер,
Вале макри ту – макри рӯбоҳи пир.
Ба имони инсофдорон қасам,
Ба виҷдони беайби морон қасам,
Ки ту насли шери жаён нестӣ,
Бигӯ рост бо ман, ки ту кистӣ?
Ту гар шер ҳастӣ, чаро бедилӣ,
Чаро соҳиби сирати ботилӣ?
Чи шуд он сифоти далеронаат,
Куҷо рафт инсофи шеронаат?
Дар ин ҷо ду тан ҳамнабардем мо,
Чаро гирди ҳилат бигардем мо?
Туро гар ба раг хуни шерон бувад,
Ба тан рӯҳи поки далерон бувад,
Дар ин ҷанг бо ҳамнабардат, чу мард,
Мусовӣ бишав дар силоҳи набард.
Туро ҳаст дандон, маро низ ҳаст,
Зиёдӣ туро панҷаву пову даст.
Зи ман гар на, аз дасти худ кун ҳаё,
Ки ҷанганд бо мори бедасту по.
Агар дар ту ахлоқи шерӣ бувад,
Сифоти бузурги далерӣ бувад,

Биҳил, то ба дастат ба таври қавӣ
Бипечам, ки бо ман мусовӣ шавӣ.
Сипас мо ду тан ҷанги мардон кунем,
На бо даст, ҳамла ба дандон кунем!»
Аз ин гуфтаҳо шер гардид нарм,
Зи оҷизкушӣ кард шерона шарм,
Ба ғафлат, ки дар бехи дандони мор
Бувад заҳри мардумкуши нобакор,
Ризо дод зайғам зи рӯи ғурур,
Басе дидаҳо, к-аз ғурур аст кӯр!
Бипечид бар дасту пояш чу мор,
Баровард аз рӯзгораш димор.
Чунон заҳр пошид бар гӯши шер
Ки аз сар бишуд то абад ҳуши шер.
Бале, шери онрӯза, бе роҳбар
Буд аз ҳамлаи морҳо бехабар.
Ман аммо агар чанд шерам ба зӯр,
Вале одамам дар камолу шуур.
Гузашта зи ақлу зи тадбиру рой,
Бувад як муаллим ба ман раҳнамой.
Зи гургон маро барҳазар мекунад,
Зи қайди шағолон хабар мекунад.
Ман ин теғро гар зи каф афканам,
Ба дандон шикофад ҷигар душманам.
Ту ҷосуси гургонию ёрашон,
Ба ҳар кор ҳастӣ ҳаводорашон.
Чу як марди бофаҳм бояд ки ман
Сар аввал бигирам туро аз бадан.
Ман аз душмани рӯбарӯ эманам,
Ту ҳастӣ хатарноктар душманам.
Натарсам ман аз душмани ошкор,
Вале панди ту ҳаст дандони мор».
Бигуфт ину бо теғ, монанди барқ,
Тани бесарашро ба хун кард ғарқ.

Ба як зарби ӯ ғарқи хун шуд шағол,
Ба зарби дигар – гург шуд поймол
Пас аз қарнҳо ҷавру кину ситам,
Асирию торикию дарду ғам,
Ҷаҳони наве дар миёни башар
Бапо кард сарпанҷаи коргар.
Худ ин синф  – диктатури номҷӯ
Бувад теғи пирӯзи ӯ – ГПУ.
Чи танҳо, ки аз душмани коргар
Ба ин теғи фотеҳ ҷудо шуд сар!
Чи сарҳо, ки аз тӯдаи ранҷбар
Аз ин теғи буррон раҳид аз хатар!
Бувад шаҳд ин теғ аз баҳри дӯст,
Вале заҳр бар душмани кинаҷӯст,
Бувад хирмани зулмро шуълабор,
Бувад гулшани ранҷро обёр,
Балои сару ҷисми душман бувад,
Ки ҳам теғу ҳам садди оҳан бувад.
Бидуни вай, аз синфи сармоядор
Яқинан шудӣ синфи мо торумор.
Вале боз як тӯда бадунсурон,
Тарафдори кулоку савдогарон
Ниҳонӣ ба сармоя хидмат кунанд,
Шикоят аз ин теғи заҳмат кунанд,
Ки «Шӯро азиз асту хубу накӯ,
Вале бетаносуб бувад ГПУ,
Дар ин мамлакат набошад чекист,
Ба Шӯро касе дар ҷаҳон хасм нест»
Насиҳатгароне, ки дар ҷилди дӯст
Бихоҳанд бар мо бидarранд пӯст,
Ҳама чун шағоли фурӯмояанд,
Суханчини гургони сармояанд.
Кашонанд то шерро дар каманд,
Камандест дар дасти ин дастаанд,

Вале теғи душманкуши коргар
Шавад рӯз то рӯз аз ин тезтар.
Ба дасти тавоно, ба азми қавӣ,
Бигирад варо давлати шӯравӣ
Ба кораш барад, то ки андар ҷаҳон
Намонад зи асноф ному нишон
Ҳамин сон шағолони нопокро,
Ҳамон гургҳои хатарнокро
Кунад маҳв бо зарби шамшери хеш,
Набандад ба ҳам дасти чун шери хеш.
Ҳамон теғи пурзӯр бурранда бод!
Ба дафъи ситам ГПУ зинда бод!

*1933*

## КӮҲ ВА ОИНА

I

Дар синаи дашти пуршукӯҳе,
Дерест, чу дил, нишаста кӯҳе.
Кӯҳе ба фалак кашида қомат,
Зебову азиму бофахомат
Ҳар субҳ, чу нон ба дасти деҳқон,
Хуршед фитад ба домани он.
Барбаста дар он раҳи гузаштан.
Чун сарҳади мо ба рӯи душман.
Дар саҳнаи хок истода
Мустаҳкаму сахт, чун ирода.
Чун хотири ошиқон, пур аз роз,
Чун байрақи партизан, сарафроз.
Ашҷори вай аз ситора афзун,
Асмори вай аз шумора берун.
Чун Лашкари сурх, пурмаҳобат,
Чун киштии сурх босалобат.
Бар душману дӯст сурати ӯ
Манфуру хушу махуфу некӯ.

## II

Бар кӯҳ намуда пушту дар даст
Оина, касе ба дашт биншаст.
Мекард талош ҷаҳди беҳад,
То кӯҳ дар оина бубинад,
То шаҳр равад, сухан кунад тарҳ,
Моҳияти кӯҳро диҳад шарҳ,
Лек ойина хурд буд чандон,
К-ангушт наменишаст дар он.
Ин буд сабаб, ки ҳар чи мекофт.
Дар ойина кӯҳро намеёфт.
Дар ойина ғайри тахтасанге,
Не буд аломате на ранге.
Бефоида муддате назар кард,
Пас фикри ташаббуси дигар кард:
Он қадр зи кӯҳ дур гардид,
То акси тамоми кӯҳро дид.
Лекин зи нишеби қуллаҳояш
В-аз кабку гавазну галлаҳояш,
Аз манзараҳои дилфиребаш,
В-аз неъмати вофиру аҷибаш,
Аз дарраву партгоҳи обаш,
Аз шакли палангу ҷои хобаш
Як ҳарфи баҷо наметавонист,
Ҷуз шарҳи хато наметавонист.
Бар заҳмати ӯ ҳамин асар буд
К-аз будани кӯҳ бохабар буд.

## III

Чун дид падар бо нотавониш,
Дилсӯзӣ кард бар ҷавониш.
Гуфто ба вай; «Эй ҷавони пурҷӯш,
Панди падаронаро бидеҳ гӯш.

Аз бед самар наметавон чид,
Дар оина кӯҳ кай тавон дид
Хоҳӣ сухан ар зи кӯҳ гуфтан,
Бояд ба фарози кӯҳ рафтан».
Дар ин даврони илму ирфон
Бошад масали ҷавон чу онон,
К-аз шарҳи тарраҷиёти Шӯро
Доранд ҳамин ҳунар, ки танҳо
Гӯянд: фалон саро бино шуд.
Ё калхузи тозае бапо шуд.
Лекин бунёни сотсиализм
Дар сояи маслаки ленинизм,
Чун кӯҳ бузургу устувор аст,
Чун ишқ азизу пойдор аст
В-оинаи ин касон бувад хурд,
З-он акс дар ин наметавон бурд.
Ҳарчанд ки ин касон биҷӯшанд,
Бо сидқ ба корҳо бикӯшанд,
Бо дониши пасту биниши кам,
Хурданд барои кори муъзам.
Чун пушт ба сохтмон намуда,
Дафтар пайи васфи он кушуда,
Аз гунг хабар шунидагонанд,
Дар оина кӯҳ дидагонанд.
Мазмун ба ту кай шавад мусаххар,
Гар ҳаст зи фаҳми ту фузунтар.
Чизе, ки варо наку надонӣ,
Тасвир чӣ гуна метавонӣ?
Киштӣ натавон ба ҳавз рондан,
Ё ҳавз ба истакон нишондан.
Ин асри тараққиёти Шӯрост,
Фан - ғолибу илм ҳукмфармост.
Дар деҳ на фақат замину гав ҳаст,
Мошину ҳазор чизи нав ҳаст.

Деҳқон худаш одами дигар шуд,
Аз маънии зиндагӣ хабар шуд,
Аз шохаи маърифат самар чид,
Дар қувваи муштарак асар дид,
Дар калхузҳову кону фабрик
Бисёр касон бар илму техник
Акнун на фақат ба мо расиданд,
Аз мову ту пештар давиданд.
Мо, дар бари ин гурӯҳи анбӯҳ,
Чун ойинадору зиндагӣ - кӯҳ.

IV

Ман дар зи ҳақиқат ар кушудам,
Ин қисса аз он баён намудам,
То камсамулони хоки Шӯро,
Соҳибқаламони навраси мо,
Манзил ба фарози  кӯҳ оранд,
Рӯро сӯи ин гурӯҳ оранд.
Оина чунон калон бигиранд,
То акси ҷаҳон дар он бигиранд.
Кӯшанд барои дарки дониш,
Ҷанганд барои касби биниш,
Бо ғайрату азму ҷид бихонанд,
То худ зи ҳаёт пас намонад.

V

Дониш теғе буранда бошад,
Ҳам ҷондеҳу ҳам кушанда бошад.
Гар теғ биафканӣ ба майдон,
Душман гирад зи қабзаи он!

*1933*

## ШЕРИ ОЗОД

I

Буд андар деҳи мо як марде,
Марди бодониши оламгарде.
Як сафар бо писари ҳушёре
Мегузашт аз тарафи найзоре.
Буд бо кӯдаки худ гарми сухан,
Ногаҳон аз дили найзори куҳан
Наъраи сахт ба гӯшаш омад,
Ки аз он латма ба ҳушаш омад.
Писари навраси ӯ ҳам тарсид,
Зард шуд рангашу бар худ ларзид.
Сахт бигрифт падар дасти писар,
Бурд ӯро ба сари роҳи дигар.
Чу гирифтанд раҳи амну амон,
Ба падар гуфт писар бо ҳаяҷон:
«Чи садо буд, ки тарсидам аз он,
Суст шуд пуштаму ларзидам аз он?»
Дод посух ба писар олими пир:
«К-ин садо нест магар наъраи шер,
Наъра чун аз дили найзор ояд,
Аз паяш шер ба пайкор ояд.
З-он сабаб ман, чу ту, ларзон гаштам,
З-он макон зуд гурезон гаштам.
Оре, ин наъра далерона бувад,
Бонги шер аст, ки шерона бувад».

II

Баъди якчанд ҳамон оламгард
Рӯй аз деҳ сӯи марказ овард.
Ба тамошо шабе аз шомгоҳон
Ҳарду рафтанд ба як сирки калон.
Бача то дохили он ҷо гардид,
Бо хушӣ гарми тамошо гардид.

Ногаҳон нолаи зоре бишунид
Ки дилаш аз асари нола тапид.
Ин на чун нолаи инсонҳо буд –
Лобаву зории ҳайвонҳо буд,
Ба падар гуфт писар: «Ин чи садост,
Ин чи нолидани тоқатфарсост?
Аз чунин нола дилам шуд пора,
Кист ин нолагари бечора?»
Кард лабхандею, посух ба писар
Гуфт: “Ин нолаи шер аст» падар
Ба падар кард писар сахт нигоҳ,
Падар аз нияти ӯ шуд огоҳ.
Гуфт: «Оре, бувад ин наъраи шер,
Лекин ин шер бувад шери асир.
Мисли он шер ҳамин ҳам шер аст,
Лек дар гардани ин занҷир аст.
Ин, чу он шер, диловар набувад,
Мустақил нест ва худсар набувад.
Донам акнун, чӣ туро ёд омад,
Ёдат аз наъраву фарёд омад.
Лекин он нолаи мазлум набуд,
Лобаи зайғами маҳкум набуд.
Шери он рӯз ба занҷир набуд,
Ҳамчу ин шер, замингир набуд.
Ҳокими мутлақи найзор буд ӯ,
На чу ин шер гирифтор буд ӯ.
Наъраи ӯ сифати родӣ дошт,
Ҳолати иззату озодӣ дошт.
В-ин яке ҳолати пирон дорад,
Лобаву аҷзи асирон дорад.
Шери озод, чу он, ғуррон аст,
Шери маҳбус, чу ин, нолон аст.
Шер шер аст, вале ҳаст зиёд
Фарқ мобайни асиру озод».

III

Мардуми туркман, ӯзбек, тоҷик,
Рӯзашон буд тамоман торик.
Гарчи буданд ба заҳмат чун шер,
Лек дар гарданашон буд занҷир.
Баски ин халқ гирифтор буданд,
Дар ҳама ҳолати худ зор буданд.
Дар гаҳи разм ва ё маҷлиси базм,
Ҳар тарона, чи ба насру чи ба назм,
Гиряангезу ғамин мехонданд,
Банда буданду чунин мехонданд.
Завқ дар бонги асирон набувад,
Наърашон низ асирона бувад.
Лек сартосари ин халқи асир
Гашт озод зи Уктабри кабир.
Бозуи муқтадири ҳизби Ленин
Шуст осори асорат зи замин.
Боз ин халқ ҷасорат накунанд,
Тарки олоти асорат накунанд.
Худи онҳо шуда озод чу шер,
Бонгашон монда, вале, бонги асир.

IV

Ба ту, эй тӯдаи бодонишу фан,
Ба ту, инро ба ту мегӯям ман!
Ту ки дар бешаи Шӯро шерӣ,
Шери озодаи безанҷирӣ,
Пас дар оҳанги ту он шодӣ ку?
Он ҳама шуълаи озодӣ ку?
Ту, ки диктатури ин найзорӣ,
Мустақилию ҳукумат дорӣ.
Пас чӣ шуд бонги далеронаи ту,
Наърави ғурриши шеронаи ту?
Ту ки не банду на зиндон дорӣ,

Пас чаро бандасифат мезорӣ?
Эй аҷаб, ҳайкали ту – ҳайкали шер,
Наърааат – нолаи рӯбоҳи асир.
Бас кун, эй шери жаён, нолаву оҳ!
Шерӣ охир ту, на мискин рӯбоҳ
Баъд аз ин наъраи шерона бизан,
Бонгу фарёди далерона бизан.
То шавад бонги далеронаи ту
Лоиқи ҳайкали шеронаи ту.

*1933*

## БА СИНФИ ОФАРИДГОР

Шунидам, ки устоди санъатгаре,
Забардаст наққоши донишваре
Ба заҳмат яке сурати номвар
Рақам кард бар рӯи як лавҳи зар.
Ба ҳангоми таътили кор устод
Ба девор он лавҳаро такя дод.
Дар он дам аз он ҷо саге мегурехт,
Ба он лавҳаи зар палидӣ бирехт.
Чу санъатгар он дид, аз он ҷо биҷаст,
Бизад сангу дандони сагро шикаст.
Саг аз бими ӯ роҳи саҳро гирифт,
Вай он лавҳи зарро аз он ҷо гирифт.
Ба дору ҳама зиштӣ аз вай бишуст,
Накутар аз аввал намудаш дуруст.
Бигуфто: «Манам гар ки устоди кор,
Намонам, ки корам шавад лаккадор».
Аз он баъд ҳам, дар замоне дароз,
Ба устодию дониш, он лавҳасоз
Аз он лавҳа ҳар айбро дур кард,
Ба хуби-ш дар даҳр машҳур кард.

Ман он сурати олии беғашам,
Бувад синфи муздур сураткашам.
Ҳамон лавҳи зар ҳаст майдони ҷанг,
Ки умрам дар он сарф шуд бедиранг.
Аз ин пеш, вақте ки будам ҷавон,
Ба таъсири синну муҳиту замон,
Маро чизе ар буд андар вуҷуд
Ки бо синфи муздур бегона буд.
Бишусташ зи ман панҷаи коргар,
Чу он лаккаи саг аз он лавҳи зар.
Аё синфи яктои эҷодкор,
Худои ман – эй фаълаи номдор!
Агар дар ҳунар ман мусаллам шудам,
Аз он шуд, ки маҳсули дасти туам.
Зи фазли ту бошад маро бартарӣ
Ба маснуи ҳар гуна санъатгаре.
Чунин сонеъе дар ҷаҳон кӣ бувад
Ки маснуи ӯ низ сонеъ шавад?
Вале ман кунам хеш ёрии ту,
Шарикам дар эҷодкории ту
Ту он сонеъи қодири ҷомеъӣ,
Ки маснуи ту мекунад сонеъӣ,
Ту, пас, ҳар чи дар васфи ман дам занӣ,
Ҳамон лаҳза табрики худ мекунӣ.
Худам ҳам чу як тан ҳаводори ту,
Тамошогари ҳосили кори ту.
Ба худ гар ки табрику таҳсин кунам,
Ҳамон дам зи мадҳи ту дам мезанам.
Маро заҳмати ту чу ин ҷо намонд,
Туӣ ман, манам ту,
Дуият намонд.

*1933*

# САФАРИ ФАРАНГИСТОН

I

Чу аз охири хоки дунёи кор
Ба дунёи зулмат шудам раҳсипор,
Дар он дам, ки баъд аз каме интизор
Аз ин сӯ ба он сӯ равон шуд қатор,
Намегашт аз пеши чашмам ҷудо
Рӯҳи охирин аскари сурхи мо.
Ҳамон ҳайкалу чеҳраи дилфурӯз
Ту гӯӣ бувад пеши чашмам ҳанӯз.
Рухи софу равшан, ду чашми кабуд,
Ба болои сар байрақи сурх буд.
Ҷудоӣ аз ин кишвари номвар
Дар он дам маро кард осемасар.
Ба чашм омадам шуълаи бекарон,
Ба зераш дурахшанда ду осмон.
Дуто осмони барафрӯхта,
Ба онҳо ду чашмони ман дӯхта.
Вале шуъла кам-кам маро тарк кард,
Дуто осмон хурд гаштанду зард.
Танам сарду рухсораам шуд сафед,
Ки чашмам ду сардӯшии зард дид.
Зи ман тазкира бо садои баде
Талаб менамуд омили сарҳадӣ.
Ба шаҳре дар иқлими Эрон яке
Бипарвард бӯзинаи зираке.
Вафодор бӯзина як бачча дошт,
Ки дар ҳифзи он ҷону дил мегумошт.
Сифатҳои бӯзинагонро тамом
Ба ӯ ёд медод ҳар субҳу шом,
Ба ӯ ёд медод зарбу гурез,
Даву хандаву бозию ҷасту хез.

Дусад ҳила карданд, ки то мардаке
Бибахшад ба ӯ себ ё зардаке.
Зи аҳли тамошо, ба ҳар шевае,
Агар қанд меёфт ё мевае,
Намехӯрд аз он додаҳои башар,
Пасандоз мекард баҳри писар.
Ба фарзанд ишқаш пур аз шӯр буд,
Чунин ишқи пуршӯр машҳур буд.
Миёни зану шавҳаре гуфтугӯй
Агар дар сари баччаҳо буд, шӯй
Ба зан бонг мезад, ки «Эй золи пир
Зи бӯзина рав, модарӣ ёд гир!»
Як авбоше рӯзе бизад дастбурд,
Ду бӯзинаеро ба ҳаммом бурд.
Замин тафта буду ҳаво сахт гарм,
Кафи пои маймунча бисёр нарм.
Наёвард он бачча-бӯзина тоб,
Зи гармӣ бияфтод дар печу тоб.
Парешон шуд аз ҳоли ӯ модараш,
Чу ҷон танг бигрифт андар бараш.
Чу пои худаш ҳам зи гармӣ кафид,
Зи доман гирифту ба дӯшаш кашид.
Кафи дасту пояш вале шуд кабоб,
Наёвард ӯ ҳам аз он беш тоб.
Басе сар ба девор зад нотавон,
Басе ҷасту бинмуд доду фиғон,
Вале пои умед бишкаста буд,
Раҳи осмон дуру дар баста буд.
Чу пайдо нашуд бехатар ҳеҷ ҷо,
Биафканд фарзандро зери по.
Фаромӯш шуд меҳри деринааш,
Чу ҷаллод биншаст бар синааш.
Вале бачча-бӯзина зорӣ намуд,
Чунон нолаву беқарорӣ намуд,

Ки модар аз он нола бечора шуд,
Дилаш аз фиғони писар пора шуд.
Намехост он ноларо бишнавад,
Намехост уфтода бирён шавад.
Аз он бар даҳонаш биафшурд даст,
Даҳони писар сахт бо даст баст.
Ки то нашнавад оҳи дилгири ӯ,
Парешон нагардад зи таъсири ӯ.
Магар шуд вуҷудаш тамоман барӣ,
Аз он ҳиссу хислати модарӣ.
Урупо чу гармобаи душман аст
Ки тафта зи буҳрони бунёнкан аст.
Ба ин модари пири гум карда роҳ,
Хатар ошкор асту пинҳон паноҳ.

II

Ҳама ному номусу таъриху фан,
Ҳама ишқу эҳсосу илму сухан
Тамоман чу он бачча-бӯзина аст,
Ки модар варо бор бар сина аст.
Дар оташ, чу бӯзинаи дар хатар,
Урупо нишаста бар рӯи писар.
Забони писар - қисмате аз қалам
Чу хоҳад шикоят кунад з-ин ситам,
Ниҳад пойи фошизмро бар сараш
Ки то нашнавад оҳи ашковараш.
Вале оҳе ин гуна сели фаност,
Фанои адӯ, марги зулму аност.
Мусаллаҳ кунад тӯдаи корро,
Кунад маҳв фошизми хунхорро.

III

Ба Порижь дидам зану шавҳаре,
Сухан байни мо рафт аз ҳар даре:

Зи порижиёну зи бегонаҳо,
Аз он музеҳову кутубхонаҳо,
Аз он маркази шаҳри ҳамчун биҳишт,
Зи атрофи чиркину торику зишт.
Аз он молҳое, ки бо обу ранг
Чунин дода равнақ ба мулки Фаранг
В-аз он синфи халлоқи ин молҳо,
Ки ҷон медиҳад дар сияҳчолҳо.
Аз он шаҳру бозори савдогарӣ,
Ки одам матоъ асту зар муштарӣ.
Аз он халқи бекору бенону об,
Зи буҳрону пайдоиши инқилоб.
Зи дарёча гуфтему обу ҳаво,
Зи майхона гуфтему дарду даво…
Сухан чун ба фарзанддорӣ расид,
Зи рух ранги он шавҳару зан парид.
Ман афсӯс хӯрдам, ки онҳо магар
Надоранд не духтару не писар.
Валекин ба зидди хаёлоти ман
Зи фарзанд буд дарди он марду зан.
«Писарҳои мо навҷавон гаштаанд,
Дуто духтарон ҳам калон гаштаанд,
Зи мактаб қариб аст фориғ шаванд,
Чу фориғ шаванд, олати диқ шаванд.
Ба хурдӣ ҳама дар дабистон буданд,
Чу ғунча ба тарфи гулистон буданд.
Кунун навҷавонанду пурорзӯ,
Биҷӯянд ҳам кору ҳам обрӯ.
Вале бо ҳама илму арзандагӣ
Васоил надоранд дар зиндагӣ.
Ту донӣ, ки ин мулки сармоя аст,
Ки бекор бо мурда ҳампоя аст.
Чи дарде батар з-ин барои падар,
Ки дар пеши худ мурда бинад писар!»

Чу ин гуфтаҳоро шунидам зи мард,
Зи зан ҳам дар ин гуфтугӯ оҳи сард,
Ҳам аз ҳоли онҳо шудам дардманд,
Ҳам аз иззати худ шудам сарбаланд.
Қӯшуни пионер ба ёдам фитод,
Ватанро дилам бештар кард ёд.
Ба ёд омадам он сарои умед,
Ки кас рӯи навмедӣ он ҷо надид.
Ба ёд омад он кишвари беназир,
Ҳамон шерзан модарони далер.
Ту гӯӣ, ки саф баст, чун фавҷи гул,
Бари чашми ман тӯдаи камсамул.
Дурахшид чашмам аз ин ифтихор,
Ки ман нестам инчунин хору зор.
Ки ман аҳли дунёи озодиам,
Чунон ғарқ дар неъмату шодиам,
Ки уммеди милярдҳо марду зан
Бувад маслаки ман бувад халқи ман.
Ки ман соҳиби илму дороиям,
Яке аз рафиқони шӯроиям.

IV

Факеҳе куҳансол дар Исфаҳон
Барои фақирон бигустард хон,
Ки то ҳар кас ояд, аз он хон хӯрад,
Хӯрад то тавонад, бинӯшад, барад,
Пас аз ҳақ бихоҳад зи рӯи ниёз,
Ки бахшад ба он хоҷа умри дароз.
Гадоёни он шаҳр аз марду зан
Ба он хони рангин шуданд анҷуман.
Дар он вақт ринде аз он роҳгузар
Гузар кард масту даромад зи дар.
Ба марди қаландар дар он дастгоҳ
Чу бинмуд шайхи тавонгар нигоҳ,

Ба ӯ гуфт: – Яздон ба рӯзи ҷазо
Бадӣ медиҳад бар бадиҳо сазо.
Ту ринду гунаҳкору зиштию маст,
Мазан бар чунин хони покиза даст.
Қаландар ба ӯ гуфт: – Айб аз Худост,
Худо холиқи ин гуноҳони мост.
Худо дода чун ин гуноҳон ба мо,
Ҷазо чун кашам ман ба ҷои Худо?
Зи гуфтори ӯ хашмгин шуд факеҳ,
Ба сахтӣ ба вай дод зад, к-эй сафеҳ!
Ҳама бандагонро Худои ваҳид
Ба ҳар кор мухтору ҳур офарид.
Қаландар бигардонд аз шайх рӯ.
Бурун рафт аз он хона бе гуфтугӯ.
Ба рӯзи дигар мурд шайхи ғаюр.
Кашиданд тобути ӯ сӯи гӯр.
Ҳамонон, ки дирӯз он гуфтугӯ
Шуниданд, буданд дунболи ӯ.
Баногоҳ қаландар зи роҳе расид,
Биёмад ба ҷои баланде ҷаҳид.
Бизад бонг бо таъна, к-эй мардумон,
Ки доред бар дӯш бори гарон!
Куҷо мекашонед ин борро,
Чунин марди озоди мухторро?...

* * *

Урупо ҳамеша пур аст аз шиор
Ки «миллат бувад соҳиби ихтиёр»,
Ки «ҳастанд мардум бародар ҳама,
Ба ҳар сон ҳуқуқе баробар ҳама»
Бале, рост аст ин шиори қашанг,
Ки мухтор ҳастанд аҳли Фаранг,
Бувад буржу озод бе қайду ҳад,
Ки ҳар вақт ҳар айш хоҳад, кунад.

Бувад ранҷбар низ дар он диёр
Зи мизон бурун соҳиби ихтиёр,
Ки ҳар вақт баҳри худ аз ҳар азоб
Дилаш ҳар чи хоҳад, кунад интихоб.
Муҳандис яке дидам андар Фаранг,
Ки деворҳоро ҳамекард ранг.
Ба худ гуфтам: ин ҳурри мухторро
Ки овардаву дода ин корро?
Агар дошт ин кас ҷаве ихтиёр,
Ба илмаш сазовор мекард кор.
Вале ихтиёри ҳама бо тилост,-
Ки дар мулки сармоядорӣ худост.
Бале, зар дар он ҷо худоӣ кунад
Ҷавонмарди безар гадоӣ кунад.
Аз он пеш, к-оям ба иқлими кор,
Маро низ ин гуна буд рӯзгор.
Дар ин сон ҳаёти пур аз ҷавру нанг
Чӣ фарқ аст мобайни Шарқу Фаранг?
Чу дар ҳеҷ коре, бидуни сухан,
Намекардам иқдом ман мисли «ман»,
Дигар ҷои мухтор будан набуд,
Ману мисли ман ҳар ки буд, «ман» набуд,
Зи рӯзе, ки дар хоки Шӯро қадам
Ниҳодам, аз он рӯз ман «ман» шудам.
Зи кӯбидани путк чун коргар,
Зи пошидани тухм чун барзгар,
Зи фармудани чора мисли табиб,
Зи бинвиштани нома мисли адиб,
Зи фатҳи табиат ба донишварӣ,
Зи чӯпонии галла то раҳбарӣ,
Дар ин мулки озод ҳар гуна кор
Маро ҳаст дар панҷаи иқтидор.
Гузашта аз инҳо, ки кори мананд,
Ҳама халқи ин мулк ёри мананд.

Ман ин ҷо на танҳо чу «ман» як танам,
Ки яксад ва ҳафтод милюн «ман»-ам.

V

«…. Дар иқлими савдогарон зар худост,
Ба зар ҳар касе бандаи бенавост.
Дар он ҷо, ки сад қасри ободи ҳаст,
Мапиндор як рӯҳи озод ҳаст.
Амиру вазиру дабиру фақир
Ба қонуни сармоя ҳастанд асир.
Яке ҳам аз он мардумони зиёд
Надорад ба фардои худ эътимод.
На хизмат, на дониш, на дукон, на кор
Надорад бари ҳеҷ кас эътибор.
Шаб ин аст андешаи шайху шоб,
Ки фардо, чу бар пой хезад зи хоб,
Дар он кишвар оё кунад зиндагӣ
Ва ё он ки падруди поядагӣ?»
Касоне, к-аз ин гуна нангин ҳаёт
Набинанд кӯрона роҳи наҷот,
Ҳарисанд яксар ба таҳсили зар,
На дар ёди хайранду не фикри шар.
Табоҳӣ кунанду сиёҳӣ кунанд,
Пайи касби зар ҳар чи хоҳӣ, кунанд.
Бибурранд ҳар гуна пайвандро,
Фурӯшанд занрову фарзандро.
Фурӯшанду гиранд зар дар баҳо,
Магар зар кунадшон зи мурдан раҳо.
Хирад андар он мулк берангу бӯст,
Хирадманд гумному беобрӯст.
Зи илму ҳунар шаҳр пурмуза аст,
Ҳунарманд дар ҳоли дарюза аст.
Тамаддун чу оҳуи бепову даст
Зи шамшери фошизм уфтода паст.

Нишаста ба зиндон далерони халқ,
Расида ба лаб з-ин бало ҷони халқ.
Ба зидди ситам дар хурӯш омада,
Чу дарёи оташ ба ҷӯш омада.
Ба дасту ба дандон, ба теғу туфанг
Ба зидди ситам мекунад сахт ҷанг.
Яқинан ба ҳар мамлакат ранҷбар
Намояд дар ин ҷанги хунин зафар.
Шавад компрон байрақи сурхранг
Ба Амрику Чину ба Риму Фаранг…
Ба вогун чу фикрам ба ин ҷо расид,
Ду чашмам яке байрақи сурх дид.
Гумон кардам аввал, ки ин сурхнур
Зи афкори ман карда ин сон зуҳур.
Чу дидам накӯ, байрақи мо бувад,
Ливои зафарманди Шӯро бувад.
Навишта бар он парчами муқтадир
Ҳуруфи суруровари «СССР».
Зи нав ҷони тоза ба тан омадам,
Ки аз нав ба хоки Ватан омадам.

*1935*

## ХАР ВА ТРАКТОР

I

Яке аз соҳибони сарвату ҷоҳ
Дошт базме ба шаҳри Кирмоншоҳ.
Сабзаву мева, равғану гандум,
Карраву мурғу барраву ҳезум
Кадхудо бор кард бепоён,
Аз барояшон ба дӯши деҳқонон.
Борҳоро ба дӯш оварданд,
То ба шаҳру ба хоҷа биспурданд.
Хоҷа бо ходими қабилаи худ
Ҷояшон дод дар тавилаи худ.

Байни деҳқониёни зору ҳақир
Буд марде бараҳнапову фақир.
Менамудӣ ба ҳар тараф назаре,
Чашмаш уфтод ногаҳон ба харе.
Марди деҳқон ба маҳзи дидани хар
Рафту маҳкам гирифт гардани хар.
Дод мезад, ки: «Эй Худо, хари ман,
Хари хуби ба ҷон баробари ман!»
Хари ӯ низ арру-ар мекард,
Дарди ӯро зиёдатар мекард.
Мардуми кӯчаҳову меҳмонҳо
Ҷамъ гаштанд гирди деҳқонҳо.
Шиква мекард бенаво, ки «ба зӯр
Хари манро гирифт ин маъмур.
Мо зи ҳиҷрони ӯ ғамин шудаем,
Зору бемору бе муин шудаем.
То кунун васфи ӯ таронаи мост,
Ҷулу полони ӯ ба хонаи мост.»
Ғосиби хар зи хайли девоне
Бонг барзад ба марди деҳқоне.
Ки: «Ту гарданкашию дузду шарир,
Душмани ходимони шоҳу вазир.
Гуфтаҳоят фиребу буҳтон аст,
Кизбу буҳтон сифоти деҳқон аст.
Рав биёвар ба шаҳр полонро,
То ки собит кунем буҳтонро.
Бигузор ин ҷамоати диндор
Дар ҳамин ҷо шаванд шоҳиди кор;
Пушти ин хар агар ки полонро
Бипазирад ба худ, - бибар онро!»
Марди мазлум сӯи хона давид,
Ҷулу полон ба дӯши худ бикашид,
Пеши хар шуд, намуд тимораш,
Кард полон, гирифт, афсораш.

Марди маъмур баъд аз он бо зӯр
Кард бечораро аз он хар дур.
Гуфт: «Хар аз ман асту ҷул зи хар аст,
Ин муҷозоти марди фитнагар аст».
Пас фармуд то мулозиме чанд
Марди бадбахтро гирифта заданд.
Ҳар қадар гиря карду ҷома дарид,
Кас ба фарёди бенаво нарасид.

II

Рӯзе аз рӯзҳо ба шаҳри Ленин
Марде омад зи шаҳри Сталин.
Одами хубу меҳрубону ҳалим,
Номи ӯ буд Ҷалилзода Салим.
Дар ҳама умри худ ситам дида,
Деҳи обод низ кам дида.
Сафар акнун намуда шод ӯро,
Карда ҳайрон Ленингрод ӯро
Бо рафиқони дигар он деҳқон
Рафт рӯзе ба як заводи калон.
Коргарҳо ҳама рафиқона,
Пешашон содаву самимона
Суфра густурда обу нон доданд,
Ҳама заводро нишон доданд.
Ногаҳон дидаи мусофири мо
Ба трактор фитод дар он ҷо,
Шод шуд, ханда кард, пеш давид,
Даст бар чарху рули он молид,
Гуфт: «Ин ошнову ёри ман аст,
Маркаби хуби роҳвори ман аст».
Мизбонон ба таври ҳазлу адаб
Боз гуфтанд: «Агар ки ин маркаб
Мешиносад туро, бигӯ, бидавад,
Аз лаҷомаш бикаш, ки раҳ биравад».

Марди деҳқон чун ин сухан бишунид,
Чун сипанде зи ҷои хеш парид,
Ба трактор савор шуд ба шукӯҳ,
Чун уқобе нишаста бар сари кӯҳ.
Чанг бар он заду фишораш дод.
Кӯҳ дар зери ӯ ба роҳ афтод.
Коргарҳо тамом шод шуданд,
Ҳама машғули зинда бод шуданд.
Ин ҳаёҳу Салимҷон чу шунуфт,
Хандае карду бо рафиқон гуфт
Ки: «Аз ин пеш банда будам ман,
Бори боён баранда будам ман.
Ғайри зорӣ наметавонистам,
Харсаворӣ наметавонистам.
Фақат андар замони шӯроӣ
Ман шудам соҳиби тавоноӣ,
Молики илму иқтидор шудам,
Аспи ин гунаро савор шудам.
Пайрави роҳи коммунистам ман,
Узви калхуз, трактористам ман!»
Коргарҳо шуданд аз ин хурсанд,
Шавр карданд дар дақиқаи чанд
Раъй доданду раъй пурсиданд,
Кӯҳро бар уқоб бахшиданд.
Равад акнун Салим аз Балтик
Ба трактор ба калхузи тоҷик.

*1935, Москва*

# БА ҲОФИЗИ НОБИНО

I

Шабе мегуфт парвона ба ҷамъе
Сухан аз дарди худ дар ишқи шамъе,
Ки: «Ман з-он дам, ки болу пар гирифтам,
Ба худ ин шамъро дилбар гирифтам
В-аз он соат, ки ӯ ҷонони ман шуд,
Вафо нисбат ба ӯ паймони ман шуд.
Қасам хӯрдам, ки то ман зинда ҳастам,
Ҳамеша ин бути худро парастам.
Ба ҷуз рӯяш зи олам дида дӯзам,
Ба ин оташ бисозам, то бисӯзам.
Кунун ман поси аҳди хеш дорам,
Агар ҷон хоҳад аз ман, месупорам.
Зи бас номаш бувад вирди забонам,
Ту гӯӣ, шуъла руста дар даҳонам.
Чу биншинам, маконам дар бари ӯст,
Чу гардам, гардишам даври сари ӯст.
Вале бо ин ҳама зебоии ӯ
Дилам сӯзад ба нобиноии ӯ.
Надорад чашм то бинад парамро,
Тани ларзону чашмони тарамро.
Намебинад чу ман мерақсам аз завқ,
Намебинад чу ман месӯзам аз шавқ.
Ман, аммо, шамъ чун пешам нишинад,
Дилам хоҳад, ки рӯямро бубинад.
Дилам хоҳад, ки ҳоламро бубинад,
Сурурамро, малоламро бубинад».
Яке гуфташ, ки «Эй парвонаи маст,
Дар ин дарди гарон ҳақ бо ту будаст.
Зи биноӣ, бале, шамъ аст бебахш,
Вале партав ба биноён кунад пахш.

Надорад дида, аммо дидадорон
Ҷаҳон бинанд дар нураш ҳазорон.
Аз он рӯ ёри ту маҳбуби дунёст,
Туро маъшуқа, моро маҷлисорост».

II

Рафиқи пурбаҳо, устоди соҳир,
Суханпардозу дастонсози моҳир!
Ту ҳам бебаҳраӣ, чун шамъ, аз чашм,
Вале бар бахти худ з-ин ғам макун хашм.
Дар ин дунё миёни мардуми паст,
Фаровон дидадори кӯрдил ҳаст.
Ту он шамъӣ, ки дар дил дида дорӣ,
Ҳунарҳои басе арзида дорӣ.
Ту шамъию ватан кошонаи ту,
Ба гирдат мардумон – парвонаи ту.
Ту як табъи хуши бугзида дорӣ,
К-аз он гӯё ҳазорон дида дорӣ.
Шавад равшан зи фикрат базми ёрон,
Шавад хуррам зи лутфат рӯҳи инсон.
Чу маҳ табъи ту дар куҳсор тобад,
Зи тобаш беҳтар одам роҳ ёбад.
Раҳи сарчашмаи зӯру ҷавонӣ,
Раҳи гулзори айшу комронӣ,
Раҳи бедорию ҳушёр будан,
Раҳи ҷангу зафар бар зидди душман,
Раҳи якрангию эҷодкорӣ,
Раҳи кору талоши номдорӣ,-
Хулоса, беҳтарин раҳҳои дунё-
Раҳи заҳматкашони хоки Шӯро.
Рафиқи пурбаҳо, устоди соҳир,
Суханпардозу дастонсози моҳир!
Фаровон зиндагӣ кун, комрон бош,
Зи табъи худ ба мардум равшанӣ пош!

Салом аз ман ба табъи комили ту,
Ба он шӯри сару нури дили ту,
Ба он шӯри сарат, шӯри ленинӣ,
Ба он нури дилат, нури ленинӣ.
Чу фикрат мисли гул, табъат чу моҳ аст,
Туро гар кӯр гӯянд, иштибоҳ аст.

*1938*

## ДОСТОНИ МАРДИСТОН

*Ин шеър ҳадия аст ба бисту ҳашт гвардиячиёни паҳлавон, ки дар муқобили сад баробар фашистони хунхор ҳамаашон ҷони ширини худро далерона фидо карданд, аммо душманро ба Масквави азиз роҳ надоданд.*

I

Қарнҳо пештар аз ин даврон
Буд як деҳ ба номи Мардистон.
Мардумонаш вале занон буданд,
Дар ҳама синн ҳама ҷавон буданд.
Ҳар якешон, ки гуфтугӯ меронд,
Дигареро ба номи шӯ мехонд.
Масалан инчунин: зани Баҳром,
Зани Сангин, зани Зафар, зани Сом.
Дур аз он деҳ, ба домани як кӯҳ
Ҷангале буд пурсафову шукӯҳ.
Сабзу пурҷилва коҷҳо дар он,
Сарвҳо ҳамчу қомати ҷонон!
Пеши ҳар сарв буд аз мармар,
Ё зи пӯлоду санг як пайкар.
Ҳар якаш ёдгори шӯи зане,
Гирди он руста пурсафо чамане.

Хурдак, аммо зи фарти сабзаву гул
Ҷои илҳому дониши булбул.
Расми он деҳ буд ин, ки ҳарсола
Ҳама занҳо ба мавсими лола
Хӯрданиҳои хуб мепухтанд,
Нуқл месохтанду шарбати қанд.
Кисаҳо пур намуда аз оҷил,
Мурғи бирён ниҳода дар занбил,
Ба сарангуштҳо ҳино монда,
Сару рӯро гулоб афшонда,
Ҷома пӯшида парниёну ҳарир,
Гесувон тоб дода чун занҷир,
Ӯсма бар абрувон кашида ба ноз,
Бо дафу чангу ною барбату соз
Сӯи ҷангал таронахон, хурсанд
Кӯдаконро гирифта мерафтанд.
Ҳар як аз он занони ғолиямӯй
Бӯса мезад ба рӯи ҳайкали шӯй.
Менишаст ӯ ба пеши он пайкар,
Ҳамчуноне ки бо худи шавҳар,
Аз ҳама кори деҳ ва хонаи худ,
Писару духтару дугонаи худ
Дарди дилҳо барои шӯ мекард,
Гӯ, ки бо зинда гуфтугӯ мекард.
Чун зи хубию меҳрубонии ӯ
Ёд мекарду қадрдонии ӯ.
Нолаҳо мекашид аз дили зор,
Ашк мерехт ҳамчу абри баҳор.
Лек вақте ки аз накӯномиш
Ёд мекарду хушсаранҷомиш
В-аз чунон ишқи беназиру баланд,
Ки нажоди ватан ба вай доранд,
Ашки чашмаш тамом мехушкид,
Рӯи ӯ сурх гашта механдид.

– Зиндаи доимист ин сон ҷуфт,
Кӯдаконро шараф бувад! – мегуфт.
Гуфтаниҳо чу мешуданд тамом,
Шод бо кӯдакони худ то шом
Хӯрда, нӯшида нағмаҳо мехонд,
Аз падар қисса бар писар меронд.

II

Дар чунин рӯзе омад аз раҳи дур
Марде он ҷо ғарибу номашҳур.
Дид деҳро тамоман ободон,
Ҳама асбоби зиндагӣ дар он.
Ҳар куҷо рафту истоду давид,
Рӯи одам вале ба дида надид.
Гуфт бо худ, ки ин чӣ аҳволест?
Деҳ пур аз неъмат, аз башар холист.
Кард ваҳшат, дилаш ба ларза фитод,
«Одам, одам куҷост?» зад фарёд.
Шуд ба фарёди ӯ зане аз дур
Бадар аз хона, ҳамчу мурда зи гӯр.
Қад хамида, сиёҳ пӯшида,
Гӯӣ аз коинот ранҷида.
Сӯи ҷангал, чу шохаи бебарг,
Даст бардошт он фариштаи марг.
Заҳраи мард аз он ишора дарид,
То ба ҷангал давиду ҷасту расид.
Дид он ҳолрову ҳайрон шуд,
Сир бипурсиду огаҳ аз он шуд.
Сирри айшу сурури он занҳо,
Сирри ғамҳои он зани танҳо.
Ҳоли ӯро яке ривоят кард,
Бинишондаш, ба вай ҳикоят кард,
Ки: «Ба ин мулк чанде аз ин пеш
Лашкари душман омад аз ҳад беш.

Хост ин мулкро кунад тасхир,
Халқи онро ғулому хору асир,
Лек мардони ин деҳи хуррам
Банд карданд роҳро маҳкам.
Кас намехост сарфиканда шавад,
Зинда монад ба нангу банда шавад.
З-ин сабаб ҷанг кард бо душман
Ҳар яке дар муқобили сад тан.
Кушта гаштанд як ба як мардон,
Кас, вале, ҷони худ надод арзон.
Аз дами теғашон, бурун зи шумор,
Ғарқи хун монд пилу пилсавор.
Ҳар қадар хасм ҳамлавар гардид,
Рӯбарӯ шуд ба маргу баргардид.
Пеши ӯрдуи душмани ғаддор
Шуд тани мардҳои деҳ девор.
Лашкари мамлакат расид он дам,
Бехи душман фиканд аз олам.
Бозии ҷангро ҳамин деҳ бурд,
Мамлакатро калиди фатҳ супурд.
Лек, танҳо аз он ҳама мардон
Шӯи он зан гурехт аз майдон.
Хабари нангро занаш чу шунуфт,
Дар либоси сиёҳ бо мо гуфт,
Ки: «Маро, эй занони бахтсафед,
Баъд аз ин «бевазан» хитоб кунед!»
Номи он зиндамарди шарманда
«Мурда» шуд, номи дигарон «Зинда»!
Номи мо номи шӯи мо гардид,
Номи шӯ обрӯи мо гардид.
В-аз ҳама ин занони бешавҳар
«Бевазан» монд номи он хоҳар.
Деҳи мо низ аз ҳамон даврон
Ёфт аз халқ номи Мардистон...»

Гуфт ин қиссарову шуд хомӯш,
Ногаҳон пур бишуд ҳаво зи хурӯш.
Байрақи хуррамӣ кашида ба моҳ
Корвони ватан расид аз роҳ.
Халқи ҳар шаҳру ҳар деҳи наздик
Ҷамъ гаштанд аз пайи табрик.
Баҳри табрики хонадони зафар,
Ифтихори тамоми навъи башар.
Бо ҷавонмардзодагон, хурсанд,
Меҳрубонӣ намудаву гуфтанд:
«Шубҳае нест, к-инчунин писарон
Номвар мешаванд чун падарон.
Мо ба онҳо кунем ғамхорӣ,
Меҳрубонию хизмату ёрӣ,
То тамоман бузургу мард шаванд,
Пухта дар санъату набард шаванд».
Боз ҳам бар фалак хурӯш расид,
Нағмаҳои зафар ба гӯш расид.
Вақти шаб ҳар касе ба хотири шод
Сӯи бунгоҳи худ ба роҳ афтод.
З-он мусофир, ки омад аз раҳи дур,
Гашт ин қисса дар ҷаҳон машҳур…
Ин сухан шираи дилу ҷон аст,
Лоиқи ҳадя бар далерон аст.
Ба далерони сотсиалистӣ,-
Қаҳрамонҳои зиддифашистӣ.
Паҳлавонҳои коргар-деҳқон,
Бесухан зиндаҳои ҷовидон.

*1941*

## ҲАМСАФАРОН

Достони «узум, энаб, ангур»
Монда аз рӯзгорҳои куҳан.
Саргузаштест дилкашу пуршӯр,
Ҳар ки нашнида, бишнавад аз ман.

Мастро ин сухан кунад ҳушёр,
Ақли хобида з-он шавад бедор.

Дар яке роҳи гарму хушку дароз
Се мусофир шуданд ба ҳам ёр
В-андар он роҳи пурнишебу фароз
Монд поҳояшон тамом аз кор.

Пас нишастанд дилтапон, тансуст,
Ҳар як он дардро даво меҷуст.

Турк «узум» гуфта ашк меафшонд,
Форс «ангур» гуфта менолид,
Араб, аммо, «энаб, энаб!» мехонд.
Ин чи мегуфт, он намефаҳмид.

Раҳзане ногаҳон расид аз роҳ,
Дид он ҳар серо ба нолаву оҳ.

Гарчи буданд хаста ҳамсафарон,
Лекин онҳо буданд се, ӯ як.
Гуфт раҳзан ба худ, ки дар майдон
Зафари се ба як бувад бешак.

Дӯстонро агар кунам душман,
Шавад, албатта, фатҳ қисмати ман.

Байнашон кард равшан оташи тез,
Гуфт: «Ман меравам ба он деҳи дур,
Балки чизе харам: вале як чиз-
Ё энаб, ё узум, ё ангур.

Бояд ин ҷо ду тан шавад таслим,
То расад сеюмӣ ба айши азим.»

Зад араб, дод, ки: биёр энаб,
Форс ангуру турк узум талабид.
Дузд овардашон ба ҷангу ғазаб,
Худ аз он фитна бар мурод расид.

Он се тан ғарқи шӯришу задухӯрд,
Роҳзан моли ҳар серо заду бурд.

Дӯстон душманона гарми ҷидол…
Ногаҳ аз раҳ расид марде пок.
Дид он ҳолрову кард суол
З-он се бечора, рӯю тан пурхок.

Форс – «ангур»-у турк «узум» зад дод,
В-он араб кард «энаб, энаб!» фарёд.

Мард хандиду гуфт: «Фаҳмидам,
Ман кунам дарди ҳар серо дармон».
Меваи токро зи бор он дам
Бадар овард марди маънидон.

Дод зад турк: «Узум!» бо дили шод,
Форс «Ангур!», араб «Энаб!» зад дод.

Гашт маълум ин ки бахри даво
Ҳамаро буд як хаёл ба сар.
Карда раҳзан ба нафъи худ барпо
Ҷанг дар байни дӯстони сафар.

З-он ба олам шуданд шукргузор,
Ки аз он хоб кардашон бедор.

* * *

Милали хонаводаи Шӯро
Қарнҳо зору бенаво буданд,
Монда аз якдигар ба фитна ҷудо,
Ҳама ҷӯёи як даво буданд,-

Доруи беҳуқуқию сахтӣ,
Ҳама мехостанд хушбахтӣ.

Гӯш бар ҳукмрони раҳзани худ
Карда, ин як ба хавф аз он як буд.
Туркман бадгумон аз ӯзбек шуд,
Ӯ зи тоҷик ранҷаву вай зи яҳуд.

Турк мегуфт: арманӣ мағлуб
Гар шавад, мешавад ҳаётам хуб.

Бахтбахши башар, Ленини кабир
Ростиро ба ин милал фаҳмонд.
Ҳамагиро ба даври руси далер
Аз пайи дафъи душманон ҷамъонд.

Гарчи монданд мухталиф суханон,
Дар амал гаштаанд якдилу ҷон.

Ин милал дафъ карда сахтиро
Пай ба маънои зиндагӣ бурданд.
Меваи хуби некбахтиро
Аз дарахти ягонагӣ хӯрданд.

Дигар онҳо раҳи хато нараванд,
Ҳаргиз аз якдигар ҷудо нашаванд.

Ин ки бар зидди лашкари фошист
Халқҳои саветӣ, чун як тан
Паҳлавонӣ кунанд, беҷо нест:
Бахташон дода ин бузург Ватан.

Бахт боз ҳам ба даст оварданд,
Бо ҳам аз вай кунанд дафъи газанд!

*1943*

## МЕҲАНИ МАН
***Бахшида ба фарзандонам***

Ба диққат бишнавед, эй нури чашмон:
Бувад дар зери ин гарданда гардун
Ғанӣ, мискин диёре – номаш Эрон.

Муқаррар шустушӯ бинмуда дар хун,
Вале рӯҳаш тазалзулнопазир аст,
Ҷаҳонеро ба мардӣ карда мафтун.

Куҳан фарзанди ин дунёи пир аст,
Ба таърихи башар номаш дурахшон,
Ҳунарпарвар, хирадманду кабир аст.

Дурахшад номи ӯ н-аз тоҷи шоҳон,
Дурахшад аз дирафши Ковиёнӣ,
Зи Маздак, арҷбахши ранҷи инсон;

Аз он оташ, ки тобад ҷовидонӣ
Зи Рустам дар вуҷуди ҳар ҷавонмард,
Ки меҳанро намуда посбонӣ;

Дурахшад аз Арони шери хунсард,
Хирад дар мактаби ӯ донишомӯз,
Ки ҷон дар роҳи озодӣ фидо кард,

;

Дурахшад номи Эрони дилафрӯз
Зи Ҳайдар – пешвои номии халқ,
Ситамкашҳо-навозу золимонсӯз.

Зи номи Ёрмуҳаммад ҳомии халқ
Ба мардию ҳунар ҳодии мардум,
Мубориз дар раҳи хушкомии халқ.

Чун инон, баҳри озодии мардум,
Фаровонанд дар таърихи Эрон
Шаҳидон дар раҳи шодии мардум.

Бувад он сарзамин паҳновар он сон,
Ки як ҷо пӯстин пӯшанду он дам
Дигар ҷо пӯст меандозад инсон.

Фазои ҷонфизою дашти хуррам,
Сафову манзари башкӯҳ дорад.
Зи бӯяш тоза гардад рӯҳи одам;

Фаровон ҷангали анбӯҳ дорад,
Ба зебоӣ яке беҳтар зи дигар,
Ҳисору шаҳру наҳру кӯҳ дорад.

Се раҳ соле назояд ҳеҷ модар,
Магар бахше зи хоки он, ки ҳар сол
Диҳад ҳосил се раҳ, ҳар раҳ накӯтар.

Надорад меваи шодобаш амсол,
Ҳавои он зи мурғон пуртанин аст,
Заминаш аз раёҳин пурхату хол.

Вале, афсӯс, ҳар ҷо не чунин аст:
Басо беоб саҳро ҳаст дар он,
Ки хокаш сахту бодаш оташин аст.

Ҳамеша ташна коми саъйи инсон,
Ки чун дар хоки Шӯро, олами нав,
Шигифтангез бар ҷисмаш дамад ҷон.

Кунун дар бораи халқаш ту бишнав!
Далеру содаю покизароянд.
Чунин гӯяд ривоёти ҷаҳонрав.

Ба меҳмон меҳрубон дар мекушоянд.
Мусулмонанду ҳамчун бутпарастон
Худованди суханро меситоянд.

Накарда халқи Эрон тарки виҷдон,
Ба миллатҳои дигар нест душман,
Магар баъзе, на мардум, балки ҳайвон.

Гулистон мор ҳам дорад, вале ман
Ҳикоят мекунам аз тӯдаи кор,
Ҳақиқӣ соҳибони хоки меҳан.

Кунун гар оҷизанду бандаю хор,
Вале ояд ба зудӣ он дами шод,
Ки ёбад халқ пирӯзӣ ба пайкор.

Ҳам аз бедоди аъён гардад озод,-
Дар ин ман эътиқоди сахт дорам-
Ҳам аз ҷанги ҷаҳонгирони ҷаллод.

Ман аз он кишвари пурифтихорам,
Маро дар он замин зоида модар,
Зи фарзандони он халқи куборам,
Чӣ хушбахтӣ бувад аз ин фузунтар?!

*1945*

## АГАР МАРДӢ,
## ҲИМОЯТ КУН ВАТАНРО

Хирадманде, чу як навзода, маъсум,
Ба туҳмат мубтало гардиду маҳкум,
Ду досташ баста, бо амри шаҳаншоҳ
Нишониданд ӯро бар гузаргоҳ.
Мунодӣ пас ба номи шаҳ талаб кард,
Ки ҳар кас афканад санге ба он мард.
Ба вай борид аз ғавғогарон санг,
Наёмад оҳе аз марди гаронсанг.
Ба мардум кард асар он мардии ӯ,
Ба ҷанги марг он хунсардии ӯ,
Ба як буздил зи шогирдони устод
Шаҳ аз роҳи сиёсат маблағе дод,
Ки ӯ ҳам бар тани олим занад санг,
Гувоҳи ин ки коре карда пурнанг,
Гувоҳи он ки шуд он сон табаҳкор,
Ки шогирдаш ҳам аз ӯ гашта безор.
Зи ҳирси нафъ ё аз бими золим,
Ҷавон андохт реге сӯи олим.
Фиғони сахт омад аз дили мард,
Шаҳ ин бишниду з-он ҳолат аҷаб кард,
Ба ҳукми ҳукмрон марди накӯро,
Биёварданду шаҳ пурсид ӯро,
Ки нанмудӣ зи чандин санг афғон,
Чаро гардидӣ аз реге хурӯшон?
Бигуфто: «Санг меборид зи душман,
Наменолам зи санги душманон ман.
Вале буд регзан дар сурати дӯст,
Гарам аз дил фиғон омад, аз ин рӯст.
Бипарвардам манаш дар кору фарҳанг,

Аз ин, регаш гаронтар буд зи ҳар санг.
Барои неъмати ин умри фонӣ
Бидод ӯ тан ба нанги ҷовидонӣ».

Аё сарбози Лисинмону ҳар фард,
Ки роҳе ҳамчу роҳи ту гузин кард!
Ман ин дерин масалро чун сурудам,
Зи номи зишти ту ёде намудам.
Адӯ борад ба ҷисми модарат санг,
Ту душманро кунӣ ёрӣ, зиҳӣ нанг!
Ватанро мефурӯшӣ ту ба душман,
Ба музди ин ки паврвардат ба доман.
Ту бо фармони Амрико бурӣ сар
Бародарро ба пеши чашми модар.
Ту тозӣ сӯи ӯ дар сурати дӯст,
Вале чун душман аз ӯ меканӣ пӯст.
Зи бомби мудҳиши Амрик як оҳ
Касе нашнид аз он шери дилогоҳ.
Вале аз теғи ту, фарзанди номард,
Бубин, чун мекашад афғони пурдард.
Корея дорад авлодон вафодор,
На монанди ту нангину табаҳкор,
Ватанро мекунанд озод онҳо,
Аз онҳо шуҳра гардад достонҳо.
Ба пас неҳ по, ба кори худ биандеш,
Накӯ бишнав фиғони модари хеш.
Раҳат нангин бувад, баргард аз ин роҳ,
Бигардон теғи худро сӯи бадхоҳ.
Агар мардӣ, ҳимоят кун ватанро,
Бихар бо хун гуноҳи хештанро.

*1951*

## «ДӮСТАМ»

I

Дар Эрон чун ба зидди зулми шоҳӣ
Бапо шуд байрақи машрутахоҳӣ,
Муҷоҳидҳо зи ҳар сӯ, даста-даста,
Ба зери сурх-парчам аҳд баста,
Ба дафъи хасми озодии мардум
Мусаллаҳ омаданд андар таҳоҷум.
Кунун беш аз чиҳил шуд сол аз он дам,
Вале чун рӯзи пеш ояд ба ёдам,
Ки ман ҳам раҳбари як даста будам,
Ба роҳи халқ паймон баста будам.
Саманди тездав буд маркаби ман,
Ки медод ӯ тамиз аз дӯст душман.
Равон мешуд миёни кӯю бозор
Ба дунболам, чу сагҳои вафодор.
Агар аз пушти зин ман тир хӯрда,
Нагун меуфтодам, мисли мурда,
Ба сум хоки замин медод барбод,
Ба даври ман касеро раҳ намедод.
Чу бармехостам аз хок зинда,
Зи шодӣ шеҳазан мекард ханда.
В-агар шаб бахше аз ӯрдуи шоҳӣ
Ба мо наздик мешуд дар сиёҳӣ,
Маро бо пӯзи худ мекард бедор,
Ки душман бехабар омад, хабар дор!
Ду гӯшаш рост, ҳамчун шамъ мешуд,
Чу шере вақти ҳамла ҷамъ мешуд.
Ба вусъат чашмҳоро боз медошт,
Нафас дар синаи худ бозмедошт.
В-агар ҷамъе зи моҳ аз кӯҳ ё дашт
Вазифа карда иҷро боз мегашт,

Ба ҷунбиш аспи ман медод аз онон
Хабар чун бодсанҷ аз боду борон.
Суханфаҳму ҷасуру меҳрубон буд,
Азизи мо – ҳама размоварон буд.
Дар ин даъвӣ на кизб асту на иғроқ,
Ки гӯям буд байни аспҳо тоқ.
Чунон дар дӯстӣ санҷидам ӯро
Ки номи «Дӯстам» бахшидам ӯро.

II

Ба мо як рӯз он сон тохт душман,
Ки лозим шуд зи вай вопас нишастан.
Ба-д-он сон муттасил буд тири аъдо,
Ки меафканд соя бар сари мо.
Гурӯҳе дӯстон, дар байнашон ман,
Бубастем аз паси саф раҳ ба душман.
Магар золи аҷал ғирбол дар каф
Ғубори марг мепошид бар саф.
Дар он асно ба пои дӯстам хӯрд
Чунон тире, ки кардаш устухон хурд.
Ҳамон дам тири дигар ҳам ба дасташ
Расиду ҳамчу пои ӯ – шикасташ.
Қалам шуд он ду соқи ҳамчу пӯлод
Ман аз зин бар замин ҷастам, вай афтод.
Назар бо нолаи зоре ба ман дӯхт,
Шарори он назар қалби маро сӯхт.
Нигоҳаш бо забони безабонӣ
Талаб мекард аз ман меҳрубонӣ.
Ту гӯӣ гуфт: дар ин гарм саҳро
Ба ин ҳол ар бимонам, ҷонварҳо
Кунандам зинда-зинда пора-пора.
Азоби дӯстро бинмой чора!

III

Зи дарди «Дӯстам» дил пур зи ғам буд,
Хатар наздик буду вақт кам буд.
Ба рӯи сина зӯр оварда дастам,
Магар дилро нигоҳ дорад, нишастам.
Кунун дар пеши чашмам ҳайкали ӯст…
Ду даст афканда андар гардани Дӯст,
Фишондам аз ду дида ашки падруд,
Абас дар кӯшиши бархостан буд.
Магар душман бишуд огоҳ аз он дард,
Ки бепарво фишори сахт овард.
Ду гӯши «Дӯстам» шуд рост чун тир,
Ки марг омад, бичаҳ з-ин ҷо, макун дер!
Рухаш бӯсидаму аз ҷой ҷастам,
Ду чашму гӯшро бо даст бастам,
Забон лакнатзанон, фармон ба ёрон
Бидодам, то кунандаш тирборон.
Ҳама сӯзон зи дарду хашмгинӣ
Инон бартофтем аз паснишинӣ.
Гирифтем андар он майдон чу як тан
Қасоси Дӯст аз ӯрдуи душман.

*1953, Москва*

# РУБОӢ ВА ДУБАЙТИҲО

Хоҳӣ, ки шавад замона хуррам аз ту,
Магзор расад ба ҳеҷ дил ғам аз ту.
Аммо пайи исботи ҳақ ар лозим шуд
Бигзор биранҷад дили олам аз ту.

* * *

Ман дар тани шеър ҳамчу ҷон хоҳам монд,
Дар маслаки ишқ ҷовидон хоҳам монд.
Пир аст касе, ки фикри ӯ пир бувад,
Ман фикри ҷавонаму ҷавон хоҳам монд.

* * *

Дишаб зи ғамат бурун шуд аз ҷисм ҷон,
Ногоҳ ту омадӣ ба пешам меҳмон,
Қурбони вафои ҷон, ки то дид туро,
Баргашту хабар дод, ки омад ҷонон!

* * *

Дар ҷойи дилам ба сина хун боқӣ монд,
Дар сар ивази хирад ҷунун боқӣ монд.
Симурғ будам, ба доми ишқ афтодам,
Дар дом кабӯтари забун боқӣ монд.

* * *

Ҷаззобтар аз чашми уқоб аст ин чашм,
Бо ҳама дар ҳоли итоб аст ин чашм,
Одам, ки ба вай менигарад, маст шавад,
Пурнашъатар аз ҷоми шароб аст ин чашм.

* * *

Донӣ, ки ғам дурии рӯи ту чи кард?
Рӯзам сияҳу мӯй сафеду рух – зард.
Ту рафтиву гирди ман зи ҳар сӯ ба набард
Ғам бар сари ғам омаду дард аз пайи дард.

* * *

Имшаб ба манат ҳавои ҷанг аст магар?
Дил мешиканӣ, дили ту санг аст магар?
Ҳар дам зи барам гурехтан мехоҳӣ?
Дар синаи ман ҷойи ту танг аст магар?

* * *

Тоҷирписаре шароби гулгун мехӯрд,
Муздури вай аз гуруснагӣ хун мехӯрд.
Ман масти хаёли он ду ҳамҷинси башар,
К-ин чун месохт в-он яке чун мехӯрд!

* * *

Ид омаду боз ин тавонгарписарон
Бо ҷомаи нав шуданд ҳар сӯй равон.
Онон ба нишоту кӯдаки ранҷбарон
Ҳасратзада ҳар тараф ба онон нигарон.

* * *

Ин духтари ранҷбар, бубин, метарсад,
Лухт асту гурусна, аз ҳаё меларзад.
Бе ғозаву зевар аст бадбахт, аммо
Бо ҳусни табиӣ ба ҷаҳон меарзад.

* * *

Ин ҳоҷаи бешараф, ки ғарқи қасаб аст,
Аз заҳмати ранҷбар ба айшу тараб аст.
В-ин духтари деҳқон, ки валинеъмати ӯст,
Дасте ба ҷилав, дасти дигар дар ақаб аст.

* * *

Мо рахна ба кори шайху роҳиб кардем,
Кашфи ҳама асрору матолиб кардем,
Озод зи қайди «нангу номус» шудем,
Тарки ҳама адёну мазоҳиб кардем.

* * *

Ин подшаҳону маснаду афсарашон
В-ин тоҷварону махзану лашкарашон
Пайдошудаи заҳмати муздуронанд
Бо ҷумла тавонгарону симу зарашон.

* * *

Абнои башар асири ранганд ҳама,
Афтода ба доми ному нанганд ҳама.
Побанди алоиқу қатили тамаъанд,
Бо ҳам пайи манфиат ба ҷанганд ҳама.

* * *

Дар доираи вуҷуд зуд омадаем,
Дар давраи гарду хоку дуд омадаем.
Бедуд шавад замона рӯзе, афсӯс,
Мо зудтар аз он ба вуҷуд омадаем!

* * *

Мо хасми муроду душмани коми худем,
Бадхоҳи мақому мункири номи худем,
Барҳамзани осоишу ороми худем,
Алқисса, ки «девонаи айёми худем!»

* * *

Аз заҳмати ранҷбар яке тоҷир шуд,
Он хон шуду ин бек, дигаре омир шуд.
Алқисса, ба ин хон ҳама кас ҳозир шуд
В-он низ, ки дер омада буд, лидер шуд.

* * *

Шоҳ аз пайи манфиат ба ҷанг олуда,
Хон карда ба хуни халқ чанг олуда,
Зоҳид ба фасоди ному нанг олуда,
Алқисса, ҷаҳон ҷумла ба ранг олуда!

* * *

Мурдам зи ғаму ранҷбар озод нашуд,
Бедод забуну навбати дод нашуд.
Дунё зи вуҷуди коргар обод аст,
Худ соҳиби як хонаи обод нашуд!

* * *

Тоҷирбача чунки соҳиби симу зар аст,
Дар мадраса з-атфоли дигар пештар аст.
Нозаш макаш, эй муаллими кухнапараст,
К-ӯ ғосиби нони кӯдаки ранҷбар аст!

* * *

Деҳқонписаре хост хурад навбари ток,
Деҳқон зи кафаш рабуду кардаш ғамнок.
Мегуфт: зи хон зудтар ар мо бихурем,
Тарсам, ки ғазабнок шавад Эзади пок.

* * *

Шоҳ он чи зи кин хонаи деҳқонро сӯхт,
Хон ҳар чи зи ранҷи халқ неъмат андӯхт,
То хост раийят, ки даҳон боз кунад,
Бо сӯзани дин шайх даҳонашро дӯхт.

* * *

Шоҳон, ки сарои хеш тазйин карданд,
Бас суфра зи хуни халқ рангин карданд,
Танҳо на ба зӯри тӯпи сангин карданд,
Бо ёрии шайху давлату дин карданд.

* * *

Шаҳ дар ҳаваси ишрат бо симбарон,
Хон гарм ба қатлу ғорати ранҷбарон,
Зоҳид пайи тасмими хаёли дигарон,
Мо ҳишта ба каф сар ба раҳи коргарон.

* * *

Ноне, ки ба хони ағниё омадааст,
Гӯянд, ки «аз пеши Худо омадааст».
Ин нони раият асту бар хони амир
Бо фатвии шайхи беҳаё омадааст.

* * *

Аз пули ҷаримаҳои деҳқонон хон
Ороста буд бисоти айшу деҳқон
Медид ба моли хешу аз гуфтаи шайх
Мегуфт: – Худо ба хон намудаст эҳсон!

* * *

Ин тӯпи шаҳон, ки кӯҳ аз ҳам бидарад
В-ин типи сипаҳ, ки садди оҳан бибурад,
Донӣ, ба ҷаҳон баҳри чӣ оростаанд?
То ранҷбар аз заҳмати худ нон нахӯрад.

* * *

Не фарқи забон, на дин, на кишвар, на либос
Бар фитнаи мобайни башар нест асос.
Сармоя бувад омили ин ҷангу ҷадал,
Гар он набувад, на ҷанг монад, на ҳарос.

* * *

Як хона бувад рӯйи замин сар то сар,
Як оила андар ӯст аз навъи башар.
Чун муштараканд ҷумла дар нафъу зарар,
Фарқе набувад миёнаи модаву нар.

* * *

Таҳсили улум то умумӣ нашавад,
Озод ҷаҳон зи банди шумӣ нашавад,
Дафъи ғами деҳқонию бумӣ нашавад,
Якрангии афғонию румӣ нашавад.

* * *

Ҳар кас ба ҷаҳон зи нафъи шахсӣ гузарад,
Ноне, ки бувад ба музди заҳмат, бихурад,
Дунё ватани ӯст, чи Эрон, чи Фаранг,
Ҳар кас каси ӯ бувад, чи Петрус, чи Асад.

* * *

Чун мухталифанд сайди инсону туюр,
Сайёд насохт домҳоро якҷур.
Ин дом зи чӯбу банду оҳан бошад,
Афсонаи шоҳу шайх – доми муздур.

* * *

Зоҳид, ки ба халқ ваъдаи ҳурӣ дод,
Қавли майи нобу ҷоми булурӣ дод.
Бо он ки зи ҳур ёри ман хубтар аст,
Ӯро ба чӣ рӯй ҳукми мастурӣ дод?

* * *

Пӯшида чу он рӯйи дилафрӯз бувад,
Мотам дорам, агарчи Наврӯз бувад.
Рӯзе, ки бутам зи парда берун ояд,
Иди ману Наврӯзи ман он рӯз бувад.

* * *

Эй духтари Шарқ, дод аз дасти ту, дод!
Кас чун ту асири ғафлату ҷаҳл мабод!
Айб аст, ту бедонишу мардум доно,
Ҳайф аст, ту дар чодару дунё озод.

* * *

Бе модари хуб комрон натвон зист,
Он кас, ки бувад мункири ин маънӣ, кист?
Гар қатра зи сарчашмаи хуршед афтад,
Гавҳар нашавад, чун садафаш қобил нест.

* * *

Бошад ба ҷаҳон дар назари донишвар
Оғӯши зан аввалин дабистони башар.
Ин мактаби ибтидоӣ ар олӣ нест,
Аз тарбияти башар наҷӯед асар!

* * *

Бе заҳмату ранҷ нон намебояд хӯрд,
Як луқма ба ройгон намебояд хӯрд.
Ноне, ки бувад ҳосили ранҷи дигарон,
Гар ҷон биравад, аз он намебояд хӯрд.

* * *

Онон, ки дам аз мақому авранг зананд,
Бо ҳар ранге ба халқ найранг зананд.
Ҳар ҷой, ки як номи накӯе диданд,
Бар ӯ ба ғараз лаккае аз нанг зананд.

* * *

Аз доми ҷаҳон яксара растам дигар,
Дар гӯшаи инзиво нишастам дигар.
Гӯши шунавову чашми бино чун нест,
Лаб бастаму хомаро шикастам дигар!

* * *

Гуфтанд, ки хубу бади мо бо фалак аст,
Мазлумкушу ҳомии доро фалак аст.
Якчанд бар ин будему охир дидем,
Саргаштаву бечоратар аз мо фалак аст!

* * *

Ман ошиқаму ишқи ман имони ман аст,
Ҷононаи ман хубтар аз ҷони ман аст.
Аслан ин ҷон барои ҷонони ман аст,
Ҷонони зи ҷон беҳтарам Эрони ман аст.

* * *

Ҷуз рӯйи ту дар дидаи идрокам нест,
Ғайр аз ҳаваси ту дар дилам бокам нест.
Халқе ҳама душмананд бо ман, аммо
Чун дӯст туӣ, зи душманон бокам нест.

* * *

Боз омадам, эй дӯст, сарафканда зи ту
В-аз кардаи зишти хеш шарманда зи ту,
Зебандаи ту гарчи накардам тоат,
Бо ман бикун, он чи ҳаст зебанда зи ту.

* * *

Сахт аст дилат, сахттар аз санг ҳанӯз,
Олам ба сари сулҳу ту дар ҷанг ҳанӯз.
Умрест кушодаӣ ба рӯям дари ҷанг
В-аз ҷанг нашуд ҳавсалаат танг ҳанӯз?

* * *

Ҳарчанд ки дар пеши ту роҳам набувад,
Эй дӯст, ба ғайр аз ту паноҳам набувад.
Дар ишқи ту даст аз ҳама олам шустам,
Биллоҳ, ки ғайр аз ин гуноҳам набувад.

* * *

Гуфтам дилам аз дасти ту хун хоҳад шуд
В-ин ақл мубаддал ба ҷунун хоҳад шуд.
Акнун, ки дилам ба сина хун гардидаст,
Пайдост, ки кори ақл чун хоҳад шуд.

* * *

Охир дили ман ба сина хун шуд зи ғамат
В-он хун зи раҳи дида бурун шуд зи ғамат,
Ман аз дилу дил зи ман ба ҷон омадаем,
Ҳоли ману дил бубин, ки чун шуд зи ғамат.

* * *

Эй дӯст, туӣ роҳзани ҳуш маро,
Меҳри ту намуда ҳалқабаргӯш маро.
Акнун ки ба нақди ҷон харидам ишқат,
Ғафлат манамову муфт мафрӯш маро.

* * *

Аз сар бигузар, ба тоҷ муҳтоҷ мабош,
Андар бари тири нафс омоҷ мабош.
Гар бе сару тоҷ шодшоҳӣ хоҳӣ,
Кун тарки сару мунтазири тоҷ мабош.

* * *

Як барзгаре, ки оби Эрон мехӯрд,
Рӯзе дидам, қасам ба Қуръон мехӯрд,
К-аз ҳосили кишти худ агар нон мехӯрд,
Сад чӯб ба ҳар луқмааш аз хон мехӯрд.

* * *

Дар коргаҳи тавонгаре будам дӯш,
Дидам ду ҳазор дег дар ҷӯшу хурӯш.
Дар ҳар деге ба чашми ибрат дидам,
Хуни ду ҳазор коргар буд ба ҷӯш.

* * *

Як дуктури муслим, ду масеҳӣ, се яҳуд
Буданд бари тавонгаре гарми суҷуд.
В-он лаҳза ду коргар дар он кӯча ба ранҷ
Мурданду зи дардашон кас огоҳ набуд.

* * *

Ҳар рӯз тавонгаре қасаб мепӯшид,
Бар суфра шароби лаългун менӯшид.
Мехӯрду намедид, ки аз луқмаи ӯ
Хуну арақи коргарон меҷӯшид.

* * *

Бо коргари ба маҳбас андохтае
Гуфтам: зи чӣ рӯй ранги худ бохтаӣ?
Аз сахтии зиндон гила ҳаргиз манамо,
К-ин хонаи зулмест, ки худ сохтаӣ.

* * *

Эй ранҷбарон, абди тавонгар нашавед,
Маҳкуми шаҳу шайхи бадахтар нашавед.
Ҳар кас ба ҷаҳон майли саворӣ дорад,
Эй коргарон, вале шумо хар нашавед!

* * *

Бархе пайи нанганду гурӯҳе пайи ном,
Ҷамъи дигаре асири ҷоҳанду мақом,
Ин шефтаи шаҳвату он мурдаи ком,
Ҷуз фаъла, ки дар ҳасрати нон аст мудом.

* * *

Гӯянд, ки ҷанги фаъла баҳри нон аст,
Ӯ бехабар аз «ҳақоиқи виҷдон» аст.
Виҷдону шараф малъабаи серон аст,
Виҷдони гурусна нони фарзандон аст.

* * *

Матбӯътарин бузургӣ афтодагӣ аст
В-аз ҳар ҳусне латифтар содагӣ аст,
Ин дурру гуҳар, ки зинати ашроф аст,
Хасми башару қотили озодагӣ аст.

* * *

Саъдӣ «шарафу кароматӣ ҳар мавҷуд»
Фармуд «зи ҷуд бошаду фаръи суҷуд».
Гар кору натиҷа ҳар ду тақсим шаванд,
Ҳоҷат набувад на бо суҷуду на ба ҷуд.

* * *

Илм ар набувад, вуҷуд лозим набувад,
Ҷаҳл ар набувад, суҷуд лозим набувад.
Гар золиму мазлум набошад ба ҷаҳон,
Маддоҳию базлу ҷуд лозим набувад.

* * *

Ноне, ки на дар муқобили кор бувад,
Ҳаргиз нахурам, ки хӯрданаш ор бувад.
Ҳар кас, ки зи ранҷи халқ роҳат талабад,
Албатта, сазовори сари дор бувад.

* * *

Ободии мулки олам аз ранҷбар аст,
Осоиши навъи одам аз ранҷбар аст.
Он илм, ки олимон ба он фахр кунанд
Бар мардуми дигар, он ҳам аз ранҷбар аст.

* * *

Эй коргар, эй хоки ту аз зар беҳтар,
Сад раҳ арақат зи мушку анбар беҳтар.
Он обилаи дасти ту дар дидаи ман
Аз гавҳари ашки ҳар паямбар беҳтар.

* * *

Эй ранҷбарон, эй фуқаро, ҷамъ шавед,
Бар зидди вуҷуди ағниё ҷамъ шавед,
Бе фарқи нажоду мазҳабу миллият,
Эй коргарони ҳама ҷо, ҷамъ шавед!

* * *

Агар хорам, зи гулзори ту ҳастам,
Агар қалбам, зи бозори ту ҳастам.
Худоро, эй табиби дардмандон,
Илоҷе кун, ки бемори ту ҳастам.

* * *

Дили беорзу афсурда беҳтар,
Гули дур аз чаман пажмурда беҳтар.
Худоро, эй аҷал, ҷонам ту бистон,
Ки дур аз хоки Эрон мурда беҳтар.

* * *

Ту, ки сад дил ба мӯе баста дорӣ,
Куҷо дил бо мани дилхаста дорӣ?
Дилам бишкастию шодам, ки гӯянд:
Ту улфат бо дили бишкаста дорӣ.

* * *

Ба меҳнат рӯзгорон то шаб астам,
Ба шаб то бомдодон дар таб астам.
Ту ҷовидон бимон, эй дилбари ман,
Ки ман бо марг лаб андар лаб астам.

* * *

Дили ман аз фиғони ман рамидаст,
Зи дашти синаам берун давидаст.
Ғарибам, нотавонам, тоқатам нест,
Бародарҳо, дили манро кӣ дидаст?

* * *

Ба ман ишқат ҷунун омӯзад охир,
Зи дунё дидаамро дӯзад охир.
Даруни синаам оташ маяфрӯз,
Дар он ҷо хонаат месӯзад охир.

* * *

Ту он моҳӣ, ки ҳуснатро зарар нест,
Ту он шоҳӣ, ки мулкатро хатар нест.
Ба дил роҳат бимон в-аз кас маяндеш,
Ки дар як хона як ҷо бештар нест.

* * *

Ба нози дилбарӣ ғарқ аст чашмат,
Буто, сарчашмаи барқ аст чашмат,
Зи барқаш бар ҳама олам расад нур,
Агарчи ахтари Шарқ аст чашмат.

* * *

Нигори дилписанди ман туӣ, ту,
Маҳи хуршедбанди ман туӣ, ту.
Кунад дур аз ту табъам норасоӣ,
Бути шеъри баланди ман туӣ, ту.

* * *

Зи роҳи дида дар дил хона кардӣ,
Сипас ин хонаро вайрона кардӣ.
Нагӯям з-он чи, кардӣ ё накардӣ,
Фақат як гап: маро девона кардӣ.

* * *

Агар ранҷад дилу бандад даҳонро,
Чу шаб торик созад рӯзи ҷонро.
Битарс аз оҳи дил, дилро маранҷон,
Дил ар хоҳад, бисӯзонад ҷаҳонро.

* * *

Агар мегаштам озод аз дилу чашм,
Намекардам дигар ёд аз дилу чашм.
Бувад ин ҳар ду баҳри роҳати ҷон –
Ду хасми беамон, дод аз дилу чашм.

* * *

Ба лаб биншаста ҷон аз дасти ин дил,
Ба танг омад  ҷаҳон аз дасти ин дил.
На аз дилбар, на аз ман мекашад даст,
Ҳалокам кард, амон аз дасти ин дил.

* * *

Чаро, эй дил, чунин афсона гаштӣ,
Чаро аз ман чунин бегона гаштӣ?
Киро дидӣ, куҷо рафтӣ, чӣ кардӣ,
Ки дар дунё чунин афсона гаштӣ?

* * *

Чаро мезорӣ охир, эй дил, эй дил?
Магар беморӣ, охир, эй дил, эй дил?
Бирав дигар, зи ҷонам даст бардор,
Ту дилбар дорӣ охир, эй дил, эй дил!

* * *

Чаро берангубӯӣ, эй дил, эй дил,
Киро дар ҷустуҷӯӣ, эй дил, эй дил.
Бирав з-ин дар, намехоҳад туро ёр,
Аҷаб беобрӯӣ, эй дил, эй дил.

* * *

Агар дилдор дорӣ, эй дил, эй дил,
Чаро пас беқарорӣ, эй дил, эй дил.
Маро пеши ҷаҳон шарманда кард,
Бас аст ин оҳу зорӣ, эй дил, эй дил.

* * *

Ба ишқ, эй дил, маро афсона кардӣ,
Ба ҷон эй дил, маро бегона кардӣ.
Парешонам, намедонам чӣ созам,
Ту манро ҳамчу худ афсона кардӣ.

* * *

Бас аст охир, ҳаё кун, эй дил, эй дил,
Дигар тарки хато кун, эй дил, эй дил.
Ва ё аз ишқи дилбар даст бардор,
Ва ё манро раҳо кун, эй дил, эй дил.

* * *

На ёре дорӣ ин ҷо, эй дил, эй дил,
На боре дорӣ ин ҷо, эй дил, эй дил.
Бувад дар кӯйи дилбар хонаи ту,
Чӣ коре дорӣ ин ҷо, эй дил, эй дил.

* * *

Сияҳчашмак, чаро бурдӣ диламро,
Камонабрӯ, куҷо бурдӣ диламро,
Зи ту беҳтар ба дунё дилбаре нест,
Сафо кардӣ, баҷо бурдӣ диламро.

* * *

Сияҳчашмак, ба холат банда бошам,
Фидои он рухи тобанда бошам.
Шаҳиди он лаби пурханда бошам,
Зи ту бошад дилам, то зинда бошам.

* * *

Сияҳчашмак, шикори ту дили ман,
Ғуломи хоксори ту дили ман.
Маранҷонаш, навозиш кун, бибӯсаш,
Ки меояд ба кори ту дили ман.

* * *

Сияҳчашмак, фидои ту дили ман,
Замин дар зери пои ту дили ман.
Барои худ дигарҳо зинда ҳастанд,
Бувад зинда барои ту дили ман.

* * *

Сияҳчашмак, дилам ёд аз ту кардаст,
Диле, ки солҳо дод аз ту кардаст.
Ҳамин дил, бо ҳама бедоди ту боз
Ҳамеша ёди имдоди ту кардаст.

* * *

Сияҳчашмак, ба дил банди ту бошад,
Бақои ҷон зи пайванди ту бошад.
Сафарҳо кардаму дидам ҷаҳонро,
Надидам кас, ки монанди ту бошад.

## ТАВЗЕҲОТ

Ғаввос – ғӯтазананда дар об
Абдол – мардони Худо.
Авн – ёвар, пуштибон.
Автод – бузургони дин, пешравони роҳ.
Ағниё – ҷамъи ғанӣ
Адам – нестӣ, нобудӣ
Адам – нобудӣ
Адвор – даврҳо дар оҳангшиносӣ
Айнулҳаёт – чашмаи зиндагонӣ. Гӯянд, чашмаи оби зиндагӣ дар дили торикӣ нуҳуфта аст.
Алийя – олӣ, баландмартаба
Алойиқ, алоиқ – пайвандҳо, дилбастагиҳо
Анин – нола, зорӣ
Арика – тахт, тахти ороста
Асадуллоҳ – Шери Худо, лақаби Алӣ ибни Абӯтолиб.
Асбоб – сабабҳо
Атус – ҷ. атса.
Аҳмар – сурх
Аълам – олимтар, донотар
Байзо – сафед, дар ин ҷо ба маънии маҳтоб омадааст.
Барас – номи як бемории пӯст
Бард – сармо
Барот – ҳуҷҷати афви гуноҳ, васиқа
Бархай – қурбон, қурбонӣ, фидоӣ
Басар – биноӣ, чашм
Басот – замини васеъ
Бисот – фарш, гилем
Булҳасан – кунияи Имом Алӣ ибни Абӯтолиб.
Бурқаъ – чодар
Бурудат – сармо, хунукӣ
Вабол – сахтӣ.

Вало – дӯстӣ, меҳр

Васан – бут.

Ватин – расане, ки бо он амориро мебанданд, дар ин ҷо ба маънии раги зиндагӣ.

Вир – ёд, ҳофиза, ҳуш.

Вирд – пайваста хондан

Вофир – бисёр, фаровон

Вуъуд – ҷамъи ваъда

Ғанӣ – доро, сарватманд

Ғанҷ – нозу карашма

Гили арманӣ – тини арманӣ, хокест ба ранги сурхи тира, ки арзиши доруӣ дорад.

Ғоб – беша, найзор.

Ғоза – гулгуна, сурхие, ки занон ба рӯй ӣмемоланд

Ғориб – ғурубкунанда, дуршаванда.

Дайн – вом, қарз.

Дайҳим – кулоҳ; тоҷ

Дайҷур – торикӣ, сиёҳӣ

Далол – ғамзаву ишва

Данӣ – палид, зишт; дун

Дарюза – гадоӣ, гадо

Дастанбӯ – навъе сайфии хушбӯй, ҳамонанди гармакмева ё чизи дигаре, ки барои хушбӯ шудани даст ба даст гиранд; як навъ харбузачаи хушбӯй, ҳандалак.

Дастон – достон; наво; ҳилаву найранг

Дашна – корд, ханҷар

Дижам – ғамгин, хашмгин

Димор – ҳалок, несту нобуд

Диръ – зарра; либоси зиреҳ

Дурҷ – сандуқча, ҷойи зеварҳои занона.

Зайл – домон.

Залол, залолат – гумроҳӣ, кажроҳӣ

Залум – бисёр ситамгар.

Занн – гумон
Заххор – пуропур аз об
Зубоб – пашша, магас, занбӯр.
Зулминан – Худованди миннатҳо ва бахшишҳо, яке аз номҳои Парвардгор
Идбор – бадбахтӣ, муқобили иқбол
Иёр – қадр, баҳо, қимат, баҳо
Изом – устухонҳо, азм – устухон.
Итрат – хешон
Ифзол – бахшиш, бартарӣ.
Кавнайн – ду ҷаҳон
Кайд – макру ҳила
Қалақ – беқарорӣ ва бероми
Қалақ – парешонӣ, нигаронӣ
Қаллош – бекор.
Қалъу қамъ – барандохтан, решакан кардан.
Қамқом – кори бузург.
Канз – ганҷ.
Карх – хона, макон, шаҳре дар Бағдод ё Мовароуннаҳр.
Каъси кором – каъсалкиром – косае, ки аз дасти разбон гиранд, косаи шароби ангур, (кором ҳамчу киро) разбон.
Қифол – раги дурушти рӯйи даст.
Кӯс – осеб.
Қулзум – Баҳри Сурх.
Кухл – сурма.
Кӯк будан – хашмгин будан
Лабан – шир
Лаббайк – қабул мекунам, ба хидмати ту ҳозирам.
Лавм – сарзаниш, маломат.
Лавс, лувс – олудагӣ.
Лаолӣ – марворид, лӯълуҳо
Лат – як тикка аз чизе.
Латма – зиён
Лиом – фурӯмоягон.

Мавъуд -- ваъдакардашуда
Манбит – ҷойи рӯйидани гиёҳ.
Мастаба – саку, тахт, ки касе бар он нишинад.
Мафқуд – гум кардашуда
Маҳбит – ҷойи фуруд омадан.
Маҳзар – будгоҳ, бошгоҳ
Машима – бачадон, заҳдон.
Машйи – роҳ, равон, рафтор.
Маъбар – гузаргоҳ
Маъдум – нобуд, нестшуда
Маъзун – дорои изну иҷоза.
Миръот – ойина.
Миҳан – чамъи меҳнат; ранҷу сахтиҳо
Музаҳҳаб – тилокоришуда.
Музмар – ниҳон
Мул – май
Муҳаззаб – поккунанда, поккардашуда аз айбҳо
Мурғи шабовез – мурғи Ҳақ.
Мусмир – мевадор, пурсамар
Муҳит – дарё, уқёнус.
Набт – гиёҳ.
Навол – баҳра, рӯзӣ
Накисо – яке аз ромишгарони дарбори Хусрави Парвизи Сонӣ, ки чангро устодона менавохтааст.
Намруд – писари Кӯш, яке аз подшоҳони Исроил ва бунёнгузори шаҳри Бобил, ки Иброҳим (а) ба дастури ӯ ба оташ афканда шуд.
Ноқаи Солеҳ – Солеҳ паёмбари Худо буд, ки аз миёни мардуми Самуд бархост ва шутури модае дошт, ки муъҷизаи паёмбарии ӯ буд ва бадкорон онро куштанд ва бачаи уштур сар ба кӯҳ ниҳоду нопадид гардид. Барои ин ҷиноят Худованди мутаъол қавми Самудро несту нобуд кард.
Носут – сиришти инсон, олами табиӣ, нуқтаи мухолифи лоҳут.

Нохудо – новхудо, ки сарбони киштӣ бошад
Нузул – (пойин омадан) – зидди суъуд.
Нусус – суханони устувор (ҷамъи нас).
Ҳумом – кабӯтар
Окифон – гӯшанишинон.
Омӯ – Ҷайҳун, об, ашк.
Орифи Бастом – манзур Тайфур ибни Исо ибни Одами Султонуламо маъруф ба Боязиди Бастомӣ аз урафои машҳури садаи дуюм ва сеюми ҳиҷрии қамарӣ аст.
Оятуллоҳ – нишонаи Худо.
Пидром – хушу хуррам.
Рабеъ – баҳор
Равоқ – айвон.
Равон – ҷон, рӯҳ.
Рикеб – рикоб.
Ротиб – устувор
Руд – фарзанд
Савлат – қудрат, ҳайбат
Сақокаллаҳ – Худо серобат кунад.
Салабон – пироҳанҳо, ҷомаҳо (ҷамъи салаб).
Салсол – гили хушк, гили кӯзагарӣ.
Самак – моҳӣ.
Самин – гаронбаҳо, пурқимат.
Самсом – шамшери бурранда
Санҷақ – парчам, ливо.
Сиҷн – зиндон.
Сулсул – фохта, як навъ парандаи хушхон.
Суҳо – ситораест дар Дубби Асғар.
Суъбон – мори бузург, аждаҳо.
Тааб – афсурдагӣ; хастагӣ
Табархун – унноб, челон.
Тавфир – рушду тараққӣ, бисёр шудан
Тазйин – зинат додан, оро додан
Таҳтиҳанак – дунболаи шоли аммома, ки онро аз зери манаҳ

бигзаронанд ва болои сар бубанданд, ё озод раҳо кунанд.
Тӯбо (тӯбӣ) – номи дарахтест дар биҳишт.
Теҳу, тиҳу – номи паранда
Тӯс – паҳлавони «Шоҳнома»
Уқор – шароб, май.
Улвӣ – баланд; осмонӣ, кайҳонӣ
Уруҷ – авҷгирӣ; болоравӣ
Фитрок – тасма ё чармест дар ақиби зини асп барои бастани бори аспсавор.
Фуруд – паҳлавони «Шоҳнома»
Хад – рухсор, гуна, чеҳра.
Хазаф – сафол, кӯзаи гилӣ.
Хазиб – хизобкарда, ҳинокарда, рангинкарда.
Халил – лақаби ҳазрати Иброҳим (а).
Харқ – пора кардан, даронидан.
Ҳирз – дуое, ки бар коғаз нависанд ва бо худ доранд; нигаҳбон.
Хоҷ – чалипо, салиб
Ҳорун – бародари ҳазрати Мӯсо (а), ки мақоми паёмбарӣ дошт.
Худо ёрат бод.
Худуд – рухсораҳо, чеҳраҳо, (ҷамъи хад)
Ҳумом -- кабӯтар
Ҳумом – кабӯтар, фохта.
Ҳусайн Мансури Ҳаллоҷ – аз бузургони урафо ва сӯфиёни машҳур, ки гуфтаи ба ёдмондаи ӯ «Аналҳақ» буда, ба маънии «Ман Худоям» ва барои ҳамин сухан кофираш дониста, бо дастури Ҳомид ибни Аббос – вазири муқтадири халифаи Аббосӣ ҳазор тозиёнааш заданд, сипас тикка – тиккааш карданд ва он гоҳ пораҳои таношро сӯзониданд ва хокистарашро ба Даҷла рехтанд (ё ба бод доданд) ба соли 306 ё 309 ҳиҷрии қамарӣ.
Ҳут – моҳӣ
Хушид – хушидан ё хушк шудан.
Ҷавоз – дастурӣ, иҷоза

Чағола (чақола) – меваи сабзу нарасида ва бештар дар бораи бодому зардолу гуфта шавад.

Чағона – яке аз созҳоест, ки ба монанди қошуқест бо чанд зангӯла, ки ба он омехта шуда ва бо такон додани даст ба садо дармеояд.

Ҷаммош – шӯх, фиребанда, маст.

Ҷамоз – ҷамоза – тундрав.

Чамона – соғар, пиёлаи шароб.

Ҷаҳул – нодон, худписанд.

Чина – донаи дом.

Ҷолут – яке аз паҳлавонони бостонии Фаластин, ки баландболо буд ва бо Паёмбари Худо – Довуд (а) ҷангид ва шикаст хӯрд.

Ҷонӣ – ҷинояткор

Шаман – бутпараст.

Шиблӣ – Абӯбакр Ҷаъфар ибни Юнус маъруф ба Шиблӣ аз орифони маъруфи садаҳои сеюм ва чаҳоруми ҳиҷрӣ, ки соли 248-334 ҳиҷрии қамарӣ даргузаштааст.

Широ(ъ) – харидан ва фурӯхтан

Шоб – ҷавон

Ям – дарё, баҳр.

## МУНДАРИҶА

Зиндагинома ........................................................ 5
Ситоиш ........................................................ 17
Наврӯзия ........................................................ 18
Ҳаққи намак ........................................................ 23
Моҳи Нахшаб ........................................................ 24
Нақши муҳаббат ........................................................ 24
Ҳиммати пири муғон ........................................................ 25
Ғами булбул ........................................................ 26
Мижгони аёз ........................................................ 26
Ахтари хобида ........................................................ 27
Бо болу пари ишқ ........................................................ 27
Завқи мастӣ ........................................................ 28
Эй шамъи базми дӯст ........................................................ 29
Дому дона ........................................................ 29
Беҳамто ........................................................ 30
Санги таваккул ........................................................ 30
Хилвати дил ........................................................ 31
Хизри роҳ ........................................................ 32
Дар шаҳри ҷунун ........................................................ 33
Тарки сар ........................................................ 33
Роҳи яқин ........................................................ 34
Офтоби дилҳо ........................................................ 35
Сино ........................................................ 35
Лавҳи муҳаббат ........................................................ 36
Дили дарвеш ........................................................ 37
Зиндони ишқ ........................................................ 37
Симурғ ........................................................ 38
Холи ҳинду ........................................................ 39
Маст ........................................................ 40
Кишвари таҳқиқ ........................................................ 40
Хоки роҳ ........................................................ 41
Иксир ........................................................ 42

Сарчашмаи ирфон .......... 42
Ойинаи хуршед .......... 43
Султони ишқ .......... 44
Фаришта .......... 44
Оби лоларанг .......... 45
Дар мактаби ишқ .......... 46
Накисо .......... 46
Наргиси мастона .......... 47
Барои ту .......... 48
Шаранг .......... 49
Майхона .......... 49
Гавҳари ашк .......... 50
Ҳаллоҷ .......... 50
Бесутун .......... 51
Ақраби зулф .......... 52
Пинҳону ошкор .......... 52
Бесару сомон .......... 53
Ҳалқаи бало .......... 54
Сулаймони замон .......... 54
Баҳои хун .......... 55
Исми Аъзам .......... 56
Хуни Сиёвуш .......... 57
Беумед .......... 58
Сангу сабӯ .......... 58
Илоҷи ишқ .......... 59
Шуълаи муҳаббат .......... 60
Офтоб дар шаб .......... 60
Ба сӯйи ту .......... 61
Хати озодагӣ .......... 61
Ҳаёти абадӣ .......... 62
Юсуф .......... 63
Домани пок .......... 63
Дар кишвари озодӣ .......... 64
Тоҷи хуршед .......... 65

Раҳовард ........ 66
Ҷоми бало ........ 66
Ҳамзабон ........ 67
Синаи Сино ........ 67
Пайки оҳ ........ 68
Фонуси тан ........ 69
Кабк ва шоҳин ........ 69
Доми гесӯ ........ 70
Мурғи Ҳақ ........ 71
Дили беишқ ........ 72
Нӯшханд ........ 72
Дилбари ягона ........ 73
Чамона ........ 74
Хуштар зи зиндагонӣ ........ 74
Барои хидмати ёр ........ 75
Дасти ману домони ту ........ 76
Сабри доварӣ ........ 78
Ситоиши пир ........ 78
Ҳасуд ........ 82
Дар бари ҷонон ........ 84
Мазҳаби ушшоқ ........ 85
Ҷомаи такфир ........ 86
Гандуми холи ту ........ 86
Душмани ҷонӣ чаро?! ........ 87
Ҷоми лабрез ........ 88
Ойинаи ғайбнамо ........ 88
Хидмати майхона ........ 89
Дар раҳи сели фано ........ 89
Роҳи хонаи рақиб ........ 90
Саҷда ба хуршед ........ 90
Дар кӯйи харобот ........ 91
Шикоят ........ 92
Зиндонӣ ........ 93
Армуғон ........ 94

Тафохур ..... 95
Хурӯши ё Раб! ..... 95
Шаҳрошӯб ..... 96
Оҳуи шершикан ..... 97
Мансур ..... 97
Бар сари бозори дӯст ..... 98
Ҷойи Яздон ..... 99
Арши ҳақиқат ..... 100
Нури дил ..... 100
Дар занҷири дӯст ..... 101
Нуқта ..... 102
Ашки Фарҳод ..... 102
Якто ..... 103
Шаби Ялдо ..... 104
Орзу ..... 105
Бути хунрез ..... 106
Нағмаи ишқ ..... 107
Рӯйи ту, ки рашки моҳи нахшаб бошад ..... 108
Афканд то ба моҳ каманди чу ҳоларо ..... 108
Эй падар, ҳол бувад вақти алакбозии ман ..... 108
Ганҷи таҳқиқ чу имрӯз ба вайронаи мост ..... 109
Он, к-ӯ ба роҳи ақлу хирад меравад, манам ..... 110
Эй ранҷбари сиёҳтолеъ ..... 110
Як умр ту дар азобу заҳмат ..... 111
Дар тобситон ба он ҳарорат ..... 111
Поиз чу шуд, зи кору заҳмат ..... 111
Бечора, ту чиллаи зимистон ..... 112
Фарёди миллат ..... 113
Хитоб ба миллати Эрон ..... 115
Аё эрониён, то кай дучори ғафлатед, охир? ..... 115
Ватани вайрона ..... 115
Вафо ба аҳд ..... 116
Шод бимон, эй ҳунарӣ ранҷбар ..... 117
Эй хуш он рӯзе, ки дунёро даруни хун бубинам ..... 118

Доро, ки шавад хаста зи осеби саворӣ ........ 118
Шамъу парвона ........ 118
Қурбони рӯшноию нуру сафои Шарқ ........ 120
Яке Руму яке Юнон парастад ........ 121
Бозгашт ба Ватан ........ 122
Бо он ки дар шариати хубон ҳиҷоб нест ........ 123
Қасри Доро, ки чунин поку мунаққаш бошад ........ 123
Ба духтари Эрон ........ 124
Гуноҳи чашм ........ 126
Мунозира бо дилдор ........ 126
З-ин беш ин ниқоби сияҳро ба рӯ макун ........ 127
Зи дастат гарчи шуд хунин дили ман ........ 127
Ба роҳи ишқ ҷону дину дилро ҳамсафар бурдам ........ 128
Озод шуд ҷаҳону ту дар пардаӣ ҳанӯз ........ 129
Нашуд як лаҳза аз ёдат ҷудо дил ........ 129
Аё сайёд, шарме кун, маранҷон нимҷонамро ........ 130
Фақат сӯзи диламро дар ҷаҳон парвона медонад ........ 130
Эй ки гуфтӣ, ба фақирону заифон ёрам ........ 131
Буто, таровати рӯйи ту офтоб надорад ........ 131
Ҷоне наю саре, ки ба поят ниҳода нест ........ 132
Дар маҳзари ҷумҳур баҳоре рада бастанд ........ 132
Шоми ошиқон ........ 133
Бозгашти ҷони аҳли дил ........ 133
Ромам намудӣ ........ 134
Агар намешуд ........ 134
Метарсам ........ 135
Булбул аз кунҷи қафас чун назар афтад ба манаш ........ 136
Акси рӯйи ёр дар ҷоми мудом афтодааст ........ 136
Фалак ба ҷурми дурустӣ дили маро бишкаст ........ 137
Гирифторам намудӣ ........ 137
Ҷонон талаб кунам ........ 138
Ор надорад ........ 138
Китобу дафтари дарсу саҳифаи устод ........ 139
Барои рӯйи ту, эй маҳ, ниқоб лозим нест ........ 140

Гар ки шӯрои хату холи ту имдод кунад ............................... 140
Шунидастам ғамамро мехурӣ, ин ҳам ғами дигар ................ 141
Ҳар он, ки дар ба дарам кард аз ошёнаи хеш ......................... 141
Зи шаб то бомдодон мекунам фарёду менолам ...................... 142
Эй нигори порсӣ, аз мо нигаҳдорӣ бикун ............................. 143
Зи меҳр бар рухи бемори худ нигоҳе кун ................................ 143
Дар конфаронси сулҳи умумӣ ба номи дил ............................ 143
Ошиқ шудаам, гуноҳам ин аст ............................................... 144
Хотирошуфта, ҷигарсӯхта, дилхун шудаам ........................... 144
Оташе дар дилам аз меҳри ватан ҳаст, к-аз ӯ ......................... 145
Диламро бе сабаб озурдаву хастанд чашмонат ...................... 145
Бардор парда, эй санами моҳрӯйи ман .................................. 146
Ва ё ба ҳастии худ чора мекунам, эй дил ................................ 146
Ишқ як дунё шарар дорад, намедонӣ магар? ......................... 147
Тоб аз оташ касе ар дур тавонад кардан ................................ 147
Дил агар кӯҳ бувад, ҳиҷри ту обаш бикунад ......................... 148
Ба ӯ ҷон додаам, ҷонони ман дигар чӣ мехоҳад? .................. 148
Бастанд ҳамраҳон сӯйи ёру диёр бор ..................................... 149
Гул ар ки нест, чӣ ғам, бистаре зи хор ки дорам .................. 150
Хабар дорӣ, ки аз ғам оташе афрӯхтам бе ту .......................... 151
Ошиқам, ошиқ ба рӯят, гар намедонӣ, бидон! ....................... 151
Ба ғайр аз ин ки дар ин рӯзгор ёр надорам ............................ 152
Гуфтугӯ аз ошён сайёд пешам мекунад .................................. 152
Ниёзи кас напазирад ҳамешанозкуне .................................... 153
Ба дом афтодам ....................................................................... 153
Баъди як умр дар ин хона касе пайдо шуд ............................. 154
Зоҳид, ин даъвии ту лоиқи изҳор ки нест: ............................ 154
Дилам бисёр мехоҳад бубинам дилбари худро ..................... 155
Ба он турки тундхӯ… ............................................................. 155
Эй карда оламе ба нигоҳе шикори хеш ................................. 155
Агарчи рӯзгори ман сиёҳ аст .................................................. 156
Бо ин ҳама бемеҳрии ҷонон чӣ тавон кард? ........................... 157
Дило, бархезу истиқбол кун, дилдор меояд ............................ 158
Гар нест ду дасти номвар моро .............................................. 158

Дос ар кашад, ки гардани султон ҳамезанам.......................... 159
Ассало!........................................................................ 160
Деҳқон хӯроку фаъла ҷаҳонро бапо кунад............................ 161
Синаи деҳқон зи ғусса оҳ надорад ..................................... 161
Ғайр бо ман душман асту ёр ҳам бо ман бад аст .................. 162
Гар он ки дар басити замин коргар набуд ............................ 162
Молдор аз ранҷи муздурон хабар дорад? Надорад................ 163
Хун шуд аз дастат ҷигар ҳам, боз розӣ нестӣ ....................... 164
Бас бувад хоби гарон, бедор бош, эй коргар. ........................ 164
Ин қадр заифам, ки гар оҳе бидамидам ................................ 165
Бо мо рақиб дар сари кин асту ёр ҳам.................................. 166
Бо ёр кас набуда чунин меҳрубон, ки ман............................ 166
Нӯшам ба шодмонии он дам шароби сурх ............................ 167
Онон, ки марзу буми ҷаҳонро бино кунанд .......................... 167
Бо ҳама дилмурдагӣ гар ёр ёри мо бувад.............................. 168
Ҳар кас ба ҷаҳон соҳиби корест, ба ҷуз ман.......................... 168
Солҳо дар ҷустуҷӯйи ҳақ ба ҳар дар сар задам...................... 169
Коргар ва корфармо ............................................................ 169
Нози бутон дили фуқароро кабоб кард.................................. 170
Ҳар он, ки номи худо мебарад, бидеҳ ба манаш...................... 171
Ҷонам фидои ранҷбари инқилобкун ...................................... 171
Ноз аст фақат кори ту бо мову дигар ҳеҷ .............................. 172
Ҳеҷ чизе дар ҷаҳон беҳтар зи ишқи пок нест......................... 172
Зулмҳоеро, ки аз синфи тавонгар дидаам.............................. 173
Эй рафиқон, мужда, дигар ҷон зи банди ғам раҳо шуд.......... 174
Гар чарх ба коми мо нагардад.............................................. 174
Гар бихоҳӣ, метавонӣ .......................................................... 175
Эй деҳотӣ ........................................................................... 175
Утоқи ман ........................................................................... 177
Зиллати муздурро саркор медонад магар? ............................ 178
Не малак ҳасту на шайтон ҳасту не додор ҳаст ..................... 179
Табиб ранги маро хуб диду ҳеҷ нагуфт ................................ 180
Коргарҳоем, дунёро бапо мо мекунем .................................. 180
Вайрон шавад бинои ҷаҳон бе вуҷуди мо.............................. 181

Коргарҳоем мо, иншои дунё кори мост ........................................ 182
Ту, к-андар базми васлӣ, дарди ҳиҷронро чӣ медонӣ? .......... 182
Тӯдаи заҳмат ........................................................................... 183
Чамани сӯхта ........................................................................... 184
Ман на он мардам, ки аз қайди фалак парво кунам ............... 185
Шайхи бадбин хурда мегирад ба ман дар меҳри хубон......... 186
Бархез! ...................................................................................... 186
Дар фабрикаи сармоядорон ..................................................... 188
Ваҳдату ташкилот..................................................................... 189
Шайх гӯяд: – адл бояд бошаду бедод ҳам .............................. 190
Марги марди инқилобӣ ............................................................ 191
Миёни ҳусни туву ишқи ман муомила аст ............................. 193
Бо ҳама нақсу мавонеъ кор мебоист кард .............................. 194
Зореъон чанд ҷави муфт ба ҳар хар бидиҳанд ........................ 195
Мо ранҷбарзодагонем .............................................................. 195
Гӯед зи ман ситамгаронро ....................................................... 196
Орзу дорам бубинам ин, ки ман ҳам ёр дорам....................... 197
Танҳо на ман адиби сухандонам ............................................. 198
Бе рафиқи ростгӯе кор кардан мушкил аст ............................ 199
Дар пеши ёри хеш зи бегона камтарам................................... 200
Эй фаълаи машриқ, алами сурх ба по кун.............................. 200
Дар баҳои бӯсае як маҳ дилам хун мекунад .......................... 201
Мубориза шарафу кор ифтихори ман аст .............................. 201
Бархез зи хоб, эй санами Шарқ .............................................. 202
Ҳар ҷо зи ҳусни рӯйи ту дар гуфтугӯ шудам.......................... 202
Шайх гуфт: – эй вой, дин барбод шуд ................................... 203
Берун биё зи парда, бидар ин ҳиҷоби ҳусн ............................ 204
Аз тамоми аҳли олам ёр даркор асту бас ............................... 204
Бути нозанинам, маҳи меҳрубонам.......................................... 205
Пас кай ту ин ниқоб зи рух дур мекунӣ?................................. 205
Таронаи ранҷбарони Эрон ....................................................... 206
Ёри масчоҳиям ......................................................................... 206
Ҷашни мой................................................................................ 208
Сарои тамаддун......................................................................... 211

Охир, эй маҳ, ҳалок шуд дили ман ........................................ 212
Дило, хомӯш шав в-арна кабобат мекунам охир .................. 213
Ман фарзанди як деҳқоне будам ........................................... 214
Эй боди сабо, зи лутф бархон ............................................... 215
Шайх паймони худ андар сари паймона фурӯхт...................... 216
ӯ ки ҳушёр буд, инро зи чӣ мастона фурӯхт?........................ 216
Ман коргару ту деҳқон, дод аз туву оҳ аз ман! ...................... 216
Гар ишқи ту, эй дилбари тоҷик, намешуд ............................. 217
Тоҷикистон шуд мунаввар, то ту гаштӣ бениқоб ................. 218
Гирифтори туам, пурсиш кун аз ҳоли парешонам................. 218
Тоҷгузорӣ................................................................................ 218
Эй духтари номдори Эрон...................................................... 219
Ин осмоннавард ба сӯи ту мепарад ....................................... 221
Хунобаи ин синаам, эй ёри хуҷандӣ ..................................... 221
Қасам ба рӯи ту, к-аз ҷони ман азизтар аст ............................ 222
Хандонтар аз ин лаъли ту як гул ба ҷаҳон нест ..................... 222
Чӣ мешуд, торе аз мӯи ту меуфтод дар дастам ...................... 222
Нагӯямат, ки чунин кун ва ё чунонам кун.............................. 223
Шуд бапо калхузу гардид раҳо ҷони ҳама.............................. 223
Парвона шаб ба ёди туам сӯзаду равад................................... 224
Нишастам дӯш ман бо булбулу парвона дар як ҷо ................ 224
Хатои нави Хитой .................................................................. 225
Дар ин замона басо кас бувад, ки сар бахшад....................... 225
Сипоҳи нози ту дар кишвари дилам он кард......................... 226
Дар роҳи комсумул чу ба хидмат равон шавам ..................... 226
Мо, фақирон, ки чунин олиму доно шудаем ......................... 227
Тарки шиква кунем ................................................................ 228
Тоҷикистон ............................................................................ 228
Лавҳи мазор ............................................................................ 230
Зиндагӣ охир сар ояд, бандагӣ даркор нест ........................... 230
Ғайратам мекушад ин гуна, ки парвона диҳад ҷон................ 231
Чунон месӯзам аз ишқат, ки сӯзад хона ҳам аз ман ............... 231
Исоӣ валади меҳроб............................................................... 232
Аз ман ба таҳрики рақиб ранҷида ёрам ................................. 232

Фардо ........................................................................................ 233
Дар вафоти академик Бартолд ................................................ 234
Ба шоири ҳунарманди тоҷик Пайрав Сулаймонӣ................. 234
Дар дилам ғам нест то бонуи ман ........................................... 235
Босмачӣ...................................................................................... 236
Ба коргарони Боку .................................................................... 238
Фатҳи Донбасс .......................................................................... 240
Ба ятимони ҷанги ҷаҳонӣ......................................................... 244
Ба пешам омадӣ, наншаста хобам кардиву рафтӣ................. 246
Барои савод................................................................................ 247
Осиёи миёна .............................................................................. 248
Нишони заҳмат ......................................................................... 249
Нигорам гуфт: кӣ дорад бути фарзонае чун ман? ................. 249
Ба рафиқ ҳуруфчин................................................................... 250
Маро ёрест бераҳму ситамгар ................................................. 253
Таронаи муҳоҷир ...................................................................... 254
Дониш, эй деҳқон, асар дорад, намедонӣ магар? .................. 256
Эй бурда дилу рабуда ҳушам ................................................... 256
Ёр бо ман аст ............................................................................. 257
Ҷавоб ба «Васиятнома»-и Тарас Шевченко ........................... 258
Саломи самимӣ, санои муассир .............................................. 261
Бо лаби нозук нигор дасти маро мегазад................................ 261
Заҳмат гузориш медиҳад.......................................................... 262
Аз дасти ту дар оташи ғам сӯхт тани ман ............................... 265
Эй шамъ, зи дил шуъла барафрӯхтан омӯз ............................ 266
Рассоми дил............................................................................... 266
Ашкам андар дидаву май дар сабӯ боқӣ намонд.................... 267
Эй кошки, ба олам то чашм кор мекард .................................. 267
Ба Максим Горкий..................................................................... 268
Сигнол........................................................................................ 268
Офарин....................................................................................... 270
Ба меҳрубон писарам................................................................ 271
Гесӯи кӯтоҳшуда........................................................................ 271
Дастам шикастааст ................................................................... 272

Ман паҳлавонам ......................................................................272
Пули Вахш ...............................................................................273
Янка Купало..............................................................................275
Аз хона кунам ёд, ки паймони ман он ҷост ..............................276
Ҳар сол як пиёла бигирам зи дасти дӯст..................................276
Нома ........................................................................................277
Даст неҳ бар сарам, ки таб дорам ............................................278
Ман якто дили вафодор дорам.................................................279
Ҷашни понздаҳсолагӣ...............................................................279
Ватани шодӣ .............................................................................282
Эй раҳзани ҷону ғорати дил......................................................284
Ҷавонии мо ...............................................................................285
Дастҳои доғдор.........................................................................287
Ба Тарас Шевченко ...................................................................288
Ҳадя ба халқи мубориզи Испания ............................................288
Ба Ҷамбул.................................................................................289
Дар ҷаҳони бедод .....................................................................290
Эй бути гулъузори ман .............................................................290
Ту рафтию дар сина гираҳ шуд нафаси дил .............................291
Фармони маҳкумият .................................................................292
Ба Меҳани Шӯравӣ ...................................................................293
Ту рафтию тасвири ту дар дидаи ман монд..............................294
Ман хонаму дил рақсад .............................................................294
Ба шодӣ нағма каш, эй най, навои ёр меояд.............................295
Ба далерам,  ба меҳрубон писарам ...........................................296
Девона намудам дили фарзонаи худро .....................................296
Имрӯз ба пеши ёр рафтам .........................................................297
Азизам, барги гул хуб аст, аммо...............................................297
Шараф бар осмон дорад дили ман............................................298
Сина бори тану дил сарбор аст .................................................298
Дилро бубин, дилро бубин........................................................299
Ба созандагони_моҳири Тоҷикистон ........................................300
Қамар некӯ бувад, некӯтар он рӯ..............................................301
Ба Холида Айнӣ .......................................................................301

Ба занон ва духтарони тоҷик ........................................................ 302
Пур кардаам аз меҳри ту паймонаи дилро ................................ 302
Баҳори бехазон........................................................................... 303
Умре алами ишқ барафроштаам ман ......................................... 304
Туро дар худ ниҳон дорад дили ман ........................................ 304
Бо дилам дӯш сари зулфи ту бозӣ мекард............................... 305
Ёрам ба вафодорӣ ...................................................................... 305
Боз ҳам ёр ба рақс омадааст....................................................... 307
Дили ман хонаи дилдори ман аст.............................................. 307
Эй дарди ту ороми дили ман ..................................................... 308
Чӣ кардаам, ки зи ҷонони худ ҷудо шудаам ........................... 309
Ба созандаҳои дилнавоз, бозандаҳои фусунсоз
ва хонандаҳои мумтоз ................................................................ 309
Оганда буд аз ростӣ он раҳ, ки сипардем................................ 310
Ёри ранҷидаи ман хидмати дилро рад кард ............................ 311
Бокам зи марг нест, ки хун меравад зи дил............................. 311
Хуршеди ман............................................................................... 312
Моҳам наёмад ............................................................................. 312
Ҷуз ишқ ҷаҳон ҳунар надорад .................................................. 313
Чу ҷон биншаста буд дӯш он бути маҳрӯ ба паҳлуям ........... 314
Ҷон медиҳад ба ман, ҷон........................................................... 314
Кораш ҳама ноз аст, чунин ёр кӣ дидаст? ............................... 315
Замину осмонро гар бикобам ................................................... 316
Ӯзбекистон ................................................................................. 316
Ба рӯят гуфтаам: ҳуснат чу моҳ аст .......................................... 317
Борони ашк бар рухи он моҳпора рехт.................................... 318
Сад раҳ дар интизорат то пушти дар давидам ....................... 318
Шудам дар оташи ишқат кабоб оҳиста-оҳиста....................... 319
Кай бошаду кай рӯи туро боз бубинам.................................... 319
Заём ба Ватан ............................................................................. 320
Ошнои зафарем мо ..................................................................... 320
Ошёни булбулон......................................................................... 321
Ба Тоҷикистон............................................................................. 322
Ишқи беҳисоб ............................................................................. 323

Сад шаҳр шуниданд ҳама зории дилро....................................324
Номаи дилдор...........................................................................324
Дар фироқи ҷонон....................................................................325
Накардӣ раҳму рафтӣ, хуб, тобамро куҷо бурдӣ? ..................325
Аз ҳар гапи он тоза шавад ҷон, чӣ лаб аст ин!.........................326
Душмани ишқ аст... ман ҳам ёр пайдо кардаам!.......................326
Саф кашед, эй ишқбозон ...........................................................327
Як бӯса бидеҳ ..........................................................................328
Эй дуздида чашм аз оҳу ..........................................................328
Фироқ оташ ба ҷон афрӯхт........................................................329
Дида ранҷида ба ман, эй маҳи ман, боз макун ........................330
Умре ба ситам мубтало будем ..................................................331
Гар ту пиндорӣ, диламро ҷуз ту ёре ҳаст? – нест ...................331
Ҷоно, дилам, ки пеши ту чун барра роҳат аст..........................332
Овози ҷон.................................................................................332
Дӯстдор омад...........................................................................333
Лолаҳои Бадахшон...................................................................333
Марш .......................................................................................334
Ватани мо.................................................................................334
Шамшери душман бишканем ...................................................334
Ба мудофиаи Ленинград...........................................................335
Супориши модари ӯзбек...........................................................336
Дев метозад ба номусу ҷаҳон зеру забар шуд..........................337
Бародарон.................................................................................337
Ман ба майдон меравам ...........................................................338
Ба шефи бошарафи Тоҷикистон ...............................................339
Ба бародарони рус....................................................................339
Саломи халқи тоҷик..................................................................340
Ба халқи Эрон ..........................................................................340
Эй ғазанфарон ..........................................................................341
Соли ҳуҷуму зафар...................................................................342
Эй лашкари ҷӯшон, ба саломат, ба саломат!............................343
Гитлери нокас ҳунар ҷуз қатлу вайронӣ надорад....................343
Ҷашни кушода шудани  канали калони Ҳисор .......................344

Сухани ёр ба ёр ........................................ 347
Бо зӯза давад галлаи барбодкунанда ........................................ 347
Теғ бояд хун фишонад, кор бо душман сар ояд........................................ 347
Лашкари тоҷик, бикшо бозуи мардонаро........................................ 348
Мактуби даруни ҳадяҳо ........................................ 349
Рассом ва шоир ........................................ 349
Фатҳи мо сар шуд ........................................ 350
Лашкари мо аз паси бадхоҳи пуркин мепарад........................................ 351
Даранда нагурезад ........................................ 351
Душман зи фатҳи олии ту ғам гирифтааст........................................ 353
Ба интиқоми хоҳарони рус........................................ 353
Ман рӯи туро дидаму дилдода шудам........................................ 354
Алла........................................ 354
Ҳоли дилам........................................ 355
Чи хуш сӯи ёрон хабар менависад ........................................ 357
Ба фарзанди азизам........................................ 357
Дил ин ки табаҳ шуд, ки шавад шоду нашуд-шуд ........................................ 357
Душмани миллат, ки хун аз тӯда ҷорӣ мекунад ........................................ 358
Ба халқи зодгоҳам........................................ 358
Эй тӯдаи номовари Эрон, наҳаросем! ........................................ 359
Гирифтори туам ........................................ 359
Ҷавоб ба шеъри шоири афғонӣ ........................................ 360
Духтари халқи далер ........................................ 360
Ба халқҳои Эрон........................................ 361
Ба дафъи қувваи бегона бархез! ........................................ 363
Зиндагӣ пирӯз мешавад........................................ 365
Ба овозхони эронӣ ........................................ 367
Овози Озарбойҷон ........................................ 367
Ба муносибати даҳаи адабиёташ дар Москва ........................................ 367
Аҳримани ҳариманрӯ ........................................ 368
Иди ҳақиқӣ ........................................ 368
Фестивали ҷавонони демократи ҷаҳон дар Берлин........................................ 369
Сухани мардумони оддӣ ........................................ 371
Кӯдакони қолинбофи Эрон........................................ 372

Мисри барпохоста....................................373
Иртиҷои дун....................................374
Эй шодии ҳаёти ман, эй моҳи мушкмӯй....................................374
Бигрехт дил зи дастам пеши ту, дидӣ ӯро? ....................................375
Чӣ маҳбубӣ, чӣ ҷононӣ, падарҷон!....................................375
Баъд аз рафтани дӯст ....................................376
Орзу ....................................377
Деви ҷанги нав ба олам аспи ваҳшат медавонад ....................................378
Даҳ далер....................................378
Ҷавоб ба иғвогарон ....................................379
Гуноҳам чист, эй ҷонона? – мегӯям. – Намегӯяд....................................381
Имшаб андар хонаам шамъи қади ҷонона нест ....................................382
Ба духтари афғон....................................382
Даври сар зулфи ту ҳар қадр ки печонтар шуд ....................................382
Он дилбари афғон чи силаҳшӯр барад дил....................................383
Дар ҷону дил аз ҳар нигаҳат рахнаву роҳест....................................383
Ҳафтоду панҷ сол....................................384
Ба рағми ғайр мекардӣ ба ман гар як назар, мешуд....................................385
Танида ёди ту дар тору пудам, меҳан, эй меҳан! ....................................385
Дӯст хабар дод, ки бар дидани ман меояд....................................386
Ба ёди шоири шаҳири гурҷӣ ....................................386
Садои дӯст ....................................387
Дунёи қарни бист ....................................387
Ба бародари азизам абдулҳусайн илҳомӣ....................................388
Ба Ватан ....................................389

МАНЗУМА ВА ДОСТОНҲО

Одами оҳанпо ....................................390
Шамшери фотеҳ ....................................394
Кӯҳ ва оина ....................................398
Шери озод....................................402
Ба синфи офаридгор....................................405
Сафари Фарангистон ....................................407
Хар ва трактор ....................................415

Ба ҳофизи нобино .......... 419
Достони мардистон.......... 421
Ҳамсафарон.......... 426
Меҳани ман .......... 429
Бахшида ба фарзандонам.......... 429
Агар мардӣ, ҳимоят кун ватанро.......... 433
«Дӯстам».......... 435

РУБОӢ ВА ДУБАЙТИҲО.......... 438

ТАВЗЕҲОТ.......... 457

**«АХТАРОНИ АДАБ» (СИЛСИЛА)**
**ИБОРАТ АЗ 50 ҶИЛД**

**Ҷилди 41**

**Абдулқосим Лоҳутӣ**

**АШЪОРИ МУНТАХАБ**

**(Китоб аз ҳисоби нақшаи соли 2019 нашр шудааст)**

Муҳаррири ороиш *Ромиш Лоиқзода*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Азиз Қурбонзода*
Мусаҳҳеҳ *Сафар Амирхон*
Ҳуруфчин *Марҷона Худойбахшова*

Ба матбаа 18.10.2019 супурда шуд.
Чопаш 18.08.2020 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 30,0. Андозаи 60х90 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 5000 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
34018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар чопхонаи ҶДММ «Илм» чоп шудааст.